ISSN: 2959-6394 (Print)
ISSN: 2959-6408 (Online)

# ИЛМ ВА АМНИЯТ

**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ

**ИЗДАНИЕ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# SCIENCE AND SECURITY

**PUBLICATION OF THE SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

№ 3 (5), 2023

Душанбе — 2023

***Шохиси (индекси) обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» -77798***

*Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Илм ва амният» соли 2018 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 253/МҶ-97 аз 21 июни соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла аз 2 июни соли 2023 дар рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис гардидааст.*
*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст. http: //elibrary.ru*

**Суроғаи редаксияи маҷалла:** *734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон*

***Тел***: *+(992 37) 233-55-19*

***E-mail***: *maktabi_oli23@mail.ru*

***Сомонаи маҷалла***: *https://ilm-va-amniyat.tj*

**САРМУҲАРРИР:** Салихов Р.С.

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:** Абдуллоев А.А.

**КОТИБИ МАСЪУЛ:** Одинаев А.Н.

**АЪЗОИ ШӮРОИ МУШОВАРА:**
Ятимов С.С., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Меликзода М.Э., Муҳаммад А.Н., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Музаффарӣ М., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадҷонова М.Т., доктори илмҳои фалсафа, профессор, Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
Сафарализода Х.Қ., номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, Шарипов И.З., Назаров У.Қ., Холиқов Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, Тоҷиев Э.И., номзади илмҳои таърих, дотсент, Ғуломова Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Саидов К.И., Зарифов Ф.Б., Салимов Б.А.

**Муҳаррири матнҳо бо забони тоҷикӣ:** Саидов К.И.

**Муҳаррирони матнҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ:** Малтсева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.

**Муҳаррири техникӣ:** Камолов С.А.

**© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023**

---

** Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

***Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» -77798***

*Научно-теоретический журнал «Наука и безопасность» основан в 2018 г. и выходит четыре раза в год на таджикском, русском и английском языках. Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под № 253/МЖ-97 от 21 июня 2022 года.*

*Журнал с 2 июня 2023 года входит в перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии (ВАК) при Президенте Республики Таджикистан.*

***Юридический адрес редакции:*** *734018, Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2, Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан*

***Тел:*** *+(992 37) 233-55-19*

***E-mail:*** *maktabi_oli23@mail.ru*

***Сайт журнала:*** *https://ilm-va-amniyat.tj*

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**: Салихов Р.С.

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:** Абдуллоев А.А.

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:** Одинаев А.Н.

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

Ятимов С.С., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Меликзода М.Э., Мухаммад А.Н., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Музаффари М., член-корреспондент НАНТ, доктор философских наук, профессор, Махмаджонова М.Т., доктор философских наук, профессор, Кудратов Н.А., доктор юридических наук, профессор

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

Сафарализода Х.К., кандидат политических наук, доцент, Шарипов И.З., Назаров У.К., Халиков Ф.А., кандидат политических наук, Тоджиев Э.И., кандидат исторических наук, доцент, Гуломова Ф.А., кандидат политических наук, доцент, Саидов К.И., Зарифов Ф.Б., Салимов Б.А.

**Редактор текстов на таджикском языке:** Саидов К.И.
**Редакторы текстов на русском и английском языках:** Мальцева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.

**Технический редактор:** Камолов С.А.

**© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2023**

** Взгляды редакционного состава могут не совпадать с мнением авторов. Авторы несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

***Subscription index in the Postal Tajik catalog -77798***

*The scientific-theoretical journal «Science AND security» founded in 2015, issues four times a year in Tajik, Russian and English languages. The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under the № 253/MF-97 dated June 21, 2022.*

*Since Juan 2, 2023 is the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission (HAC) under the President of the Republic of Tajikistan.*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Legal address of the editorial office:*** *734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, N. Qaraboev street, 54/2 High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*

***Phone***: +(992 37) 233-55-19

**E-mail:** maktabi_oli23@mail.ru

**Journal website:** https://ilm-va-amniyat.tj

**CHIEF EDITOR:** Salikhov R.S.

**DEPUTY CHIEF EDITOR:** Abdulloev A.A.

**RESPONSIBLE SECRETARY**: Odinaev A.N.

**EDITORIAL COUNCIL:**

Yatimov S.S., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Melikzoda M.E., Muhammad A.N., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Muzaffari M., corresponding member of NAST, doctor of philosophy sciences, professor, Mahmadjonova M.T., doctor of philosophy sciences, professor, Qudratov N.A., doctor of legal sciences, professor

**EDITORIAL BOARD:**

Safaralizoda H.K., candidate of political sciences, assistant professor, Sharipov I.Z., Nazarov U.K., Khalikov F.A., candidate of political sciences, Tojiev E.I., candidate of historical sciences, assistant professor, Gulomova F.A., candidate of political sciences, assistant professor, Saidov K.I., Zarifov F.B., Salimov B.A.

**Editor of texts in Tajik language:** Saidov K.I.
**Editors of texts in Russian and English:**
Maltseva G.Yu., Khudoynazarova Z.Ch.

**Technical editor:** Kamolov S.A.

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2023**

** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

## МУНДАРИҶА

1. **РАҲНАМО А. ОЁ СОЗИШНОМАИ СУЛҲ АМАЛӢ ШУДААСТ?** ............................. 8

**ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ**

2. **ДАВЛАТОВ С.И.** БАРҚАРОР ГАРДИДАНИ НИЗОМИ «ТОЛИБОН» – ОҒОЗИ МАРҲИЛАИ НАВИ ТАҲДИДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ... 21

3. **РАСУЛОВ Қ.С.** МЕТОДОЛОГИЯИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ «ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА» ВА ҶУЗЪҲОИ АСОСИИ ОНҲО........................................... 28

4. **ҒУЛОМОВА Ф.А.** МАОРИФ ВА ИЛМ – ВОСИТАИ МУҲИММИ ПЕШГИРИИ АМАЛҲОИ МАНФӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР ............................................... 42

5. **СОЙИБЗОДА Ш.Ш.** МУҚОВИМАТИ ИТТИЛООТӢ: ТАЪРИХ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ШУУРИ ҶОМЕА ........................................................................................ 49

6. **ШЕРМАТОВ Б. Г.** АҲАМИЯТИ ФУНКСИОНАЛИИ ДАВЛАТ ДАР ТАКМИЛИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ..................................... 57

**ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ**

7. **МАҲМАДҶОНОВА М. Т.** ТАЪЛИМИ АКАДЕМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАЛЛИ ВАЗИФАҲОИ РУШДИ УСТУВОР ..................................................................... 71

8. **АБДУЛЛОЕВ А. А.** ҶАНБАҲОИ ОНТОЛОГИИ ФАЛСАФАИ ИНСОНИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ.......................................................................................... 77

9. **ШАРИПОВ А.Ҳ.** АФКОРИ АРАСТУ ВА МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ОИД БА САОДАТ............................................................................................................. 86

**ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ**

10. **ҚУДРАТОВ Н.А.** ПЕРСПЕКТИВАИ МУКАММАЛНАМОИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ИФШОИ СИРРИ ДАВЛАТӢ ..................................................... 92

11. **САЛИХОВ Р.С.** АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ-СИЁСӢ .......................................................................... 102

12. **НАЗАРОВ А.Қ. САЛИМОВ Б.А.** ТАКТИКАИ КРИМИНАЛИСТИИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ДАСТГОҲИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ (ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ) ҲАМЧУН МАНБАИ ИТТИЛООТИ ИСБОТКУНАНДА ................................................ 110

13. **МИРЗОХОҶАЕВ И. Ҳ.** ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ МЕЪЁРҲО БО ПРЕЮДИТСИЯИ МАЪМУРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ............................................................. 115

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **ДАВЛАТОВ С.И.** ВОССТАНОВЛЕНИЕ РЕЖИМА «ТАЛИБАН» – НАЧАЛО НОВОГО ЭТАПА УГРОЗЫ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ........ 21

2. **РАСУЛОВ К.С.** МЕТОДОЛОГИЯ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ «ЦВЕТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ» И ИХ ОСНОВНЫЕ КОМПОНЕНТЫ ........ 28

3. **ГУЛОМОВА Ф.А.** ОБРАЗОВАНИЕ И НАУКА КАК ВАЖНЫЙ ИНСТРУМЕНТ ПРОФИЛАКТИКИ НЕГАТИВНЫХ ДЕЙСТВИЙ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ ...... 42

4. **СОЙИБЗОДА Ш.Ш.** ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ: ИСТОРИЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ОБЩЕСТВЕННОЕ СОЗАНИЕ ........ 49

5. **ШЕРМАТОВ Б. Г.** ФУНКЦИОНАЛЬНОЕ ЗНАЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВА В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ ........ 57

### ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

6. **МАХМАДЖОНОВА М. Т.** АКАДЕМИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ: РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ........ 71

7. **АБДУЛЛОЕВ А.А.** ОНТОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФИЛОСОФИИ ЧЕЛОВЕКА МАВЛОНО ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ ........ 77

8. **ШАРИПОВ А. Х.** ВОЗЗРЕНИЯ АРИСТОТЕЛЯ И МАВЛОНО ДЖАЛОЛУДДИНА БАЛХИ О САЧСТЬЕ ........ 86

### ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

9. **КУДРАТОВ Н.А.** ПЕРСПЕКТИВЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА РАЗГЛАШЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ТАЙНЫ ........ 92

10. **САЛИХОВ Р. С.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОМУ ЭКСТРЕМИЗМУ ........ 102

11. **НАЗАРОВ А.К., САЛИМОВ Б.А.** КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ ТАКТИКА ОСМОТРА УСТРОЙСТВА МОБИЛЬНОЙ СВЯЗИ (МОБИЛЬНОГО ТЕЛЕФОНА) КАК ИСТОЧНИКА ДОКАЗАТЕЛЬСТВЕННОЙ ИНФОРМАЦИИ ........ 110

12. **МИРЗОХОДЖАЕВ И. Х.** СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НОРМ С АДМИНИСТРИТИВНОЙ ПРЕЮДИЦИЕЙ В УГОЛОВНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ........ 115

# CONTENT

## POLITICAL SCIENCE

1. **DAVLATOV S. I.** RESTORATION OF THE TALIBAN REGIME – THE BEGINNING OFA NEW STAGE OF TERRORISM AND EXTREMISM THREAT TO CENTRAL ASIA ........ 21

2. **RASULOV K.S.** METHODOLOGY FOR ORGANIZING AND IMPLEMENTATION «COLOR REVOLUTIONS» AND THEIR MAIN COMPONENTS ........ 28

3. **GULOMOVA F.A.** EDUCATION AND SCIENCE ARE AS AN IMPORTANT TOOL FOR PREVENTION NEGATIVE ACTIONS IN MODERN SOCIETY ........ 42

4. **SOIIBZODA SH.SH.** INFORMATION RESISTANCE - HISTORY AND IT'S EFFECT ON SOCIETY'S CONSCIOUSNESS ........ 49

5. **SHERMATOV B. G.** THE FUNCTIONAL SIGNIFICANCE OF THE STATE IN THE IMPROVEMENT OF POLITICAL RELATIONS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION ........ 57

## PHILOSOPHY SCIENCE

6. **MAHMADZHONOVA M. T.** ACADEMIC EDUCATION IN TAJIKISTAN IN SOLVING THE OBJECTIVES OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT ........ 71

7. **ABDULLOEV A.A.** ONTOLOGICAL ASPECTS OF THE PHILOSOPHY OF HUMAN MAVLONO JALOLIDDIN BALKHI ........ 77

8. **SHARIPOV A. KH.** VIEWS OF ARISTOTLE AND MAVLONO JALOLUDDIN BALKHI ABOUT HAPPINESS ........ 86

## LEGAL SCIENCES

9. **QUDRATOV N.A**. PROSPECTS FOR IMPROVING CRIMINAL RESPONSIBILITY FOR DISCLOSURE OF STATE SECRETS ........ 92

10. **SALIKHOV R.S.** THEORETICAL BASES OF ORGANIZATION OF RESISTANCE TO RELIGIOUS-POLITICAL EXTREMISM ........ 102

11. **NAZAROV A. Q., SALIMOV B.A.** FORENSIC TACTICS OF INSPECTING A MOBILE DEVICE (MOBILE PHONE) AS A SOURCE OF EVIDENTIARY INFORMATION ........ 110

12. **MIRZOKHOJAEV I. H.** COMPARING ANILYSIS-RIGHT OF MEASURES WITH ADMINISTRATIVE PREJUDICE IN THE CRIMINAL LEGISLATIVE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND FOREIGN COUNTRIES ........ 115

# ОЁ СОЗИШНОМАИ СУЛҲ АМАЛӢ ШУДААСТ?

**Раҳнамо А.**

*Масъули бахши робитаҳои хориҷии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон*

*«...метавон мисолҳои мушахасе овард, ки матну механизмҳои пешбининамудаи ин санад шитобу хушбиниву камбуду хомиҳои муайяне низ доштааст, аммо агар на тафсирҳо, балки худи матни имзошудаи созишномаро асос қарор диҳем, ин санад беш аз 90% татбиқи амалӣ худро ёфтааст, ки барои чунин ҳуҷҷату равнадҳои мураккаб нишондиҳандаи хеле баланд аст.»*

***

## СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН АЗ ЧӢ ИБОРАТ БУД ВА ОН ТО КУҶО АМАЛӢ ШУД?

***(Пажӯҳиши дақиқи муҳтавоӣ)***

***

Яке аз печидатарин баҳсҳои назарӣ ва амалие, ки дар раванди омӯзиши таърихи сулҳи тоҷикон пайваста матраҳ мегардад, арзёбии сатҳи дар амал татбиқ шудан ё нашудани худи «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ва муқаррароту талаботи пешбининамудаи он аст. Дар ин боб муҳаққиқони соҳавӣ назарҳои гуногун дошта, доираҳои мухталифи сиёсӣ низ гоҳо талош менамоянд, ки ин масъаларо ба фаҳмиши худ шарҳ бидиҳанд.

Дар як ҷамъбандии мазмуниву методӣ, маҷмуаи дидгоҳу хулосаҳои мавҷуда дар ин мавзуъро метавон ба ду даста ҷудо кард:

Аввал, назарҳои умумии сиёсӣ ё эҳсосӣ, ки асосан муносибати фардӣ ё ҷиноҳии муаллифон бо равандҳои сиёсии гузаштаву имрӯзро баён карда, бештар ҳамчун бахше аз маводи сиёсӣ ва иттилоотӣ ба миён гузошта мешаванд.

Дуввум, хулосаҳои таҳлилию коршиносӣ, ки дар асоси омӯзиши бевоситаи мазмунӣ ва муҳтавоии худи ҳуҷҷатҳо ва ҳодисаҳои раванди сулҳ тадвин гашта, ҳамчун маводи илмию таҳлилӣ барои рӯшан шудани масъала пешкаш мешаванд.

Назару дидгоҳҳои навъи аввал, ки дар фазои сиёсию иттилоотии мо басе фаровонанд, метавонанд ҳамчун мавқеи муаллифон самимӣ, муҳим ва қобили эҳтиром бошанд. Аммо хулосаю таҳлилҳои навъи дуюм, ки дар фазои сиёсию иттилоотии мо басе нодиранд, аҳаммияти махсусан муҳими иттилоотӣ, маърифатӣ ва илмию таърихӣ доранд.

Албатта, гоҳо барои посух ба саволҳо дар бораи сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон танҳо аз тиреза бе берун нигаристан кофист, аммо гоҳо барои рӯшантар шудани мавзуъ ниёз ба чароғу мантиқу санаду илму талошу таҳлил пеш меояд. Ин аст, ки дар остонаи солгарди имзои Созишномаи умумии сулҳи тоҷикон нигоҳе пажӯҳишию муҳтавоӣ ба масъалаи то кадом андоза дар амал татбиқ ёфтани ин санади таърихӣ хеле муҳим мебошад. Зеро додани ҷавоби осон ба ин саволи мураккаб ва ёфтани посухи рӯшан ба ин масъалаи тира на танҳо яке аз заруратҳои фазои сиёсию иттилоотӣ, балки яке аз вазифаҳи муҳити илмию таҳлилии мост.

## БАХШИ 1: НИГОҲЕ БА МОҲИЯТ ВА ТАРКИБИ СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Барои расидан ба хулосаи дуруст дар бораи сатҳи татбиқи амалии «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» (минбаъд Созишномаи умумӣ), ки рӯзи 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ва Роҳбари Иттиҳодияи нерӯҳои оппозитсиони тоҷик С.А.Нурӣ ва намояндаи махсуси Дабири кулли СММ Г.Д.Меррем (ҳамчун миёнҷӣ) ба имзо

расидааст, бояд аввал тасаввури мухтасаре дар бораи моҳият ва талаботи худи ин ҳуҷҷати таърихӣ дошта бошем. Зеро бар хилофи тасаввури умумӣ, ҳуҷҷати мазкур санади бисёр мураккаби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ буда, дар айни замон силсилаи васеи ҳуҷҷатҳо ва зерҳуҷҷатҳои дигари ҳатмиро дар бар мегирад.

Албатта, худи матни Созишномаи умумӣ аз 27.06.1997 ҳамагӣ аз ду саҳифа иборат аст, ки онро мазмунан метавон ба 4 бахш тақсим намуд:

1.Муқаддима, таърихча ва баёни заминаи ба имзо расидани ин ҳуҷҷат;

2.Баршумории санадҳое, ки ҷузъи таркибии ин Созишнома ба ҳисоб меоянд;

3.Тасаввури мухтасари ду ҷониб дар бораи татбиқи сулҳ ва дурнамои рушди кишвар;

4.Муроҷиат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла СММ, САҲА, СКИ ва давлатҳои кафил барои мусоидат дар иҷро шудани бандҳои Созишнома.

Аммо мушкили ин масъала дар он аст, ки матни Созишномаи умумӣ танҳо аз ҳамин иборат набуда, силсилаи ҳуҷҷатҳои муҳимми дигаре, ки дар давраҳои гуногуни Музокироти байни тоҷикон ба имзо расидаанд, расман ҷузъи таркибии он дониста мешаванд. Дар ин бора, аз ҷумла дар «Протокол оид ба принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» аз 17 августи соли 1995 омадааст, ки «Протоколҳо оид ба гурӯҳи зикршудаи проблемаҳо қисми таркибии Созишномаи умумӣ хоҳанд шуд…».

Сипас, «Протокол дар бораи кафолати татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ « аз 28-уми майи соли 1997 номгӯи санадҳоеро, ки қисмҳои таркибии Созишнома ба ҳисоб мераванд, муайян мекунад. Дар ниҳоят, дар банди 2-юми худи Созишномаи сулҳ 9 санади муҳимми Музокироти байни тоҷикон, аз ҷумла 7 протоколи муштарак, як созишномаи дуҷониба ва Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ ба таври мушаххас ҳамчун ҷузъи таркибии Созишнома эътироф гашта, ҳамчун замимаҳои он оварда шудаанд. Дар ин рӯйхат, аз ҷумла муҳимтарин санадҳои сулҳи тоҷикон чун «Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ « аз 18 майи соли 1997, «Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ» аз 8-уми марти соли 1997, «Протокол оид ба масъалаҳои муҳоҷирон» аз 13 январи соли 1997 ва ғайра шомил буданд, ки мазмуну моҳияти асосии раванди сулҳу ҳамоишро ифода мекарданд.

Мушкили боз ҳам печидатари ин масъала дар он аст, ки баъзе аз ин санадҳои зикршуда, ки ҷузъи таркибии Созишнома мебошанд, боз протоколу зерсанадҳои дигареро дар бар мегиранд,ислоҳу такмил мекунанд ва ё аз эътибор соқит менамоянд. Бо ин ҳисоб, вақти омӯзишу муҳокимаи худи Созишномаи умумӣ сухан дар бораи ҳадди ақалл 25 санади хеле ҳассосу мураккаб меравад. Агар онро ҳам дар назар гирем, ки Созишномаи умумӣ (аз тариқи Низомномаи КОМ, ки ҷузъи таркибии Созишнома аст) таҳия ва қабули баъзе санадҳои иловагӣ, аз ҷумла «Санади ҳамдигарбахшӣ», «Қонуни авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайраро ба худи КОМ вогузор кардааст ва ин ниҳод дар раванди татбиқи сулҳ боз даҳҳо ҳуҷҷати дигари лозимулиҷро қабул кардааст, масъала ва манзара боз ҳам ҷиддитар мегардад.

Ҳамин тавр, дар таркиби Созишномаи умумии сулҳ ва ҷараёни татбиқи он мо бо панҷ сатҳи ҳуҷҷатҳое рӯбарӯ мешавем, ки бахши таркибии он ба ҳисоб рафта, амалӣ шудан ё нашудани раванди сулҳи тоҷикон ба татбиқи онҳо вобаста будааст:

1.Созишномаи умумӣ (матни асосӣ );

2.Санадҳое, ки дар худи матни Созишномаи умумӣ расман ҷузъи таркибии он эътироф шудаанд;

3.Зерсанадҳое, ки расман ҷузъи санадҳои таркибии Созишномаи умумӣ дониста шудаанд;

4.Санадҳое, ки Комиссияи оштии миллӣ дар асоси талабот ва пешбинии Созишномаи умумӣ қабул кардааст;

5.Санадҳое, ки роҳбарони ду ҷониб дар раванди татбиқи Созишнома барои рафъи монеаҳо ба таври иловагӣ қабул кардаанд.

Аз ин рӯ, мафҳуми «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба маънои як ҳуҷҷати сода набуда, ин санад дар таркиби худ маҷмуаи васеи ҳуҷҷатҳои зикршударо дар бар мегирад. Бинобар ин, масъалаи арзёбии сатҳи табиқи он низ

сода набуда, танҳо пас аз омӯхтани сатҳи татбиқи амалии тамоми ин санаду зерсанадҳои таркибӣ метавон дар ин бора назари воқеии коршиносӣ пешниҳод намуд. Ба ибораи дигар, танҳо дар ҳолати пажӯҳишу муқоисаи мазмуну талаботи ин силислаи васеи ҳуҷҷатҳо, ки дар якҷоягӣ Созишномаи умумии сулҳи тоҷиконро ташкил медиҳанд, фард ё коршинос метавонад дар бораи сатҳи амалӣ шудан ё нашудани Созишнома хулосагирӣ намояд. Дар худи санадҳои сулҳ, аз ҷумла дар «Эъломияи Теҳрон» аз 28-уми майи соли 1997 низ маҳз ба «иҷрои яклухти Созишнома» таъкид шудааст, ки ин ибора ба маънои зарурати иҷрои тамоми санаду зерсанадҳои таркибии ин ҳуҷҷат мебошад. Худи мафҳуми «умумӣ» низ дар номи ин созишнома, пеш аз ҳама ба маънои санади фарогири тамоми ҳуҷҷатҳои зикршудаи раванди сулҳ мебошад.

## БАХШИ 2:
## САТҲИ АМАЛӢ ШУДАНИ СОЗИШНОМАИ УМУМИИ СУЛҲИ ТОҶИКОН АЗ НАЗАРИ ҒОЯ ВА АРЗИШҲО

Аммо омӯзиши ин мавзуи мураккаб нишон медиҳад, ки барои сода шудани баҳс сатҳи татбиқи амалии «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон»-ро метавон аз се назар арзёбӣ намуд: аз диди ғоявӣ (1), аз нигоҳи арзишию ормонӣ (2) ва аз диди таркибу моҳият(3). Чунин тақсимбандӣ метавонад манзараи ин мавзуъро то ҳадди имкон рӯшан намояд.

1.Аз диди аввал, яъне **ғоявӣ** метавон гуфт, ки ғояи аввалия ва ҳадафи асосии ин санад маҳз поён додан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон буд. Ҷумлаи нахсустини матни Созишнома маҳз бо ибораҳои «бо мақсади дарёфти сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва барҳам додани оқибати ҷанги шаҳрвандӣ» оғоз шуда, дар бахши сеюми он низ пешбинӣ мешавад, ки ин Созишнома «ба низои бародаркушӣ дар Тоҷикистон ба таври абадӣ хотима мегузорад».

Аз ин нигоҳ, дар масъалаи дар амал татбиқ шудани Созишнома бо мантиқи оддӣ метавон гуфт, ки чун дар натиҷаи имзову татбиқи он ҷанги шаҳрвандаӣ дар ҳақиқат қадам ба қадам қатъ шуда, сулҳу субот дар Тоҷикистон ниҳоятан амалӣ гашт, ғояи асосии Созишномаи сулҳи тоҷикон дар амал татбиқ шуд. Яъне, чун мақсади асосии ғоявии Созишномаи умумӣ худи сулҳ буд, бо фаровасии сулҳу суботу оштӣ **ин санади таърихӣ** аз **назари ғоявӣ амалӣ гаштааст.**

2.Аз диди дуюм, **яъне арзишию ормонӣ**, бояд зикр кард, ки илова бар иқдому талаботу механизмҳои зиёди амалӣ, Созишномаи умумии сулҳи тоҷикон ба татабиқи як силсила мафҳуму меъёру арзишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ таъкид дошта, дастёбӣ ба онҳо ё бар пояи онҳо бунёд намудани ҷомеаи ояндаи Тоҷикистонро ҳадаф мегузошт. Ба ин маъно, дар Созишнома як силсила усулу чорчӯбҳои арзишӣ низ ба миён гузошта шуда, ҷонибҳо ба риояту татбиқи он низ вазифадор карда мешуданд.

Ин маҷмуаи арзишу меъёрҳои зикрнамудаи Созишномаи умумии сулҳро метавон ба ду даста тақсим намуд:

1.Арзишҳои миллию ахлоқию маънавӣ

2.Арзишҳои сиёсию иҷтимоиву ҳуқуқӣ

Ба гурӯҳи мафҳуму арзишҳои миллию ахлоқии Созишномаи умумӣ метавон силсилаи мафҳуму меъёрҳое чун «нияти нек», «ҳамдигарбахшӣ», «ҳамдигарфаҳмӣ», «ҳамдастию ҳамкорӣ», «ризоияти миллӣ», истифодаи «воситаҳои мусолиматомези мубориза», «дарки масъулияти бузург», «лаънати халқ», «ғазаби Худо», «аз гузашта ба бадӣ ёд наовардан», «ба хотири таскини дили ятимону бевагон, падару модарон ва ҳамаи онҳое, ки азизонашонро аз даст додаанд», ба хотири «эҳё ва шукуфоии кишвари маҳбубамон», «дубора зинда бигардондани эҳтиром ва иззату икром дар ҷомеа», «бозгашти бошарафона», «наҷоти халқи азияткашида», «маҳкум кардани терроризм дар ҳар шакле, ки зоҳир мешавад», «садоқат ба манфиатҳои олии халқи тоҷик» ва ғайраро мансуб донист, ки дар санадҳои гуногуни таркибии он омадаанд. Ин забону баён ва ин дастгоҳи арзишию мафҳумӣ на танҳо қатъияту

самимият, балки рӯҳияи бисёр тоҷиконаи Созишномаи умумии сулҳро низ нишон медиҳад. Рӯҳияи миллате, ки дар санадҳои расмии сиёсии худ низ бо забони самимии маънавию ахлоқӣ сухан гуфтааст.

Аммо шояд аз ин назар самимитарин ва тоҷикитарин ҳуҷҷати раванди сулҳи тоҷикон «Санади ҳамдигарбахшӣ» бошад, ки дар асоси Созишнома ҳамчун аввалин санади КОМ дар шаҳри Москва аз 10-уми июли соли 1997 қабул шудааст. Тоҷикитарин банди сулҳи тоҷикон низ маҳз дар ҳамин санад омадааст: «Ғазаби Худо ва лаънати халқ ба ононе бод, ки пайи қасдгирӣ ва таъқибу озори ҳам барои аъмоле мешаванд, ки дар солҳои муқовимату мухолифат содир шуда буданд. Чунин касон маҳкум ба ҷазоянд.» Чунин ҷумлаи урфиро дар чунин санади расмии таърихӣ шояд фақат тоҷикон раво доранд.

Дар мавриди саволи асосӣ, яъне сатҳи татбиқи ин арзишҳои Созишнома бояд гуфт, ки андозагирии риоят ва татбиқи арзишҳои инсонӣ дар ҳар сурат кори осон нест. Аммо таҷрибаи амалӣ нишон дод, ки аз сабаби набудани меъёри водоркунандаи ҳуқуқӣ, дар чунин мавридҳо ҳар тараф ё ҳар шахс бо ин арзишҳо амалан дар доираи сатҳи фарҳангу фаҳмиши худ муносибат менамояд. Дар айни замон, дар ин раванди мураккаб ҷонибҳои тоҷик талош карданд, ки ин арзишҳоро дар ҳадди тавон риоят карда, ҳатто пас аз ихтилофҳои ҷиддӣ, ки вақти иҷрои Созишнома борҳо пеш омад, дубора ба ҳамкорӣ баргарданд.

Дар бораи то чи ҳад татбиқ ёфтани мафҳумҳои авфу ҳамдигарбахшӣ дар бахши амалӣ хоҳад омад, аммо дар боби арзишҳои ахлоқию инсонӣ бояд гуфт, ки дар тӯли ҳамкориҳо бисёре аз аъзои ҳайати музокирот, гурӯҳҳои муштарак, КОМ ва зеркомиссия ва зергурӯҳҳои он, намояндагони ҷонибҳо дар ниҳодҳои давлатӣ ва ғайра дар ниҳоят дӯсту ошно ва баъзе аз онҳо ҳатто хешу табори ҳамдигар шуданд. Яъне, дар ин раванд арзишҳои миллию тоҷикӣ гоҳо бар арзишу мавқеъҳои сиёсӣ боло гирифтанд. Аз ҷумла, дар бораи дӯстии шахсӣ ва инсонии роҳбарони аввали ду ҷониби Созишномаи сулҳ маълумот, ҳуҷҷут ва наворҳои таърихии зиёде дастрас мебошанд.

Ба гурӯҳи **арзишҳои сиёсию иҷтимоиву ҳуқуқии Созишномаи умумии сулҳи тоҷикон,** пеш аз ҳам метавон меъёру арзишу ормонҳое чун «истиқлолият ва озодии кишвар», «инкишофи демократии ҷомеа», «густариши раванди демократии ҷомеаи тоҷик», «гузаронидани интихоботи озод», «ваҳдати миллии ҳамаи тоҷикистониҳо, сарфи назар аз миллият, диди сиёсӣ, эътиқоди динӣ ва мансубияти маҳаллӣ», «эҳтиром ба ҳаққу ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар фард», «фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои сиёсӣ ва иштироки намояндагони онҳо дар сохторҳои ҳокимият», «ба роҳ андохтани муколамаи густурда бо инерӯҳои мухталифи сиёсии кишвар ба хотири истиқрор ва таҳкими созиши шаҳрвандӣ» ва ғайраро дохил кард, ки дар бахшу ҳуҷҷатҳои гуногуни таркибии Созишнома сабт ва таъкид шудаанд.

Аз ин назар, Созишномаи сулҳ ва маҷмуаи санадҳои он бо пешбинӣ ва татбиқи сислсилаи меъёрҳои баланди маънавию сиёсӣ бунёди як ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои васеи сиёсӣ, фикрӣ ва фардии шаҳрвандонро дар назар дошт. Дар умум, ин маҷмуаи арзишҳои маънавию сиёсӣ **рӯҳи Созишномаи умумии сулҳи тоҷиконро** ташкил медоданд.

Дар бораи сатҳи татбиқи амалии арзишҳои сиёсию ҳуқуқии Созишнома назарҳо гуногунанд. Аммо барои дарки дурусти он вазъият бояд таваҷҷуҳ намоем, ки муддати пешбинишудаи амали Созишнома хеле кӯтоҳ буда, маҳз дар ин марҳила бунёд кардани ҷомеае бо арзишу меъёрҳои зикршуда имконнопазир буд. Аз ин рӯ, тамоми он меъёру арзишу омонҳои сиёсию ҳуқуқие, ки Созишномаи сулҳ пешбинӣ менамуд, дар матни қонунҳои нави қабулшуда ва «Тағиру ислоҳот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи КОМ дар тӯли қариб ду сол таҳия гашт, ворид карда шуданд. Матни ахир амалан матни нави сарқонуни кишвар буд, ки 29-уми сентябри соли 1999 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд.

Ҳамин тавр, аввалан, бо қабули матни нави Конститутсия ва баргузории интихоботи парламентӣ муҳлати амалияи Созишномаи умумии сулҳ ба поён расид. Сониян, дар натиҷаи

кори тӯлонии тарафҳо, он арзишҳои демократӣ ва рӯҳияи озоду ҳуқуқпарвари Созишномаи умумии сулҳ ба матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода шуданд.

Бинобар ин, агар дар давраҳои баъдӣ дар масъалаи татбиқи амалии баъзе аз арзишҳои сиёсию ҳуқуқӣ дар ҷомеаи мо накдҳое ба миён омада бошанд, он дигар на ба сатҳи татбиқи амалии Созишномаи умумии сулҳи соли 1997, балки ба масъалаи чигунагии татбиқи Конститутсияи кишвар марбут аст. Зеро бо қабули Конститутсия дар рӯҳияи демократию ҳуқуқбунёд, Созишномаи умумӣ рисолати таъйиншудаи худро дар самти арзишҳои сиёсӣ ва «инкишофи демократии ҷомеа» иҷро кардааст.

## БАХШИ 3:
## АРЗЁБИИ САТҲИ АМАЛӢ ШУДАНИ СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН МАСЪАЛАҲОИ НИЗОМӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Аз диди сеюм, яъне **аз назари таркибиву моҳиятӣ,** Созишномаи умумии сулҳ мазмуни ҳамаи санадҳои таркибии худро ифода мекард ва сатҳи татбиқи ҷузъии онро аз сатҳи татбиқи амалии ин санадҳо арзёбӣ намудан мумкин аст. Чун ин санадҳо хеле зиёданд, онҳоро аз рӯи мазмун ва масъалаҳои фарогирифтаашон метавон ба чор даста тақсим намуд: ҳуқуқӣ, низомӣ, сиёсӣ ва муҳоҷирин. Бо таваҷҷуҳ ба чунин дастабандии мазмунии масъалаҳои равнади сулҳ, дар Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ, ки ҳамчун санади муштарак дар 21-уми феврали соли 1997 ба имзо расида, ҷузъи Созишномаи умумӣ эътироф шудааст, таркиби худи КОМ низ аз чор зеркомиссия иборат буд: зеркомиссияҳо «оид ба масъалаҳои сиёсӣ», «оид ба масъалаҳои низомӣ», «оид ба масъалаҳои муҳоҷирон» ва «оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ». Бинобар ин, дуруст мебуд, ки ба масъалаи сатҳи аз назари таркибӣ ва моҳиятӣ амалӣ шудани Созишномаи сулҳ маҳз аз рӯи чӣ гуна ҳал ва татбиқ шудани ҳамин чор гурӯҳи масъалаҳо нигарем.

**1. Бахши масъалаҳои низомӣ,** ки Созишномаи умумӣ пешбинӣ менамуд, яке аз муҳимтарин ва мушкилтарин бахшҳои раванди сулҳсозӣ ба ҳисоб мерафт. Қисми асосии масъалаҳои низомии Созишнома дар «Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ» аз 8-уми марти соли 1997 (ш.Москва) ифода ёфта, бахшҳои дигари он ҳамчун бахше аз санадҳои гуногуни раванди сулҳ инъикос гашта буданд.

Аз назари мазмунӣ масъалаҳои низомии раванди сулҳи тоҷикон асосан ду бахшро дар бар мегирифтанд:

**- масъалаҳои ҷорӣ ё оперативӣ**, ба мисли танзими вазъият дар худи ҷабҳаҳои ҷанг, қатъи амалиёти ҷангӣ ва риояти оташбасҳо, кори зергурӯҳҳои назоратии соҳавӣ, мубодилаи асирон, рафтор ва ҷобаҷоии дастаҳои мусаллаҳи ҷонибҳо дар минтақаҳои мушаххаси низоъ, танзими муносибати афроди мусаллаҳ бо мақомоти маҳаллӣ ва ғайра; (Масалан, ҳуҷҷатҳои муҳимме, ки бо номҳои «Протоколи Хосдеҳ» аз 11 декабри соли 1996 ва «Протоколи Ғарм» аз 16 сентябри соли 1996 машҳуранд, асосан ба чунин масъалаҳо бахшида шудаанд.)

**-масъалаҳои усулӣ,** ҳамчун реинтегратсия ё ҳамоиши дастаҳои мусаллаҳи мухолифин бо сохторҳои қудратии кишвар, халъи силоҳи размандагони ИНОТ, тартиби барҳам додани дастаҳои мусаллаҳи ИНОТ, ислоҳи сохторҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кори комиссияи муштараки аттестатсионӣ, тартиби овардани дастаҳои мусаллаҳи ИНОТ аз Афғонистон, бастани урдугоҳҳо ва марказҳои таълимии онҳо дар он кишвар, вазъияти хидматӣ ва иҷтимоии низомиён дар марҳилаи баъдиҷангӣ ва ғайра.

Барои иҷрои дақиқи ин иқдомҳо дар таркиби Комиссияи оштии миллӣ зеркомиссия оид ба масъалаҳои низомӣ ва ҳамчунин, Комиссияи муштараки марказии аттетсатсионӣ таъсис гашта буданд, ки тибқи Низомномаи КОМ ва «Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ» бояд дар 4 марҳилаи мушахахс онҳоро дар ҳамоҳангӣ бо роҳбарияти ҷонибҳо амалӣ менамуданд.

Дар бораи арзёбии дақиқи сатҳи татбиқи амалии ин масъалаҳо метавон гуфт, ки бо вуҷуди пеш омадани мушкилоти бисёр сангину ҳассос дар ин самт, дар умум, аксари кулли онҳо дар раванди сулҳи тоҷикон амалӣ шудаанд. Ба таври мушаххас, дар ин раванд тибқи Созишнома аз ҷумла, қадамҳои муҳимме чун қатъи доимии амалиёти низомӣ дар саросари кишвар(1), озод гаштани асирони ҳарбӣ(2), авфи иштирокчиёни муқовиматҳои

мусаллаҳона(3), ҳамоиши дастаҳои мусаллаҳи ИНОТ ба сафи қувваҳои мусаллаҳи ҶТ(4), халъи силоҳи умумии онҳо(5), расман барҳам дода шудани дастаҳои мусаллаҳи ИНОТ(6), барҳамдиҳии дастаҳои мусаллаҳу худмуҳофизи маҳаллӣ (7), интиқоли дастаҳои мусаллаҳи ИНОТ аз Афғонистон ва бастани урдугоҳҳои онҳо(8), ислоҳот ё аттестатсияи умумии нерӯҳои низомии кишвар аз сӯи Комиссияи муштараки аттестатсионӣ (9), таъсиси қисми низомии мухолифин дар шаҳри Душанбе дар ҳайати 460 нафар(10), ҳамроҳ шудани 40 нафар аз размандагони ИНОТ дар горди муҳофизати муштараки КОМ(11), ба таври иҷборӣ халъи силоҳ гаштани дастаҳои мусаллаҳе, ки дар иҷрои Протоколи низомӣ ҳамкорӣ накарданд(12), ба ҳаёти мулкӣ гузаронидани размандагони хоҳишманд(13), дар сурати хоҳиш барқарор кардани кормандони собиқи сохторҳои қудратӣ ба хидмати соҳавӣ (14), бо маълумоти ҳарбӣ таъмин намудани хоҳишмандон аз ҳисоби размандагони ИНОТ(15) ва ғайра дар амал анҷом шудаанд.

Яъне, бахши «масъалаҳои низомӣ «-и Созишномаи умумии сулҳи тоҷикон маҳз аз ҳамин масъалаҳо иборат буд ва **бо амалӣ шудани аксари мутлақи онҳо метавон гуфт, ки талаботи Созишнома дар ин самт қариб ба пуррагӣ амалӣ шудааст.** Албатта, дар раванди татбиқи ин чораҳо мураккабу ҳассос мушкилоти ҷиддӣ низ пеш омаданд, аммо бо дастёбӣ ба тавофуқҳои иловагӣ, ҷонибҳо ин масъалаҳоро дар ниҳоят ҳал намуданд.

Дар ин самт дар солҳои гуногун баъзе ҳолатҳои истисноие чун боздошту зиндонӣ шудани баъзе аз размандагони собиқи ИНОТ, амалиётҳои низомии ниҳодҳои қудратӣ зидди баъзе аз дастаҳои мусаллаҳи онҳо, кушта шудани баъзе аз онҳо дар ин задухӯрдҳо ва ғайра низ пеш омадааст, ки баъзе мунаққидон онро ҳамчун ҳолатҳои нақз гаштан ё ҳал нашудани масъалаҳои низомии сулҳ зикр мекунанд. Бале, ҷойи шубҳа нест, ки аз назари мазмуниву мантиқӣ чунин ҳодисаҳо хилофи рӯҳия ва мафҳуми сулҳ мебошанд ва чи хуб буд, агар онҳо умуман намебуданд. Вале барои додани баҳои воқеӣ ба онҳо бояд ҳар як ҳодиса ба таври мушаххас баррасӣ шавад.

Ҷиҳати рӯшантар шудани заминаи ин гуна ҳодисаҳои ногувор дар раванди татбиқи Созишномаи умумӣ аз назари худи матну мазмуни санадҳои сулҳ зарур аст, ки ба чанд нуктаи комилан мушаххас диққат намоем:

1.Банди 4-уми бахши 1-уми «Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ», ки аз 8-уми марти соли 1997 ба имзо расонидааст, ба таври дақиқ пешбинӣ намудааст, ки «Дастаҳои мусаллаҳе, ки дар иҷрои нукоти ин Протокол ҳамкорӣ намекунанд, ғайриқонунӣ ба ҳисоб мераванд ва ба таври иҷборӣ халъи силоҳ мегарданд.» Ин банди Созишнома, ки имзои роҳбарияти ИНОТ низ зери он истодааст, анҷоми амалиётҳои машҳуре зидди дастаҳои мушаххаси ИНОТ-ро дар давраи баъдӣ на ҳамчун амали хилофи Созишномаи сулҳ, балки ҳамчун «бахше аз раванди сулҳ» маънидод менамуд. Яъне, худи Созишномаи сулҳ ба таври сареҳ пешбинӣ ва талаб мекард, ки чунин ин гурӯҳҳо ба таври иҷборӣ халъи силоҳ карда шаванд.

2.Банди 4-уми «Қонуни авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар ҷаласаи аввали КОМ дар ш.Москва аз 10.07.1997 қабул гашта, сипас аз тарфи парламенти кишвар ҳукми қонунӣ гирифтааст, муайян мекунад, ки «Аз ҷазо ва ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсоне, ки бо моддаҳои 63, 74, 76, 96, 104, 105, 121, 240, 240қ.1, 241-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, айбдор карда шудаанд, озод намешаванд.» Ин банди қонуни авф, ки роҳбарони мухолифин низ онро ба имзо расониданд, имкон фароҳам оварда буд, ки он бахш аз размандагони ИНОТ, ки бо ҳамин моддаҳо гунаҳгор дониста шуда будан, амалан шомили авф нашаванд.

Албатта, таҷриба нишон дод, ки дар он замон беҳтар мебуд, то авф ҳолати мутлақ ва бидуни ҳеҷ гуна истисно гирад. Аммо аз пеш омадани ҳар ду ҳолат роҳбарияти ИНОТ пурра огоҳ буда, ба он имзо гузошта буданд. Бинобар ин, беҳтар аст, ки ин ҳолатҳои истисноӣ на «намунаи татбиқ нашудани бандҳои Созишномаи умумии сулҳ», балки намунаи ҷой доштани баъзе нуқсону камтаҷрибагиҳо дар таҳияи ин ҳуҷҷатҳо дониста шаванд. Зеро ин ҳолатҳои зикршуда амалан худи матну муқаррароти масъалаҳои низомии Созишномаро нақз намекунанд.

3.Нақди дигаре, ки ба сатҳи иҷрои масъалҳои низомӣ гирифта мешавад, дар он марҳила то охир нарасидани ислоҳоти сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар Созишномаи умумии сулҳ, хоса «Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ» пешбинӣ мешуд.

Бале, гарчӣ Комиссияи муштараки марказии аттетсатсионӣ дар ин самт корҳои бисёр зиёд ва печидаро амалӣ намуд, аммо дар он муддати кӯтоҳ ва вазъияти ҳассос татбиқи комили ин ислоҳоти мураккаб басе мушкил буд. Ин ислоҳоти зарурӣ дар давраҳои баъдӣ аз сӯи худи ҳукумати кишвар ба тадриҷ амалӣ карда шуд.

Аммо, дар айни замон, дар раванди татбиқи масъалаҳои низомии Созишномаи сулҳи тоҷикон чораҳои иловагие чун авфи номбаноми размандагони ИНОТ (аз 14 майи соли 1999, ки ҳудуди 5500 нафарро тибқи рӯйхати пешниҳоднамудаи КОМ дар бар мегирифт), кушодани ҷузъу томҳои иловагӣ барои ҷобаҷоии размандагони ИНОТ, додани унвонҳои миёна ва олии ҳарбӣ ба фармондеҳони низомии ИНОТ ва ғайра анҷом шуданд, ки ҳамоиши низомии ду ҷонибро устувортар намуданд. Яке аз аломатҳои комёбӣ ва устувории ин ҳамоиш дар он буд, ки баъзе аз фармондеҳон ва размандагони ИНОТ на танҳо дар давраи гузариш, балки солҳо, балки даҳсолаҳои дигар дар ниҳодҳои қудратии Тоҷикистон кор карда, ба мансабу унвонҳои баландтарини ҳарбӣ расиданд. Баъзе аз онҳо аз ин вазифаҳои баланд ба нафақа рафта, баъзеи дигар то имрӯз, яъне бо гузашти 25 сол, ҳануз дар сохторҳои қудратии кишвар фаъолият доранд. Ҳазорон нафар аз размандагони дигар, ки ба ҳаёти мулкӣ гузаштаанд, имрӯз ба ҳаёти осоиштаи худ машғуланд. (Рӯйхати онҳоро назди коршиносон рӯшан аст.)

Аммо баъзе ҳодисаҳои ногуворе чун воқеаҳои минтақаи Рашт дар солҳо 2009 ва 2011 ё воқеаҳои моҳи сентябри соли 2015, ки бо иштироки баъзе аз размандагони собиқи ИНОТ ҳудуди 15-17 сол пас аз татбиқи Созишномаи умумии сулҳ сурат гирифтаанд, дигар бевосита ба масъалаи татбиқи масъалаҳои низомии ин Созишнома рабт надоранд.

Ҳамин тавр, мушкилтарин бахши Созишномаи умумии сулҳ, яъне бахши масъалаҳои низомӣ то ҳадди мумкин амалӣ карда шудааст. Татбиқи ин бахш ва хусусан, ҳамоиши нерӯҳои мусаллаҳи ду ҷониб яке аз мураккабтарин ва нодиртарин бахшҳои таҷрибаи сулҳи тоҷикон ба ҳисоб меояд.

**2.Дастаи дуюми масъалаҳои сулҳи тоҷиконро,** ки дар Созишномаи сулҳ омадаанд, **«масъалаҳои ҳуқуқӣ»** ташкил медоданд. Гарчӣ дар бастаи ҳуҷҷатҳои сулҳ бо ин унвон протокол ё санади ҷудогонае мавҷуд набуд, аммо масъалаҳои ҳуқуқӣ дар як силсила протокол ва созишномаҳои дуҷониба ба таври пароканда, вале мушаххас оварда шудаанд. Аз ҷумла, дар боби 3-юми худи Низомномаи КОМ, ки ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ҷузъи таркибии Созишномаи умумӣ эътироф шудааст, ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии зерин ҳамчун вазифаҳои ин ниҳод зикр шудаанд:

-танзими пешниҳодҳо барои ворид крадани тағйирот ба қонунҳо дар бораи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҷунбишҳо ва воситаҳои ахбори умум;

-(якҷо бо Президент) ба раъйпурсии умумихалқӣ вогузоштани пешниҳодҳо дар бораи тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи ҷорӣ;

-таҳия ва ба тасдиқи Парламент ирсол намудани қонуни нав дар бораи интихоботи Парламент ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ …;

-ба баррасии Парламент вогузоштани пешниҳод дар бораи вақти баргузории интихоботи Парламенти нави касбӣ ….

Тибқи Низомномаи КОМ барои татбиқи амалии ин масъалаҳо дар таркиби ин ниҳод «зеркомиссия оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ» таъсис ёфта буд, ки хусусан дарислоҳи қонунгузории кишвар ва таҳияи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон саҳми ҷиддӣ гузошт.

Дар бораи сатҳи иҷрои амалии ҳар яке аз бандҳои зикршуда ба таври муфассал гуфтан мумкин аст, зеро маълумоти зарурӣ ва матни таҳияшуда ва қабулшудаи қонунҳои навин дастрасанд. Аммо ба таври умумӣ, метавон гуфт, ки дар ин самт аксари бандҳои ҳуқуқии зикршуда қадам ба қадам иҷро гаштанд ва шакли наву ислоҳшудаи қонунҳои мазкури соҳавӣ таҳия ва қабул карда шуданд. Матну мазмуни ин қонунҳои муштаракан таҳияшуда нишон

медиҳанд, ки дар ин раванд сухан на танҳо дар бораи ислоҳу таҳрири онҳо, балки дар бораи пешниҳоди меъёру механизм ва моделу сохторҳои нави ҳуқуқию сиёсӣ меравад. Намунаи он танзими ҳуқуқии таъсису фаъолияти парламенти касбӣ, танзими меъёрҳои интихоботи бисёрҳизбӣ, қоидаҳои нави фаъолияту мубоAccording to the page: муборизаҳои ҳизбӣ, сохтори нави ҳокимияти судӣ ва ғайра мебошанд, ки барои низоми сиёсию идории Тоҷикистон падидаҳои нав буданд. Аммо шакке нест, ки муҳимтарин дастоварди сулҳи тоҷикон дар ин самт моҳи сентябри соли 1999 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи кишвар буд.

Албатта, дар раванди татбиқи чунин масъалаҳои мураккаби ҳуқуқии сулҳи тоҷикон мушкилоту монеаҳои ҷиддии гуногун низ пеш омада буданд. Аз ҷумла, қабули қонуни дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ дар парламент дар моҳи майи соли 1999, ки бар хилофи Созишномаи сулҳ, шакли аввали он бе мувофиқа бо КОМ қабул шуда, фаъолияти баъзе ҳизбҳои узви ИНОТ-ро номумкин месохт, боиси пеш омадани бӯҳрони ҷиддии ҳуқуқию сиёсӣ гашт. Танҳо бо дахолати шахсии Президенти кишвар ва таъсиси комиссияи чорҷонибаи муросо ин масъала ҳалли худро пайдо кард. Ё дар масъалаи ҳамчун ифодагари низоми давлатдорӣ дар Конститутсияи кишвар ҳифз шудан ё нашудани мафҳуми «дунявӣ» намояндагони ҷонибҳо дар КОМ беш аз 30 ҷаласа баҳсу мунозира намуда буданд, ки он моҳҳо тӯл кашида буд.

Ба ибораи дигар, тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар, ки соли 1999 қабул шуданд, дар асл матни нави сарқонунеро ба вуҷуд оварда буданд, ки аксари арзишҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, арзишӣ ва ормонии Созишномаи умумии истиқрори сулҳро дар бар мегирифт. Тавре зикр рафта буд, дар рафти таҳияи ин тағйиру иловаҳо худи рӯҳи Созишномаи сулҳ ва худи фазои ризоияти миллӣ ба Конститутсияи кишвар интиқол дода шуд. Бо қабули матни нави Конститутся ва баргузории интихоботи нави парламентӣ, давраи гузариш амалан ба поён расида, он рӯҳи демократию ҳуқуқбунёд ва он меъёрҳои ҳуқуқии ормонии Созишномаи сулҳ бояд минбаъд дар татбиқи Конститутсия кишвар ифода меёфт.

Ҳамин тавр, масъалаҳои ҳуқуқии Созишномаи сулҳи тоҷикон амалан татбиқ шуда, ин санад рисолати худро дар самти масъалаҳои ҳуқуқӣ асосан ба анҷом расонид. Аммо масъалаи дар давраҳои баъдӣ то чӣ дараҷа риоят ва иҷро шудани ин қонунҳои беҳтарин ва аз ҷумла, Конститутсияи кишвар дигар ҷузъи баҳси Созишномаи сулҳ набуда, ба фарҳанги сиёсию ҳуқуқии ҷомеа вобаста мебошад.

## БАХШИ 4:
## АРЗЁБИИ САТҲИ АМАЛӢ ШУДАНИ СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН АЗ НАЗАРИ ТАРКИБӢ ВА МОҲИЯТӢ:
## МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ ВА МУҲОҶИРОН

3.Қисмати дигар ва бисёр ҳассоси раванди сулҳ ва татбиқи Созишномаи умумӣ аз маҷмуаи **«масъалаҳои сиёсӣ»** иборат буд. Онҳо низ дар аксари ҳуҷҷатҳои сулҳ ба таври ҷузъию мушахахс омадаанд, аммо ҳуҷҷати ҷудогонае бо номи «Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ» аз 18-уми майи соли 1997 (ш.Бишкек) онҳоро ба таври муфассал баёну танзим намудааст. «Ёддошти Бишкек» аз 18 майи соли 1997 низ ин Протоколро дар сатҳи олии сиёсии сиёсӣ мазмунан тақвият мекунад.

Барои дақиқан тасаввур шудани моҳияти «масъалаҳои сиёсӣ»-и раванд ва Созишномаи сулҳи тоҷикон, бояд зикр кард, ки дар «Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ» зери ин мафҳум, пеш аз ҳама масъалаҳои зерин дар назар дошта шудаанд (мазмунан):

1.Қабули Санади ҳамдигарбахшӣ ва Қонуни авф аз тарафи Президент ва КОМ;

2.Ташкили Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо шомил шудани 25 фоиз намояндагони ИНОТ ба ҳайати он ва баргузории интихоботи парламентӣ аз тарафи ин комиссия;

3.Ислоҳи ҳайати ҳукумат бо роҳи ба сохторҳои он тибқи саҳмия ворид намудани намояндагони ИНОТ;

4.Пас аз анҷоми марҳилаи дуюми Протоколи низомӣ, бартараф шудани манъ ва маҳдудият нисбати ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори умумии ИНОТ.

«Изҳороти муштарак»-и ҷонибҳо аз 19-уми январи соли 1997 (ш.Теҳрон) низ зери мафҳуми «масъалаҳои сиёсӣ»-и раванди сулҳ маҳз ҳамин чор масъаларо баршумурдааст.

Дар ин маврид низ барои татбиқи амалии ин масъалаҳо дар таркиби КОМ зеркомиссия оид ба масъалҳои сиёсӣ ташкил шуда буд, ки дар давраи муайяншуда кори бисёр зиёдеро анҷом дод. Бо вуҷуди ин, татбиқи ин бандҳои ҳассос бештар дар ихтиёр ва салоҳияти худи роҳбарони олии ҷонибҳо буданд.

Чун таваҷҷуҳ ба сатҳ ва шеваи амалӣ шудани масъалҳои сиёсии зикршуда хеле баланд аст, беҳтар аст, ки дар бораи ҳар яке аз онҳо ба таври алоҳида ва мушаххас хулосагирӣ намоем:

**Дар масъалаи аввал,** яъне қабули Санади ҳамдигарбахшӣ ва Қонуни авф, мувофиқи Созишномаи умумӣ, КОМ ҳанӯз дар аввалин ҷаласаи худ дар ш.Москва аз 10.07.1997, яъне пеш аз ба Тоҷикистон омадани аъзои комиссия аз тарафи ИНОТ, «Қонуни авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар 6 банд қабул карда, тибқи қарори №001-и худ онро тасдиқ ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш намуд.

Ҳуҷҷати нодири раванди сулҳи тоҷикон, яъне «Санади ҳамдигарбахшӣ» низ аз тарафи ҷонибҳо таҳия гашта, дар ҳамин ҷаласаи якуми КОМ бо ҳамон қарори №001 тасдиқ гашт. Ин санад силсилаи даъвату эъломҳои маънавию ахлоқӣ ва маҷмуаи меъёрҳои сиёсию ҳуқуқиро дар бораи накӯҳиши ҷанги бародаркушӣ, бахшидани ҳамдигар, ба ёд наовардани амалҳои гузашта, нафрини интиқомгирандагон ва умуман, танзими ахлоқии рафтору муносибати ҷонибҳо дар оянда бар мегирифт.

Дар рафти татбиқи амалии ин ду санади ҳассос низ душвориҳои ҷиддӣ ҷой доштанд, зеро авф ва ҳамдигарбахшӣ мафҳуму ҳолатҳои бисёр амиқи ҳуқуқӣ, маънавӣ ва равонӣ буда, танҳо бо қабули қарор ё қонун фавран амалӣ шуда наметавонистанд. Бинобар ин, аз як сӯ татбиқу риояти воқеии онҳо хеле мушкил буда, аз тарафи дигар, накӯҳиши ҳамдигар барои иҷро нашудани онҳо хеле осон буд. Хусусан, меъёрҳои «Санади ҳамдигарбахшӣ», ки андозагирии ҳуқуқию амалии онҳо мушкил ва гоҳо имконнопазир буд, боиси тафсирҳои зиёд мегаштанд ва ҳар ҳолати ихтилофу нофаҳмиро «бар хилофи санади ҳамдигарбахшӣ» шарҳ додан имкон дошт. Чунин кӯшишҳо ҳатто то имрӯз мушоҳида мешаванд.

Бинобар ин, барои дар радаҳои миёна ва поинии «ҷонибҳо» ба тафаккур, воқеият ва фарҳанги ҳамагонӣ табдил гаштани ҳамдигарбахшӣ замони хеле бештар аз «давраи гузариш» лозим омад. Аммо муҳимтар ин буд, ки дар худи давраи татбиқи Созишнома роҳбарони раванд монеаҳоро қадам ба қадам бартараф намуда, пас аз ҳар нофаҳмӣ боз ба арзишҳои ин санадҳо бозгашта, ҳолати ҳуқуқию сиёсии авф ва ҳамдиграбахширо асосан таъмин карданд. Илова бар ин, дар тӯли татбиқи онҳо барои рафъи монеаҳо санадҳои иловагии авфу ҳамкориҳоӣ ба имзо расиданд, ки раванди умумии татбиқи Созишномаро ҳифз намуданд.

**Масъалаи дуюм** ё ташкилу фаъолияти Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсӣ хеле мушаххастар буда, ба сабаби кам будани худи шумораи аъзои ин комиссия, саҳмияи 25%-ии ИНОТ дар таркиби он дар амал ҳамагӣ аз як нафар иборат шуд. Албатта, фаъолияту салоҳияти ӯ дар раванди ташкилу баргузории интихоботҳо ва назорати натиҷагириҳои онҳо чандон муассир набуд.

Дар натиҷа, мувофиқи муқаррароти Созишнома, Комиссияи интихоботии муштарак бо таносуби аъзои 75/25 интихоботи аввалини парламенти касбиро дар соли 2000 аз назари фаннӣ ва ташкилӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳои нави муштаракан таҳияшуда баргузор намуд. Аммо таҷриба нишон дод, ки дар он давра ҳам дастгоҳи интихоботии кишвар дар баргузории интихобот бо қоидаҳои нав (бо шакли омехта, рӯйхати ҳизбӣ, барои парламенти касбӣ ва ғ.) чандон таҷриба надошт ва ҳам худи гурӯҳҳои оппозитсияи собиқ, ки дар остонаи интихобот расмият ёфта буданд, ҳануз таркибу имкониятҳои худро пурра барқарор накарда, барои иштирок дар як интихоботи васеи саросарӣ омода набуданд. Ин ҳолат ба фазои аввалин интихоботи марҳилаи сулҳ таъсири манфиии худро гузошт.

Аммо аз назари ҳуқуқию сиёсӣ ва баҳси иҷри Созишномаи сулҳ ин нукта муҳим буд, ки худи интихобот бо қоидаҳои комилан нави муайяннамудаи КОМ (тибқи қонунҳои муштарак ва матни нави Конститутсия, ки ҷонибҳо якҷоя таҳия намуда буданд) доир гашта, роҳбарияти ИНОТ ва ҳамаи ҳизбу ҳаркатҳои иштироккунанда баргузорӣ ва натиҷаҳои онро расман эътироф карданд. Дар айни замон, гарчӣ Созишнома муҳлати салоҳияти намояндаи ИНОТ дар КМИР-ро то баргузории интихоботи парламентӣ муайян карда буд, ӯ дар ҳайати комиссияи интихоботии кишвар солҳои зиёд, ҳатто пас аз интихоботҳои баъдии парламентӣ низ фаъолият дошт. Аз ин рӯ, масъалаи сиёсии дуюм низ тибқи Созишнома дар маҷмуъ амалӣ гаштааст.

**Масъалаи сеюм, ки иҷозат дода шудан ба фаъолияти ҳизбу гурӯҳҳои узви ИНОТ ва ВАО-и онҳо буд,** низ дар амал пурра татбиқ шуд. Зеро пас аз анҷоми марҳилаи дуюми Протоколи низомӣ ва расман барҳам дода шудани дастаҳои мусаллаҳи ИНОТ, бо Қарори дахлдори Суди Олии ҶТ мамнуъияти фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии узви ИНОТ ва ВАО-и онҳо бардошта шуд. Ин ҳизбҳо фавран анҷуманҳои барқарории худро ташкил карда, ба бозсозии сохторҳо худ ва омодагӣ ба интихоботҳои президентию парламентии дарпешбудаи он давра машғул шуданд.

Дар ин мавзуъ низ баҳсҳои ҷиддиву мушаххасе дар масъалаҳои тӯл кашидани муҳлати иҷозати фаъолияти ҳизбҳои таркиби ИНОТ, ки ба иҷрои марҳилаи дуюми Протоколи низомӣ вобаста карда шуда буд. иҷозати фаъолияти ҳизбҳои сиёсии «дорои характери динӣ» дар сатҳи Конститутсия ва Қонуни ҶТ «Дар бораи аҳзоби сиёсӣ» ва ғ. ба миён омада буд, аммо аз назари раванди таърихӣ муҳим ин буд, ки масъалаи фаъолияти дубораи онҳо дар ниҳоят ҳаллли комили худро ёфт. Аз ҷумла, дар моддаи 28-уми Конститутсияи кишвар фаъолияти ҳизбҳои сиёсии «дорои характери динӣ» пешбинӣ шуд, ки ин асл то соли 2017, яъне 20 сол пас аз имзои Созишномаи умумии сулҳ, ҳифз ва амалӣ гашта буд. Инчунин, маҳз барои ҳалли ҳамин баҳс дар сатҳи қонунгузорӣ, соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни нави ҳизбҳои сиёсиро дубора ба парламент баргардонда буд, то вакилон дар ҳамкорӣ бо КОМ варианти якҷояи иҷозатдиҳандаро таҳия намоянд.

Дар ин масъала низ бояд гуфт, ки аз назари сиёсӣ ва мантиқӣ, пас аз даҳсолаҳо манъ шудани фаъолияти баъзе аз ин гурӯҳҳо сабабҳои мушаххас ва комилан дигари худро дошта, ба мавзуи баҳси ин бахш, яъне татбиқи амалии муқаррароти Созишномаи сулҳ муносибат надорад. Зеро муқаррароти ин Созишнома дар мавриди гурӯҳҳои узви ИНОТ дар ҳаҷми пешбинишуда дар матни худи Созишномаи умумӣ ва дар замони амали он татбиқ шудааст.

Аммо масъалаи чорум ё ҳассостарин «масъалаи сиёсӣ»-и раванди сулҳи тоҷикон масъалаи ислоҳоти ҳайати ҳукумат бо роҳи ба сохторҳои он тибқи саҳмияи 30%-ӣ ворид намудани намояндагони ИНОТ буд. Тибқи банди 4-уми «Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ», ин саҳмияи мухолифон бояд вазоратҳо, идораҳо, мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқукро дар бар мегирифт. Гарчӣ татбиқи ин банди мураккаб вақту нерӯи аз ҳама бештари ҷонибҳоро ба худ гирифта, то ҳадди болое амалӣ гашт, аммо имрӯз низ мунаққидони татбиқи Созишнома бештар ҳамин масъаларо мавриди баҳс қарор медиҳанд.

Барарсии тамоми ҳуҷҷатҳои раванди сулҳ ва воқеиятҳои амалии он марҳила нишон медиҳанд, ки ин масъалаи мушаххас бо чанд сабаби муайян чунин баҳснок гашта буд:

1.Худи масъалаи «саҳмияи оппозитсия дар таркиби ҳукумат» дар тӯли музокироти сулҳ борҳо баррасӣ шуда, дар худи санадҳои сулҳ дар ин бора се-чор бор тағйирот ворид шудааст. Аз ҷумла, гарчи дар худи Протоколи масъалаҳои сиёсӣ (ш.Бишкек) ҳаҷми ин саҳмия ҳануз муайян нашуда буд, «Протокол дар бораи вазифа ва салоҳиятҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» аз 23 декабри соли 1996 (ш.Москва) меъёри онро «бо риояи таносуби саҳми тарафайн дар Комиссияи оштии миллӣ» пешбинӣ мекард. Сипас дар банди 1-уми Протоколи иловагӣ (ш.Машҳад) аз 21 феврали соли 1997 ҷонибҳо ба созиш расиданд, ки ин меъёр, ки пас аз маълум шудани таносуб дар КОМ метавонист ба маънои 50% фаҳмида шавад, аз ин санад расман соқит карда шуда, ба ҷойи он дар банди 2-юми санади нав (протоколи иловагии

Машҳад) муқаррароти «си фоизи ҷойҳо» ворид карда шавад. Меъёри ниҳоӣ ва қабулшудаи Созишномаи умумӣ дар ин масъала ҳамин буд.

2.Гарчӣ худи Созишномаи умумии сулҳ як санади муҳим, бузург ва фарогири сиёсӣ буд, аммо аз назари амалӣ баъзе пешбиниҳои бисёр хушбинона низ дошт. Масалан, дар он «давраи гузариш», яъне давраи татбиқи Созишнома ва амали қарорҳо ҳамагӣ «12-18 моҳ» аз рӯзи имзои он пешбинӣ мешуд. Дар поёни ин давраи кӯтоҳи 1-1,5 сола бояд матни нави Конститутсия қабул гашта, интихоботи нави парламентӣ доир мегашту аз назари ҳуқуқӣ вазъият оддӣ мешуд. Баъд аз он бояд раванди сиёсӣ дар кишвар на тибқи Созишнома, балки мувофиқи Конститутсияи нав ва натиҷаҳои интихоботи парламетӣ идома меёфт.

Аз ҷумла, пас аз хатми давраи гузариш дигар ҳеҷ меъёре пешбинӣ намешуд, ки намояндагони собиқ мухолифин дар вазифаҳои таъйиншудаи худ боқӣ монанд ё муносибатҳо сиёсию ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳои давраи гузариш танзим шаванд. Чунин механизми ҳалли масъала усулан дуруст буд, аммо рӯшан аст, ки дар натиҷаи камтаҷрибаӣ ё хушбинӣ барои татбиқи чунин раванди мураккаб чунин давраи кӯтоҳ пешбинӣ шуда буд.

3.Бо вуҷуди кӯтоҳ будани «давраи гузариш», дар масъалаи интихоби номзадҳои муносиб ба вазифаҳои ҷудошуда дар муҳити худи оппозитсия, хусусан, дар заминаи баҳсҳои байнимаҳаллии роҳбарони сиёсӣ ва зӯрозмоии қумондонҳои саҳроӣ, ихтилофҳои бисёр ҷиддӣ пеш омаданд. Дар ин раванд чунин мафҳумҳо ба вуҷуд омаданд, ки кӣ дар «ҷиҳод» чӣ қадар хидмат кард ё ба мардуми кадом минтақа чӣ саҳму вазифа медиҳанд. Дар ҳамин масъалаи мушаххас ҳатто 5-6 мавриди аз худи роҳбарияти ИНОТ «қаҳр кардан»-и қумандонҳои гуногуни бонуфӯз пеш омад, ки вазъиятро хеле муташанниҷ мекард. Ихтилофи дарунии ИНОТ дар ин мавзуъ моҳҳо тӯл ёфт ва билохира, қисми асосии «давраи гузариш» тамом шуду бахше аз ин тақсимот дар сатҳҳои миёна ва ё поин боқӣ монд.

4.Мушкилаи дигаре, ки дар татбиқи ин масъала аз матни худи Созишномаи умумӣ бармеомад, дар он буд, ки тибқи «Протокол дар бораи вазифа ва салоҳиятҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ « (аз 23 декабри соли 1996), пешбарии намояндагони ИНОТ ба вазифаҳои давлатӣ на ба намояндагӣ аз ҳизбу ҳаркатҳо, балки маҳз «бо назардошти усули намояндагӣ аз маҳалҳо» пешбинӣ шуда буд. Дар банди 2-юми Протоколи муштараки иловагӣ аз 21 феврали соли 1997 бошад ин меъёри пешбарии намояндагони ИНОТ ба вазифаҳои давлатӣ дар шакли «бо назардошти усули минтақавӣ» қайд гардидааст. Ин ҳолат интихоби кадрҳоро аз он шумораи ками имкониятҳо боз ҳам мушкилтар ва ихтилофҳои даруноппозитсиониро боз ҳам шидидтар намуда буд.

Илова бар ин, Созишномаи умумӣ, аз ҷумла банди 4-уми Протоколи сиёсӣ (ш.Бишкек) чунин нуктаи мураккаби дигарро низ пешбинӣ мекард, ки «номзадҳои пешниҳодшуда тибқи тавсияи ИНОТ баъди маслиҳат байни Президент ва Раиси комиссияи оштии миллӣ муайян карда мешаванд». Табиист, ки ин ҳолатҳо замони татбиқро тӯлонитар ва механизми онро мураккабтар мекарданд.

5.Дар айни замон, дар он шароити мураккаби навбоварӣ ҷобаҷоии намояндагони мухолифин дар вазифаҳои давлатӣ барои ҷониби ҳукумат ҳам осон набуд. Дар ин бора баъзе доираҳои бонуфӯзи онвақта ва ҳатто баъзе аз шарикони минтақавию байналмилалӣ низ назарҳои фарққунандаи худро доштанд. Худи Президенти кишвар борҳо ба ин нукта ишора намуда буд, ки дар ин раванди мураккаб ба чунин ҷасорати сиёсӣ қонеъ намудани баъзе аз ҳамсафон осон набуд. Масалан, чунин печидагӣ дар таъйини намояндаи мухолифин ба ниҳодҳои қудратӣ, аз ҷумла роҳбарии вазорати мудофиа пеш омада буд. Дар ниҳоят Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ба вазорат табдил дода шуда, номзади мухолифон «ба вазорати қудратӣ» ба ин симат таъйин карда шуд.

Ин буд, ки бо вуҷуди асосан амалӣ шудани бахши «тақсими вазифаҳо», ин мавзӯъ дар муҳити мухолифин то охир баҳснок боқӣ монд. Аммо агар ҷанбаи дигари масъаларо дар назар гирем, дар баъзе мавридҳо ин бахш «хеле бештар аз муқаррароти Созишнома» иҷро шуда буд, зеро бо вуҷуди ба охир расидани «давраи гузариш» низ аксари намояндагони таъйиншудаи мухолифин то солҳои зиёд, баъзеашон ҳатто то 7-10 соли дигар дар вазифаҳои давлатӣ боқӣ монданд. (Рӯйхати онҳо назди ҳамагон рӯшан аст ва ҳоҷати баршуморӣ нест.)

Ин ҳолат дигар на талаботи ҳатмии Созишномаи сулҳ, балки зарурати сиёсӣ ва ё хулосаи худи роҳбарияти ҳукумати кишвар буд.

Пас, ҳатто бо назардошти баъзе баҳсу мушкилҳои зикршуда, ҳар чор «масъалаи сиёсӣ», ки дар Созишномаи умумии сулҳи тоҷикон пешбинӣ шуда буд, дар ниҳоят дар амал татбиқ гашта, дар марҳилаи иҷрои он асосан риоят карда шуданд.

**4.Бахши дигари масъалаҳои сулҳи тоҷикон, яъне масъалаҳои муҳоҷирон** низ яке аз бахшҳои муваффақи ин лоиҳаи бузурги таърихӣ буд. Гарчи масъалаҳои муҳоҷирон қариб дар аксари ҳуҷҷатҳои сулҳ ёдоварӣ ва таъкид шудаанд, аммо «Протокол оид ба масъалаҳои муҳоҷирон» аз 13 январи соли 1997 (ш.Теҳрон), ки бахши таркибии Созишномаи умумии сулҳ ба ҳисоб меравад, онҳоро ба таври мушаххас ба таназим даровардааст.

Мувофиқи ин ҳуҷҷат ва санадҳои дигари муштарак, бастаи «масъалаҳои муҳоҷирон» дар раванди сулҳи тоҷикон, пеш аз ҳама татбиқи иқдомҳои зеринро дар бар мегирифт:

1.Бозгашти ихтиёрӣ, бидуни хавф ва шарофатмандонаи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ (аз Давлати Исломии Афғонистон ва кишварҳои узви ИДМ) ба ҷойҳои зисти доимиашон;

2.Таъмини амният, шараф ва эътибори онҳо;

3.Расонидани ёрии башардӯстона ва моддӣ ба онҳо;

4.Реинтегратсияи онҳо ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсии кишвар;

5.Иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат;

6.Обод кардани хонаю манзили онҳо;

7.Барқарор кардани ҳамаи ҳуқуқҳои ба шаҳрвандони Тоҷикистон хос;

8.Нигоҳ доштани собиқаи бардавоми меҳнатӣ;

9.Барои иштирокашон дар муқовимати сиёсӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ;

10.Бозгардонидан ва ҷобаҷоии беҷошудагони дохилӣ ва ғ.

Бо мақсади ҳалли ин масъалаҳо дар сохтори КОМ зеркомисия «оид ба масъалаи муҳоҷирон» ва ҳамчунин, ба таври иловагӣ Комиссияи муштарак оид ба кори муҳоҷирон таъсис гашта буд, ки дар ҳамоҳангӣ бо намояндагони ду ҷониб ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият менамуд.

Таҳлили тамоми маълумоти дастрас ва мушоҳидаҳои бевосита нишон медиҳанд, ки сатҳи амалӣ шудани масъалаҳои муҳоҷирон, ки дар Созишномаи умумии сулҳ пешбинӣ шудааст, нисбат ба бахшҳои дигари созишнома хеле болотар ва фарогиртар будааст. Аз ҷумла, бо иқдому барномарезиҳои ҳукумати кишвар, КОМ, зерсохторҳои дахлдори СММ ва ғ. дар ин раванд аксари масъалаҳои дар боло зикршуда ҳалли худро ёфта, садҳо ҳазор муҳоҷир ба ҷойҳои зисти доимияшон баргардонида ва ҷобаҷо карда шуданд. Ташкилотҳои байналмиллӣ ва кишварҳои маблағгузор низ ба ин масъала диққати асосӣ дода, ба ин самт кумакҳои бузурги байналмилалиро равона сохтанд.

Чун дар ин самти мушаххас, намунаҳои зиёде инъикос шуда, дастраси умум мебошанд, аз гушориши ҷузъиёти корҳои анҷомшуда худдорӣ мешавад. Умуман, ба назари аксари коршиносони соҳавӣ амалиёти фарогири бозгардонидану барқарории гурезагону муҳоҷирони тоҷик яке аз намунаҳои нодиру арзишманд дар таҷрибаи байналмилалии ҳалли чунин низоъҳо мебошад.

Албатта, ба таври табиӣ, дар рафти татбиқи ин амалиёти бузурги сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ, байналмилалӣ ва инсонӣ, ки интиқолу ҷобаҷоиву таъмини беш аз 1 миллион гурезаву муҳоҷиру беҷошударо аз дохилу хориҷи кишвар дар бар мегирифт, мушкилот ва ҳолатҳои алоҳидаи нофаҳмӣ ва ноқаноатмандӣ низ пеш меомаданд. Аз ҷумла, масъалаҳои барқарории ҳуқуқҳои меҳнатии баъзе аз муҳоҷирон, тақсими одилонаи кумакҳои башардӯстона миёни онҳо, барқарории моликият ва манзили баъзе аз онҳо, баҳсҳои маишии маҳаллӣ ва ғ. гоҳо ба мавзуъҳои баҳсу шикояти муҳоҷирони бозгашта табдил мешуданд. Аммо дар умум, бо тамоми далелҳо метавон тасдиқ намуд, ки ин раванди таърихӣ бо муваффақият татбиқ гашт. Яке аз муҳимтарин бахшҳои ҳам рамзӣ ва ҳам амалии барқарории ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон маҳз ҳамин бозгашту ҷобаҷоии гурезагону муҳоҷирини

иҷборӣ буд. Аҳаммияти миллию сиёсии ин иқдоми беназир метавонад мавзӯи мустақилли дигар бошад.

Ин ҷо низ бояд зикр кард, ки имрӯз дар хориҷи кишвар фаъолият доштани муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба он раванди гурезагону муҳоҷирони иҷбории ҷанги шаҳрвандӣ ва бозгашти онҳо дахл надошта, ҳодисаи тамоман ҷудогонаи иҷтимоиест, ки дар аксари кишвраҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла дар худи Россия ҷой дорад. Албатта, масъалаи муҳоҷирини меҳнатӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳои сиёсию иҷтимоии имрӯзи мост, аммо дар фазои иттилоотӣ бо ҳам омехтани ин ду муҳоҷирати комилан мухталиф ва ғайри қобили муқоиса мантиқӣ ва дуруст намебуд.

**ХУЛОСА**

Ҳамин тавр, «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27.06.1997 ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсию таърихӣ рисолати асосии худро дар ҳаёти сиёсӣ ва сарнавишти таърихии мардуми мо ба ҷой оварда, боиси қатъи доимии ҷанги шаҳрвандӣ, барқарории сулҳ ва оштии миллӣ, фаторасии ҳаёти осоишта ва оғози марҳилаи нави рушду эҳёи миллат ва давлати тоҷикон гаштааст. Бе ҳеҷ шубҳа ин Созишнома як санади хаётии наҷоти давлату миллати мо аз нобудиву парокандагӣ буд.

Тавре дар боло ба тарзи мушаххасу муфассал нишон дода шуд, ин Созишномаи таърихӣ аз диди ғоя ва арзишҳои дарбаргирандаи худ асосан татбиқи амалӣ ёфта, аз назари таркибу мухтавои ҷузъӣ низ дар аксари бахшҳои зикршуда ба таври комол ва дар баъзе бахшҳо дар дараҷаи болои имконпазир амалӣ шудааст. Албатта, ҳам аз назари коршиносӣ ва ҳам аз диди сиёсӣ мо метавонем намунаҳои зиёде биёрем, ки ин санад камбудиву хомиҳои зиёде доштааст, ки метавонистанд набошанд. Аммо он бо ҳамон шакле, ки худи созишнома пешбинӣ намудааст, асосан то 95% татбиқи худро ёфтааст. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар таърихи ҳалли чунин низоъҳои печидаи дохилӣ ва дар таҷрибаи татбиқи чунин санадҳои мураккаби бисёрсамтиву бисёрзинаӣ сатҳи табиқи санадҳои сулҳи тоҷикон дар минатқа ва ҷаҳон нишондиҳандаи хеле баланд ва беназир ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла худи Созмони милали муттаҳид дар матни Паёми махсуси Дабири кулли ин созмон, ин таҷрибаро ҳамчун намунаи олии амалӣ барои ҳалли низоъҳои мушобеҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф намудааст.

Албатта, табиист, ки бо вуҷуди дақиқу муфассалу ҳуҷҷативу воқеъбин будан, навиштаи ҳозир низ дар ин мавзуъ сухани ниҳоӣ набуда, дар муҳити илмию таҳлилӣ ва фазои сиёсиию иттилоотии дохилӣ ва хориҷӣ арзёбиҳои гуногуни моҳият, таҷриба ва хусусан, сатҳи татбиқи санадҳои сулҳи тоҷикон дар оянда низ ҳамчунон идома хоҳад ёфт. Аммо, сухани ниҳоии мо ин аст, ки дар айни эҳтиром ба гуногунии назарҳо дар ин боб, меъёри асосии коршиносон дар шинохти ин масъалаи мураккаб бояд маҳз арзёбии дақиқи худи матну муқаррарот ва худи сатҳи татбиқи ғоявӣ ва таркибии бандҳои худи Созишномаи умумии сулҳ бошад, ки болотар дар ҳадди имкону тавон шарҳ ёфт.

**РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БАР ҲАМАГОН МУБОРАК БОД!**

## БАРҚАРОР ГАРДИДАНИ НИЗОМИ «ТОЛИБОН» – ОҒОЗИ МАРҲИЛАИ НАВИ ТАҲДИДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**ДАВЛАТОВ С.И.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии*
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Ба андешаи муаллиф ҳаводиси Афғонистон, яъне барқарор гардидани низоми «Толибон», барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронкунанда ва ташвишовар аст. Вазъият дар Афғонистон ба амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ хатари воқеӣ эҷод мекунад: вуруди ифротгароён ва террористҳои исломӣ ба ин кишварҳо як мушкили дерин аст. Толибон, ки ба сари қудрат омаданд, аз нияти ба аморати исломӣ табдил додани Афғонистонро эълон карданд. Дар хоки Афғонистон бархӯрди манфиатҳои мамлакатҳои гуногун ба назар мерасад, ки ҳар яке ҳадафҳои аслии худро дорад. Низоми нави Афғонистон метавонад ба тамоми манзараи сиёсии Осиёи Марказӣ таъсир расонад. Давлатҳое, ки бевосита бо Афғонистон ҳамсарҳаданд, бахусус Тоҷикистон, ба вазъияти душвор дучор гардиданд.*

*Муаллиф бар он назар аст, ки Афғонистон ҳамчун як тавлидкунандаи терроризм метавонад барои бисёре аз кишварҳои минтақа, ки аз дурнамои пайдоиши «давлати исломӣ» дар «вилояти Хуросон» нигаронии ҷиддӣ доранд, ба як мушкили ҳалнашаванда табдил ёбад.*

*Муаллиф дар хулосаи хеш таъкид менамояд, ки вазъияти имрӯзаи Афғонистон ниҳоят мураккаб буда, хавфи нооромшудан ва таҳдиди он ба давлатҳои Осиёи Марказӣ басо воқеӣ аст, вале ба тамоюлҳои харобиовар муқовимат кардан зарур аст ва ин корро бояд ҳамчун ҷабҳаи ягонаи дастаҷамона анҷом дод.*

***Калидвожаҳо**: Афғонистон, толибон, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, терроризм, экстремизм, ташкилотҳои байналмилалии террористӣ-экстремистӣ, геополитика.*

## ВОССТАНОВЛЕНИЕ РЕЖИМА «ТАЛИБАН» – НАЧАЛО НОВОГО ЭТАПА УГРОЗЫ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**ДАВЛАТОВ С.И.**
*Соискатель Института философии, права и политологии*
*Национальной академии наук Таджикистана*

*По мнению автора, события в Афганистане, т.е. восстановление системы «Талибан», вызывают тревогу всего Центрально-Азиатского региона. Ситуация в Афганистане представляет реальную угрозу национальной безопасности стран Центральной Азии: проникновение в эти страны исламских экстремистов и террористов является давней проблемой. Талибы, пришедшие к власти, объявили о своем намерении превратить Афганистан в исламский эмират. На территории Афганистана происходят столкновения интересов разных стран, каждая из которых имеет свои изначальные цели. Новая система Афганистана может повлиять на весь политический ландшафт Центральной Азии. Страны, непосредственно граничащие с Афганистаном, особенно Таджикистан, оказались в сложной ситуации.*

*Автор придерживается мнения, что Афганистан как инкубатор терроризма, может стать неразрешимой проблемой для многих стран региона, серьезно обеспокоенных перспективой возникновения «Исламского государства» в «области Хорасан».*

*В своем заключении автор подчеркивает, что нынешняя ситуация в Афганистане крайне сложна, опасность нестабильности и ее угроза для стран Центральной Азии вполне реальна, но противодействовать деструктивным тенденциям необходимо и делать это следует единым коллективным фронтом.*

***Ключевые слова:*** *Афганистан, Талибан, республики Центральной Азии, терроризм, экстремизм, международные террористическо-экстремистские организации, геополитика.*

## RESTORATION OF THE TALIBAN REGIME – THE BEGINNING OFA NEW STAGE OF TERRORISM AND EXTREMISM THREAT TO CENTRAL ASIA

**DAVLATOV S. I.**

*Competitor of the Institute of Philosophy, Law and Political Science of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*According to the author, the events in Afghanistan, i.e. the restoration of the Taliban system, are alarming the entire Central Asian region. The situation in Afghanistan expresses a real threat to the national security of the Central Asian countries: the penetration of Islamic extremists and terrorists into these countries is a long-standing problem. The Taliban, who came to power, announced their intention to turn Afghanistan into an Islamic emirate. On the territory of Afghanistan there are clashes of interests of different countries, each of which has its own initial goals. Afghanistan's new system could affect the entire political landscape of Central Asia. The countries directly bordering Afghanistan, especially Tajikistan, found themselves in a difficult situation.*

*The author is of the opinion that Afghanistan, as an incubator of terrorism, can become an insoluble problem for many countries in the region, which are seriously concerned about the prospect of the emergence of an «Islamic State» in the Khorasan region.*

*In his conclusion, the author emphasizes that the current situation in Afghanistan is extremely difficult, the danger of instability and its threat to the countries of Central Asia is quite real, but it is necessary to counteract destructive tendencies and this should be done by a united collective front.*

***Keywords:*** *Afghanistan, Taliban, Central Asian republics, terrorism, extremism, international terrorist extremist organizations, geopolitics.*

Ба андешаи пажӯҳишгарон, «ягона омиле, ки эҳтимоли афзоиши ҳамлаҳои террористиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ зиёд менамояд, мавҷудияти омилҳои иртиҷогарой (радикализатсия) ва ифротгароии хушунатомез дар байни сокинони кишварҳои минтақа мебошад ва аз ин рӯ, солҳои тӯлонӣ дар ин самт мушкилот ҷой дорад»[9].

Моҳи августи соли 2021 суқути босуръати низоми ҷумҳурият дар Афғонистон ва тасарруфи ин кишвар аз тарафи «Толибон», яке аз муҳимтарин хабарҳои расонаҳои ҷаҳонӣ гардида, таваҷҷуҳи зиёди коршиносонро ҷалб намуд. Ин омил давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро ҳамчун кишварҳои ҳамҷавори Афғонистон ба вазъияти ногуворе мувофиқ намуд, зеро соли 1996, баъди бори нахустин ба сари қудрат дар Афғонистон омадани «Толибон», қаламрави ин кишвар ба пойгоҳи асосии экстремизму терроризми байналмилалӣ табдил ёфта буд. Дар натиҷа, кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳадафи ҳамлаҳои сершумори террористӣ қарор гирифта, оқибатҳои сангини ҳукмронии «Толибон»-ро таҷриба карданд.

Минтақаҳое, ки солҳои қаблӣ дар қаламрави Афғонистон зери назорати «Толибон» қарор доштанд, минтақаҳои «амне» буданд, ки роҳбарон аз созмонҳои тундрав, аз тамоми

ҷаҳон ҷамъ шуда, нақшаҳои стратегӣ таҳия мекарданд, табодули афкор менамуданд. Ин вазъият як рамзи имконияти васеи ифротиёну даҳшатафганон буд [4,93].

Бозгашти дубораи «Толибон» ба сари қудрат, аз нав нигарониҳои ҷиддии амниятиро ба далели таҳдиди густариши ақидаҳои ифротгароӣ ва афзоиши шумораи ҳамлаҳои террористӣ дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд овард.

Ба андешаи корщиносони тоҷик «ҳаракати ифротгароии динии имрӯза як роҳи нави ишғолгарӣ ва тарзи нави истеъмори кишварҳои мусулмоннишин аз тарафи баъзе давлатҳои абарқудрат мебошад. Аз ин сабаб аз тарафи тарроҳони ин ҳаракатҳои ифротии динӣ вазифаи онҳо на паҳн кардани арзишҳои исломӣ, балки маҳз ишғол кардани кишварҳои мусулмонӣ, ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсӣ дар онҳо ва сипас ба даст гирифтани сарватҳои табии онҳо муайян карда шудааст» [7,11].

Мавзуи мақолаи мазкур ба масъалаи амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ бахшида шуда, дар доираи он кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки ба суоли зерин посух пайдо намоем: оё дар пайи тасарруфи қудрат аз сӯйи «Толибон» дар Афғонистон, фаъолияти террористӣ дар Осиёи Марказӣ афзоиш хоҳад ёфт?

Дар назари аввал, се кишвари Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон дар умум, бо Афғонистон 2387 километр сарҳади давлатӣ доранд [6]. Мушкилоти марбут ба заъфи амнияти ин марзҳо дар давраи солҳои 1996 - 2001 замоне зоҳир шуд, ки «Толибон» дар Афғонистон ҳукмронӣ мекарданд ва барои созмонҳои террористии дар Осиёи Марказӣ решадошта паноҳгоҳи амн фароҳам оварда буданд.

Ҳаракати исломии Туркистон (ҲИТ) аз ин сарҳади ноустувор истифода бурда, дар ибтидои солҳои 2000 дар ҳудуди ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон як силсила ҳамлаҳои террористиро анҷом дод [9]. Мақомот ва сокинони кишварҳои минтақа оқибатҳои сангини ин ҳамлаҳоро то ҳол дар ёд доранд ва ғасби навбатии қудрат дар Афғонистон аз ҷониби «Толибон», эҳтимолияти ҳамлаҳои нави террористиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба маротиб афзоиш додааст.

Аз замони ба қудрат расидани «Толибон» соли дуюм сипарӣ шуда истодааст, вале то ҳол, вобаста ба паёмадҳои он хулосаи ниҳоӣ баровардан имконнопазир мебошад. Дар баробари ин, дар чунин вазъияти мавҷуда осонтарин кор назаре ба таърихи гузашта аст, ки ба қудрат расидани «Толибон», бешубҳа, аз лиҳози афзоиши таъсири идеологияи ифротгароӣ ва фаъолияти террористӣ ба Осиёи Марказӣ оқибатҳои харобиовар хоҳад дошт.

Ба саволи гузошташуда ҷавоби воқеию асоснок ва пешгӯйии аниқи вазъият, муносибати маҷмуавиро талаб мекунад, ки омилҳои гуногунро ба назар мегирад. Дар робита ба ин, якчанд омилҳои асосиро метавон муайян кард, ки хатари афзоиши фаъолияти террористиро дар Осиёи Марказӣ, вобаста аз ташаккули минбаъдаи вазъи сиёсию ҳарбӣ дар Афғонистони имрӯза, нишон медиҳанд.

Ба андешаи профессор Қосимшоҳ Искандаров «яке аз пайомадҳои асосии хатарноки ба сари қудрат омадани толибон ба паноҳгоҳи амн барои террористони байналмилалӣ ва ба маркази тарбияи онҳо табдил ёфтани Афғонистон аст. Марказҳои асосии террористие, ки дар Вазиристони Шимолии Покистон мавҷуданд ба шимоли Афғонистон кӯчонида мешаванд. Покистон аз соли 2014 ин нақшаро амалӣ намуда истодааст ва шимолу шарқи Афғонистон метавонад ба Вазиристони нав табдил шавад, ки таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллии Тоҷикистон аст. Аз Ироқ ва Сурия низ ҷангҷӯёни таҷрибаи ҷангӣ дида ба Афғонистон интиқол дода мешаванд ва аз эҳтимол дур нест, ки онҳо даст ба бесубот сохтан ва ҳатто ба таҷовузи мустақим бар зидди кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Тоҷикистон мезананд.

Хатари дигар барои ҷомеаи Тоҷикистон аз Афғонистони толибонӣ интиқоли мафкура ва ҷаҳонбинии толибонӣ ва доишӣ тавассути таблиғоти расонаӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошад, ки хилофи манфиатҳои миллӣ ва таҳдид ба амнияти миллии мо мебошад.

Пайомади дигари ногувор осеби ҷиддӣ ба арзишҳо, суннатҳо ва забону фарҳанги тоҷик дар Афғонистон аст. Яъне аз Толибон ва гурӯҳҳои террористии вобаста ба он ҳар таҳдидро интизор шудан мумкин аст: низомӣ, идеологӣ, фарҳангӣ, амниятӣ ва ғайра» [8].

Фаъолияти гурӯҳҳо ва созмонҳои террористии дар Осиёи Марказӣ решадошта, ки ҳоло дар Афғонистон қарор доранд, омили дигари асосӣ маҳсуб меёбад, зеро тамоюли минбаъдаи вазъият дар кишварҳои минтақа аз нақшаю ниятҳои онҳо вобаста хоҳад буд.

Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии террористӣ - экстремистӣ, аз қабили Ҳаракати исломии Туркистон (ҲИТ), Иттиҳоди ҷиҳоди исломӣ (ИҶИ), «Давлати исломӣ» ва бахши он «Вилояти Хуросон», «ал-Қоида», «Катибат Имом ал-Бухорӣ» (КИБ), «Ҷамоат-ат-тавҳид ва-л-ҷиҳод» (ҶТҶ) ва «Ҷамоати Ансоруллоҳ» (ҶА) , ки дар қаламрави Афғонистон мавқеъ гирифтаанд, метавонад хатари ҷиддӣ ба бор оварад [10].

Ҳузури чунин як гурӯҳи бузурги ҷангҷӯёни хориҷӣ дар қаламрави таҳти назорати «Толибон», ки дар баъзе мавридҳо аз ҷониби созмони муттаҳидаи террористии онҳо идора карда мешавад, воқеан, таҳдиди афзоиши фаъолияти террористиро дар Осиёи Марказӣ бештар кардааст.

Аммо, танҳо ҳузури ин гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон барои баровардани хулосаи ҷиддӣ дар бораи таҳдиди онҳо кофӣ нест. Таҳлили илмии таҷриба, нақшаҳо, пойгоҳи узвият, имконоти амалиётӣ ва равобити онҳо бо «Толибон» низ аз омилҳои муҳим дар муайян кардани дараҷаи таҳдиди онҳо ба ҳукуматҳо ва мардуми Осиёи Марказӣ мебошанд.

Он чизе, ки дар ин маврид зарур аст, омӯзиши таърихи гузашта ва имконоти кунунии тамоми созмонҳои террористӣ, дараҷаи мустақилият ва ҳадафҳои анҷом додани ҳамлаҳои террористӣ аз ҷониби онҳо дар минтақа аст. Аз ҷумла, ҲИӮ, ИҶИ, ҶА, КИБ, ҶТҶ, Давлати исломӣ ва бахши он «Вилояти Хуросон» ҳадафҳои асосии таҳлил мебошанд, зеро ин ташкилотҳо мувофиқи захираю имкониятҳои мавҷудаашон дигаргун шуданд, роҳбарият ва мақсадашон тағйир ёфтааст.

Ташкилоти хатарзои террористӣ дар Осиёи Марказӣ – Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ҳоло дар вазъияти хеле душвор қарор дошта, баъди ба ҳалокат расидани муассисони аслиаш Тоҳир Юлдошев ва Ҷумъаи Намангонӣ тавонмандиашро то андозае гум кардааст. Боиси қайд аст, ки бист сол пеш аъзои ин ташкилот дар аввалҳои солҳои 2000 бо як силсила амалҳои тахрибкорона, ҳамлаҳои мусаллаҳона ва одамрабоӣ дар кишварҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тарсу ҳарос ва харобиҳоро ба бор оварда буданд.

Соли 2015 «Толибон» роҳбари Ҳаракати исломии Туркистон Усмон Ғозӣ ва чандсад узви ин ҳаракатро барои байъат кардан ба Абубакри Бағдодӣ – роҳбари «Давлати исломӣ» ва ба ин васила, ҷонибдорӣ кардан аз душманони «Толибон» ба қатл расониданд. Айни ҳол ТТЭ ҲИӮ бо теъдоди ками узвият таҳти назорати қатъии «Толибон» қарор дошта, ба гумон аст, ки тавоноии қаблии худро барои иҷрои амалиётҳои дар нақшадоштааш ва ҳама гуна ҳамлаҳои бузург дар Осиёи Марказӣ барқарор карда тавонад.

Бархе аз созмонҳои террористие, ки ҳайаташон бо сокинони Осиёи Марказӣ иртибот доранд, ба минтақа бо иқтидор ва заминаи узвияти худ хатари фаврӣ эҷод мекунанд. Инҳо гурӯҳҳои «Катибат Имом ал-Бухорӣ», «Ҷамоат-ат-тавҳид ва-л-ҷиҳод», «Давлати исломӣ» ва бахши он «Вилояти Хуросон», «Ҷамоати Ансоруллоҳ» мебошанд.

Дар муқоиса бо ҲИӮ ва ҶА, ки ғарази тағйир додани низомҳои давлатҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро доранд, КИБ ва ҶТҶ-и вобаста ба «ал-Қоида», ки асосан аз ӯзбекҳо, тоҷикон ва уйғурҳо иборат мебошанд, аз ҷиҳати ақидавӣ ва ҷисмонӣ ба ҷиҳоди ҷаҳонӣ барои эҷоди хилофати ҷаҳонӣ муттаҳид шуда, айни замон дар вилояти Идлиби Сурия бар зидди сарбозони Башор Асад ва низомиёни эронӣ меҷанганд.

Дар ҳоли ҳозир ин созмонҳои террористӣ ба як ҷиҳоди бузурге, ки барои бунёди давлати фаромиллӣ тасмим гирифтааст, нигаронида шуда, дар даргириҳои низомии хориҷа ширкат доранд.

Вале ин нукта ҳаргиз маънои онро надорад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳадафи ин созмонҳо қарор надоранд, балки танҳо таъкид мекунад, ки анҷоми ҳамлаҳои террористӣ дар минтақа дар нақшаҳои минбаъдаи онҳо пешбинӣ гардидааст. Давлати исломӣ ва бахши он «Вилояти Хуросон», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», ки шумораи қобили мулоҳизаи ҷангҷӯёни

хориҷӣ аз Осиёи Марказиро низ дар бар мегиранд, баъди ба сари қудрат омадани «Толибон» аз нав мавқеъ пайдо карда, аъзои парокандаи худро ҷамъ оварда истодаанд, ки имконияти онҳоро барои анҷоми ҳама гуна ҳамлаҳои бузурги террористӣ дар Осиёи Марказӣ зиёд менамояд.

Созмони дигаре, ки дар кишвари Ӯзбекистон реша дорад, Иттиҳоди ҷиҳоди исломӣ (ИҶИ) буда, бо «Толибон» равобити зич дорад. Вақте ки ҲИӮ дар соли 2015 ба ДИ пайваст гардид, собиқ раҳбарони ҶИА ба самти муқобил рафтанд ва ба амири «Толибон» мулло Ахтар Муҳаммад Мансур байъат карданд. Ба ғайр аз ин, қӯшунҳои ИҶИ ба «Толибон» барои торумор кардани артиши Афғонистон ва ба зери назорат гирифтани нуқтаи стратегии шимол – шаҳри Мазори Шариф дар моҳи августи сол 2021 кумак карданд [9].

Дар тӯли ин солҳо ИҶИ шумораи зиёди ҷангиёни омӯзонидашударо ҷамъ овард, ки таҷриба ва малакаи гузаронидани ҳама гуна ҳамлаҳои террористиро доранд. ИҶИ дар соли 2004 замоне дар саросари ҷаҳон интишор гардид, ки аъзои он дар Ӯзбекистон чанд ҳамлаи террористӣ, аз ҷумла дар сафоратхонаҳои ИМА ва Исроил дар Тошканд анҷом доданд.

Ҳузури ИҶИ дар Афғонистон ҳамчун як созмони террористии дар Осиёи Марказӣ решадошта, ки ҳамлаҳои сершумори террористро анҷом дода, бо «Толибон» равобити наздик дорад, албатта давлатҳои Осиёи Марказиро бояд нигарон кунад.

«Ҷамъияти Ансоруллоҳ» (ҶА), ки аксарияти аъзояш тоҷикон мебошанд, солҳои қаблӣ дар Тоҷикистон чанд ҳамлаи террористӣ, аз ҷумла воридсозии мошини бо воситаҳои тарканда ҷиҳозонидашударо ба бинои Раёсати минтақавии мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили ВКД ҶТ дар вилояти Суғд ва муноқишаҳои ҷангӣ бо неруҳои ҳукуматӣ дар ҳудуди ноҳияи Нурободи водии Рашт (соли 2011) анҷом дода буд. ҶА, ки имрӯз бо номи «Ҳаракати толибони тоҷик» низ маъруф аст, як созмони террористии наздик ба ҳаракати «Толибон» мебошад.

Тибқи иттилои баъзе расонаҳо «Толибон» ба ивази кумак дар шикаст додани артиши Ҳукумати ҶИА, моҳи июни соли 2021 масъулияти назорати минтақаҳои Куфоб, Хоҳон, Моймай, Нусай ва Шикайи вилояти Бадахшон, воқеъ дар қисмати шимолии марзи Афғонистону Тоҷикистонро ба ихтиёри қумандони саҳроии «Ҷамоати Ансоруллоҳ» – шаҳрванди ҶТ Шарифов Муҳаммад (бо тахаллуси «Маҳди Арсалон»), гузоштанд.

Воқеан, хатару таҳдидҳои ҶА ба Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, нигаронкунанда аст, зеро ҳадафи аслии ин созмон аз байн бурдани сохти конститутсионии ин кишвар аст. ИҶИ ва ҶА бо «Толибон» робитаҳои наздик доранд ва ин омил дар ояндаи наздик дар қаламрави Афғонистон барои бемалол будубош намудани онҳо, омӯзиши ҷангиёни худ ва пешбурди ҳадафҳои террористиашон боиси дастгирӣ ёфтанашон мегардад.

Ин ҳолат, бешубҳа ба вазъи амнияти минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Ҳузури ИҶИ ва ҶА дар Афғонистон дурнамои эҳтимолияти афзоиши ҳамлаҳои террористӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2019 бо нигаронӣ аз вазъият дар кишвари ҳамсоя нуқтаи назари худро вобаста ба таҳдидҳои терроризми замони муосир чунин таъкид карда буд: «Инсоният дар симои терроризми байналмилалӣ бо душманони бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, баъди расидан ба ҳадафҳои худ, аз ягон ваҳшиёнат рӯй намегардонанд» [5].

Нуктаи дуюми муҳим ин аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон доранд, ба вазъи ояндаи амниятӣ таъсир расонанд. Ин, пеш аз ҳама, аз қобилияти мақомоти минтақавӣ дар ташхиси мушкилот, муайян кардани омилҳое, ки ба радикаликунонӣ ва ифротгароии хушунатомез оварда мерасонанд, таҳия ва татбиқи маҷмуи чораҳои ҳамаҷониба оид ба пешгирӣ ва муқовимат бо ифротгароии хушунатомез вобаста хоҳад буд.

Албатта, ба сари қудрат расидани «Толибон», ки ифротгароён дар саросари ҷаҳон онро бо фаҳмиши худашон пирӯзӣ бар «кофирон» медонанд, бешубҳа, ба ифротгароёни Осиёи Марказӣ таъсир хоҳад гузошт. Ҳанӯз қабл аз сарнагунии ҳукумати Афғонистон аз ҷониби «Толибон» низ, онҳо манбаи илҳом барои ифротгароёни минтақа, ба мисли «Ҷайш ал-Маҳдӣ», созмони террористӣ дар Қирғизистон, ки роҳбарону аъзояш ба роҳбари пешини «Толибон» Мулло Умар байъат карда буданд, маҳсуб меёфтанд.

Аммо ба аҳамияти шароити маҳаллӣ, махсусан ҳангоми ба назар гирифтани таҳдиди паҳншавии идеологияи ифротгароёна баҳо додан душвор аст. Радикаликунонӣ ва ҷалби аҳолӣ ба созмонҳои ифротӣ дар пасманзари вазъи душвори иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ сурат мегирад ва Осиёи Марказӣ аз ин падида истисно нест.

Мардуми Осиёи Марказӣ «аслбохта» ё мағзшуста нестанд, ки дар ҳолати аз террористони муқими Афғонистон фармон гирифтан, омода бошанд, нисбат ба қавмҳои худ ҳамла анҷом диҳанд. Чӣ гуна кишварҳои Осиёи Марказӣ ба мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии мардум эътибор медиҳанд ва то чӣ андоза таваҷҷуҳи мардумро дар мубориза бар зидди ифротгароии хушунатомез ҷалб мекунанд, омили дигари муҳим дар пешгӯйии шиддатёбии фаъолияти террористӣ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Новобаста аз тадбирҳои дар самти мубориза бар зидди ифротгароии хушунатомез аз ҷониби кишварҳои Осиёи Марказӣ андешидашуда, хукмронии нисбатан дурударози «Толибон» дар Афғонистон метавонад минбаъд низ ҳамчун «як манбаи илҳом» барои иртиҷогароёни минтақа бошад, ҳамзамон, барои афзоиши эҳтимолии иртиҷогароӣ, ҷалб ба созмонҳои ифротгаро ва ниҳоят ҳамлаҳои террористӣ ҳамчун ҳушдор хизмат кунад.

Сатҳи таҳдиди террористӣ аз Афғонистонро вазъи геополитикӣ ва ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар субъектҳои бонуфузи минтақа ва байналмилалӣ бо «Толибон» муайян хоҳад кард.

Бо дарназардошти он ки мавқеи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дарояндаи наздик дар Афғонистон заиф гаштааст, Русия, Чин, Эрон ва Покистон метавонанд бузургтарин бозигарон дар манзари нави геополитикӣ гарданд, ки сарнавишти низоми «Толибон» ва дар маҷмуъ, тақдири Афғонистонро аз нигоҳи худ ҳал хоҳанд кард, яъне метавонанд, онро ё ба як майдони тавлиди терроризми байналмилалӣ ё кишвари босуботе, ки қодир бошад, ба ҳамсоягони худ кафолатҳои амниятиро дода тавонад, табдил диҳанд.

Баръакси бори аввал, ки «Толибон» Афғонистонро ишғол карданд ва ба таври қатъӣ нисбат ба ҳамсоякишварҳо ҳамчун душман муносибат намуданд, давлатҳои Осиёи Марказӣ аз замони ба қудрат расидани «Толибон» дар моҳи августи соли 2021, бархӯрди хеле дигарро пеш гирифтанд. Ҳарчанд ҳеҷ яке аз кишварҳои минтақа ҳукумати «Толибон»-ро ба расмият нашинохтаанд, аммо тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба ҷуз Тоҷикистон, бо «Толибон» робита барқарор карда, зимни гуфтушунидҳо ошкоро изҳор доштанд, ки ба ҳамкорӣ манфиатдоранд.

Туркманистон ва Ӯзбекистон ба ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса доранд, зеро Афғонистон ба онҳо имкони стратегӣ барои тиҷорат ва роҳҳои транзитӣ, ки Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро мепайвандад, фароҳам меорад. Қирғизистон ва Тоҷикистон аз тариқи шабакаи бузурги барқи CASA-1000, ки ба ду кишвар имкон медиҳад, ба Афғонистон ва Покистон неруи барқ содир кунанд, ба Афғонистон таваҷҷуҳ доранд.

Ӯзбекистон бовар дорад, ки Афғонистон ба ин кишвар дар ҳалли мушкили худ бо роҳи дастрасӣ ба бандарҳои Карочии Покистон барои тиҷорат ва транзит кумак хоҳад кард. Туркманистон низ ба Афғонистони босубот манфиатдор аст, зеро лоиҳаи лӯлаи газу нафти ТАПҲ (Туркманистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон) ба кишвар имкон медиҳад, ки ба бозорҳои нави бузург ворид шавад ва содироти газу нафтро ба роҳ монад [1,93]. Ҳамин тариқ, таҳлили маводи ВАО нишон медиҳад, ки ҳамкории пайваста бо «Толибон» ба манфиати ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва таъмини суботи низоми онҳост.

Ба ғайр аз баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ, Россия кафили аслии амнияти Осиёи Марказӣ аст ва бо «Толибон» барои назорати беҳтари вазъ талош мекунад. Албатта, барои чунин ширкат ва дастгирӣ шояд «Толибон» ваъдаҳои бекафолат диҳанд, ки созмонҳои террористиро аз Афғонистон берун мекашанд ва аз анҷоми амалҳои террористӣ аз қаламрави Афғонистон пешгирӣ мекунанд.

Ҳамзамон, Русия ва Чин низ манфиатҳои геосиёсии худро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ роҳандозӣ менамоянд. Аз ҷумла, Русия дар Қирғизистон ва Тоҷикистон ду пойгоҳи низомӣ дорад. Чин низ воқеан дар Тоҷикистон манфиатҳои худро амалӣ месозад.

Чунин хулоса кардан мумкин аст, ки тасарруфи Афғонистон аз ҷониби «Толибон» боиси афзоиши бесобиқаи фаъолияти террористӣ дар Осиёи Марказӣ хоҳад гашт.

Созмонҳои террористии мустақар дар Афғонистон, ки қодир ба анҷоми ҳамлаҳои террористӣ ҳастанд, ба назар мерасад, ки таҳти назорати «Толибон» қарор доранд, аммо ноустувории низоми пешакардаи давлатдории онҳо, ки зулму асоратро бар асари қавмгароӣ ва мазҳабгароӣ ба сари мардум бор кардааст, ҳар лаҳза метавонад вазъиятро тағйир диҳад.

Ба назар чунин мерасад, ки баъзе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба истиснои Тоҷикистон) бо барқарор кардани муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо «Толибон» ва дар робита бо бозигари асосӣ аз зумраи абарқудратҳо, умедворанд, имкониятҳои ҷониби

«Толибон»-ро барои саркӯб кардани созмонҳои гуногуни террористии ба Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳдошта сафарбар намуда, аз он натиҷаҳои мусбат ба даст оваранд. Бо ин роҳ, қудратҳои Осиёи Марказӣ ва минтақавӣ кӯшиш доранд бо «Толибон» уҳдадориҳои иқтисодиро ба кафолатҳои амниятӣ иваз кунанд.

Дар ин масир, ягона омиле, ки метавонад ҳамлаҳои террористиро дар минтақа афзоиш диҳад, ин эҳтимолияти коҳишёбии минбаъдаи сиёсатҳои ҷории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо радикаликунонии ҷомеа ва ифротгароии хушунатомези он мебошад.

Дар робита ба ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд ба тавсияҳои зерин таваҷҷуҳ кунанд:

1. Баррасӣ ва тақвиятбахшии стратегияҳои миллии пешгирӣ ва муқовимат бо ифротгароии хушунатомез.

2. Пурзӯр ва ҳамоҳанг намудани ҳамкориҳои хадамоти махсус, мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои минтақа дар мубориза бар зидди фаъолияти тахрибии «Толибон» ва ТБЭТ-и дар ҳудуди Афғонистон масканёфта (ин имкон медиҳад, ки вазъи амниятӣ пайгирӣ гардида, «Толибон» зери таъсири фарогир бошанд, то ки назорати қатъии созмонҳои террористии ба Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳдошта ба роҳ монда шавад).

3. Роҳандозии сиёсати амниятӣ бар асоси он, ки «Толибон» як гурӯҳи шӯришгари низомӣ буда, таърихи қаблӣ ва таҷрибаи дарозмуддати сулҳомезу босуботи идоракунии давлатро надоштааст.

Мавқеи раҳбарияти «Толибон» шояд ба ҳукумати осоиштаи кишвар орзу кунанд, аммо сохтори асосии он аз ҷангҷӯёни сахтгир иборат буда, қаламраваш пур аз гурӯҳу созмонҳои террористӣ аст, ки аъзои онҳо ба ғайр аз иштирок дар ҷанг дар давоми бист соли охир, дигар коре накардаанд. Дар амал, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ин маънои пурзӯр намудани ҳифзи боэътимоди Сарҳади давлатӣ бо Афғонистон ва тавсеаи тавонмандиҳои ниҳодҳои миллии зиддитеррористӣ хоҳад буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар байни дигар кищварҳои минтақа дар сархати таҳдидҳои низоми имрӯзаи Афғонистон қарор дорад, бояд ҳамагуна тадбирҳои заруриро барои пойдор нигоҳ доштани тинҷию оромӣ ва сулҳу суботи мамлакат андешад.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоҳи Раҳнамо. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 93.
2. Ежов, Г. П. Афганистан. Краткий биографический справочник / Г. П. Ежов. — Москва : Ключ С, 2002. — 438 с.
3. Коргун, Виктор Григорьевич. Афганистан: политика и политики / / В. Г. Коргун; Ин-т востоковедения РАН, Центр стратег. и полит. исслед. –Москва : ИВ РАН 1999 – 139 с.
4. Қосимшоҳ Искандаров. Афғонистон: толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 128с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12. 2019.
6. Фипаник А.О., Арунова М.Р. Ближний Восток и современность. – М., 2008. – 494с.
7. Х. Холиқназар, А. Раҳнамо. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар чист? – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 75с.

**Сарчашмаҳои электронӣ:**

8. Толибон кистанд, аз куҷо пайдо шудаанд? Пуштибони онҳо кӣ буд ва кӣ аст? Мусоҳибаи ихтисосии Адолати Мирзо сардабири «Миллат» бо доктори илмҳои таърих, професссор, раиси Маркази мутолиоти Афғонистон ва минтақа Қосимшо Искандаров [Захираи электронӣ]: http://millat.tj/articles/musohiba/ (санаи муроҷиат: 03.05.2023).
9. Нурбек Бекмурзаев. Приход к власти Талибан в Афганистан и угрозы терроризма в Центральной Азии. [махзани электронӣ]: https://cabar.asia/ru/ (санаи дастрасӣ: 04.05.2023).
10. Дмитриева Е.Л. Влияние прихода Талибов к власти в Афганистане на ситуацию в республиках Средней Азии. [махзани электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/ (санаи муроҷиат: 04.05.2023).

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ «ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА» ВА ҶУЗЪҲОИ АСОСИИ ОНҲО

**РАСУЛОВ Қ.С.**

*Унвонҷӯи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола методологияи ташкил ва гузаронидани «инқилобҳои ранга» ва ҷузъҳои асосии онҳо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки баъди фурӯпошии Иттифоқи Шӯравӣ ИМА амалан ба абарқудрати ягонаи пурзӯр аз нуқтаи назари сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ табдил ёфтанд, ки қодир буд бидуни ба назар гирифтани анъанаҳо ва хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ, динии рушди ин ё он мамлакат арзишҳои демократии худро дар он барқарор намояд. Қайд шудааст, ки рӯйдодҳҳое, ки «инқилобҳои ранга» ном гирифтаанд, ба таври низомнок дар муддати вақти кӯтоҳ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба вуҷуд омадан гирифтанд. Ба дурдастии минтақавӣ нигоҳ накарда, онҳо аз рӯйи сужа, марҳилаҳои рушд, технологияҳо, усулҳои сафарбаркунии аҳолӣ ва ғайра ба ҳамдигар шабоҳат доштанд. Хулоса карда мешавад, ки ба ном «инқилобҳои ранга» ҳамчун барнома барои таъсиррасонӣ ба ин ё он низомҳои сиёсие ба ҳисоб рафта, дар заминаи онҳо асосҳо ва усулҳои умумии методологӣ ва методие қарор гирифтаанд, ки аз ҷониби олимони амрикоӣ С. Ҳангтингтон, Зб. Бзежинский, Ҷ. Шарп ва Ҷ. Най таҳия шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *методология, «инқилоби ранга», ИҶШС, ИМА, сиёсӣ, табаддулоти забон, дин, тамаддун, «хатҳои шикаст», васоити ахбори омма, ҳаёти сиёсӣ, демократия.*

# МЕТОДОЛОГИЯ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ «ЦВЕТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ» И ИХ ОСНОВНЫЕ КОМПОНЕНТЫ

**РАСУЛОВ К.С.**

*Соискатель отдела политологии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье исследуются и анализируются методология организации и проведения «цветных революций», их основные компоненты. Автор подчеркивает, что после распада Советского Союза США стали практически единственной мощной в политическом, экономическом и военном отношении сверхдержавой, способной устанавливать свои демократические ценности в той или иной страны без учета ее традиций, национальных, культурных и религиозных особенностей. Отмечено, что события, называемые «цветными революциями», стали систематически возникать в короткие сроки в разных регионах мира. Несмотря на региональную удаленность, они были схожи между собой по тематике, этапам развития, технологиям, методам мобилизации населения и т. д.*

*Делается вывод о том, что так называемые «цветные революции» рассматриваются как программы воздействия на ту или иную политическую систему, на их основе заложены общие методологические принципы и методы, которые были разработаны американскими учеными С. Хантингтон, Зб. Бжезинский, Дж. Шарп и Дж. Най.*

*Ключевые слова: методология, «цветная революция», СССР, США, политический переворот, язык, религия, цивилизация, «линии разлома», средства массовой информации, политическая жизнь, демократия.*

# METHODOLOGY FOR ORGANIZING AND IMPLEMENTATION «COLOR REVOLUTIONS» AND THEIR MAIN COMPONENTS

**RASULOV K.S.**
*Applicant for the department of political science of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of sciences of Tajikistan*

*The article explores and analyzes the methodology for organizing and implementation «color revolutions», their main components. The author emphasizes that after the collapse of the Soviet Union, the United States became practically the only politically, economically and militarily powerful superpower capable of establishing its democratic values in a particular country without taking into account its traditions, national, cultural and religious characteristics. It is noted that the events called «color revolutions» began to systematically occur in a short time in different regions of the world. Despite their regional remoteness, they were similar in terms of topics, stages of development, technologies, methods of mobilizing the population, etc. It is concluded that the so-called «color revolutions» are considered as programs to influence one or another political system, they are based on general methodological and methodological principles and methods that were developed by American scientists S. Huntington, Zb. Brzezinski, J. Sharp and J. Nayy.*

***Key words:*** *methodology, «color revolution», USSR, USA, political coup, language, religion, civilization, «fault lines», mass media, political life, democracy.*

Пас аз пошхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ, ИМА амалан ба абарқудрати ягонаи пурзӯр аз нуқтаи назари сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ табдил ёфт, ки қодир буд, ба инкишофи равандаҳои ҷаҳон таъсир расонад ва ин ба маъмурияти ҳокими ин мамлакат имкон дод, на танҳо ғояи сохти яккутбии ҷаҳонро дар ҳаёт татбиқ намояд, балки инчунин дар аксари мамлакатҳо демократияро тибқи намунаи амрикоӣ, бидуни ба назар гирифтани анъанаҳо ва хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ, динии рушди ин ё он мамлакат барқарор намояд. Ғояи таҳмилии «содироти демократия» роҳбарони ИМА ва як қатор давлатҳои аврупоиро ба истифодаи усулҳои гуногун барои ноил шудан ба мақсади матлуб, барои татбиқи сиёсати худ такон медод. Дар баъзе ҳолатҳо, тавре ки ин дар Югославия ва Ироқ ҷой дошт, мамлакатҳои ғарбӣ ба дахолати бевоситаи низомӣ рӯ меоварданд, дар ҳолатҳои дигар, вақте ки амалиётҳои ҳарбӣ боиси муваффақият намегардиданд, воситаҳои дигари сарнагун сохтани ҳукуматҳо ва иваз кардани онҳо бо ҳукуматҳои созгор, пеш аз ҳама, сармояи ғарбӣ истифода мешуданд.

Агар ивазкунии режимҳои коммунистӣ дар Аврупои Ғарбӣ дар натиҷаи «инқилобҳои бахмалӣ» ба вуқуъ пайваста, аз тағйир додани сохти ҷамъиятӣ иборат буд, пас дар марҳилаи минбаъдаи татбиқи сиёсати худ Ғарб ба омодасозӣ ва татбиқи ба ном «инқилобҳои ранга» рӯ меовард, ки дар натиҷаи онҳо ба қудрат ходимони сиёсие меомаданд, ки пурра ба дастгирии молиявӣ ва дипоматии мамлакатҳои ғарб такя мекарданд.

«Инқилобҳои ранга»-и дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон дар оғози ҳазорсолаи нав ба вуқуъомада, аллакай на танҳо ба қисми таърих табдил шуданд, балки инчунин боиси мулоҳизаронихо оид ба сабаби онҳо гардидаанд. Ҳамчун хусусияти фарққунандаи табаддулотҳои сиёсие, ки дар як қатор давлатҳои аврупоӣ, осиёӣ ва африқоӣ ба вуқуъ омаданд, вайроншавии қолиб дар бораи бухрони «болоиҳо» ва «поёниҳо», «қувваҳои ҳаракатдиҳанда» ва омилҳои дигар гардиданд, ки дар илм ба заминаҳои «объективӣ» ва «субъективӣ»-и инқилобро тавлидкунанда баён карда мешуданд.

Табаддулоти сиёсии ки инқилоб номидашаванда, дигар ба сифати маҷмуи сабабҳое, ки барои тағйир додани сохт заминавӣ мебошанд, қабул нашуда, балки як навъ спектакли зудгузарандаи сиёсро бо сужаи фоҷеавӣ ба хотир меоварад, ки дар он, новобаста аз мавқеи

географии давлат, хусусиятҳои низоми сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳодисаҳое ба вуқуъ мепайвастанд, ки дорои қонуниятҳои умумӣ дар пайдоиши ихтилофот ва муноқишаҳо, гузариши онҳо ба марҳилаи норизоятӣ нисбат ба сарварон ва низоми мавҷудаи сиёсӣ ва сипас тағйир додани худи низом буданд [5].

«Инқилоб» нишонаҳои анъанавии худро аз даст дода, ба технологияе табдил ёфтааст, ки аз он фақат ном боқӣ мондааст. Дар ҷаҳон вақти «инқилобҳои технологӣ»-и манипулятивӣ фаро расидааст, ки дар онҳо васоити ахбори омма ва воситаҳои технологияҳои мусоири иттилоотию коммуникатсионӣ нақши махсусро мебозанд [3].

Рӯйдодҳое, ки «инқилобҳои ранга» ном гирифтаанд, ба таври низомнок дар муддати вақти кӯтоҳ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба вуҷуд омадан гирифтанд. Дар ин зимн, ба дурдастии минтақавӣ нигоҳ накарда, онҳо аз рӯйи сужа, марҳилаҳои рушд, технологияҳо, усулҳои сафарбаркунии аҳолӣ ва ғайра ба ҳамдигар шабоҳат доштанд. Яке аз хусусиятҳои ин равандҳо аз он иборат аст, ки заминаи асосии онҳо на мубориза барои стандартҳои нави иҷтимоӣ ва неъматҳои иқтисодӣ, балки талаботе мебошанд, ки, дар навбати аввал, ба ҳуқуқ ва ҳаёти маънавии одамон тааллуқ доранд. Дар рафти омодасозии чунин рӯйдодҳо масъалаҳои «интихобӣ тамаддунӣ» ва на беҳтарсозии назарраси зиндагии оммаи асосии аҳолӣ ҳал карда мешаванд. Дар хати «шикастҳои тамаддунӣ» равандҳое ба вуқуъ омаданд, ки низомҳои сиёсиро бесубот мегардониданд. Масъалаҳои забон, дин, фарҳанг ва анъаанаҳо нақши асосиро дар онҳо мебозиданд [4, с. 270-284].

Дар баробари давраи зуди «пухта расидан», ба «инқилобҳои ранга» боз як хусусияти хеле мусолиҳатомезона ва ғайризӯроварона хос мебошад.

Дар ҳамаи «инқилобҳои ранга» нақши махсус ба дин ва масҷид ҷудо карда мешавад, ки дар даҳсолаҳои охир ба яке аз асбобҳои муҳимтарини ноил шудан ба мақсадҳои сиёсӣ истифодашаванда мубаддал шудааст. Аз ин ҳодисаҳои марбут низои Югославия шаҳодат медиҳад, ки дар рафти он ихтилофоти қавмӣ ва сиёсӣ боиси тезутундшавии муноқишаи мазҳабӣ гардиданд. Ин барои ҳодисаҳои Эрон, Ироқ, Сурия, Либия, Қафқози Шимолӣ, Тоҷикистон ва кишварҳои дигар хос мебошад. Ин барои «инқилобҳо»-е, ки дар кишварҳои Мағриб ба вуқуъ пайваста, дар он ҷо ба сари қудрат гурӯҳи исломгароён омаданд, низ хос буд.

Ҳамин тариқ, «инқилобҳои ранга» ин падидае мебошад, ки танҳо тӯли якчанд сол ба вуҷуд омада бошад ҳам, аммо аллакай самарабахшии худро ҳангоми ҳалли вазифаҳои мураккаби сиёсӣ собит сохтааст.

Ноил шудан ба мақсади мушаххас ҳангоми ҳалли вазифаҳои таҳаввули ҷомеа бидуни мубрамсозии мушкилот ва роҳҳои бартараф кардани онҳо имконнопазир аст. Ин, дар навбати худ, ташаккули ақидаи ҷамъиятиро нисбат ба нухбагон ва сарварон, инчуннн он қисми аҳолие, ки низоми мавҷударо дастгирӣ мекунад, талаб мекунад. Ба ин зимни истифодаи усули кӯҳнаи тақсими одамон аз рӯйи принсипи – «худӣ» – «бегона» ноил шудан мумкин аст.

Дихотомияи «худӣ» – «бегона» падидаест, ки ҳаёти инсониятро дар тӯли тамоми ҳастиаш ҳамроҳӣ мекунад. Бо таҳқиқи он намояндагони мактабҳои гуногуни илмӣ: файласуфон, мардумшиносон, равоншиносон, забоншиносон, фарҳангшиносон, ҷомеашиносон ва дигарон (Н.Д. Арутюнова, Э. Бенвенист, Н.Н. Болдирев, Т.А. ван Дейк, В.В. Красних, Ю.М. Лотман, Ю.С. Степанов, В.И. Шаховский ва даҳҳо муаллифони дигар) машғуланд.

Агар ба ҷузъиёти ҳамаи таҳқиқотҳое, ки падидаи дихотомияро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа тавсиф мекунанд, амиқ нарафта, ин ба сатҳи технологияҳои дасткорие, ки дар сиёсат барои ташаккули навъи муайяни шахсият, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва этникӣ, таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, мубрамсозии тамоюли миллию фарҳангӣ ва ҷаҳонбинона истифода

мешаванд, интиқол дода шавад, он гоҳ дар ин муқобилгузорӣ дар муддати вақти кӯтоҳ на танҳо унсурҳои беҳурматӣ ё номақбули «бегона»-ро ташаккул додан мумкин аст, балки инчунин дар «худӣ» омодагиро барои муқобала ва ҳатто зӯровариро нисбат ба низоми «бегона» ва нухбагони он ташаккул додан мумкин аст.

Сабаб дар он ниҳон аст, ки арзёбии сатҳие, ки ба меъёрҳои умумиинсонии фарҳангӣ такя мекунад, мавҷудияти баъзе хусусиятҳои манфиро дар «худӣ» ва баъзе хусусиятҳои мусбатро дар «бегона» роҳ медиҳад, аммо арзёбии амиқи марбут ба архетипи заминавӣ ҳамеша «худӣ»-ро аз тариқи категорияи мусбат ва «бегона»-ро бошад, аз тариқи категорияи манфӣ муайян хоҳад кард.

Ҳамчун заминаи амалҳои радикалӣ ва экстремистӣ ҳамеша инкори «бегона» дар асоси арзёбиҳои амиқ ба ҳисоб меравад. Номақбулии «бегона» имкон медиҳад, ки қисми асосии ҷомеаи «худӣ» ба зарурати муқобилият ба «бегона» муътақид кунонида шуда, ангезаҳои аслии таҷовуз пинҳон карда шаванд. Он ҳамчун асос барои муттаҳидсозии ҷомеа ва радикаликунонии он табдил ёфта, ҳамеша сабабҳои таҷовузро ҳам нисбат ба «душман»-и беруна, ҳам дохилӣ асоснок мекард. Номақбулии «бегона» на танҳо беҳураматӣ нисбат ба соҳибони фарҳанг ва низоми муқобили арзишҳоро ба вуҷуд меоварад, балки инчунин имкон медиҳад, ки ҷомеа барои муқобалаи фаъол бар зидди «бегона» сафарбар карда шавад. Инкори «бегона» имкон фароҳам меоварад, ки зӯроварӣ, ғоратгариҳо ва кушторҳои дар давраи юришҳо ва ҷангҳои гуногуни ғосибона амалишуда асоснок карда шаванд.

Худи ҳамин унсурҳои ҳаёти маънавии одамон ҳангоми ташкили табаддулотҳо мубрам мегардиданд, ки «инқилобҳо» номида шуда, дар рафти онҳо низоми сиёӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ на танҳо таҷзия ё куллан дигаргун карда мешаванд, балки инчунин нобудсозӣ ё дигаргунсозии як арзишҳо, анъанаҳо, боварҳои динӣ ва ивазшавии онҳо ба дигариҳо ба амал меоянд. Дар раванди табаддулоти инқилоб инкори унсурҳои зиёди «гузашта» ба амал омада, фишор ва таъқиботе, ки, чун қоида, ба террор мубаддал мешаванд, нисбат ба соҳибони арзишҳои «бегона» содир карда мешаванд.

Пас аз таҷзияи ниҳоии низоми сотсиализм, барои Ғарб масъалаи эҷоди низоми нави сохти ҷаҳон ва таҳияи технологияҳои нави сиёсӣ барои идоракунии минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва, дар навбати аввал, давлатҳои нави мустақил, ки пас фурӯпошии ИҶШС ба вуҷуд омада буданд, мубрам гардид. Методҳои бурдани муборизаи ду низом, ки дар муқобала дар соҳаҳои ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асос ёфта буданд, бинобар аз байн рафтани яке аз субъектҳои мубориза дигар кор намекарданд. Муносибатҳои нав ба идоракунӣ ва дасткорӣ на танҳо нисбат ба ташкилотҳои нави сиёсӣ, балки инчунин нисбат ба ҳудудҳои зиёде, ки ба гузаронидани сиёсати аз Ғарб мустақил шуруъ карда буданд, талаб мегардиданд.

Баъди бартараф кардани «таҳдид аз Шарқ», дар Ғарб миқдори зиёди интишороти бахшида ба масъалаҳои ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ аз гап баромад. Аммо дар миёни онҳо ду асарро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар ташаккули технологияҳои нави сиёсӣ, ки ҳамчун методология ҳангоми омодасозии «инқилобҳои ранга» ба ҳисоб меараванд, нақши муҳимро бозиданд. Сухан дар бораи асарҳои директори Институти таҳқиқотҳои стратегии ба номи Ҷ.Олини назди Донишгоҳи Ҳарвард, профессор С. Ҳангтингтон «Бархӯрди тамаддунҳо» [7] ва Зб. Бзежинский «Тахтаи бузурги шоҳмот» [2] меравад, ки дар ИМА дере нагузашта, пас аз барҳам додани сотсиализм ба нашр расида буданд. Азбаски дар лаҳзаи нашри китобҳои мазкур Зб. Бзежинский ва С. Ҳангтингтон мушовирони нухбагони олии сиёсии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба ҳисоб мерафтанд, тасдиқ кардан мумкин аст, ки ғояҳои дар ин корҳо баёншуда яке аз самтҳои доктринаи стратегии ИМА-ро ташкил медиҳанд.

Ғояҳои асосии С.Ҳантингтон аз он иборатанд, ки нақши махсусро ҳангоми таҳияи стратегия набояд шаклҳои анъанавии муқобалаи низомҳои сиёсӣ бозанд, – минбаъд он бо

муқобалаи тамаддунҳо, ихтилофоте муайян мешавад, ки дар минтақаҳои гуногуни олам ба вуҷуд омада, тобишҳои мансубияти этникӣ ва нажодиро касб карда, сиёсати глобалӣ бошад, ба сиёсати муносибатҳои тарафайн миёни тамаддунҳо табдил меёбад.

Ба ақидаи С.Ҳантингтон, одамон худро бо истифода аз чунин мафҳумҳои заминавӣ, ба монанди пайдоиш, дин, забон, таърих, арзишҳо, одатҳо ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ айният медиҳанд. Ӯ қайд мекунад, ки ҳар як шахсият «худро бо гурӯҳҳои фарҳангӣ: қабилаҳо, гурӯҳҳои этникӣ, ҷамоатҳои динӣ, миллатҳо ва – дар сатҳи васеътарин – бо тамаддунҳо айният медиҳанд. Тамаддун умумияти олитарини фарҳангии одамон ва сатҳи васеътарини айнияти фарҳангӣ, ба ғайр аз он, ки инсонро аз навъҳои дигари биологӣ фарқ мекунонад, ба шумор меравад. Он ҳам бо унсурҳои умумии объективӣ, ба монанди забон, таърих, дин, одатҳо, ниҳодҳои иҷтимоӣ, ҳам бо худайниятдиҳии одамон муайян карда мешавад» [7, 50].

Нақши махсус дар доктринаи ӯ ҳоло ба дин ҷудо карда шудааст, ки дар «ҷаҳони имрӯза яке аз қувваҳои марказӣ, шояд асосие ба шумор равад, ки одамонро ташвиқ карда, сафарбар мекунад». Ба ақидаи Ҳантингтон, дин, дар баробари забон, яке аз унсурҳои обеъективие мебошад, ки тамаддунро муайян мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки «тамаддунҳои асосӣ дар таърихи инсоният ба андозаи азим бо динҳои бузурги ҷаҳон айният дода мешуданд. Ва одамони дорои мансубияти умумии этникӣ ва забони умумӣ, вале эътиқоди гуногуни динӣ, метавонанд ҷангҳои хунрезонаи бародаркушона баранд, тавре ки ин дар Либия, собиқ Югославия ва дар Ҳиндустон рух дод» [7, 49]. Ба онҳо инчунин ҳодисаҳои даҳсолаи охирро илова кардан мумкин аст, ки баъди ба рӯйи чоп баромадани интишори мазкур – дар Миср, Либия, Сурия, Ироқ, Тунис ва давлатҳои дигари ҷаҳон ба амал омаданд.

Ҳудудҳое, ки дар онҳо ба ҳамдигар нуфуз кардани тамаддунҳо, ба ном «хатҳои шикаст», ба амал меояд, ба ҷойе табдил меёбанд, ки дар онҳо вариантҳои гуногуни инкишофи ҳодисаҳои марбут ҳам ба муттаҳидшавии ҷомеа, ҳам ба тавлид ёфтани минтақаҳои муноқишавиро дар ин ҷо, ки қодиранд таъсирии худро ба ҳудуди хеле калон паҳн кунанд, амсиласозӣ кардан мумкин аст. «Хатҳои шикаст» – ин ҳудудҳое мебошанд, ки тақвият додани таъсир дар онҳо боиси ноил шудан ба натиҷаи сиёсӣ шуда метавонад. Ба ақидаи Ҳантингтон, маҳз дар «хатҳои шикаст» дар даҳсолаҳои наздик ҳодисаҳое ба вуқуъ омада метавонанд, ки бо тағйирёбии харитаи сиёсии ҷаҳон алоқаманд мебошанд.

Сенарияҳои имконпазири инкишофи ҳодисаҳоро дар Украина мавриди таҳлил қарор дода, профессор иддао мекунад, ки дар ҳудуди он «хатти шикаст» мавҷуд аст, ки дар он ду монолоити тамаддунӣ – ғарбӣ ва православӣ бархӯрд хоҳанд кард. Маҳз аз рӯйи бахшгоҳи дарёи Днепр муноқиша ва парокандагии якчанд давлат ба якчанд ташаккулҳои нави сиёсӣ имконпазир мебошад [7, 254-258].

Дар кор сенарияҳои монанд барои Россия ва давлатҳои дигари ҷаҳон таҳия карда шудаанд.

«Хатҳои шикаст» ҳудудҳое ба шумор мераванд, ки, дар онҳо дар муқобилгузории «худӣ – бегона» дар соҳаи забон, дин, анъанаҳо ва фарҳанг бозӣ карда, зимни коркарди муайяни психологии ҷомеа масъалаҳои мураккаби дигаргунсозии низомҳои сиёсиро ҳал кардан мумкин аст. «Барои одамоне, ки решаҳои худро ҷустуҷӯ мекунанд, душманҳо муҳим ба шумор мераванд ва хусумати ба дараҷаи зиёд эҳтимолии хатарнок ҳамеша дар имтидоди «хатҳои шикаст» миёни тамаддунҳои асосии ҷаҳон ба вуҷуд меояд» [7, 15].

Равандҳои сисёсиеро, ки пас аз пошхӯрии низоми сотсиализм ба амал омада буданд, профессор Збигнев Бзежинский дар кори худ «Тахтаи бузурги шоҳмот» мавриди баррасӣ қарор дода, дар бораи гегемонияи ИМА ошкоро ҳарф зада, ба ин давлат мақоми империяро нисбат медиҳад, ки манфиатҳояш дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон вуҷуд доранд. Барои ноил шудан ба ин мақсад, дуруст ҷобаҷо гузоштани симоҳои сиёсӣ дар минтақаи асосии ҷаҳон, ки дар он ҷо дар даҳсолаҳои наздиктарин ҳодисаҳои асосӣ – дар Авруосиё – инкишоф хоҳанд

ёфт, бояд омӯхта шавад. Зб. Бзежинский қайд мекунад, ки яке аз методҳое, ки онро барои ноил шудан ба ин мақсад истифода кардан мумкин аст, консепсияи аз ҷониби профессор С.Ҳантингтон таҳияшуда дар бораи ихтилофоти ҳангоми «бархӯрди тамаддунҳо» ба вуҷуд оянда ба ҳисоб меравад» [2].

Агар дар асарҳои С. Ҳантингтон ва Зб. Бжесинский методологияи дигаргуниҳои ояндаи харитаи сиёсии ҷаҳон баён шуда бошад, пас методҳои татбиқи он дар асарҳои директори Институти ба номи Алберт Энштейн Ҷин Шарп, ки ҳамчун идеологи «инқилобҳои ранга» шуморида мешавад, ба танзим даровара шудаанд.

Соли 1964 Ҷ. Шарп дар Донишгоҳи Оксфорд диссертатсияи худро дар мавзуи «Методҳои ғйризӯроваронаи сарнагун сохтани режимҳо» [10] ҳимоя карда, сипас зиёд аз 30 сол ҳамчун мутахассиси пешбар дар соҳаи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи Ҳарвард фаъолият кардааст. Соли 1983 ӯ ташкилоти ғайритиҷоратиеро асос гузошт, ки бо омӯзиши методҳои истифодаи амалҳои ғайризӯроварона дар муноқишаҳо – Институти ба номи Алберт Энштейнро машғул буд.

Ҷ. Шарп на танҳо методикаи «ғайризӯроварона» сарнагуни сохтани режимҳоро таҳия карда, онро дар як қатор силсилаи корҳо интишор кардааст, балки инчунин ба ҳайси мушовир зимни татбиқи онҳо дар як қатор минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Прибалтика дар солҳои 1990-1991, фаъолият кардааст. Методҳои он ҳангоми ташкил ва гузаронидани ҳамаи «инқилобҳои ранга»-и ба мо маълум мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла, он ҳамчун идеологи «баҳори араб» ҳисобида мешавад. Мутобиқи методикаи ӯ ҳодисаҳои Украина дар солҳои 2004-2005 ба амал омада буданд. Аз рӯйи худи чунин сенария инкишофи ҳодисаҳо дар Киев дар моҳи декбари соли 2013 оғоз ёфта буд. Методҳои ба ин монанд ҳангоми ташкили амалҳои эътирозӣ дар Россия ва Беларус ба назар мерасанд.

Ҷин Шарп нашри тарҷумаи украинии китоби «Аз диктатура ба демократия»-ро, ки дар арафаи «инқилоби норанҷӣ» рӯйи чоп омада буд, маблағгузорӣ карда, мутахассисон иштирокчиёни ҳаракати ҷавонони «Вақт расид!»-ро, ки баъдтар яке аз фаъолони асосии ҳодисаҳои «инқилоб»-и солҳои 2004-2005 гардиданд, машварат медоданд. Шарп илҳомбахши ғоявии ҳаракатҳои «Зарбзанӣ» (Сербия), «Кмара» (Гурҷиҷстон), «Кел-Кел» (Қирғизистон), «Зубр» (Беларус), «Саюдис» (Литва) ба шумор меравад, ки дар давраи омодасозии «инқилобҳои ранга» дар ин мамлкатҳо фаъолона амал мекард.

Ғояи асосии назарияи Ҷин Шарпро ба тариқи зайл: «Қувва дар ғайризӯроварӣ мебошад» ифода кардан мумкин аст.

Дар мақолаи худ «Назарияи мубориҙаи ғайризӯроварона» Ҷ. Шарп таъкид мекунад, ки «истилоҳи ғайризӯроварӣ дар вақти охир ҳарчи бештар маъруф мегардад. Он ба гардиши луғати сиёсӣ ба таври мустаҳкам ворид шудааст; бидуни истифодаи он аксар вақт мубоҳисаҳои сиёсӣ имконнопазир аст, он ҳар чи бештар дар матбуот, дар мақолаҳои оид ба ҳодисаҳои ҷории иҷтимоӣ ва сиёсӣ интишоршуда дучор меояд».

Дар китоби «Аз диктатура ба демократия», ки бори аввал соли 1993 дар Бангкок ба чоп расида буд, Ҷ. Шарп қайд мекунад, ки хатогии маъмули маъракаҳои пешинаи беитоатии сиёсӣ такя ба як ё ду метод, масалан, ба корпартоиҳо ва тазоҳуроти оммавӣ дошт. Ҳол он ки методҳои сершуморе мавҷуданд, ки ба стратегияҳои муқовимат ба қадри зарурат имкон медиҳанд мубориҙаро мутамарказ кунад ё онро пароканда намояд. Ақида оид ба он, ки «амалҳои қувваги ҳамеша самараи зуд медиҳад, дар ҳоле ки воситаҳои ғайризӯроварона вақти хеле камро талаб мекунанд, одилона будани худро ба таври равшан аз даст додаанд. Гарчанде вақти зиёд талаб карда мешавад, то ки вазъияти амиқ ва ҷомеа тағйир дода шавад, худи мубориза бар зидди диктатура бо кумаки методҳои ғайризӯроварона баъзан қиёсан зуд сурат мегирад».Мувофиқи методикаи он, муқовимат бояд ғайризӯроварона бошад. Ҷ. Шарп таъкид мекунад, ки: «Интихоб кардани амалҳои ғайризӯроварона на танҳо аз он рӯ маънӣ

дорад, ки ин хуб ё гуворост, балки барои он ки ин самарабахштар мебошад». Дар асоси методи Шарп чунин принсип мавҷуд аст, ки тибқи он «қудрат ҳамеша якхела нест, зеро он аз одамон вобаста мебошад. Илова бар ин, қувваи ҳар гуна қудрат дар тобеияти халқ ба супоришҳои сарварони ҳоким асос ёфтааст ва ин маънои онро дорад, ки агар халқ итоат накунад, сарварон ба таври худкор қудратро аз даст медиҳанд»[9].

Мубориза ғайризӯроварона назар ба муборизаи зӯроварона воситаи мураккабтар ва гуногунтари мубориза ба ҳисоб меравад. Ба ҷойи зӯроварӣ, мубориза, бо истифодаи «силоҳи психологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ аз ҷониби аҳолӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ, пеш бурда мешавад. Чунин силоҳ зери номҳои гуногуни эътирозҳо, корпартоиҳо, дасткашӣ аз ҳамкорӣ, бойкотҳо, баёни норизоият ва худидоракунии халқӣ маъруф аст»[10].

Ҳамин тавр, моҳияти методикаҳои Шарп бо он муайян мешавад, то ки нуқтаҳои заифи режим дарёфт шаванд. Ба ақидаи Ҷ. Шарп, ивазшавии қудрат бояд дар се марҳила гузаронида шавад: марҳилаи аввал аз амалҳои эътирозӣ, паҳн кардани таъбири «ғайриқонунӣ будани ҳокимият», марҳилаи дуюм – аз бадномкунии сохторҳои қудратӣ ва дастгоҳи давлатӣ, ташвиқу тарғиб ба коршиканӣ ва зиёнрасонӣ ва марҳилаи сеюм аз бевосита сарнагун кардани ҳокимият, иборат мебошанд.

Нақши махсусро дар татбиқи нақшаҳо оид ба амал баровардани «амалҳои ғайризӯроварона» Ҷин Шарп ба банақшагирӣ аз рӯйи ҳар як марҳилаҳои муқовимат ба ҳокимият ҷудо мекунад.

Ҷ. Шарп 198 методҳои муборизаи ғайризӯроварона, инчунин баъзе вариантҳои амали муштараки онҳоро ҷамъоварӣ ва ба таври муфассал тавсиф кардааст. Онҳо ба се гурӯҳ: эътироз, дасткашӣ аз ҳамкорӣ ва дахолат тақсим карда шудаанд. Методҳои эътироз ва боваркунонии ғайризӯроварона асосан тазоҳуроти рамзӣ, аз ҷумла роҳпаймоиҳо, маршҳо ва пикетҳо (54 метод)-ро дар бар мегиранд. Дасткашӣ аз ҳамкорӣ ба чаҳор зергурӯҳ тақсим мешавад: а) дасткашӣ аз ҳамкории иҷтимоӣ (16 метод), б) дасткашӣ аз ҳамкории иқтисодӣ, аз ҷумла бойкотҳо (26 метод) ва корпартоиҳо (23 метод), в) дасткашӣ аз ҳамкории сиёсӣ (38 метод). Дахолати ғайризӯроварона, бо истифода аз воситаҳои психологӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ба монанди гуруснанишинӣ, ғасби ғайризӯроварона ва худидоракунии мувозӣ (41 метод) гурӯҳи ниҳоиро ташкил мекунад [9]. Бояд қайд кард, ки дастурамали ҷиддӣ оид ба сохторбандии онҳо вуҷуд надорад – методҳоро дар ҳар гуна омезиш дар ҳар яке аз мамлкатҳо истифода бурдан мумкин аст.

Таҳлили ҳодисаҳое, ки «инқилобҳои ранга» номида мешаванд, нишон медиҳад, ки дар он ҷое, ки онҳо дар «хатҳои шикаст» ба амал меоянд, методҳои муборизаи марбут ба таъкид ба ихтилофоти тамаддунӣ, ба монанди анъана, забон ва дин самарабахштар ба шумор мераванд. Ба таври назаррас ин дар ҳодисаҳое, ки солҳои охир дар Украина ба вуқуъ омада истодааст, ифода ёфтааст.

Инқилобҳои ба ном «ранга», ки дар давраи аз соли 2003 то соли 2005 дар Гурҷистон, дар Украина ва Қирғизистон ба вуқуъ пайвастанд, бо нишонаҳои сершумор муттаҳид мебошанд. Аз рӯйи хусусияти худ, онҳо инқилобҳои «бахмалӣ»-ро дар мамлакатҳои алоҳидаи Аврупои Шарқӣ дар асри XX ба хотир меоранд. Аммо, аслан, чунин табаддулотҳо ба шакли нави мубориза барои ҳокимият дар собиқ ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шӯравӣ миёни қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва гурӯҳҳои иқтисодӣ табдил ёфтанд.

Таҳлили инкишофи бӯҳронҳои сиёсати дохилӣ аз рӯйи сенарияи «инқилобҳои ранга» имкон медиҳад қонуниятҳо ва унсурҳои муайяни амалисозии онҳо ошкор карда шаванд. Ҳодисаҳое, ки дар Гурҷистон, Украина ва дар Қирғизистон ба вуқӯъ пайвастанд, пайдарҳамӣ, моҳиятан, яксон, инчунин, маҷмуи механизмҳоеро нишон медиҳанд, ки бо кумаки онҳо табаддулоти сиёсӣ татбиқ карда мешавад.

Барпо кардани «инқилобҳои ранга» таҳияи сенарияи дақиқ, омодасозии иҷтимоӣ ва амалҳои пайдарпайро талаб мекунад. Аён аст, ки онҳо ба манфиати ИМА, ки ба қудрат овардани сарварони содиқро дар мамлакатҳо – собиқ ҷумҳуриҳои ИҶШС ҳамчун вазифаи геополитикӣ медонистанд, барпо карда мешуданд. Барои татбиқи чунин сенарияҳо захираҳои молиявӣ, техникӣ ва машваратӣ ҷалб карда шуда, инчунин қувваҳои ҳаракатдиҳандае, ки бевосита иваз кардани қудратро амалӣ месохтанд, ташаккул дода мешуданд. Ҳамчун марказҳои ҳамоҳангсозанда ва молиявии барпо кардани «инқилобҳои ранга» дар аксарияти мавридҳо ташкилотҳои ғайриҳукуматие ба шумор мерафтанд, ки аз ҷумлаи сиёсатмадорони маҳаллии ҷонибдори арзишҳои либералӣ ва дидгоҳҳои ғарбгароёна ташаккул мeёфтанд.

«Инқилобҳои ранга» дорои хусусияти возеҳан коммуникативӣ буда, аксарияти воқеаҳо дар фазои иттилоотӣ ба амал омада, сипас инъикоси худро дар воқеият меёфтанд, аз ин рӯ, васоити ахбори омма ба асбобҳои асосӣ барои мухолифин табдил ёфтанд. Аксари ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар фазои пасошӯравӣ дорои воситаҳои худии чопӣ ва электронии ахбори омма, инчунин дастгирии иттилоотӣ аз ҷониби нашрияҳои даврие буданд, ки дар моликият ё зери назорати намояндагони алоҳидаи сармояи олигархӣ қарор доштанд. ВАО, ба туфайли имкониятҳои назарраси таъсиррасоии худ ба қишрҳои васеи аҳолӣ ва қобилиятҳои ташкилотчигӣ, ба асбоби муҳимтарин дар татбиқи равандҳои мазкур табдил ёфтанд. ВАО-и либералӣ ва ғарбгаро, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ нашр ё дастгирӣ карда мешуданд, ташвиқу тарғиботи мунтазамро оид ба ғайриқонунсозии қудратҳои амалкунанда гузаронида, дар самти ҷалби ҷонибдорон дар симои созмонҳои соҳибэътибори байналмилалӣ кор карда, фазои дахлдори психологиро дар дохили мамлакат фароҳам меоварданд, ки ба нигоҳ доштани рӯҳияҳои «инқилобӣ» мусоидат мекарданд; онҳо тобиши оммавияти изтиробҳои хиёбониро эҷод карда, симоҳои рақибони сиёсиро ташаккул медоданд. Васоити нави коммуникатсияи оммавӣ: захираҳои Интернетӣ, суханрониҳо дар назди оммаи мардум, плакатҳо ва ғайра дар равандҳои мавриди баррасӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд. Бешубҳа, дар ҳамаи се мамлкат, ки дар онҳо «инқилобҳои ранга» ба вуқуъ пайвастанд, инкишофи вазъият, инчунин дараҷаи ҷалби васоити ахбори омма гуногун буда, дорои хусусиятҳи хосе буданд, ки ошкор кардани онҳо имкон медиҳад, нақши ВАО дар амалисозии «инқилобҳои ранга» пурратар нишон дода шавад.

Яке аз асбобҳои асосии таъсиррасонии ВАО ба раванди дарк ва бозтавлиди воқеият интихоби воситаҳои забонӣ дар матнҳои ВАО ба шумор меравад. Забон ба ташаккули арзёбиҳо, ҳукмҳо, тасаввурот дар бораи олам таъсир мерасонад. Маҳз воситаҳои забонӣ, дар навбати аввал, ба мақсади ташаккул додани рӯҳияҳои ҷамъиятӣ, тарҳрезии манзараи махсуси олам барои идроки оммавӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Омӯзиши хусусиятҳои забонӣ ва жанрии текстҳо, ки дар рафти «инқилобҳои ранга» дар мисоли «инқилоби норинҷӣ» дар Украина истифода шуданд, имкон медиҳад усулҳои хосе ошкор карда шаванд, ки аз ҷониби мухолифин барои таъсиррасонӣ ба аҳолии мамлакат мавриди истифода қарор мегирифтанд. Дар ин зимн нақши калонро донишҳои заминавии гирандаи иттилоот, ки узви умумияти мушаххаси давлатӣ, дорандаи фарҳанги муайян мебошад, мебозанд.

Бояд қайд кард, ки вазъияти забонӣ дар Украина, сиёсати давлатӣ дар соҳаи забон нақши муҳимро дар муқобалаи қувваҳои сиёсии ғарбгаро ва русгаро дар соли 2004 бозиданд. Нухбагони нави пасошӯравии сиёсии аксари давлатҳо, собиқ ҷумҳуриҳои ИҶШС чорабиниҳоро оид ба танг карда баровардани забони русӣ аз гардиши ҷамъиятӣ мегузарониданд ва гузаронида истодаанд. Дар Украина ин раванд фаъолтар ва дардноктар ба вуқуъ мепайвандад.

Дар арафаи «инқилоби норинҷӣ» дар Украин як навъ омодагии забонӣ ба дигаргуниҳои ояндаи радикалӣ гузаронида шуда буд. Дар мамлакат украиникунонии босуръат, дар навбати

аввал, дар соҳаи маориф ва фарҳанг гузаронида мешуд, ки ин аз бисёр ҷиҳат муваффақитяҳои «норинҷиҳо» ва пирӯзии «инқилоби ранга»-ро муайян кард.

Ҳамин тариқ, «инқилобҳои ранга» дар ҳаёти сиёсии фазои пасошӯравӣ падидаи нав ба шумор мераванд. Зарурати дарки механизмҳои инкишофи буҳронҳои дохилисиёсӣ оид ба сенарияи «инқилобҳои ранга» бо хатари билқувваи чунин ивазкунии гарчанде «бехун», вале ғайриқонунии қудрат дар як қатор ҷумҳуриҳои дигари пасошӯравӣ ба вуҷуд омадааст.

Ивазшавии қудрат дар Гурҷистон, Украина ва Қирғизистон метавонад ҳамчун таконе барои инкишофи чунин ҳодисаҳо дар ҷумҳуиҳои дигар гардад. Ин бо он чиз низ муайян мешавад, ки мушкилоти рушди мамлакатҳои собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ дар давраи буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ҳамоно тезутунд шуда истодаанд, ки ин мухолифати гурӯҳҳои гуногуни иқтисодӣ ва қувваҳои гуногуни сиёсиро тақвият мебахшад. Сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ, қарздории афзояндаи беруна ба бесуботии сиёсӣ бевосита таъсир мерасонад, ки ин имконияти кӯшишҳои барпо намудани «инқилобҳои ранга»-ро дар замони наздиктарин истисно намекунад. Тавре воқеаҳои начандон дур дар Гурҷистон ва Молдова нишон медиҳанд, ки давлатҳои пешрафтаи аврупоӣ ва ИМА таъсири худро дар мамлакатҳи ИДМ ҳамоно тавсеа бахшида, пурзӯр карда истодаанд. Дар назар доштан зарур аст, ки ба мубориза ба ҳукмронии ҷаҳонӣ давлатҳои дигар низ ворид шуда метавонанд, тавре ки ин дар Молдова ҷой дошт. Ташкилотҳое фаъолона амалҳои худро идома дода истодаанд, ки ба амалисозии «инқилобҳои ранга» дар ҳудуди Беларус, Россия, Озарбойҷон, Ӯзбекистон манфиатдор мебошанд.

Ҳамзамон, пас аз барпо кардани «инқилобҳои ранга» дар баъзе мамлакатҳо ва кӯшишҳо оид ба он дар мамлкатҳои дигар қудратҳои амалкунанда дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ механизмҳои муқобаларо бар зидди чунин механизмҳо таҳия карда истодаанд. Таҷрибаи омодасозӣ ва татбиқи «инқилобҳои ранга», ки барои баъзе мамлакатҳо манфӣ ва барои мамлакатҳои дигар мусбат мебошанд, имкон медиҳад, имкониятҳои пешгирӣ кардани чунин воқеаҳо ҷамъбаст ва аз ҷиҳати таҳлилӣ дарк карда шуда, тадбирҳои зарурии ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва дигар барои пешгирӣ ва безараргардонии саривақтии «инқилобҳои ранга» андешида шаванд.

То айни замон нақши ВАО дар «инқилобҳои ранга» ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор нагирифта, дар ин зимн таҳлили сенарияҳои табаддулотҳо аҳамияти калидии онҳоро нишон медиҳад. Дар навбати аввал, гузаронидани таҳлили усулҳое, ки аз ҷониби ВАО барои таъсиррасонӣ ба аҳолии мамлакатҳое, ки дар онҳо «инқилобҳои ранга» ба вуқуъ пайвастанд, зарур мебошад. Таҳлили таҳкурсии сиёсӣ сабабҳои муваффақияти технологияҳои «инқилобҳои ранга»-ро кушода медиҳад.

Суоле пайдо мешавад, ки оё низоми хеле босуботи сиёсиро, ки дорои сатҳҳои баланди рушди иқтисодӣ ва стандартҳои иҷтимоӣ мебошад, дар муддати кӯтоҳ хароб кардан мумкин аст. Амалияи инқилобҳои муосир нишон медиҳад, ки ин имконпазир буда, мисоли равшани он Либия шуда метавонад.

Барои фаҳмидани он, ки чунин инқилобҳо чӣ тавр амалӣ карда мешаванд, ба якчанд саволҳо ҷавоб додан лозим аст: «Ин ба манфиати кӣ мебошад?» ва «Чӣ гуна сохторҳо ва технологияҳо барои ноил шудан ба мақсади ниҳоӣ заруранд?». Ҷавобҳоро ба онҳо дар осори Ҷ. Шарп ёфтан мумкин аст. Ӯ иддао мекунад, ки қувваҳои асосӣ бояд дар худи мамлакат амал кунанд. Ба ақидаи ӯ, «яке аз хусусиятҳои ҷомеаи демократӣ мавҷудияти шумораи калони гурӯҳҳо ва ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ, ки ба давлат вобаста намебошанд, ба ҳисоб меравад. Масалан, ба ин ҷо оилаҳо, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои фарҳангӣ, клубҳои варзишӣ, пажӯҳишгоҳҳои иқтисодӣ, иттифоқҳои касаба, ҷамъиятҳои донишҷӯён, аҳзоби сиёсӣ, деҳот, ҷамъиятҳо дар маҳалли зист, маҳфилҳои боғпарварон, созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ, гурӯҳҳои мусиқӣ, ҷамъиятҳои адабӣ ва ғайра дохил мешаванд. Чунин мақомот бо пайгирӣ аз

мақсадҳои худ, инчунин кумак барои ноил шудан ба мақсадҳои иҷтимоӣ муҳим ба шумор мераванд» [9].

Дар шароити низоми сиёсие, ки дорои асосҳои мустаҳкками демократия мебошад, ин ташкилотҳо барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ заминавӣ мебошанд. Дар низомҳои давраи гузариш, ки аксар вақт ба сӯйи шаклҳои ҳукмронии номутаносиб ба мафҳумҳои демократия мелағжанд, фаъолияти онҳо бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуда метавонад. Аз ин рӯ, саъю талошҳо аз берун барои ҳам ташкили онҳо, ҳам дастгирии фаъолияти онҳо талаб карда мешаванд. Барои ин мақсадҳо дар низоми демократияи ғарбӣ фондҳо ва барномаҳои махсуси ҳукуматие таъсис дода шудаанд, ки зери намуди ташвиқу тарғиби асосҳои демократия дар қаламравҳои давлатҳои сершумор «агентҳои таъсир»-ро дар шакли ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ, пажӯҳишгоҳҳои таҳқиқотӣ, фондҳои хайриявӣ, марказҳои тренингӣ, тавшкилотҳои ҷавонон ва ғайра ташаккул дода, онҳоро таъмин менамоянд.

Дар асари «Аз диктатура ба демократия» Ҷ. Шарп ҷойгоҳи бештарро ба масъалаҳои банақшагирии стратегӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои ғайризӯроварона оид сарнагун сохтани режимҳои сиёсӣ ҷудо мекунад. Дар бахши «Сарчашмаҳои умед» ӯ дар бораи он ҳарф мезанад, ки аксари режимҳо, аз ҷумла дар Чехословакия, Салвадор, Гватемала, Олмони Шарқӣ ва мамлакатҳои дигар дар давоми муддати ночизи вақт – аз як то якчанд ҳафтаҳо – сарнагун карда шуда буданд. Аммо, дар ин зимн, ӯ дар бораи кори давомнок, «сермеҳнату диқиққорона»-е, ки барои татбиқи ин нақшаҳо бурда мешуд, хоксорона хомӯширо нигоҳ медорад. Пас аз вақти муайяни баъди сарнагун сохтани режими навбатӣ маълум мегардад, ки кадом қувваҳо барои бесуботсозӣ ва сарнагун сохтани онҳо манфиатдор буда, чӣ гуна воситаҳо ва ташкилотҳо барои ин истифода мешуданд. Дар шароити мусоир бидуни таҳияи нақшаи дақиқ, ташаккул ва таълими «агентҳои таъсир», инчунин маблағгузории фаъолияти онҳо ба натиҷаҳои ҷиддӣ ноил шудан имконнопазир аст. Ҷ. Шарп қайд мекунад, ки «дараҷа ва худи мавҷудияти кумаки байналхалқӣ бо муборизаи дохилӣ барангезида мешавад». Имкониятҳои расонидани кумакро аз берун ба таври равшан паст нишон дода, ӯ дар бораи он ҳарф мезанад, ки «ба сифати иловаи хоксорона ҷиҳати эҷоди ақидаи манфии ҷаҳонии ҷамъиятӣ нисбат ба диктатура дар асосҳои гуманитарӣ, ахлоқӣ ва динӣ кӯшиш кардан мумкин аст» [9].

Аммо, имрӯз дар бораи он ҳарф задан мумкин аст, ки ташкили «инқилобҳои ранга» кори на танҳо серхароҷот барои ташкилкунандагони табаддулот ба ҳисоб меравад, зеро маблағгузориҳои ҷиддии молиявиро талаб мекунад, балки инчунин хеле «ташвишовар» низ мебошад, зеро дар омодасозии он шумораи калони одамони махсус таълимдодашуда иштирок мекунад. Дар баъзе мавридҳо барои ташкили табаддулот, барои мисол дар Украина, технологҳои сиёсӣ аз мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ширкат мекунанд. Ҳамин тавр, тасодуфан аз даҳон баровардa, корманди департаменти давлатии ИМА К.Эштон, ки якчанд маротиба ба Майдон дар охири соли 2013 – аввали соли 2014 ташриф оварда буд, маблағи 5 млрд. долларро, ки барои ташкили табаддулот дар Украина танҳо аз ҷониби ҳукумати амрикоӣ ҷудо карда шуда буд, ном гирифт. Аммо, бо эҳтимоли зиёд манбаъҳои дигари маблағгузорӣ низ мавҷуд буданд. Агар дар бораи хароҷоти умумӣ оид ба омодасозии табаддулоте, ки дар Украина амалӣ карда шуд, ҳарф занем, пас он ба буҷети солонаи баъзе давлатҳои ҷаҳон наздик мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми омодасозии «инқилобҳои ранга» кори фаъол бо гурӯҳҳои муайяни одамоне, ки бояд ҳаракатҳои эътирозиро сарварӣ кунанд, ҷараён мегирад. Барои ин берун аз мамлакат бошишгоҳҳои махсус гардонидашуда оид ба омодасозии ҷангчиён ба вуҷуд оварда шуда, дар дохили мамлакат бошад, тренингҳое ташкил карда мешаванд, ки дар онҳо гурӯҳҳои одамони ҷавон – сарварони ояндаи ҳаракатҳои эътирозӣ ташаккул дода мешаванд. Ҳодисаҳои Майдони соли 2015 на танҳо дараҷаи баланди ташкили низоми таъминии ҳаётии даҳҳо ҳазор одамон, ки эътирози худро ба таври мусолиҳатомезона баён мекунанд, балки инчунин низоми дақиқан ба роҳ мондашуда ва сохторбандишудаи ҷузъу томҳои низомикунонидашудаеро нишон доданд, барои бомуваффақият нишон додани муқобилият ба сохторҳои махсус таълимдодашудаи ҳокимият қодир буданд.

Таваҷҷуҳи махсус ҳангоми омодасозии «табаддулотҳои демократӣ» ё, тавре ки онро боз «инқилобҳои ранга» меноманд,ба васоити ахбори омма ва воситаҳои муосири тенологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зоҳир карда мешавад. Бо дастгирии барномаҳои давлатӣ ва хазинаҳои байналмилалӣ дар ҳудуди давлатҳо, ки ба барномаҳои «таҳаввулоти демократӣ» дохил карда мешаванд, васоити ахбори оммаи «мустақил», «марказҳои тафтишоти маҷалланигорӣ» ташкил карда шуда, лоиҳаҳо оид ба таъсиси сомонаҳо ва саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра татбиқ карда мешаванд.

Ҳодисаҳое, ки дар давраи «баҳори арабӣ» ва дар Украина ба вуқуъ пайваста истодаанд, аз сатҳи баланди самаранокии васоити ахбори омма ва воситаҳои мусоири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули ҷараёнҳои иттилоотии самтнокии танг ва ташаккули дарки психологии ин иттилоот шаҳодат медиҳанд. Дар ин зимн, бояд қайд кард, ки гурӯҳҳои «агентҳои иттилооти таъсир» аксар вақт ин ё он ҳодисаҳоро хеле соҳибғаразона ва ғайриобъективона инъикос намуда, дар қисми назарраси аҳолӣ тасаввуроти таҳрифшударо дар бораи ҳодисаҳои воқеӣ ташаккул медиҳанд. Ин боиси дилсардии амиқ дар фаъолияти касбии маҷалланигорон гардида, аксари онҳо, грантҳо ва неъматҳои дигари моддиро азхуд карда, маҷбуранд ҷомеаро ба ҳолати «пасиоинавӣ» ворид кунанд. Имрӯз равшан мешавад, ки тафриқае, ки дар ҷомеаи Украина дар соли 2014 ба амал омад ва махсусан натиҷаҳои раъйпурсии Қрим, ки 16 март баргузор гардид, аз бисёр ҷиҳат маҳз дар натиҷаи ҷанги иттилоотӣ иғвоангезӣ шуда буданд.

Ба қисми дуюми мақолаи мазкур оид ба ҷузъҳои асосии «инқилобҳои ранга» гузашта, бояд қайд кард, ки таъминоти моддӣ ва молиявии «инқилобҳои ранга» яке аз шартҳои ногузир ва яке аз асоситарини баргузории бомуваффақияти онҳо ба шумор меравад. Ба ҳайси манбаъҳои асосии маблағгузорӣ дар ин зимн сохторҳои сершумори ғайриҳукуматии Аврупо ва ИМА амал мекунанд, ки ҳастаи онҳоро навъҳои гуногуни ниҳодҳо, фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд.

Тибқи баъзе маълумот, дар рафти «инқилоби норинҷӣ» дар Украина на камтар аз 60 млн. доллар, ба мақсади «мусоидат ба рушди дигаргуниҳои демократӣ» дар Қирғизистон то 50 млн. доллар сарф карда шудаанд1 . Кумаки солонаи молиявӣ ба Гурҷистон аз ҷониби ИМА 100 млн. долларро ташкил медод. Ба ғайр аз ин, маблағгузории як қатор барномаҳои мақсаднок амалӣ карда мешуд. Барои мисол, 300 ҳаз. доллар аз ҷониби шуъбаи гурҷии фонди Сорос якҷоя бо «Ҷомеаи байалмилалии интихоботи одилона» ба ҳаракати «Кмара» барои ташкили бонки компютерии маълумоти интихобкунандагон, ва аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Freedom House» – тақрибан 30 ҳаз. доллар ба ташкили бошишгоҳҳо барои омодасозии фаъолони «норинҷӣ» дар Қрим ва тақрибани 110 ҳаз. доллар – барои «мушоҳида аз болои рафти интихобот» дар Қирғизистон ҷудо карда шуда буданд.

Ҳамчун самти муҳимтарини маблағгузории «инқилобҳои ранга» дастгирии фаъолияти ҳар гуна ташклотҳои ғайриҳукуматӣ боқӣ мемонад, ки дар фазои пасошӯравӣ адади онҳо қариб ба 40 ҳаз. адад мерасад. Танҳо дар Украина шумораи мутахассисони гуногун, ки грантҳои калони пулиро аз хатти фондҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ мегирифтанд, ба 40 ҳаз. нафар мерасид. Маҳз ҳамин одамон дар ҷаласаҳои «мизҳои мудаввар», тазоҳуротҳо, гирдиҳамоиҳо, пикетҳо, аксияҳои дигари оммавии эътироз ташкилотчиён ва сарварони ҳаракати инқилобӣ мегардиданд [2].

Ҳамин тариқ, консепсияи амалисозии инқилобҳои ранга дар сатҳи баланди назариявӣ ва илмии коркардҳо дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, психология, ҷамъиятшиносӣ асос меёбад. Татбиқи амалии он дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС аз беназирии методҳои мубориза ғайризӯроварона ба сифати асбоби муассири сарнагун сохтан ё иваз кардани режимҳои ҳокими сиёсӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин зимн, истифодаи ҳадди аксари маҷмуи васеи асбобҳои иқтисодӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятию сиёсии фишор ба қудрат, чун қоида, ба ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда оварда мерасонад. Дар айни замон, қолибии баланди технологияҳои амалисозии таҳаввулоти инқилобӣ метавонад боиси аз байн рафтан ва коҳшёбии назарраси самарабахшии онҳо гардад.

Дар баробари ин, интишори босуръати технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ барои фаъолияти коршиносони гуногун ва сохторҳои касбии махсусгардонидашуда оид ба ҷустуҷӯ ва тасвиби шаклҳо ва методикаҳои нави идоракунии берунаи равандҳои иҷтимоию сиёсӣ дар мамлакатҳои гуногун шароити мусоидро фароҳам меорад.

Ба ғайр аз барномаи дар боло зикргардида, барои ғасби бомуваффақияти ҳокимият дар давлати «мавриди ҳамла» мутобиқи амсилаи додашудаи пеш бурдани муборизаи геополиткӣ барои «субъект» аз аҳамияти калон ҳалли инчунин якчанд вазифаҳои бо ҳамдигар алоқаманд бархӯрдор мебошад. Дар миёни онҳо афзалиятноктар инҳо мебошанд:

Ҷалби гурӯҳҳои оппозитсионии молиявию саноатии нухбагон ба иштироки фаъол дар маблағгузорӣ, инчунин ба роҳбарии фаъолияти оппозитсияи сиёсӣ ва иттифоқчиёни эҳтимолии сиёсии он.

Барқарорсозии назорат аз ҷониби «субъект» ва иттиҳодияҳои нухбагони бо он дар иттифоқ қароргирифта аз болои кори ВАО-и умумимиллӣ ва пешбари минтақавӣ, дар навбати аввал, электронӣ, бо роҳи ришва дода харидани соҳибони бевосита, роҳбарон, мухбирон ё хариди ҳуқуқи

моликият ба ин ВАО. Ҳамин тариқ, дар мамлакат – «қурбонӣ» эҷоди низоми таъминоти иттилоотии «инқилоби ранга» ба амал меояд.

Дар мамалакат – «қурбонӣ» фароҳам овардани шароите, ки ба «субъект» ва қувваҳои оппозитсионӣ имкон медиҳанд, низоми ҳамкорӣ ва робитаҳои роҳбарияти олии мамлакатро бо сохторҳои қудратӣ: артиш, хадамоти махсус, милитсия ва ғайра ба таври самарабахш бетараф созад.

Вазифаи асосии чорабиниҳои мазкур бастани роҳи ҳар гуна кӯшишҳои ҳукумат барои истифодаи ин қуввахо барои пахш кардани инқилоби «бахмалӣ» ва, пеш аз ҳама, қатъ намудани суханрониҳои оппозитсияи сиёсӣ дар пойтахти мамлакат хоҳад буд.

Методи асосии татбиқи нақшаи мазкур аз ҷониби сарварои оппозитсия ва хадамоти махсуси «субъект» ба тарафи худ ҷалб намудани роҳбарони сохторҳои мазкури ҳифзи ҳуқуқи зинаи баланд ва (ё) миёна (яъне фаврӣ), асосан, бо роҳи ришвадиҳӣ ва (ё) таҳдид мебошад.

Таъмини дастгирии қишри ҳоким аз ҷониби «субъект» ва гурӯҳҳои оппозитсионӣ барои нақшаҳои худ оид ба ғасби қудрат аз ҷониби роҳбарони субъектҳои калидии давлат, инчунин иттиҳодияи соҳибэътибортарини нухбагони минтақавии молиявию саноатӣ.

Ба кор андохтани ба номи ташкилотҳои ғайритиҷоратии байналмилалӣ ба мақсади омода кардани «инқилоби ранга», ки зери назорати пинҳонӣ қарор дошта, аммо дар айни замон мустақил ба ҳисоб меравад, аз ҷониби субъект, дар навбати аввал, барои пинҳон кардани ҳамдастаии худ ба ташкили ғасби ғайриқонунии ҳокимият дар мамлакати «мавриди ҳамла».

Вазифаҳои асосии онҳо дар раванди фаъолият дар давлат – «қурбонӣ» дар ин зимн асосан бояд маблағгузории оппозитсияи сиёсӣ тавассути каналҳои худ, таълими сарварони он, ба мувофиқа расонидан ва ҳамоҳангсозии амалҳои муштараки «субъект» ва қувваҳои гуноуни оппозитсионӣ, таҳия ва ислоҳсозии нақшаҳои чунин чорабиниҳо ҳангоми зарурат гарданд. Ниҳоят, ҷамъоварии иттилооти матлуб, таъмини оппозитсия бо дастгирии зарурии иттилоотию тарғиботӣ, расонидани таъсири «матлуб» ба намояндагони роҳбарияти олии мамлкат ва афсарони баландмартабаи сохторҳои қудратӣ, ташкили «ҳимо» барои кори кормандони хадамоти махсуси «субъект» дар ҳудуди давлати «мавриди ҳамла» ва ғайра. Қисмҳои таркибии инқилобҳои ранга дар расми 1 оварда шудааст.




*Расми 1. Ҷузъҳои таркибии «инқилоби ранга»*

Моҳият ва технологияи «инқилобҳои ранга»-ро мавриди таҳқиқу таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, таваҷҷуҳи махсус бояд ба ном «қувваи нарм» (soft power) зоҳир карда шавад. Муаллифи назарияи «қувваи нарм» [6] профессори Маркази ВАО ва сиёсати оммавии Мактаби идоракунии давлатӣ ба номи Кеннеди дар Донишгоҳи Ҳарвард ба Ҷозеф С.Най мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқ, «қувваи нарм» дар ҷанги сард нақши ҳалкунандаро бозид ва мусаллам аст он бояд худро дар асри XXI зоҳир кунад, зеро ин навъи таъсиррасонӣ (навъи ҳокимият) бевосита бо инқилоби иттилоотӣ, худи ҳаҷми иттилоот ва афзоиши он аз рӯйи экспонент, инчунин бо суръат ва вусъати паҳншавии ин иттилоот ба туфайли Интернет алоқаманд аст.

Аммо, маънои асосии «қувваи нарм» аз он иборат аст, ки ин «ҳокимияти ҷаззоб» мебошад. Ин ҳокимият на танҳо ба боваркунонӣ, маъқул кардан ё қобилияти пешбарӣ кардани одамон барои чизе бо кумаки далелҳо кардан, балки ба «дороиҳо»-е, ки ҷаззобияти онро тавлид мекунанд, асос ёфтааст. Моҳиятан, «қувваи нарм» – ин «ҳокимияти иттилоот ва образҳо» ба шумор рафат, илова бар ин, хеле осон идорашаванда мебошад. Чизи асосӣ дар он ғайримоддӣ будан, иттилоотнокӣ ва серҳаракатӣ ба ҳисоб меравад [6, 176-177, 180].

Мавзуи мазкурро психологи россиягӣ М. Холкин мавриди омӯзиш қарор дода,аз ҷумла навиштааст, ки: «дар ҳар як ҷомеа ҳамзамон, бо ислоҳот, табаддулотҳо ва инқилобҳо ба ном инқилобҳои рамзие ба вуқуъ мепайванданд, ки ба тағйир додани манзараи ҷаҳон нигаронида шудаанд. Дар ин замина бозбинии қотеонаи «сармояи рамзӣ»-е амалӣ карда мешавад, ки дар чаҳорчӯби марҳилаи пешинаи таърих андӯхта шудааст» [8] .

Ба ақидаи муаллифи мазкур, тағйирёбии зинанизомҳои рамзие, ки ба инқилобҳои рамзӣ хосанд, тақрибан ба тариқи зайл ҷараён мегирад: ивазшавии минтақаи муқаддас ва амал меояд: ҷомеа ҳимояро аз хоҷагони пешинаи худ мебардоранд – интиқоде, ки ҷойро барои хоҷагони нав тоза мекунад, вусъат меёбад. Муқаддасии нав дар интихоби дақиқи рамзҳо таҷассум меёбад: ивазшавии номҳои шаҳрҳо, хиёбонҳо, ҳайкалҳо таҷассум меёбад.

Ҳамчун натиҷаи марҳилаҳои пешина – ивазшавии минтақаи таҷовуз: ҷомеа зинанизомро дар низоми «дӯст – душман» тағйир медиҳад. Матнҳои куҳна мубрамияти худро гум мекунанд; микдори калони матнҳои идеологие истеҳсол карда мешавад, ки бояд ивазкунии ороишҳои сиёсиро асоснок кунанд. Ба саҳнаи сиёсӣ мутахассисони соҳаи нутқӣ – маҷалланигорон, нависнадагон, олимон мебароянд. Равандҳои рамзӣ, ки ба назар идоранашаванда менамоянд, дар воқеъ дақиқан ба мақсади муайян нигаронида шудаанд [8] .

Дар ин росто, бояд қайд кард, ки маҳз «қувваи нарм» корро бо шуур тавассути иттилоот, донишҳо ва фарҳанг пешбинӣ мекунад. Мушаххасан ин, ба ақидаи Ҷ.С. Най, дар зер зоҳир мешавад: «идеалҳо ва арзишҳое, ки Америко ба зеҳнҳои зиёда аз ним миллион донишҷӯёни хориҷие, ки ҳар сол дар донишгоҳҳои амрикоӣ таҳсил карда, сипас ба мамлкатҳои зодгоҳи худ бармегарданд, ё ба шуури соҳибкорони осиёӣ, ки ба хонаҳояшон пас аз таҷрибаомӯзӣ ё кор дар водии Силиконӣ бармегарданд, содирот мекунад, ба он нигаронида шудаанд, то ба нухбагони қудрати «дастрасӣ пайдо шавад» [10].

Ҳамин тариқ, «қувваи нарм» тавассути танҳо таҳсилот «имкон медиҳад ҷаҳонбинии муайяне дар меҳмонони хориҷӣ ташаккул дода шавад, ки тамоюлҳои арзишии худи давлати мизбонро инъикос намуда, ба муносибати мусоид ба мамлкати будубош аз ҷониби онҳо дар оянда умед баста шавад. Ин бо роҳҳои зерин имконпазир аст: Будубоши иштирокчиёни барномаҳои таҳсилотӣ дар мамлакате, ки мақсади он аз шиноскунӣ бо амсилаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи он, ҳамроҳкунӣ бо фарҳанги мамлакати будубош ва арзишҳои он мебошанд; баъди бозгашт ба хона онҳо ин таҷрибаро истифода карда, ҳангоми қабули қарорҳо ба дараҷаи бештар ё камтар ба тамоюлҳои бадастомадаи арзишӣ такя мекунанд.

Бо интихоби озмунии гирандагони грантҳо ва стипендияҳо, ки аз ҷудо карда гирифтани намояндагони умедбахш дар ин ё он соҳаҳои фаъолият ё дониши илмӣ иборат мебошад; пас аз гузаштани таълим бо хатмкунандагон робитаҳои зич дар чаҳорчӯби ҷомеаҳои шабакаӣ, марказҳои гуногуни таҳқиқотӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки ин барои давлат – сарпараст имконияти таъсиррасонӣ ба нухбагони хориҷӣ ё истифодаи захираҳои зеҳнии онҳоро ба манфиатҳои шахсии худ нигоҳ медорад [6, 176-177, 180].

Бояд қайд кард, ки заминаи захиравии «қувваи нарм», албатта, бо барномаҳои таълимӣ маҳдуд нагардида, он доираи васеи технологияҳои фарҳангӣ, иттилоотӣ, иқтишофотӣ, шабакавӣ, психилогӣ ва дигарро истифода мебарад.

Ба ақидаи нoшири олмонӣ Й. Йоффе, «қувваи нарми Америка ҳатто аз иқтидори иқтисодӣ ва низомии он аз аҳамияти бештар бархӯрдор аст. Фарҳанги амрикоӣ, бигзор он сатҳи паст ё баланд бошад, дар ҳама ҷо бо шиддатнокие, ки танҳо дар замони Императории Рум ба мушоҳида мерасид, аммо бо хусусияти нави хоси худ нуфуз карда истодааст. Таъсири Рум ё Иттифоқи Шӯравӣ дар соҳаи фарҳанг гӯё дар сатҳи марзҳои низомии онҳо таваққуф карда буд, қудрати мулоими амрикоӣ бошад, императориеро ҳукмронӣ мекунад, ки дар он Офтоб ҳеҷ гоҳ ғуруб намекунад» [11].

Ҳамин тариқ, ба ном «инқилобҳои ранга» ҳамчун барнома барои таъсиррасонӣ ба ин ё он низомҳои сиёсие ба ҳисоб рафта, дар заминаи онҳо асосҳо ва усулҳои умумии методологӣ ва методие қарор гирифтаанд, ки аз ҷониби олимони амрикоӣ С. Ҳангтингтон, Зб. Бзежинский, Ҷ. Шарп ва Ҷ. Най таҳия шудаанд.

## АДАБИЁТ


1. Барсамов В. А. Политические кризисы и смуты: (История, теория, современность): Учеб. пособие по курсу «Политология» / Барсамов В. А.; Моск. гос. ун-т путей сообщ. (МИИТ), Каф. «Политология». – М.: МИИТ, 1997. - 34, [1] с.
2. Бжезинский Зб. Великая шахматная доска / З. Бжезинский. Перевод О. Ю. Уральской. – М.: Междунар. отношения, 1998. – 280 с. ISBN 5-7133-0967-3.
3. Гапич А.Э., Лушников Д.А. Г. «Технологии »цветных революций». - М.: Риор, 2010. –132 с.
4. Катунин Ю.А. Цветные революции: методология и методы организации//Ученые записки Таврического национального университета имени В.И. Вернадского. Серия «Философия. Культурология. Политология. Социология». – Том 27 (66). – 2014. № 1. – С. 270-284.
5. Манойло А. Цветные революции и проблемы демонтажа политических режимов в меняющемся мире // Вестник Московского государственного областного университета (электронный журнал). – 2014. – № 2. – С. 33-39 [махзани электронӣ]. URL: http://www.evestnik-mgou.ru (санаи дастрасӣ: 08.05.2023).
6. Най Дж. С. Гибкая власть. Как добиться успеха в мировой политике. - М.: ФСПИ Тренды, 2006. – 224 с.
7. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / С.Хантингтон. – М.: ООО «Издательство АСТ», 2003. – 603 с.
8. Холкин М. Символические революции. – М. 2016. – 120 с.
9. Шарп Джин. От диктатуры к демократии [махзани электронӣ] / Д. Шарп http: // psyfactor.org/lib/sharp.htm (санаи мурочиат:15.05.2023).
10. Шарп Джин. Теория ненасильственной борьбы» [маебаи электронӣ] / Д. Шарп http: // mioritix.tripod.com/civica/sharp1 (санаи мурочиат: 05.06.2023).
11. Soft power: теория, ресурсы, дискурс [Текст] : [монография] / [П. И. Агашкова и др.] ; под ред. О. Ф. Русаковой;. Российская акад. наук, Уральское отд-ние, Ин-т философии и права. - Екатеринбург : Дискурс-Пи, 2015. - 373 с.: ил., табл.; 21 см.; ISBN 978-5-98728-044-7

## МАОРИФ ВА ИЛМ – ВОСИТАИ МУҲИММИ ПЕШГИРИИ АМАЛҲОИ МАНФӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**ҒУЛОМОВА Ф.А.**

*Докторанти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

*Дар мақолаи мазкур нақши маориф ва илм ҳамчун сарчашмаи муҳими муқовимат ба амалҳои манфӣ нишон дода шуда, паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкур баррасӣ гардидааст. Инчунин, қайд гардидааст, ки нақши маориф, илм ва омӯзгор дар муқовимат на танҳо барои нашъамандӣ, терроризму экстремизм, балки алайҳи ҳама гуна таҳдидҳои замони муосир бояд мақому мартабаи баланд дошта бошад. Муаллиф тарбияи насли наврас ва ҷавононро дар рӯҳияи инсондустӣ ва ватанпарастӣ баён намуда, изҳори ақида дорад, ки чунин амал ба он бурда мерасонад, ки онҳо дар муқовимат ба зуҳуроти номатлубе, ки таъсири манфиии худро ба ҳаёти осоиштаи мардум мерасонанд, ҳамеша омода мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *маориф, илм, дониш, маърифати башарият, тарбия, амалҳои манфӣ, нашъамандӣ, терроризм, экстремизм, омӯзгор, ҷавонон, таълим.*

## ОБРАЗОВАНИЕ И НАУКА КАК ВАЖНЫЙ ИНСТРУМЕНТ ПРОФИЛАКТИКИ НЕГАТИВНЫХ ДЕЙСТВИЙ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

**ГУЛОМОВА Ф.А.**

*Докторант кафедры языкознании и сопоставительной типологии Таджикиского государственного педагогического университета именни С. Айни*

*В данной статье подчеркивается роль образования и науки как важного источника борьбы с негативными явлениями, и обсуждаются различные аспекты этой проблемы. Также было отмечено, что роль образования, науки и учителей в борьбе с наркоманией, терроризмом и экстремизмом, а также с любыми современными угрозами должна быть высокой. Объясняя воспитание подрастающего поколения в духе гуманности и патриотизма, автор считает, что подобные действия приводят к тому, что они всегда готовы противостоять негативным явлениям, негативно влияющим на мирную жизнь людей.*

***Ключевые слова:*** *образование, наука, знания, просвещение человечества, воспитание, негативные явления, наркомания, терроризм, экстремизм, педагог, молодежь, образование.*

## EDUCATION AND SCIENCE ARE AS AN IMPORTANT TOOL FOR PREVENTION NEGATIVE ACTIONS IN MODERN SOCIETY

**GULOMOVA F.A.**

*Doctorate of the Department of Linguistics and Comparative Typology of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*

*This article highlights the role of education and science as an important source of negative phenomena and discusses various aspects of this issue. It was also noted that the role of education, science and teachers in the fight against narcotic, terrorism and extremism, as well as against any modern threats should be given a high status. Explaining the upbringing of the younger generation in the spirit of humanity and patriotism, the author believes that such actions lead to the fact that they are always ready to resist negative phenomena that have a negative impact on the peaceful life of the people.*

***Keywords:*** *education, science, knowledge, enlightenment of mankind, upbringing, negative phenomena, narcotik, terrorism, extremism, teacher, youth, education.*

***«Илм, фарҳанг, маориф, таълим ва тарбия – пойдевори аслии таъмини амнияти давлати миллӣ мебошад».***
*Ятимов С.С.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ чунин ибрози андеша намуданд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро, агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, хамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта-сармоягузорӣ ба хотири рушди нерӯи инсонӣ мебошад» [2]. Воқеан ҳам ҷавонон ояндаи миллат, нерӯи муҳим ва ояндасози миллат буда, ҳар коре, ки баҳри таълиму тарбияи онҳо анҷом дода мешавад, ба хотири фардои дурахшони Тоҷикистон аст.

Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир, зуҳуроте чун бархӯрди тамаддунҳо ва раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, дар баробари пайомадҳои мусбӣ, як қатор мушкилотеро низ дар миён гузоштаанд, ки ҳалли онҳо аз масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок ба шумор меравад. Ҳолате, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар он қарор дорад, зарурияти таҳкими пояҳои соҳибихтиёрӣ, ҳифзу барқарорсозии арзишҳои миллӣ, андешаву ори пешқадам ва созандаро аз тамоми қишрҳои ҷомеа тақозо менамояд. Бо ворид шудан ба масири нави инкишофу пешравӣ ва оғоз намудани раванди барқарорсозии давлати воқеан миллӣ, демократӣ ва дунявӣ, вазъи имрӯза аз ниҳодҳои давлатии кишвар ва қишрҳои мухталифи ҷомеа тарғибу ташвиқи манфиатҳои миллӣ, коркарду таҳияи андешаҳои корсоз ва амалисозии чорабиниҳои мушаххасро ҷиҳати тарбияи аҳолӣ, бахусус насли наврас ва ҷавонон талаб мекунад.

Мавриди зикр аст, ки раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва зери таъсири он васеъ шудани ҳудудҳои бӯҳрони иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, костагии ахлоқ ва фарҳанг ва дигар мушкилот, барои пайдоиши ҷиноятҳои мухталиф, аз ҷумла нашъамандӣ, экстремизм ва терроризм мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки ин амалҳои номатлуб таъсири манфии худро ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсон расонида, душмани ҷомеа ва башарият ва ба истилоҳ, «вабои аср» ба ҳисоб меравад. Барои бартараф сохтан ва ё пешгирӣ намудани зуҳуроти мазкур, имрӯз, пеш аз ҳама, бояд ба тарбияи хонаводагӣ ва мактабу маориф диққати махсус дода шавад. Зеро раванди ташаккулёбии шахсият дар ҳамин доираҳо заминагузорӣ шуда, оғоз меёбад.

Бо назардошти мушкилоти мавҷудбуда дар ҷомеаи имрӯза метавон бо боварӣ гуфт, ки давлат бидуни соҳаи маорифи ташаккулёфта вазифаи асосии худ, яъне эҷод, тарбия ва ташаккули қувваҳои созандаи ҷомеаро наметавонад ба пуррагӣ иҷро намояд.

Пешвои миллат пайваста дар баромадҳои хеш илм, дониш, маърифат ва фарҳангро аз омилҳои муассиртарини эҳёи давлати миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои он дар замони муосир меҳисобанд. Сарвари давлат дар ин маврид чунин гуфтаанд: мо ҳамон вақт ҳадафмандона, оқилона ва муваффақона давлати миллии худро месозем ва онро аз таҳти дил, бо тамоми ҳастӣ – бошуурона ҳимоя карда метавонем, агар хонем, омӯзем [1].

Чӣ тавре ки донишманди тоҷик, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Ятимов Саймумин Сатторович қайд менамояд: «Ҷавҳари давлатро инсон дар бар мегирад. Ба ҳамин хотир, сохтани инсон аз муҳимтарин лоиҳаи инсон ва албатта, худи давлат мебошад. Инсон ягона мавҷудест, ки воқеият ва зарурати тарбияи ҳатмии ӯ аз муҳимтарин амал маҳсуб мегардад. Зеро маънои тарбия, мо парасторӣ (нигоҳдорӣ, дастпарварӣ), интизом (истодагарӣ, тобу

тоқат, тамкин, худдорӣ, таъмини амали муайяншуда), омӯзиш, ҳамзамон маърифатнок карданро дар назар дорем» [2,119].

Робитаи бевосита ва масъулияти давлатро дар тарбияи одамон дар доираи мактаб, маориф, донишгоҳ, коргоҳҳои хизмати давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, бузургтарин мутафаккирони олам эътироф, таъйид ва ҳамчун рукни асосии давлатдорӣ таъкид кардаанд.

Барои мисол, Аристотел, ки ӯро аз асосгузорони илмҳои энсиклопедии олам – фалсафа, сиёсатшиносӣ, тиб, математика, назмшиносӣ ва мантиқ шинохтаанд, ҳанӯз дувуним ҳазор сол пеш ба ин савол посух дода, бе дудилагӣ ва қотеона таъкид кардааст: **«Дар он давлатҳое, ки ба ин масъала, яъне ба масъалаи тарбия беэътиноӣ мекунанд, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Охир, барои ҳар як сохти давлатдорӣ – тарбияи ба он мувофиқ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Ҳар як сохти давлатдорӣ бо хосияти алоҳидаи худ аз дигараш фарқ мекунад. Он чизе, ки ба тарзи маъмулӣ барои ҳимояи ин сохти давлатдорӣ хизмат мекунад ва онро аз аввал муайян месозад, тарбия аст»** [3, 12].

Вақте сухан дар бораи мубориза бар зидди нашъамандӣ, терроризму экстремизм ва дигар зуҳуроти номатлуб, ҳамчунин, пешгирӣ намудани оқибатҳои ногувори онҳо меравад, бояд тамоми имкониятҳо ба инобат гирифта шаванд. Яъне, танҳо бо қувваи ниҳодҳои амниятӣ ва бо истифодаи механизми маҷбуркуниву таъсиру таҳдиди силоҳ наметавон чунин мушкилотро бартараф сохт. Дар шароити кунунӣ зуҳуроти номатлуб – қочоқи моводи нашъаовар, терроризму экстремизмро ягон давлат, ҳатто кишварҳои абарқудрат, наметавонад ба танҳоӣ аз байн барад. Барои аз байн бурдани падидаҳои мазкур ҳамоҳангӣ ва ҳамкории тамоми ниҳодҳои мамлакат ва барномаву принсипҳои ягонаи байналмилалӣ лозиманд.

Ба ғайр аз ин, ҷиҳати мубориза ва муқовимати муассир ва мақсаднок бо ин зуҳурот бояд сабабу омилҳои воқеии бавуҷудоварандаи онҳо муайян карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки нақши маориф ҳам дар муайянсозии заминаҳои пайдоиши зуҳуроти номатлуб ва ҳам дар муқовимат бо онҳо назаррас буда, метавон гуфт, ки маориф яке аз воситаҳои муҳимтарин дар самти пешгирии амалу кирдорҳои манфии ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб меравад.

Ба ибораи дигар, заминаи асосии рушду такомули инсон ва шахсият маҳз дар сатҳи зарурӣ аз илму дониш бархӯрдор гардидан ва бо ин роҳ иштироки бевосита доштан дар эъмори давлати миллӣ, ҳифзи арзишҳои инсонӣ ва мубориза бо зуҳуроти манфии давр ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир масъалаи маориф ва илм яке аз масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, таҳким ва инкишофи ин соҳаи ҷамъият зарурият ва талаботи рӯз буда, барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии ҷомеа ва рушди захираи инсонӣ заминаи мувофиқи моддию маънавиро фароҳам меоварад. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, барои ҷомеае, ки қисми бештари онро ҷавонон ташкил медиҳанд, бениҳоят зарур мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори даҳ давлати рӯ ба инкишофи ҷаҳон дохил шуда, сармояи зеҳнии онро маҳз наврасону ҷавонон ташкил медиҳанд. Чун қисми зиёди аҳолии кишварро ҷавонон ташкил медиҳанд, давлат ва Ҳукумат нисбат ба босавод гардонидани онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Аммо, бояд гуфт, ки ҳар қадаре ки давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба ин мақсади худ кӯшишҳо кунад ҳам, агар хонавода ва аҳли ҷомеа дар раванди тарбияи насли наврас ширкати бевосита надошта бошад, муваффақ шудан ғайриимкон мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар назарияи амнияти миллӣ қонунияте вуҷуд дорад, ки тибқи он рушду инкишофи ҳар як соҳаи ҳаёти ҷомеа ба пешравии соҳаҳои дигар вобастагӣ дорад. Яъне, мушкилиҳои як соҳаи фаъолият метавонанд ба дигар бахшҳои ҳаёт таъсири манфӣ расонанд ва боиси пайдоиши нуқсонҳо дар низоми умумии кишвар гарданд. Дар ин раванд вобастагии рушди соҳаҳои дигар аз соҳаи маориф дар он ифода меёбад, ки маориф муҳаррики асосии дигар бахшҳо ба шумор меравад. Зеро он барои ҳамаи соҳаҳои фаъолият

мутахассисонро омода менамояд. Аз ин рӯ, паст гардидани сифати таълим ва коҳиш ёфтани иқтидори илмию маърифатии низоми маориф ҳамчун таҳдид ба рушди ояндаи ҷомеа ва мавҷудияти минбаъдаи давлати миллӣ арзёбӣ мегардад.

Чуноне ки қайд намудем, низоми маориф дар натиҷаи рушди тадриҷии худ ва беҳтар намудани сатҳу сифати таълим барои соҳаҳои дигари ҷомеа кадрҳои баландихтисос ва ба талаботи замон ҷавобгӯро омода карда, дар пешрафти он соҳаҳо саҳми арзандаи худро мегузорад. Бо ин роҳ маориф омилҳои асосии заминагузори падидаҳои номатлубро, ки ба раванди инкишофи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд, бартараф месозад. Танҳо бояд таъкид намуд, ки ҳамаи ин вазифаҳои худро низоми маориф дар сурате иҷро карда метавонад, ки худаш бо кадрҳои баландихтисос, ботаҷриба ва дорои донишу ҷаҳонбинии мукаммал таъмин бошад.

Дар ҳақиқат, имрӯз низоми маориф ба барномаҳои нав, принсипҳои кории ҳамқадами замон ва кормандони соҳибтаҷриба эҳтиёҷ дорад. Таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардан ба низоми маориф қабл аз ҳама шахсони масъулро водор менамояд, ки худ аз моҳият ва мазмун, роҳу усулҳои инкишофи маориф бархӯрдор бошанд. Системаи маориф ва вазифаи онро дар ҷомеа дуруст дарк карда тавонанд. Ба моҳияти таълиму тарбия сарфаҳм рафта, онро дуруст роҳандозӣ карда тавонанд.

Ҳамзамон, низоми маориф дар пешгирӣ аз омилҳои заминасози нашъамандӣ, қочоқи маводи нашъаовар, дуздӣ, терроризм ва экстремизм низ саҳми назаррас дошта метавонад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, касбияти омӯзгорон, ҷаҳонбинии илмии онҳо, сатҳи донишу фаросат, шинохти арзишҳои олии инсонӣ, рафтор ва хислатҳои шоистаи омӯзгорон бениҳоят муҳим аст. Мутахассисони соҳаҳои гуманитарии маориф бояд аз зуҳуроти номатлуби замон, аз ҷумла аз моҳият ва хусусияти ҷангҳои идеологию иттилоотӣ, инқилобҳои ранга, мудохилаи кишварҳои хориҷӣ ба корҳои дохилии давлат, оқибатҳои тақлиди кӯр-кӯрона ба фарҳанги бегона ва дигар масъалаҳо огоҳии комил дошта бошанд ва ин падидаҳоро ба ҷомеа, пеш аз ҳама, насли ҷавони миллату давлат равшан намоянд. Омӯзгор бояд донишҷӯёнро аз қафои худ бурда тавонад, онҳоро муътақид карда тавонад, барои шогирдон намунаи тақлид бошад ва муҳимтар аз ҳама, тарғибгари илму дониш ва арзишҳои миллӣ бошад. Ба ибораи дигар, омӯзгор бояд чашми бедори давлату миллат бошад.

Мубориза бар зидди падидаҳои манфие чун нашъамандӣ, терроризм ва экстремизм қисми таркибии таъмини амният на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷомеаи чаҳонӣ мебошад. Муқовимат бо зухуроти мазкур хусусияти дастаҷамъӣ дошта, аз ҳар як фарди ҷомеа тақозо менамояд, ки дар бартарафсозии ин амалҳои манфӣ саҳмгузор бошанд.

Хавфу хатарҳои болозикр дар кишвари мо низ ҷой доранд, яъне имрӯз амалҳои экстремистӣ, сепаратистӣ, ҷинояткории террористӣ, зӯроварӣ, ташкили фазои тарснок, ҷиноятҳое, ки хусусияти миллӣ ва қавмӣ доранд, таҳдиди воқеӣ ба оромии давлати мо ба ҳисоб мераванд.

Аммо, ҳамчуноне ки қайд шуд, пешгирӣ аз оқибатҳои нохуши зухуроти мазкур танҳо вазифаи ниҳодҳои қудратӣ ва сохторҳои амниятӣ нест. Дар масъалаи мубориза бар зидди экстремизму терроризм ва дигар зуҳуроти номатлуб бояд аз шароит ва имконоти илму маориф ба таври васеъ истифода бурда шавад.

Дар баробари ҳама намуд таҳдиду хатарҳое, ки терроризму экстремизм эҷод менамоянд, тамоми қишрҳои ҷомеа қарор гиранд. Зуҳуроти номатлуб бояд пеш аз ҳама, аз ҷониби оила ва мактаб маҳкум карда шаванд ва зарари онҳо ба насли наврас расонида шавад. Бо ин роҳ мо метавонем аз хурдсолӣ дар замири фарзандонамон ғояҳои ватанхоҳию ватанпарварӣ, шуҷоату ҷасорати миллиро тарбият намоем ва барои ҳифзу ҳимояи давлату миллат аз таъсироти манфии зуҳуроти номатлуб заминаи боэътимод гузорем.

Мақоми илму маориф ва бахусус, нуфузи омӯзгор бояд дар ҷомеа баланд бардошта шавад. Зеро, дар ҳар кишваре, ки сатҳи зиндагии омӯзгор паст аст, наметавон натиҷаи дилхоҳро аз тарбиятгирандагон интизор шуд. Кишварҳои рӯ ба инкишоф хусусан, давлатҳои тозаистиқлол бояд ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, зеро вазъи бухронии замони

муосир ва муносибатҳои пурпечутоби байни кишварҳо аз омӯзгорону тарбиятгирандагон талаб мекунад, ки дар раванди ташаккул ва таҳкими давлатдории миллии худ фаъол бошанд.

Мактабу маориф дар пешгӯйӣ, огоҳкунӣ ва бартарафсозии худи ҳодисаҳои манфури даҳшатафканӣ, зӯроварӣ ва ҷиноятҳои зиддибашарӣ ва паёмадҳои ин зуҳурот хеле нақши бориз дорад. Дар сурати соҳибилм, соҳибмаърифат ва дорои маънавиёти баланд гардидани ҷавонон, хатари ба корҳои ношоиста даст задани онҳо, эҳтимолияти ба нобудӣ расидани миллат аз байн меравад. Бесаводӣ, бефарҳангӣ, ҷаҳолат, бетарбиятӣ ва хурофотзадагӣ сабаби асосии гумроҳ шудану мағзшӯӣ гардидани ҷавонон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, моро зарур аст, дар пайи тарбияи дурусти ҷавонон, соҳибкасб, озодандеш ва ояндабин гаштани онҳо бошем, зеро чунин ҳолат заминаи бузурге барои муқовимат бар зидди ҳама гуна падидаҳои номатлуб мегардад. Дар ин раванд, агарчи такрор ҳам шавад, метавон бо боварӣ гуфт, ки маориф ва илм нақши муҳим ва калидиро мебозад. Таъсири илму маориф дар ин самт аз дигар ниҳодҳои давлатии кишварамон муассиртар буда метавонад.

Низоми маориф ба сифати яке аз пояҳои асоситарини сиёсати давлат, дар натиҷаи рушду инкишоф ва коркарду амалисозии барномаҳои мухталифи муосир, пешрафти босуботи давлат ва миллатро таъмин менамояд.

Ба андешаи мо, маориф яке аз соҳаҳои асосӣ ва муҳимми на танҳо рушди давлату ҷомеа, балки омили муҳим ва сарчашмаи асосии пешгирӣ ва муқовимат бар зидди нашъамандӣ, идеологияи экстремизм ва терроризм мебошад.

Бинобар ин зиёда аз 30 сол мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати рӯ ба инкишоф ва аз сар гузарондаи ҷанги шаҳрвандӣ, ба соҳаи маориф диққати махсус равона месозад. Зеро вазъи пурпечутоби кунунӣ, бахусус ҳаммарз будан бо Афғонистон ва рӯз ба рӯз зиёд гардидани эҳтимолияти амалҳои террористӣ дар гӯшаҳои мухталифи ҷаҳон, нофаҳмиҳо бо кишварҳои минтақа ва ғайра аз мо таваҷҷуҳи зиёд равона кардан баҳри омодасозии кадрҳои баландихтисосро талаб менамояд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамин вазъиятро ба инобат гирифта, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 қайд кардаанд ки: «Дар баробари ин, таъкид месозам, ки дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон дар назди мо вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, муҳоҷирати ғайрирасмӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя торафт шиддат гирифта истодаанд» [3].

Ҳамзамон, Ҳукумати мамлакат низ ҳамин омилро ба назар гирифта, аз солҳои аввали соҳибихтиёрии кишвар ба пешрафти илму маориф ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро ҳоло ҳам идома дода истодааст. Ҳамин аст, ки дар самти сиёсати миллӣ маориф мақоми хосро соҳиб мебошад.

Миллати тоҷик дар ҳар давру замон ба илму маърифат эътимод дошт, ҳамеша мекӯшид, ки маорифи пешрафта дошта бошад ва дарк мекард, ки таълиму тарбияи насли наврас омили ягонаи кафолатдиҳандаи ояндаи дурахшони миллату давлат мебошад.

Тоҷикон ҳамчун яке аз халқиятҳои тамаддунофар ва фарҳангӣ аз ибтидои пайдоиши худ соҳиби қаламу дафтар, мактабу китоб буданд ва таълиму тарбияро аз ҳама чиз боло ва муҳимтар мешумурданд. Аз ин рӯ, аз аввалин рӯзҳои бунёд ёфтани сохти нав дар ин сарзамин ба масъалаи маориф ва низоми таълиму тарбия диққати махсус дода мешуд ва дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд беш аз пеш шакл ва мазмуни тоза касб намуд. Дар ин самт дигаргуниҳои назаррас ба вуҷуд омаданд, корҳои зиёде анҷом дода шуданд.

Бахусус, дар як муддати начандон тӯлонӣ се маротиба тағйиру иловаҳо ворид шудан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дар таҳияи нав пешниҳод гардидани он гувоҳи андешаҳои боло мебошад. Ба ғайр аз ин, ҷиҳати равшанӣ андохтан ба бахшҳои алоҳидаи соҳаи маориф барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия ва қабул гардиданд.

Ин ҳама далели он аст, ки давлат ва ҳукумати мо ба низоми маориф такя мекунад ва саҳми маорифро дар мубориза бар зидди падидаҳои зишт, ба мисли нашъамандӣ, терроризм ва монанди инҳо бузург ва муҳим мешуморад.

Яъне, метавон бо боварӣ гуфт, ки сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф амали тасодуфӣ набуда, аз таҷрибаву дидгоҳҳои гузаштагони шарафмандамон сарчашма мегирад.

Барои исботи ин гуфтаҳо метавон таъкидҳои Пешвои миллатро, ки ҳанӯз, 16 сол қабл аз ин зимни суханронии худ дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар карда буданд, ёдовар шуд: «Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯзӣ яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҳар яки моро водор менамояд, ки ба он бо таваҷҷуҳи хоса ва масъулияти баланд муносибат намоем. Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳони иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад» [3].

Ин ишораҳо гувоҳи онанд, ки сарвари хирадманд ва хирадгарои давлат муҳиммияти соҳаи маорифро дар замони муосир пурра ва дуруст дарк намудаанд. Зарурияти инкишофи ҳамаи самтҳои ин соҳаро қабул доранд ва дар пайи рушди бахшҳои гуногуни маориф мебошанд.

Сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода низ нақши маорифро дар пешгирию паҳншавии амалҳои номатлуб муҳим арзёбӣ намуда, иброз медорад, ки «низоми маориф тавассути рушди тадриҷии ин соҳа ва беҳтар намудани сатҳу сифати таълим барои соҳаҳои дигар кадрҳои ба талаботи давру замон ҷавобгӯро омода карда, дар рушди он соҳаҳо саҳми худро мегузорад ва омилҳои дохилии бавуҷудоварандаи терроризм ва экстремизмро, ки осебпазирии ҷомеаро ташкил медиҳанд, аз байн мебарад. Аммо соҳаи маориф дар навбати аввал бояд худашро бо кадрҳои баландихтисос ва дорои дониш ва ҷаҳонбинии васеъ таъмин карда тавонад. Зеро то агар омӯзгорон донишманд набошанд, мутахассисони қобилиятнокро омода карда наметавонанд» [1,116].

Дар мавриди камбудиҳо дар соҳаи маориф бояд таъкид намоем, ки ин нуктаро сарвари давлат низ борҳо дар баромадҳои худ қайд менамоянд. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат (26-уми январи соли 2021) зарурати баланд бардоштани сифати мутахассисони соҳаҳои гуногунро баён дошта, чунин ишора мекунанд: **«Бо вуҷуди ин, таъкид месозам, ки аз ҷониби роҳбарони Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар масъалаи қабули довталабон ва тарбияи кадрҳо, пеш аз ҳама, ба сифат эътибори аввалиндараҷа дода шавад»** [1].

Бо вуҷуди он ки баъзе камбудиҳо ҳанӯз ҳам ҷой доранд, метавон соҳаи маорифро яке аз самтҳои муваффақи сиёсати давлатӣ дар масъалаи пешгирӣ аз падидаҳои номатлуби ҷомеа ҳисобид. Танҳо маориф метавонад наврасону ҷавононро аз бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот раҳоӣ бахшад ва онҳоро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ кунад.

Моро зарур аст, ки маорифро ба сифати яке аз муҳимтарин воситаҳои пешгирикунанда аз ҳар навъ зиёдаравиҳо, гумроҳиҳо ва роҳи ягонаи тарбияи насли наврасу ҷавон бишносем, қабул намоем ва аз он мақсаднок истифода кунем. Тамоми маблағҳои аз ҷониби давлат ба ин соҳа равонагардида бояд барои тарбияи дуруст ва таълими самарабахш истифода гардида, ҳар гуна амалҳои коррупсионӣ дар низоми мазкур пешгирӣ карда шавад. Зеро маҳз тарбия ва таълими дуруст наврасону ҷавононро аз шомил шудан ба ҳар гуна равияҳои ифротӣ ва даст задан ба амалҳои ношоиста нигоҳ медорад. Яъне, дар сурати дуруст амалӣ намудани барномаҳо системаи маориф ба сифати ниҳоди муқовиматкунанда бар зидди ҳар гуна падидаҳои номатлуб метавонад баромад кунад.

Метавон хулоса кард, ки муқовимат тавассути маориф бар зидди амалҳои манфии замони муосир, пеш аз ҳама, нашъамандӣ, қочоқи маводи мухаддир, экстремизм ва терроризм дар замони муоср яке аз роҳҳои таъсирбахш ва муҳим ба ҳисоб рафта, ҷиҳати

раҳоӣ бахшидани ҷомеа аз ин унсурҳои ташвишовар заминаи устувор гузошта метавонад. Ба ибораи дигар, бунёди маорифи миллии дорои кадрҳои баландихтисос, рушду инкишофи низоми маориф, татбиқи барномаҳои гуногун дар ин соҳа ва баланд бардоштани донишу ҷаҳонбинии насли наврасу ҷавони миллат, ин роҳ надодан ба нашъамандӣ, экстремизму терроризм ва дигар амалҳои манфӣ дар ҷомеа мебошад.

Мубориза бар зидди ин падидаҳои номатлуб, ки зикрашон дар боло рафт ва ҳамаи онҳо дар замони муосир хусусияти байналмилалӣ касб кардаанд, бояд дар асоси барномаи ягона, ҳамоҳангии идораҳои дахлдори кишвар анҷом дода шуда, чорабиниҳои умумидавлатии муқовимат дар ин самт ҳадафмандона роҳандозӣ гарданд.

Яке аз қадамҳои нахустин дар ин самт метавонад дар амал татбиқ намудани донишҳои сиёсӣ ва рушди илмҳои ҷомеашиносӣ бошад. Маҳз нисбати илмҳои ҷомеашиносӣ бояд бештар афзалият дода шавад, зеро илмҳои ҷамъиятшиносӣ аст, ки манфиатҳоро дуруст шинохта, ҷомеаро ба самти дуруст ҳидоят намуда, қудрати истифодаи зеҳн ва ақлро боло мебаранд, яъне инсонро дар андешааш устувор мегардонанд. Аз ин рӯ, ниҳодҳои дахлдорро мебояд, ки ҷиҳати дастгирӣ ва таъмини шароити мусоид ба илмҳои гуманитарӣ дар раванди таълиму тарбия чораҳои таъҷилӣ андешанд.

Ҷиҳати пешгирӣ аз даст задани ҷавонон ба амалҳои манфӣ вохӯриву нишастҳои зиёд гузаронида мешавад, ки дар он олимону пажӯҳишгарон соҳаҳои гуногун аз Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳои марбута ибрози андеша мекунанд. Аммо дар баробари ин фаъолияти самараноки роҳбарият ва омӯзгорони мактабҳои миёна ва олӣ низ дар ин самт бояд зери назорати доимӣ қарор гирифта, дар муассисаҳои таълимӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ дар иртибот ба зуҳуроти номатлуб пурзӯр карда шаванд.

Инчунин, бо мақсади таъсиррасонии зарурӣ ва доимӣ ба сокинони кишвар аз имкониятҳои шабакаҳои телевизион ва радио дар ин самт васеъ истифода бурда шавад.

Танҳо соҳаи маориф аст, ки метавонад ҳамчун як воситаи пуриқтидор барои гирифтани пеши роҳи амалҳои номатлуб дар баробари дигар муассисаву идораҳои дахлдор мавриди истифода қарор гирад. Фақат низоми маориф метавонад монеаи асосии зуҳуроти манфии ҷомеаи имрӯз, яъне нашъамандӣ, терроризм ва экстремизм гардад. Соҳаи маориф метавонад дар сатҳи зарурӣ дар ташаккули ҳувияти миллӣ саҳми босазо гузорад.

## АДАБИЁТ


1. Сафарализода Х.Қ. Ҷойгоҳи маориф дар низоми амнияти миллӣ (дар мисоли муқовимат бо экстремизм ва терроризм) /Х.Қ. Сафарализода //Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши маориф дар мубориза бо ифротгароии сиёсӣ ва терроризм» –Душанбе, 2022. – 412 с.
2. Ятимов С.С. Миллат, илм, амният.– Хуҷанд: Ношир, 2019.–384 с.
3. Ятимов С.С. Масъалаи ташаккули инсон дар таълимоти Пешвои миллат /С. Ятимов// Илм ва амният/Маҷаллаи илмии МО КДАМ ҶТ. – 2022. – №2. -100 с.

**Сарчашмаҳои электронӣ:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми январи соли 2021. [Захираи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/22643 (санаи муроҷиат: 05.06.2023).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022. [Захираи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/22643 (санаи муроҷиат: 10.06.2023.
3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо намояндагони зиёиёни мамлакат, 18.03.2020 [Захираи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/22643 (санаи муроҷиат: 8.05.2023).

# МУҚОВИМАТИ ИТТИЛООТӢ: ТАЪРИХ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ШУУРИ ҶОМЕА

**СОЙИБЗОДА Ш.Ш.**

*Докторанти PhD-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур мафҳуми ҷанги иттилоотӣ ё психологӣ, таърихи пайдоиши он, ки дар ҷаҳони муосир боиси пайдо шудани нигарониҳои сиёсатмадорону коршиносони олам гаштааст, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бисёриҳо бар он назаранд, ки пайдоиши ҷангҳои иттилоотӣ ба асрҳои XX-XXI рост меояд. Аммо ин нодуруст буда, ҷангҳои иттилоотӣ таърихи дурударозеро тай намуда, то ба имрӯз аз худ дарак медиҳад. Ҳарчанд ин усули ҷанг ба таври васеъ истифода бурда мешуд, аммо он ин гуна номро дар худ надошт. Маводи мазкур зеҳни хонандаро ба умқи масъала фурӯ бурда, ӯро водор ба андешаи таъсири номақбули ин раванди номатлуби замон менамояд. Ин мақола таърихи пайдоиши ҷанги равониро аз даврони шоҳ Хашоёршоҳ, Искандари Мақдунӣ, Чингизхон, Ҳитлер ёдовар шуда, бозингари асосии ин масъала Амрико, ки яке аз абарқудраҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ба роғибони ин масъала баъзе асрори нуҳуфтаи ин кишварро доир ба ин мавзуъ ба хонанда бозгӯӣ менамояд.*

*Дар самти пешгирӣ аз оқибатҳои вазнини ин раванд ниҳодҳои дахлдор: Вазорати маориф, Хадамоти алоқа, Кумитаи радио ва телевизион ва матбуотро лозим меояд, ки мардумро аз хатари ин падидаи номатлуби ҷомеа дар ҷараён гузорад. Аз ҷумла:*

*– шабакаҳои телевизионӣ барномаҳои махсуси хешро доир ба хатару оқибатҳои ҷанги равонӣ омода ва ба самъи мардум расонанд;*

*– матбуот аз ҳадафу мақсадҳои пасипардагии бозингарони ҷанги иттилоотӣ маталибҳо омода намуда, дастраси мардум намоянд;*

*– Вазорати маориф дар мактабҳо, ҳангоми дарси технологияи иттилоотӣ хонандагонро аз ин падидаи номатлуби ҷомеа бехабар нагузорад;*

*– Хадамоти алоқа, бо ирсоли паёмакҳо ба дастгоҳои мобилии шаҳрвандон нагузорад, ки мардуми ноогоҳ побанди бозиҳои бозингарони сиёсӣ гардида, оромиву осудагӣ ва Ваҳдату ҳамбастаригро халадор созанд;*

***Калидвожаҳо:*** *ҷанги иттилоотӣ, психологӣ, муқовимат, абарқудратҳо, геополитика, ҳадаф, таблиғот, интернет, ВАО, шуур, мафкура, иттилооти бардурӯғ.*

# ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ: ИСТОРИЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ОБЩЕСТВЕННОЕ СОЗАНИЕ

**СОЙИБЗОДА Ш.Ш.**

*Докторант PhD Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинов Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье рассматривается понятие информационной или психологической войны, история ее возникновения, вызвавшая беспокойство политиков и экспертов в мире. Многие считают, что возникновение информационных войн относится к XX-XXI векам. Но это неправильно, информационные войны имеют долгую историю и очевидны и сегодня. Хотя этот способ ведения войны и получил широкое распространение, но такого названия у него не было. Этот материал погружает читателя в глубину проблемы и заставляет*

*задуматься о нежелательном влиянии этого нежелательного хода времени. В этой статье упоминается история психологической войны времен Шаха Хашогги, Александра Македонского, Чингисхана, Гитлера, а основным игроком в этом вопросе является Америка, считающаяся одной из мировых сверхдержав.*

*Для предотвращения серьезных последствий этого процесса соответствующим учреждениям: Министерству образования, Службе связи, Комитету по телевидению и радио, печати необходимо информировать население об опасности этого нежелательного социального явления. Включая:*

*- телеканалы готовят свои специальные программы об опасностях и последствиях психологической войны и доводят их до населения;*

*- пресса готовит статьи о закулисных целях и задачах участников информационной войны и доводит их до всеобщего сведения;*

*- Министерству образования не следует оставлять учащихся в неведении об этом нежелательном социальном явлении во время уроков информационных технологий в школах;*

*- Служба связи, отправляя сообщения на мобильные устройства граждан, не позволяет неосведомленным людям стать жертвой игр политических игроков и нарушить мир, согласие и единство;*

***Ключевые слова:*** *информационная война, психологическое сопротивление, сверхдержавы, геополитика, цель, пропаганда, интернет, СМИ, сознание, идеология, ложная информация.*

## INFORMATION RESISTANCE - HISTORY AND IT'S EFFECT ON SOCIETY'S CONSCIOUSNESS

**SOIIBZODA SH.SH.**
*Doctor PhD of Institute of philosophy, politics and law named after A. Bahovaddinov national Academy of science of Tajikistan*

*This article discusses the concept of information or psychological warfare, the history of its occurrence, which caused concern among politicians and experts in the world. Many believe that the emergence of information wars belongs to the XX-XXI centuries. But this is wrong, information wars have a long history and are evident even today. Although this method of warfare was widely used, it did not have such a name. This material plunges the reader into the depths of the problem and makes one think about the undesirable influence of this undesirable passage of time. This article mentions the history of psychological warfare from the times of Shah Khashoggi, Alexander the Great, Genghis Khan, Hitler, and the main player in this matter is America, considered one of the world's superpowers.*

*In order to prevent serious consequences of this process, the relevant institutions: the Ministry of Education, the Communications Service, the Committee on Television and Radio, the press must inform the population about the danger of this undesirable social phenomenon. Including:*

*- TV channels prepare their own special programs about the dangers and consequences of psychological warfare and bring them to the public;*

*- the press prepares articles about the behind-the-scenes goals and objectives of the participants in the information war and brings them to the public;*

*- The Ministry of Education should not leave students in the dark about this undesirable social phenomenon during information technology lessons in schools;*

*- The communication service, by sending messages to mobile devices of citizens, does not allow ignorant people to become a victim of the games of political players and violate peace, harmony and unity;*

***Key words**: information warfare, psychological resistance, superpowers, geopolitics, target, propaganda, Internet, media, consciousness, ideology, fake news.*

Ҷанг чун бозӣ мусобиқаест, ки дар сурати нобаробарии қувваҳо, ҷониби заиф ба шикаст мувоҷеҳ мешавад. Таҷрибаҳои зиёди таърихӣ нишон медиҳанд, ки рақиби шикастхӯрда тамоми имкониятро дошт, то дар ҷанг дастболо шавад, аммо пайдо гардидани нуқс дар оинаи иродаву эътимодашон онҳоро ба шикаст оварда мерасонад. Он доғро рақиб бо паҳн намудани маълумоти бардурӯғ дар меҳвари эътимодии ҷониби муқобил ҷойгузин намудааст. Ғалабаро на дар ҳама ҳолат бо истифодаи силоҳ ё қувва, балки бо истифодаи воситаҳои нозуктаре, ки метавонанд боиси таъсир расондан ба шууру рахна намудани хатти иродаи рақиб гардад, ба даст овард.

Ҳамин гуна усулҳои муқобила бо душманро ҷангҳои иттилоотӣ меноманд. Ин гуна усулро на танҳо бар зидди душман, балки дар муносибат ба сарбозони худ онро истифода низ намуд. Аммо бо усулҳое, ки оқибатҳои мусбатро ба бор оваранд. Ҳарчанд ин воситаро аз замонҳои қадим барои мағлубияти душман истифода менамуданд, лекин худи мафҳуми ҷангҳои иттилоотӣ ҳамин чанд даҳсолаи пеш пайдо шудааст. Имрӯз усули болозикрро ҷанги психологӣ ҳам меноманд. Ҷанги психологӣ ё иттилоотиро пеш аз оғози ҷанг ё дар рафти он истифода менамоянд. Ин маҷмуи усулҳое мебошад, ки барои тағйир додани шууру мафкураи душман ва шикасти руҳия, ки нуқтаи заифи инсон ба шумор меравад, равона карда мешавад. Ҷанги иттилоотиро бе истифодаи силоҳ бо роҳи таблиғот метавон пиёда сохт [12, 10].

Ҷанги психологӣ ин усули нави ҷангӣ нест. Сун Тзи, мутафаккири чинӣ ва муаллифи рисолаи «Санъати ҷанг» дар асри VI то милод умр ба сар бурдааст, тарафдори ҷанги психологӣ буд. Сун Тзи мегӯяд: «Назар ба он ки артиши душманро аз байн бибарӣ, онро водор ба таслим намудан беҳтар аст. Беҳтар мебуд, ки рота ё полки душманро ба даст орӣ, назар ба оне, ки аз байн бубарӣ. Ба даст овардани ғалаба дар сад ҷанг санъати баланди ҷангӣ нест. Мағлуб сохтану бе ҷанг таслим кардани рақиб ин санъати баланди ҷангист. Аз ҳама чизи муҳим дар ҷанг мавқеи стратегии душман аст. Роҳи дигар барҳам задани иттиҳоди рақиб тавассути дипломатия мебошад. Лек сиёсати аз ҳама мудҳиш ин ҳамла ба шаҳр маҳсуб меёбад» [12, 8].

Сун Тзи дарк менамуд, ки агар душманро пеш аз ҷанг руҳан мағлуб намоем, ӯ ба майдони ҷанг ворид нашуда, таслим мешавад. Барои он ки душман пеш аз шуруи муқовимат, яъне оғози ҷанг аз мубориза худдорӣ кунад, аз амалиёти равонӣ ба таври васеъ истифода намуд. Инчунин, татбиқи дурусти таъсири иттилоотӣ метавонад мунокишаро пеш аз оғоз хотима бахшад ва ҳатто захираҳои ҷангиро ҳифз намояд.

Мувофиқи таҳқиқоти олимон, муҳаққиқони хориҷӣ дар рисолаи «Усули ҷанг» воситаи муҳимму таъсирбахши психологӣ дар давраи ҷанг, яъне маълумоти бардурӯғ, фиреб додан нишон дода шудааст. «Ҷанг роҳи фиреб аст, агар аз уҳдаи коре баромада тавонӣ, ба душман нишон деҳ, ки наметавонӣ, агар чизеро истифода намоӣ, ба ӯ нишон деҳ, ки аз он истифода намекунӣ» [12,7].

Эҳтимол меравад, ки яке аз ҷангҳои равониро ба Искандари Мақдунӣ рабт медиҳанд. Искандар дар ҳар як минтақаҳои забтшуда сарбозони худро барои нигоҳ доштани тартибот дар ҳамон ҷо ҷойгузин мекард. Замоне фаро расид ва Искандар фаҳмид, ки лашкари худро аз ҳад зиёд паҳн кардааст ва ҳоло хатари бузурги шикаст хӯрданаш мавҷуд буд. Ӯ маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ намояд ва сарбозонашро омодаи ҷанг намояд.

Бисёриҳо бар он назаранд, ки ҷангҳои иттилоотӣ дар асри XX бо пайдо шудани тенологияҳои нав аз худ дарак додаанд, аммо ин нодуруст аст. Яке аз аввалин ҳолатҳои истифодаи ҷанги иттилоотӣ ва таъсири равонӣ, яъне ҷангҳои психологӣ ба асри V пеш аз милод рост меояд. Вақте ки шоҳи Эрони Қадим Хашояршоҳ (Ксеркси I) хост, ки элиниҳоро ҳаросонад, ӯ овозаи бардурӯғеро оид ба зиёд будани лашкараш паҳн намуд.

Равоншиносон исбот намуданд, ки дар ҷанг руҳия ва ирода мавқеи муҳимро мебозад. Агар душман аз лиҳози қувва бартарӣ дошта бошад, барои ғолиб баромадан, пеш аз ҳама, руҳияи ӯро бояд шикаст. Дар сурати заиф намудани иродаи душман имкони мағлуб

намудани ӯ дучанд мегардад. Дар замонҳои қадим ин усул, яъне ҷангҳои иттилоотиро ба таври густурда, вале на бо ин ном истифода мебурданд,. Пеш аз он ки ягон давлат ба давлати дигар ҳуҷум кунад, ба он ҷо ҷосусони худро мефиристоданд ва онҳо дар байни мардум ё лашкари душман ахбори бардурӯғ, ба монанди зиёд тавсиф намудани шумораи лашкар ё қувваи ҷангии душман, тухми тарсу ваҳмро дар замири душман мекошт, ки боиси суст гардидани иродаи ҷангии душман мегардид. Ин ҷо метавон лашкаркашиҳои муғулро ба сарварии Чингизхон мисол овард.

Чингизхон, пеш аз он ки ба ягон кишвар ҳамла кунад, ҷосусони хешро бо ҳайси тоҷир мефиристод. Тоҷирони зархарид ба кишварҳои вобасташуда сафар намуда, дар байни мардум даст ба таблиғоти бардурӯғ мезаданд. Аз сабабе, ки лашкари муғул аз ҷиҳати шумора зиёд буд, ҷосусони Чингизхон барои ба гирдоби ғафлат гирифтор намудани рақиб лашкари муғулро кӯчаку заиф тавсиф менамуданд. Ин ҷо метавон фоҷеаи Таррорбанд (Утрор) – ро мисол овард. Ҷосусони муғул ба Муҳаммади Хоразмшоҳ аз он мегуфтанд, ки лашкари чун шамъи муғул дар назди лашкари чун Офтоби шумо ҳеҷ аст. Аз шунидани ин хабар Муҳаммади Хоразмшоҳ фориғболӣ намуда, ба ҷамъугири лашкараш машғул намешавад, аммо чӣ тавре ки муаррихон иброз доштанд, лашкари Муҳаммади Хоразмшоҳ аз лиҳози шумора назар ба лашкари муғул бартарӣ дошт. Инро ба инобат гирифта, Муҳаммади Хоразмшоҳ равияи ҷангталабонаеро пеш мегирад. Соли 1218 ҷанговарони Хоразм бо дастури Муҳаммади Хоразмшоҳ дар қалъаи сарҳадии шаҳри Таррорбанд (Утрор) дар канори рӯди Сайҳун (Сирдарё) мавқеъ гирифта буданд. Корвоне, ки аз тарафи Чингизхон фиристода шуда буд, бо гумони он ки онҳо ҷосусанд, дастгир намуда, молҳояшонро таллаву тороҷ менамоянд. Бори корвон, ки аз 500 шутур тилло, нуқра маснуоти абрешими чинӣ, пӯстҳои қиматбаҳо ва дигар чизҳо, инчунин, 450 нафар тоҷир, аъёну ашроф ва шахсони боэътимоди Чингизхон, ки масъули овардани онҳо буданд, ба қатл расонида, молҳоро фурӯхта, пули онҳоро ба маркази давлати Хоразм равон мекунанд [10, 504].

Дар Ҷанги дуюми ҷаҳон аксари давлатҳо усули дезинформатсияро моҳирона истифода менамуданд ва ба натиҷаҳои хуб ҳам ноил мегардиданд. Масалан, Ҷопон он замон бо 22 забони хориҷӣ барномаҳои радиоӣ пахш намуда, бо маълумоти бардурӯғ Амрикоро мутақоид кунонд, ки неруҳои ин кишвар нақшаи иҷрои ягон амалиёти ҳарбиро надоранд. Аммо ҳамон сол, яъне соли 1941, Ҷопон ба базаи ҳарбии ИМА дар Пирл-Харбор ҳамла намуда, неруҳои баҳрии Амрикоро торумор кард. Ҳамон сол ҳукумати Япония дар ҳудуди кишвараш шунидани радиоҳои хориҷиро манъ намуда буд. Таърих шоҳиди он аст, ки қисми зиёди дастовардҳои соҳаи илму техника ғайр аз ҷиҳатҳои нафърасонии хеш, зиёнҳоеро низ ба бор меоваранд, ки боиси нестшавии насли инсоният мегардад. Амсоли дастовардҳои физикаи ядроӣ – силоҳи атомӣ, электроникаи оптикӣ силоҳи лазерӣ, кимиё – газҳои заҳролуд, биология – силоҳи биологӣ ва ғайра.

Аҳамияти тадқиқотии ҷангҳои иттилоотӣ, гуногунҷанбагии шаклу усулҳои он аз он иборат аст, ки имрӯз ҳар кишварро лозим меояд, системаи ягонаи дифои муқовиматҳои иттилоотиро таъсис диҳанд. Ба ҳамагон равшан аст, ки дар замони муосир давлатҳои дунё ҷангҳои иттилоотиро барои пиёда сохтани аҳдофи геополитикиашон восита намуда, мехоҳанд, тири мақсадашонро бо ин роҳ ба ҳадаф расонанд. Ҷангҳои иттилоотии имрӯза ба яке аз усулҳои ҷангие табдил ёфтааст, ки бе талафоти ҷисмониву техникӣ душман мехоҳад ба ҳадафи худ бирсад. Субъекти ҷангҳои иттилоотӣ техникаҳои муосири иттилоотпаҳнкунанда, аз қабили шабакаҳои маҷозии интернет, яъне компютерҳо, смартфонҳо, радио, телевизион ва дигар воситаҳое, ки душман тавассути он имкони паҳн намудани иттилоотро дорад, маҳсуб меёбад. Равиши ҷанги иттиллотӣ, чӣ тавре дар боло қайд намудем, ин мағлуб намудани рақиб бе расонидани осеби ҷисмонӣ сурат мегирад. Меҳвари ягонае, ки рақиб метавонад, бо ин усул таъсиргузор бошад, ин шуури инсон мебошад. Яъне, бо паҳн намудани маълумоти бардурӯғи диққатҷалбкунанда, иродаи душманро заиф намуда, ӯро водор ба иҷрои талаботи хеш менамояд [7,2].

Дар ҳама давру замон давлатҳои дунё дастовардҳои илму техникаро барои пиёда сохтани ҳадафҳояшон бар суди хешу зиёни дигарон истифода менамуданд ва мекунанд. Ворид

шудани мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» ё психологӣ дар ҷаҳони муосир боиси пайдо шудани нигарониву таассуфи сиёсатмадорону коршиносони олам гаштааст. Ин мафҳум бо пайдоиши давлатҳо ва мухолифатҳое, ки дар байни онҳо пайдо шудааст, ташаккул ёфтааст. Нахустин бор муҳаққиқи канадагӣ Маршал Маклюэн солҳои 60-уми асри XX дар хусуси ҷанги иттилоотӣ дар матбуот навиштааст. Ӯ доир ба ҷанги иттилоотии Амрико чунин ибрози назар кардааст: «Ветнам аввалин ҷанги телевизионии ИМА буд. Ҷангҳои пешин бо воситаи филмҳову аксҳо ва матбуот бурда мешуд.» [7,11]. Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Ҷовид Муқим: «Ҷанги иттилоотӣ ин таъсиррасонии нақшавӣ ба тамоми системаи иттилоотиву иртиботии душман ва давалтҳои бетараф бо мақсади такон додани фазои мусоиди ҷаҳони иттилоотӣ барои гузаронидани амалиёти сиёсӣ мебошад, ки назорати аксари ин фазоро таъмин менамояд. Вазъи мураккаби печидаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҷангҳои иттилоотиро асосан кишварҳои абарқудрату қудратталаб, ташкилоту созмонҳои бузурги дунё истифода мебаранд» [7,8].

Истифода шудани маълумоти бардурӯғ на танҳо дар асри XXI, балки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҳар ду тараф ба таври густурда истифода шудааст. Бояд зикр намуд, ки дар рафти ҷанг маълумоти бардурӯғро на танҳо мубаллиғони Геббелс, балки аз ҷониби иктишофони англисии MI 6, ки роҳбарии онро адмирал Канарис бар уҳда дошт, гузаронида шуд.

Олмониҳо ҳангоми омодагӣ бар зидди ИҶШС нақшаҳои худро моҳирона пардапӯш карданд. Ин чорабинии пардапӯшонии лашкари Олмон дар сатҳи сиёсати давлатӣ гузаронида шуд ва роҳбари онҳо Рейхи Сеюм дар таҳияи он иштирок кард. Дар аввали соли 1941, вақте омодагӣ ба ҷанг алайҳи ИҶШС ба таври васеъ қабул карда шуд, Олмон тамоми чораҳоро доир ба бардурӯғ будани омодагии ҷангиаш андешид ва онро хост ба ҳамагон ёдовар шавад, ки вай нияти ҳамла ба хоки Шуравиро надорад. Бо ҳамин маълумоти бардурӯғи худ генерал-фелдмаршал Кейтел 15 феврали соли 1941 бо роҳбарии Ситоди фармондеҳии олӣ доир ба ниқобпӯшии омодагии ҷангиаш бар зидди Шуравӣ имзо гузошт. Ин кор, яъне маъракаи паҳн намудани маълумоти бардурӯғ дар ду марҳала гузаронида шуд. Дар марҳалаи якум тақрибан то нимаи моҳи апрели соли 1941 пинҳон кардани ниятҳои Олмон оид ба ҷанг. Самтҳои хоси маълумоти бардурӯғи Олмон нодуруст будани овозаҳо дар хусуси ҳамлаи он буд. Он нафароне, ки дар сарҳади ИҶШС ба корҳои разведкавӣ машғул буданд, онҳоро муҳандисоне ном мебурданд, ки ба корҳои сохтмонӣ машғул буданд. Чунин вонамуд мекарданд, ки Англия то ҳол рақиби Олмон аст, аммо дар асл чунин набуд.

Дар санаи 21-уми феврали соли 1941 бо нақшаи ҳамла ба Иттиҳоди Шуравӣ сардори шуъбаи таблиғотӣ полковник Ведел ошноӣ пайдо кард. Аз ҳамон рӯз эътиборан воҳиди таблиғоти амнияти «Шери баҳрӣ» ба маъракаи стратегии дезинформатсионӣ ба номи «Киштии яхбаста» табдил ёфт, ки доир ба он чорабиниҳои алоҳида гузаронида шуданд.

Дар ҷараёни яке аз онҳо Олмон гӯё ба Британия ҳамла мекарда бошад, баталиёни таблиғотии «К» ташкил карда мешавад, ки ба он мутахассисони Британия, тарҷумонҳои забони англисӣ аз тамоми воҳидҳои таблиғотӣ аз ҷумла нафароне, дар сарҳадҳои шарқӣ ҷойгиранд, дохил мешуданд.

Хабарнигорони ҳарбӣ дар бораи машғулиятҳои васеъмиқёси десантизатсия гузоришҳо омода мекунанд, ки нашри онҳо ба таври қатъӣ манъ карда шудааст, аммо баъзан мавод саҳван ба саҳифаи рӯзномаҳо ворид мешуданд. Дар таърихи 10-уми майи соли 1941 сафари намояндаи Олмон Р. Ҳейс ба мақсади дастгирии кишвари мизбон оид ба ҳамлаи Олмон ба ИҶШС сурат гирифт. Созишномаи махфии Гитлер ва роҳбари Британия ба имзо расид. Созишномаи дуюм баъди Мюнхен дар соли 1938 сурат гирифт. Соли 1941 12-уми май Кейтел як дастури дигареро ба имзо расонд, ки самтҳо ва усулҳои маълумоти бардурӯғи Олмонро бар зидди ИҶШС таҳмил медод.

Соли 1940 ба марказ ҳар гуна хабарҳо меомад. Дар онҳо дарҷ гардида буд, ки ҷанг нимаи дуюми соли 1941, яъне баҳори соли 1941 оғоз меёбад. Аз моҳи май ин хабар ба худ хусусияти дигарро кашф мекунад. Инро наметавон тамоман хато номид, чунки дурӯғ мешавад. Маълумот дода мешуд, ки ҳамла дар нимаҳои моҳи май ё охирҳои ҳамин моҳ сурат

мегирад. Гузашта аз ин, ин хабар чанд рӯз пеш аз муҳлати истило ба даст меояд. Масалан, Р. Сарге рӯзи 21-уми моҳи май дар борои оғози ҷанг дар охири моҳи май хабар медиҳад, аммо ин маълумот бардурӯғ буд. Дар санаи 30-юми апрел Гитлер рӯзи ҳамлаи худро 22 июн муқаррар кард.

Вақте ин муҳлати гуфташуда ба поён мерасад, гапу хабарҳои нав паҳн мешавад. Нимаи моҳи июн баъди анҷоми корҳои саҳроӣ 15-20-уми июн, 20-25-уми июн, 22-юми июн, ки инҳо дақиқ набуданд, лекин ҳаминро бояд гуфт, ки хабарҳои дурусту дақиқ ду-се ҳафтаи пеш аз ҷанг паҳну дастрас гардид. Дар санад нишон дода шудааст, ки оғози ҷанг бар зидди ИҶШС бояд дар миёнаҳои 15-уми май ё 15-уми июни соли 1941 интизор шуд. Аммо хулосаҳои аз маълумоти дар гузориш овардашуда аслан моҳияти онро куллан аз байн бурд, ки ин Сталинро ба гумроҳӣ оварда расонид. 6-уми майи соли 1941 ба И.В Сталин комиссари халқии флоти ҳарбӣ-баҳрӣ адмирал Н.П. Кузнецов ёддошт равон кард, ки дар он номбурда дар борои ҳамла ба ИҶШС тавассути Финландия, Балтика ва Руминия сухан мегуфт, аммо маълумоти дар санад дарҷгардида арзиши истисноӣ дошт. Бояд тазаккур дод, ки маълумот бардурӯғ буда, он махсус ба он равона гардида буд, то муайян намояд, ки ИҶШС ба ин чӣ гуна муносибат хоҳад кард [11,5].

Ба қавли муҳаққиқи ҷанги иттилоотӣ Н. А. Бруснитсин, дар замони ҷанги сард Департаменти давлатии Раёсти марказии кашшофӣ, Оҷонсии амнияти миллии ИМА, Бюрои федеролии таҳқиқот садҳо рӯзномаву телевизион шабонарӯзӣ таблиғоти зиддишуравӣ мебурданд.

Аз ин рӯ, ҳадаф ва воситаҳои робита дар се самт метавонад ба кор бурда шавад:

– дар мубориза бар зидди нуқтаи назари бегона;

– коҳиш додан ин нуқтаҳои назар;

– расонидани тавсияи худ;

Баъди ба итмом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳон кишварҳои абарқудрат барои таҳмил додани ақидаҳои худ ба шаҳрвандони ИҶШС ба тарғиботи густурда гузаштанд. Шурои амнияти миллии ИМА 18-уми августи соли 1948 изҳоротеро қабул намуд, ки тибқи он гузориши президент Г. Трумэн чунин омадааст: «Ҳукумат бояд дар ҷанги сиёсие, ки ҳоло паҳн шуда истодааст, бар зидди Росия ҳадафҳои муайяни ҷангии худро гузорад. Мақсади ягонаи мо барҳам додани кишварҳои бузурги чун Шуравист. Мо бояд корро чунон ба роҳ монем, ки дар дохили давлатҳои ИҶШС зиддиятҳои дохилӣ сар зананд»[11]. Яъне, ҳадафҳои ИМА заиф гардонидани Шуравӣ дар муносибатҳои психологӣ буд. Чунин ҳам шуд, бо тарғиботи ақидаҳои густурдаи хусусияти зиддишуравидошта тавассути ВАО, яъне радио, ба «ҷанги сард» оғоз бахшид. Айни ҳол Агентии амнияти миллии ИМА яке аз мақомоти асосӣ барои пешбурди ҷангҳои иттилоотӣ ба шумор меравад. Дар ин сохтор зиёда аз 120 ҳазор мутахассис кору фаъолият намуда истодаанд. Онҳо фаъолияти пурсамари хешро дар самтҳои дур кардани мардуми минтақаҳои зери ҳадафашон қарордошта аз таърих, фарҳанг, гаравидани онҳо ба динҳои ғайр ва инчунин, дигар намудани мафкураи мардум, яъне майл кунонидани онҳо ба бегонапарастӣ амалӣ менамоянд. Ҳарчанд истилоҳи ҷангҳои иттилоотӣ барои Амрико таърихи зиёд дошта бошад ҳам, он ҳамчун истилоҳ дар соли 1993 дар Вазорати мудофиаи ин кишвар ба кор бурда шудааст.

Имрӯзҳо бо паҳн шудани шабакаҳои интернетӣ кори мубаллиғони тахрибкор, ки бо истифода аз шабакаҳои маҷозӣ мехоҳанд, тири худро ба ҳадаф расонанд, осон гардид. Бо пахши як тугма иттилооти нашршуда аз як нуқтаи олам ба тамоми гӯшаи дунё паҳн мегардад ва он дастраси кулли истифодабарандагони шабакаи интернет мегардад. Иттилоъ воситаест, ки метавон тавассути он ҷомеаро идора кард. Аз ҳамин сабаб, иттилоъ роҳу усули муҳимми идоракунӣ махсусан, бо рушду инкишофи технологияҳои муосир буду мемонад.

Чӣ тавре муҳаққиқи рус В. Афанасев иброз медорад: «Матбуот, радио ва телевизион силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъият маҳсуб ёфта, онро наметавон ба чизи дигаре иваз кард. Дар воқеъ, тарғибу ташвиқоте, ки тавассути ВАО паҳн карда мешавад, ба гурӯҳе нафърасон асту ба дигаре зиёновар. Гурӯҳ ё давлате, ки иттилоотро паҳн мекунад, мехоҳад, ақидаҳои иртиҷоии худро ба сари дигарон бор карда, аз он суде ба даст орад» [7,6].

Иттилооти хусусияти тахрибкорӣ дошта тавассути шабакаҳои гуногуни телевизионӣ, махсусан тариқи шабакаҳои маҷозии интернет, паҳн карда мешавад. Масалан, ТТЭ ҲНИ (ташкилоти террористиву экстремистии Ҳизби наҳзати исломӣ) бо истифода аз шабакаҳои «YouTube», «Instagram», «Facebook», «Telegram» барномаҳои таблиқотии бардурӯғи худро паҳн намуда, мехоҳанд ҷомеаро бар нафъи аҳдофашон истифода намоянд. Ин гурӯҳ зидди сохти конститутсионӣ буда, барои расидан ба ҳадафҳои нопокшон аз ҳеҷ қабоҳату разолат рӯй намегардонад. Онҳо дар шабакаҳои маҷозии интернет, дорои якчанд сомона буда, мудом камбудиҳои мавҷуднабудаи ҳукумату давлатро танқид намуда, Ҳукуматро дар чашми мардум бад кардан мехоҳанд. Бо ин восита онҳо мардумро мағзшӯйӣ намуда, мехоҳанд бо ҷалби мардум тавассути шабакаи маҷозии интернет онҳоро ба худ моил сохта, бо аланга додани оташи эътироз дар байни мардум ҳукуматро ба даст оранд. Бар зидди ин гурӯҳ Ҳукумат низ чораҳои муассирро андешида истодааст. Дар ин кор саҳми зиёиён, блогерон ва рӯзноманигорон бояд афзалияти бештареро ба худ касб намоянд. Бо истодагарӣ бар зидди суханҳои онҳо зиёиён аз манфиати миллату давлат муҳофизат намуда, нагузоранд, ки аҳдофи нопоки онҳо мафкураи мардумро рахна созанд. Воқеан, чунин ҳам ҳаст, аммо инҳо қонеъкунанда нестанд. Онҳо дар ин кор барои равона намудани диққати мардум ба тарафи худ аз дин истифода менамоянд. ТТЭ ҲНИ аз он сухан меронад, ки Ҳукумати Тоҷикистон дари масҷидҳоро мебандад ва мухолифи ришу ришмонии мардум мегарданд, ки мутаассифона, ин гуна суханҳо мафкураи танги гурӯҳи зиёди мардумро бар зидди Ҳукумат бедор месозад. Мардуми ноогоҳи аз нақшаҳои пасипардагии онҳо воқиф набуда ба суханҳои онҳо эътимод баста, шуълаи оташи нобовариву адовати худро бар зидди давлат аланга мезанонад, ки ин ҷойи таассуф аст [13,2].

Тавассути васоити ахбори омма таъсирнокии афкор ба шуури инсон дучанд мегардад. Инсон дар тӯли ҳаёти худ бо иттилоот рушду камол меёбад. Агар барои инкишофи ҷисм ғизо нақши аввалиндараҷаро бозад, дар ташаккулу инкишофи шуури мо иттилоот нақши ҳалкунандаро мебозад.

Бояд қайд намуд, ки раванди ташаккулёбии назарияи амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо он, то ба ҳол ба поён нарасидааст. Олимону мутахассисони соҳаи мазкур, бо дарназардошти рушди бесобиқаи илму техника марҳила ба марҳила паҳлӯҳои гуногуни онро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода истодаанд, чунки амнияти иттилоотӣ ва зуҳуроти муқовимат бо он барои ҷомеаҳои дорои системаҳои дар ҳолати гузариш қарордошта камаҳмият мебошад. Аммо олимону мутахассисони соҳаи болозикр таҳдидҳои эҳтимолии амнияти иттилоотиро муайян ва раванди муқовимат бо онро аз бар намуда, дар фаъолияти кориашон истифода менамоянд. Масалан, соли 2018 пас аз оне, ки гурӯҳи даҳшатафкани ДОИШ аз мавҷудияти худ дарак дода майл ба густаришу доман паҳн кардан дар Ховари Миёнаро намуд, барои зиёд намудани сафи лашкари худ нафароне, ки вобастаи ҷалбкунии ҷавонони гумроҳу аз кӯчаи дониш гузарнокардаро тавассути ВАО бо ваъдаҳои бардурӯғ ва хушку холиашон хостанд, пойбанди доми фиреб кардаву шомили гурӯҳи даҳшатафкани худ созанд. Онҳо тавонистанд, ки бо ин роҳ ҳадафи нопоки худро пиёда созанд. Аз саросари ҷаҳон ҷавонони зиёдеро ба майдони ҷанг бурдаву риштаи умри ҷавонашонро берун аз доираи хоҳишҳояшон кананд. Аз ҷумла, аз Тоҷикистон ҳам нафарони зиёде ба сафи ин гурӯҳ ҳамроҳ шуда, гӯё дар роҳи ҷиҳод мубориза бурда бошанд, худро қурбони нақшаҳои онҳо намуданд. Барои пешгирӣ аз ин раванди номатлуб Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои зиёди амниятиро ба кор бурд.

Мо набояд фаромӯш созем, ки дар вақти ҷанги иттилоотӣ душман аввал фазои иттилоотӣ ё чӣ тавре мегӯянд, қудрати иттилоотиро зери идораи худ қарор медиҳад ва баъдан метавонад қудрати воқеӣ (хукумат)-ро соҳиб гардад.

Муҳаққиқ Н.А. Бруснитсин ёдовар мешавад, ки даҳҳо радиостансияҳои хориҷӣ ва дар навбати аввал «Озодӣ» , «Садои мардум», «Си-Би-Эс», «Мавҷи Олмон» шабонарӯзӣ зиёда аз 100 соат барои сокинони ИҶШС бо забони русӣ ва дигар халқиятҳои он барнома пахш мекарданд. Ҳоло пас аз пошхӯрии ИҶШС ин кор дар кишварҳои ИДМ идома дорад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлили гузаронида метавон хулоса намуд, ки дар замони муосир давлатҳои дунё ҷангҳои иттилоотиро барои пиёда сохтани аҳдофи геополитикиашон

восита намуда, мехоҳанд, нақшаҳои худро амалӣ созанд. Ҷангҳои иттилоотии имрӯза ба яке аз усулҳои ҷангие табдил ёфтааст, ки бе талафоти ҷисмониву техникӣ душман мехоҳад дар ҷанг ғолиб барояд.

Инсон дар тӯли ҳаёти худ бо иттилоот рушду камол меёбад. Агар барои инкишофи ҷисм ғизо нақши аввалиндараҷаро бозад, дар ташаккулу инкишофи шуури мо иттилоот нақши ҳалкунандаро дорад. Ҷанги психологӣ ё иттилоотиро пеш аз оғози ҷанг ё дар рафти он истифода менамоянд. Ин маҷмуи усулҳое мебошад, ки барои тағйир додани шууру мафкураи душман ва шикасти руҳия, ки яке аз нуқтаҳои заифи инсон ба шумор меравад, равона карда мешавад. Ҷанги иттилоотиро бе истифодаи силоҳ бо роҳи таблиғот метавон пиёда сохт.

Давлатҳои дунё, махсусан кишвари моро, лозим меояд, ки барои дар канор будан аз ин раванди номатлуб, ҳарчанд ки ин ба пуррагӣ имконнопазир аст, вале муқовимат бо онро нодида нагирад. Зеро ин ҷанге мебошад, ки зиёнаш на ба ҷисм, балки ба минтақаи асосии идорашавандаи инсоният – шуур буда, барои берун омадан аз ин гирдоби ғафлат муддатҳои зиёд лозим мешавад. Ҳукумати кишварро мебояд, ки барои дар ғафлат намондани мардум ва восита нагардидани онҳо барои амалӣ намудани нақшаҳои душман тамоми чораҳоро андешанд. Яъне, мардумро аз хатари ин раванди номатлуби ҷомеа огоҳонида, барои мусаллаҳ шудани онҳо бо донишҳои технологӣ шароит фароҳам оварад.

Раванди ташаккулёбии назарияи амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо он то ба ҳол ба поён нарасидааст. Олимону мутахассисони соҳаи мазкур бо дарназардошти рушди бесобиқаи илму техника марҳала ба марҳала паҳлуҳои гуногуни онро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода истодаанд, чунки амнияти иттилоотӣ ва зуҳуроти муқовимат бо он барои ҷомеаҳои дорои системаҳои дар ҳолати гузариш қарордошта камаҳаммият мебошад. Аз ин рӯ, мутахассисони соҳаи болозикр таҳдидҳои эҳтимолии амнияти иттилоотиро муайян ва раванди муқовимат бо онҳоро аз бар намуда, дар фаъолияти кориашон истифода менамоянд.

## АДАБИЁТ


1.Брусницын. Н. А. Информационная война и безопасность // Н. А. Брусницын // [Текст]. Москва Вита-Пресс, 2001. – 280 с.

2. Ғафуров Б. Тоҷикон // Б. Ғафуров // [Матн]. Душанбе, 2020. – 975 с.

3. Самиев С. Таджикские штрихи к плану США по свержению режимов на пространстве СНГ // С. Самиев // [Текст]. Москва Центр Азия, 2006. –16 марта.

4. Почепцов Г. Информационно-политические технологии // Г. Почепцов // [Текст] – Москва Центр, 2003. – 314 с.

5. Поляков А. США в Афганистане и уроки для Центральной Азии // А. Поляков // [Текст]. Центр Азия. –2006. – 211с.

6. Бжезинский З. Великая шахматная доска //З.Бжезинский // [Текст] Международные отношения, 1998. – 180 с.

7. Ҷовид Муқим. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. – Душанбе, 2006. – 82 с.

8. Шиллер Г. Манипуляторы сознания // Г. Шиллер // [Текст]. – 1980. – 368с.

9. Усмонов И. К. Печать и международня пропаганда // И. К Усмонов // [Текст]. Душанбе, 1990. - 94 с.

**Сомонаҳои интернетӣ:**

10. Барабаш, В.В. Информационная война/ В.В. Барабаш, [манбаи электронӣ] http://www.prisp.ru/ (Информационный война) (санаи муроҷиат:: 11.02.2023).

11. Малышев, В. Столетие / В Малышев [манбаи электронӣ] https://centrasia.org/newsA.php?st=1622701980 (Информационный война Гитлера) (санаи муроҷиат:: 26.02.2023).

12. Сулеманов, Ш.С., Назарова Е.А., Информационные войны: история и современность / Ш.С.Сулеманов, Е.А.Назарова. [манбаи электронӣ] https://mgimo.ru. (Информационные войны).

13. Ҳоҷибеков Э. Пайдоиш ва моҳияти «Давлати исломии Ироқ ва Шом(Леванта)» /Э Ҳоҷибеков [манбаи электонӣ] https://www.tajmedun.tj/tj/ (санаи муроҷиат: 2.02.2023).

УКД 323.22/.28

# АҲАМИЯТИ ФУНКСИОНАЛИИ ДАВЛАТ ДАР ТАКМИЛИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**ШЕРМАТОВ Б. Г.**
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддина Айнӣ, номзади илми сиёсатшиносӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ.*
*Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*Телефон: +992 918 674864.*

*Муаллиф дар мақала давлат ҳамчун шакли ташкилии ҳокимияти сиёсӣ дар танзими фаъолияти дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути режими муайяннамудаи идоракунии худ нақши муҳим дорад, мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки тағйирпазирии давлатро метавон ҳамчун раванди маъмулӣ маънидод намуд зеро қонуниятҳои онро дар доираи муқарраршуда ва санҷидашудаи муносибатҳои мавҷуда ва нав ташаккулёбанда бояд дод. Чунин тағйирпазирии муносибатҳо дар иҷрои вазифаҳои функсионалии давлат низ нақши босазо дошта, баҳри дар сатҳи зарурӣ амалӣ гаштани онҳо мусоидат карда метавонад.*

*Дар баробари ин дар таҳқиқот муаллиф ҳайд менамояд, ки ҳама наметавонад бе ба инобат гирифтани талаботи зуҳурёбандаи иҷтимоӣ фаъолияти самаранок дошта бошад. Яъне хусусияти қолабӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ боиси пайдоиши рукуди сиёсӣ шуда метавонад. Ҳамзамон, муаллиф тамоми паҳлуҳои функсионалии давлатро, ки дар такмили муносибатҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсир мерасонад мавриди омӯзиши аммиқ қарор додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат, ҷомеа, ҷаҳони муосир, амният, муносибат, сиёсӣ, давлатдории миллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми сиёсӣ, амнияти миллӣ, аҳамияти функсионалии давлат, сиёсати иттилоотии давлатӣ, ҳувияти миллӣ.*

# ФУНКЦИОНАЛЬНОЕ ЗНАЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВА В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**ШЕРМАТОВ БАХРОМ ГУРЕЗОВИЧ**
*Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, к.п.н., старшый пеподователь кафедры политиологии. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 121. Телефон: +992 918 674864.*

*Автором статьи государство как организационная форма политической власти*

*Важную роль играет регулирование деятельности других институтов гражданского общества через режим, определяемый его руководством. В то же время автор отмечает, что изменчивость государства можно трактовать как нормальный процесс, поскольку его легитимность должна придаваться в устоявшихся и апробированных рамках существующих и вновь формирующихся отношений. Такая гибкость отношений также может сыграть существенную роль в выполнении функциональных задач государства и способствовать их реализации на необходимом уровне.*

*При этом в исследовании автор указывает, что каждый не может быть эффективным без учета возникающих социальных требований. Иными словами, шаблонность общественных отношений может привести к политическому застою. При этом автор изучил все функциональные аспекты государства, влияющие на совершенствование политических отношений в условиях глобализации.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, государство, общество, современный мир, обеспечение безопасности, отношение, политический, национальная государственность, гражданское общество, политическая система, национальная безопасность, функциональное значение государства, государственная информационная политика, национальная идентичность.*

## THE FUNCTIONAL SIGNIFICANCE OF THE STATE IN THE IMPROVEMENT OF POLITICAL RELATIONS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

**SHERMATOV BAHROM GUREZOVICH**
*Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Ph.D., Senior Assistant of the Department of Political Science. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Phone: +992 918 674864.*

*The author of the article is the state as an organizational form of political power an important role is played by the regulation of the activities of other institutions of civil society through the regime determined by its leadership. At the same time, the author notes that the variability of the state can be interpreted as a normal process, since its legitimacy should be given in the established and tested framework of existing and newly emerging relations. Such flexibility of relations can also play a significant role in the fulfillment of the functional tasks of the state and contribute to their implementation at the required level.*

*At the same time, the author points out in the study that everyone cannot be effective without taking into account emerging social requirements. In other words, stereotyped social relations can lead to political stagnation. At the same time, the author studied all the functional aspects of the state that affect the improvement of political relations in the context of globalization.*

***Key words:*** *Republic of Tajikistan, state, society, modern world, security, attitude, political, national statehood, civil society, political system, national security, functional significance of the state, state information policy, national identity.*

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки давлат ҳамчун шакли ташкилии ҳокимияти сиёсӣ дар танзими фаъолияти дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути режими муайяннамудаи идоракунии худ нақши муҳим дорад. Худи давлат як ҷузъи системаи сиёсӣ ба шумор меравад, дар баробари ин аз ваколатҳо ва салоҳиятҳои бештар дар доираи ин низом бархӯрдор мебошад. Дар робита ба ин дар китоби «Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон»[1, 15] омадааст, ки «Давлат намояндаи сиёсии ҷомеа шаҳрвандӣ аст. Он тамоми ҷомеаро идора мекунад. Дуюм, давлат дорои дастгоҳи (мақомоти давлатӣ) худ аст. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ нисбат ба аҳолӣ дар ҷомеа ваколатҳои ҳокимиятиро истифода мебарад. Сеюм, мансубияти ҳудуд ва марз аст».

Дар баробари ин зикр намудан ба маврид аст, ки давлат ҳар қадар муқтадир бошад ҳам, раванди тағйирпазирӣ дар он бояд мутассил давом кунад, зеро талаботҳои иҷтимоӣ доимо аз нав пайдо мешаванд ва дар шаклу намудҳои нав зуҳур меёбанд. Маҳз мавҷудияти талаботҳои зикргардида зарурати тағйирпазирии доимии давлатро пеш меоранд. Вобаста ба зарурати такмил ва тағйироти иҷтимоӣ дар ҷомеа Идиев Х. қайд мекунад, ки «Ҳастии ҷомеа ҳамеша хусусияти таърихӣ дорад, зеро он пайваста ба ҳоли ҳаракати таърихӣ қарор дошта, дар масири дигаргун сохтани худ, аъзояш, муҳиташ ва соири ҷузъҳояш низ дигаргун мешаванд. Тамоми ҷомеаҳо чи ба сурати ногаҳонӣ ва чи ба гунае ором ё номаҳсус ҳар рӯз тағйиротеро, ки мумкин аст бо гузаштаошон камубеш ҳамоҳангӣ дошта бошанд, аз сар мегузаронанд»[2, 21]. Яъне ба ақидаи файласуфи тоҷик раванди тағйирпазирии иҷтимоӣ қонунияти маъмулии мавҷудият ва рушди ҷомеаҳо буда, дар шаклҳои гуногун онҳо метавонанд зуҳур намоянд. Дар ин масир, ба ақидаи мо, усулҳо, механизмҳо ва шаклҳои ба амалбарории ин тағйиротҳо аҳамияти зарурӣ дошта, дар кадом самт татбиқ шуданашон бояд то дараҷае идорашаванда бошад.

Омӯзиши таърихи давлатҳо исботи он аст, ки қудратҳои сиёсӣ давраҳои муайяни мавҷудияти худро аз назари қонунияти ҳар як ҳодисаи иҷтимоӣ ва табиии дар пайдоиш, инкишоф ва нузулёбӣ паси сар кардаанд. «Чунин сурат гирифтани инкишофи давлатҳо зинаҳои лаппишмонанди инкишофи таърихро мемонад, ки марказҳои тамаддун ва тараққии ҷомеаро аз як минтақа ба минтақаи дигар мекӯчонд» [3, 11]. Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки воқеан ҳам, раванди рушди ҷомеаҳо бо тағйирпазириҳои сохторию институтсионалӣ дучор омада, дар ҳолатҳои муайян соҳиби қудрати зиёдтар ва ё баръакс боиси аз даст додани қудрат мегарданд. Аз ин нуқтаи назар тағйирпазирии давлатро метавон ҳамчун раванди маъмулӣ маънидод намуда, қонуниятҳои онро дар доираи муқарраршуда ва санҷидашудаи муносибатҳои мавҷуда ва нав ташаккулёбанда бояд роҳандозӣ намуд. Чунин тағйирпазирии муносибатҳо дар иҷрои вазифаҳои функсионалии давлат низ нақши босазо дошта, баҳри дар сатҳи зарурӣ амалӣ гаштани онҳо мусоидат карда метавонад. Дар баробари ин ба инобат гирифтан зарур аст, ки қонуниятҳои вобаста ба идоракунӣ, хусусиятҳои онҳо дар муносибат ба шароити мушаххаси таърихию сиёсӣ, ташкили ҷараёни дурусти роҳандозии онҳо зарур буда, ба он ҳам омилҳои объективӣ ва ҳам омилҳои субъективӣ метавонанд таъсиргузор бошанд. Вобаста ба ҳолати зикргардида дар шароити Тоҷикистон метавон қайд намуд, ки иҷрои вазифаҳои функсионалӣ аз ҷониби давлат дар марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолӣ муваффақона набуданд, ки боиси сар задани бенизомӣ дар муносибати байни давлат ва ҷомеа, пайдоши хатарии нестии давлат гашт.

Раззоқов Б. Х. қайд мекунад, ки «Ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди ваҳдати миллӣ нақши худро дар ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистон гузоштаанд. Дар замони ҳозира системаи сиёсии дорои хусусиятҳои хоси худ, ба монанди ҳокимияти пурқуввати президентӣ, теъдоди нисбатан зиёди ҳизбҳои сиёсӣ, оппозитсияи заиф ташаккул ёфтааст. Амалан гуфтан мумкин аст, ки давлати дорои низоми демократӣ, ки дар Конститутсия муқаррар гаштааст, ниҳоди устувори президентӣ бо маҷмӯи василаҳои таъмини суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа ташаккул ёфтаанд»[4, 14]. Вале ин ҳама наметавонад бе ба инобат гирифтани талаботи зуҳурёбандаи иҷтимоӣ фаъолияти самаранок дошта бошад. Яъне хусусияти қолабӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ боиси пайдоиши рукуди сиёсӣ шуда метавонад.

Таҳлили раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки давлат дорои имконият ва захираҳои махсус, аз қабили системаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва арзишӣ, дин ва фарҳанг буда, қодир аст онҳоро барои нигоҳ доштани қудрати идоракунии худ истифода барад. Дар ҷомеаҳои дорои суботи демократӣ робитаи функсионалӣ байни давлат ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо тавассути чораҳои сиёсии таъсиррасон, балки ба воситаи меъёрҳои умумипазируфтаи ахлоқӣ ва фарҳангӣ низ устувор буда метавонад. Ин раванд метавонад баҳри ташаккули мустақилият ва қобилияти худтанзимнамоии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда, самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин намояд.

Масъалаи тағйирпазирии системаи сиёсӣ, ки на танҳо барои кишвари мо, балки қариб барои тамоми кишварҳои пасошӯравӣ муҳим мебошад, мавзӯи омӯзиш ва баҳси доираҳои васеи илмӣ дар ин фазо мебошад. Аз он ҷумла, дар робита ба тағйирпазирии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон Идиев Х. У. қайд менамояд, ки «Аслан таҳаввули иҷтимоиро иборат аз маҷмӯи тағйиротҳое медонанд, ки дар тӯли як давраи тӯлонӣ дар ҷомеа ба амал меоянд. Бинобар ҳамин ҳам равандҳои марбут ба таҳаввули иҷтимоиро наметавон дар як муддати кӯтоҳ мушоҳида намуда ё ба қайд гирифт. Тағйироти иҷтимоӣ на танҳо марбути даврони тӯлонӣ, балки аз падидаҳои дар муддати замони кӯтоҳ баррасишавандае ҳам иборатанд, ки ҳар фард метавонад дар тӯли ҳаёти худ онҳоро мушоҳида кунад. Илова бар ин, тағйироти иҷтимоӣ метавонад дар доира ва сатҳу муҳити маҳдуд (сиёсӣ, ҷуғрофӣ) низ ба амал ояд, вале таҳаввули иҷтимоӣ дар доираи фарохтар ва густурдатар татбиқ мегардад»[5, 14]. Ба ақидаи Идиев Х. У. мафҳумҳои «таҳаввули иҷтимоӣ» ва «тағйироти иҷтимоӣ» аз якдигар бо фарогирии сатҳ ва муддати амалишавиашон фарқ мекунанд. Ин бори дигар аз он дарак медиҳад, ки тағйироти иҷтимоӣ дар раванди таҳаввулоти иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи раванди том фаҳмида шуда, решаи мафҳуми «тағйир» ё «тағир» маънои аз байн рафтани яке ва ҷойгузин шудани дигареро дорад, ки метавонад тадриҷӣ, яку якбора ва дафъӣ гузарад[5,14].

Вобаста ба хусусият ва аҳамияти тағйирпазирии иҷтимоӣ Хидирова М. У. қайд мекунад, ки «Сохтори иҷтимоии ҷомеа дар раванди рушди худ дигаргуниҳои гуногунро паси сар мекунад, ки бевосита таъсири худро ба раванди идоракунии ҷомеа низ мерасонад». Аз ин ҷо, хулоса баровардан лозим аст, ки раванди тағйирпазирии ҷомеа ба дигаргунии муносибатҳо байни субъектҳои сиёсат низ дахл намуда, такмили раванди идоракунии онҳо василаи самарабахши таъмини тағйирпазирии иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Ё худ муаллиф дар ҷараёни татбиқи тағйироти иҷтимоӣ масъалаи идоракуниро яке аз омилҳои муҳим медонад.

Дар баробари ин қайд намудан бамаврид аст, ки тағйиротҳои иҷтимоӣ, ки раванди маъмулӣ дар рушди дилхоҳ ҷомеа мебошанд, муҳаррики таъминкунандаи инкишофи онҳо низ маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин давлат бояд доимо ва дар ҳама ҳолат василаҳои таъсиррасон баҳри идораи дурусти ин тағйиротҳоро дошта бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб аҳамияти функсионалии давлат дар тағйирпазирии муносибатҳои сиёсӣ дар ҷомеа муҳим мебошад.

Муносибатҳои сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти фарогирандаи тамоми қишрҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои миллию этникӣ ва миллатҳои том, давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷузъҳои системаи сиёсии ҷомеаро дар бар гирифта, ифодакунандаи сатҳи шуур ва фарҳанги сиёсии ҷомеа дар маҷмӯъ мебошанд.

Ҷомеаи демократии муосир манфиатҳои ҷамъиятиеро, ки ифодагари манофеи умумӣ мебошанд, дар худ муттаҳид намуда, созиш ва ҳамкории онҳоро таъмин менамояд. Табиати иҷтимоии давлат тақозо менамояд, ки он дар робита бо дигар ҷузъҳои низоми сиёсӣ қарор дошта бошад.

Муносибатҳои сиёсӣ дар ҷаҳони муосир, ки хусусиятҳои хоси худро дошта, таҳавуллоти дар он падидоянда фарогири тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои инсонӣ мебошанд (на танҳо сиёсӣ), тақозо менамоянд, ки давлат ҳамчун институти ба танзимдорорандаи ҳамаи ин муносибатҳо бояд ин вижагиҳоро ба инобат гирад. Аз он ҷумла, ба инобат гирифтани омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ҳамчун ҷузъи таркибии муносибатҳои сиёсӣ, ки имрӯз онҳоро нодида гирифта намешавад, ба мазмун ва моҳияти ин раванд таъсири бевосита расонида истодааст.

Зуҳуроту ҳодисоти хусусияти сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотию демографидошта аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин омилҳо аҳамияти махсуси захиравӣ пайдо намуда, дар баамалбарории ҳокимияти сиёсӣ ва функсияҳои давлат ба таври амиқ таъсиргузор гашта истодаанд. Тағйирпазирии арзишҳое, ки зери таъсири равандҳои глобализатсионӣ гузашта истодаанд, башаклдарории меъёрҳо ва қоидаҳои нави рафторро тақозо менамоянд. Таҳаввулоти омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ қувваи танзимкунанда ва роҳнамоикунанда баҳри рушди минбаъда гашта истодаанд[8, 71].

Мавқеъгириҳои арзишӣ ҳамчун танзимкунандаи рафтори иҷтимоии субъектҳо дар ҷомеа омӯхта шуда, онҳо ҳангоми бархӯрди талаботҳо ба низоми томи иҷтимоӣ, мавҷудияти шароитҳои умумии иҷтимоӣ баҳри фаъолияти инсон ба вуҷуд меоянд, ки хусусиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии муҳитеро, ки дар он субъекти иҷтимоӣ зиндагӣ дорад, дар бар мегиранд[9, 162]. Вобаста ба ин хулоса баровардан мумкин аст, ки тамоюлҳои арзишӣ бевосита ифодакунандаи талаботҳои иҷтимоии субъектҳои сиёсӣ буда, ин зуҳурот майли онҳоро ба суйи тағйирпазирӣ муайян мекунад. Чуноне, ки Г. Гегел қайд мекунад, «Амалҳои инсон аз талабот, шавқ ва манфиатҳои онҳо бармеоянд»[10,342].

Маҳз аз ҳамин сабаб, ҳамчун танзимкунандагони рафтори иҷтимоӣ баҳри ташаккули талаботҳои нав замина фароҳам оварда, тақозо менамоянд, ки давлат ин талаботҳои бамиёномадаро ба инобат гирифта, баҳри роҳнамоӣ намудан ҷиҳати амалӣ гаштани онҳо замина фароҳам оварад. Муваффақияти вазифаи танзимнамоии давлат ҳам ҳамон вақт таъмин карда мешавад, ки агар сари вақт ҳама омилҳои таъсиррасон ба муҳит ошкор карда шаванд. Яъне вокуниши саривақтии давлат ба ҳама «садоҳое», ки аз муҳит, чи дохилӣ ва чи беруна, мерасанд, омили таҳкими муносибатҳои сиёсӣ дар ҷомеа мегардад.

Бо дарназардошти ин нукта вазифаи функсионалии давлат ҳамчун ҳифзкунанда ва нигоҳдорандаи манфиатҳои миллӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ин нигоҳ доштани асолати

миллӣ ва ҳифзи ҳуввияти миллӣ мебошад. Холиқов А. Ғ. қайд мекунад, ки «Агар Тоҷикистон барои мавқеияти сиёсии аввалия ва маркази тамаддуни башарӣ мубориза набарад ҳам, вай имконият дорад ҳамчун давлати дар пояи халқияти қадима, ки аҷдодонашон замоне номбардори давлату давлатдорӣ, илму маърифат ва фарҳанги ҷаҳонӣ буданд, ба сифати давлати пешқадами ҷаҳонӣ аз нигоҳи илмӣ, иқтисодӣ, ва сиёсати давлатдорӣ баромад намуда, саҳми беандозаи худро дар ин самт гузорад»[11, 19]. Яъне таҷрибаи бойи давлатдорӣ ва тамаддуни побарҷо имрӯз ҳам имконият медиҳад бо истифода аз захираҳои мавҷуда баҳри таҳкими мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ давлати тоҷикон имконияти бештаре дошта бошад. Барои ноил гаштан ба ин мақсад зарур аст, ки низоми мавҷудаи муносибатҳои сиёсии ҷомеа пайваста такмил дода шуда, баҳри ҷавобгӯ буданашон ба талаботи мунтазам тағирёбандаи муосир механизмҳои дохилӣ ва захираҳои экстраксионӣ васеъ истифода шаванд. Бояд қайд намуд, ки арзишҳои миллӣ маҳз ҳамон зуҳурот ва объектҳои моддию ғайримоддие мебошанд, ки дар тули таърих муҳимияти онҳоро миллат эътироф намудааст, тавассути нигоҳдошт ва рушди онҳо пешравии худро таъмин намудааст, дар заминаи онҳо тарзи рузғордорӣ, урфу одат ва анъанаҳои худро нигоҳ доштааст. Маҳз дар ҳамин замина миллат ҳамчун умумияти томи дорои хусусиятҳои умумӣ, тарзи тафаккур ва урфу одат дар ҳудуди таърихии худ пойдор мондааст. Пойдории миллат пойдории давлатдории миллиро заминагузор гаштааст.

Таҳдидҳое, ки ба ин раванд тавассути таҳоҷумҳои иттилоотӣ сурат мегиранд, хусусияти осоишта дошта, аз руйи нишондиҳандаҳои хатарнокӣ аз диди аввал таҳдидовар нестанд. Вале моҳияти муборизаҳои фарҳангӣ ва иттилоотии имрӯза, ки қисми ҷудонашавандаи набардҳои геополитикӣ мебошанд, нишон медиҳанд, ки ин омилҳо ва василаҳои «мулоими» ба даст овардани мақсад аз давлат коркарди стратегияи дарозмуддати мудофиавиро тақозо менамояд. Моҳияти ин стратегия бояд самтҳои зеринро дар бар гирад:

– ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва таъмини рушди минбаъдаи онҳо тавассути андешидани чораҳои ҳуқуқию сохторӣ;

– таъмини ваҳдат ва ягонагӣ дар кишвар тавассути густариши минбаъдаи идеяи миллӣ ва татбиқи ғояи «Тоҷикистони соҳибистиқлол –Ватани азизу маҳбуби ҳамаи мо»;

– тақвияти чораҳои институтсионалӣ баҳри пешгирии паҳншавии ҳаракатҳои террористӣ ва ифротӣ дар ҷомеа;

– густариши ҳамгироии минтақавӣ бо мақсади таъмини суботу амният дар минтақа.

Аҳамияти функсионалии давлат дар таъмини амнияти шаҳрвандон калидӣ буда, маҳз он тавассути доираи идории дардастдошта, механизмҳои институтсионалӣ ва захиравии худ имконият дорад, ин вазифаро иҷро намояд. Дар шароити муосир, ки таъмини функсияи давлат аҳамияти аввалиндараҷаи худро боз ҳам тақвият мебахшад, зарур аст, то таҳдиду хатарҳои мавҷуда ба пуррагӣ таҳлил карда шуда, афзалият байни таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ дода нашавад, зеро ҳамаи онҳо хатарзо буда, дар ҳолатҳои муайян метавонанд якдигарро пурра намоянд. Қувват гирифтани ҳамбастагӣ ва вобастагии байниҳамдигарии давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва дигар муносибатҳо на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба вазъи умумии амниятӣ низ бетаъсир намемонад. Маҳз дар ҳамин замина гуфта метавонем, ки сарҳади байни хатарҳои дохилӣ ва беруна аз байн меравад. Чунин ҳолат масъалаи амнияти кишварҳоро боз ҳам осебпазир мегардонад. Маҳз аз ҳамин сабаб давлатҳо кушиш мекунанд, ки заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ баҳри таъмини амният дар ҷомеа таъмин бошанд. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» – таъмини амният – татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният тавассути маҷмуи чораҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд, маънидод намудааст. Категорияи «таъмини амният» ҳамчун мафҳуми асосӣ дар қонуни мазкур истифода шуда, ифодакунандаи равандест, ки он бояд бо татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар ин самт амалӣ гардад, ки бори дигар муҳиммияти масъаларо ошкор месозад. Яъне татбиқи сиёсатҳои дугона, идоравӣ ва соҳавӣ дар алоҳида наметавонанд муваффақият ва самаранокии ин равандро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, дақиқ намудани вазъи меъёрии

ҳуқуқии муқаррарот дар бораи таъмини амният имконият медиҳад, ки дар ҷомеа вобаста ба масъалаи мазкур муносибати ягона ва қатъӣ муқарраршуда бошад. Ҳамчунин, таъмини амният ҳамчун масъалаи бисёрҷанба ва ифодакунандаи манфиатҳои шахс, давлат ва ҷомеа дар шароити кунунӣ фарогири самтҳои гуногун буда, институтсионализатсияи онҳо имкон медиҳад, то дар ҳама ҳолат ҳифзи онҳо аз таҳдидҳои гуногун таъмин бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб қонун шаклҳои гуногуни амният, аз он ҷумла, амнияти иктисодӣ – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд; амнияти озуқаворӣ – ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии хамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад; амнияти ҷамъиятӣ – ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд; амнияти ҳарбӣ – ҳолати муҳофизатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии хусусияти ҳарбидошта ба соҳибистиклолӣ ва тамомияти арзии мамлакат; амнияти экологӣ – ҳолати муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист ба вуҷуд меоянд; амнияти иттилоотӣ – ҳолати муҳофизати манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот; амнияти берунӣ – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳое, ки аз ҷониби давлатҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ бармеоянд; амнияти дохилӣ – ҳолати муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ[12]. Шаклҳои зикршудаи амният ҳар кадом баҳри таъмини амнияти воқеӣ аҳамияти муҳим дошта, коста гаштани яке аз онҳо метавонад вазъи амниятии давлатро осебпазир гардонад. Моддаҳои 7 ва 8-и Қонуни зикршуда низоми амнияти кишвар ва вазифаҳои онро муайян намуда, дар асоси конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи сиёсати ягонаи давлатӣ, қувваҳои бо ҳам ҳамкорикунандаи таъмини амният, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳое, ки дар доираи салоҳияти худ масъулияти таъмини амниятро ба уҳда доранд, низоми амнияти кишварро ташкил медиҳанд. Ба ибораи дигар, маҷмӯи мақомоти давлатие мебошанд, ки дар таъмини амният вазифа, салоҳият ва ваколатҳои мушаххаси худро дошта, дар ин доира фаъолияти худро амалӣ мекунанд. Тибқи моддаи 8 вазифаҳои асосии низоми таъмини амният инхо мебошанд:

– пешбинӣ, ошкор ва пешгирӣ кардани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими объектҳои амният (ҚҶТ аз 15. 03. 2016, № 1283);

– таҳия ва амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои таъҷилӣ ва дарозмуддати пешгирӣ кардан ва аз байн бурдани ин таҳдидҳо;

– ташкил намудан ва дар ҳолати омодабош нигоҳ доштани қувваю воситаҳои таъмини амният;

– идора намудани қувваю воситаҳои таъмини амният дар шароити ҳамарӯза ва ҳолатҳои фавқулодда;

– амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои барқарор кардани кори муътадили объектҳои амният дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд;

– иштирок дар таъмини амнияти умумӣ ва минтақавӣ мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон[13].

Муқаррароти зикршуда тақозо менамояд, ки мақомоти дар низоми амният масъул ҳамчун механизмҳои давлатӣ чораҳои заруриро дар самти мазкур бояд доимо андешида, баҳри бартараф намудани таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ омодагии доимӣ дошта бошанд.

Таҳлили воқеяти имрӯзаи Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир дар назди давлат як қатор вазифаҳои муҳимро дар самти таъмини амният ва пойдории истиқлолияти давлатӣ пеш

мегузорад. Як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки таҳдид ба суботи давлат маҳсуб меёбанд, аз он ҷумла:

– мавҷудияти масъалаҳои то ба охир ҳалношудаи марзӣ бо баъзе кишварҳои ҳамсоя, аз он ҷумла Қирғизистон;

– мавҷудияти манбаи ҷангу низоъ дар Афғонистон, ки таҳдиди ҷиддӣ ба оромии марзҳои давлатӣ ва суботи на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақа ва ҷаҳон дорад;

– кӯшишҳои дахолати беруна ба корҳои дохилӣ, нооором сохтани вазъи сиёсӣ аз ҷониби баъзе давлатҳои манфиатдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ;

– авҷ гирифтани омили «исломи сиёсӣ» дар минтақа ва ҷаҳон ва хусусияти таҳдидовар касб намудани он барои инсоният;

– қувват гирифтани мусаллаҳшавии бошитоби абарқудратҳо, бартариятхоҳӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва талошҳои геополитикӣ ҷиҳати аз нав тақсим намудани ҷаҳони тақсимшуда.

Ин хатару таҳдидҳо дар замони муосир таҳдидҳое мебошанд, ки аз давлат андешидани чораҳои амалиро баҳри тақвияти қудрати амниятӣ ва мудофиавӣ талаб мекунанд. Ҳамзамон, ҳамбастагӣ ва ҳамгиройии амиқ бо кишварҳои минтақа дар ин самт яке аз омилҳои таъминкунандаи амнияти миллию давлатӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, васеъгардии манфиатҳои молии кишварҳои бузург ва ихтилофоти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию динииии давлатҳои ҷаҳон, новобаста аз фишангҳои байналмилалии ба қолаби муайян даромада, на ҳар давлати миллӣ имконият дорад, ки истиқлолияти давлатии худро ҳифз намуда, мавқеи кишвари худро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳифз ва дуруст муаррифӣ намояд[14, 19]. Ин ҳолат водор мекунад, ки давлат баҳри таъмини истиқлолияти худ ҳам аз механизмҳои дохилисистемавӣ ва ҳам аз байнисистемавӣ самаранок истифода барад. Принсипҳои таъмини амният, ки дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», тақозо менамоянд, ки дар ин раванд бояд эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният ва масъулияти мутақобилаи инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат оид ба таъмини амният риоя карда шуда, иттилоотонии фаврии байниҳамдигарӣ ва мувофиқаи амалҳои қувваҳои таъмини амният ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, ягонагӣ, баҳамалоқамандӣ ва мувозинати ҳамаи намудҳои амният, бартарияти чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ, назорат аз руи татбики ҳамаи маҷмуи амалҳо оид ба ҳифзи амният ва робита бо низомҳои амнияти байналмилалӣ таъмин карда шаванд.

Албатта, бешубҳа, шаклҳои зикршудаи амният татбиқи маҷмӯи чора ва амалҳои мақсаднокро тақозо менамояд. Дар робита ба ин, қайд бояд намуд, ки давлат ҳамчун институти сиёсии ҷомеа қудрати тағйири муносибати куллии ҷомеаро ба масъалаҳои амниятӣ низ дорад. Дар ин самт ба инобат гирифтани таҳдидҳое, ки хусусияти иттилоотӣ доранд, аҳамияти хоса касб мекунанд. Таъмини амнияти итиллоотии давлат ҷанбаҳои гуногун дошта он ҳамчун низоми мукаммали нигоҳдошт ва ҳифзи иттилоот, ифшо накардани иттилооти хизматӣ ва дигар иттилооти ба манфиатҳои давлат алоқаманд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн накардани маводи интишорӣ, намоишҳои телевизионӣ ва пахши радиоии воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, ки мазмуни онҳо амнияти миллиро халалдор месозад, роҳ надодан ба ғасби иттилоотӣ аз ҷониби давлатҳои дигар, ташаккули низоми мукаммали муқовиматкунандаи иттилоотӣ ва ғайраҳоро тақозо менамояд. Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки ҷаҳони муосир мақом ва мансубияти иттилоотро ба маротиб боло бардошта, онро ҳамчун василаи мубориза барои ба даст овардани мақсадҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, мудофиавӣ, экологӣ ва гайраҳо истифода бурда истодааст. Маҳз аз ҳамин сабаб мафҳуми «ҷангҳои иттилоотӣ» дар муборизаи имрӯзаи абарқудратҳо мавқеъ пайдо намуда, ҳамчун шакли пешбурди мубориза барои ба даст овардани мақсад истифода шуда истодааст. Иттилоот ҳамчун василаи интиқоли арзишҳои муайян дар шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ накши муҳим дорад. «Башаклдарории» идеологии дилхоҳ ҷомеа бевосита тавассути механизми иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад. Ғояҳоро метавон ба он қисмати шуур хос донист, ки оламро дар шакли образҳо инъикос намуда, муносибати инсонро ба воқеияти атроф дар асоси иттилооти ба дастоварда ба танзим медарорад. Иттилоот ҳамчун ҷузъи

ташаккулдиҳандаи сохтор дар шуури ҷамъиятӣ ва фарҳанги сиёсӣ қодир аст ин зуҳуротҳоро вобаста ба мансубияти худ танзим намояд[15].

Шаклҳои гуногуни хатарҳои иттилоотӣ ҷой доранд, ки ба онҳо терроризми иттилоотии ба руҳу равони шаҳрвандон таъсиррасонанда, пешниҳоди иттилооти таҳрифшуда аз ҷониби воситаҳои ахбори омма, аз ҳад зиёд ошкор ва кушода будани фазои иттилоотӣ дар ҷомеа, ки тасаввуротро дар бораи набудани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва хизматӣ ба миён оварда, боиси сар задани ҳолатҳои таҳаммулнозарии этикодӣ ва сиёсӣ низ шуда метавонанд, таъқиби электронии аҳолӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, истифодаи шабакаҳои компютерӣ ва мавҷуд набудани масъулият барои иттилоот дохил мешавад[16, 602].

Ҷаҳони имрӯза гирифтори инқилоби бечунучарои иттилоотӣ гаштааст. Ин раванд таъсири бевоситаи худро ба ташаккули муносибатҳои нави ҷаҳонӣ низ расонида, иттилоотро ҳамчун захираи боэътимоди ҳокимият ва идоракунӣ истифода бурда истодаанд. Дар чунин шароити мураккабу мушкил василаҳои иттилоотӣ бояд ҳамчун як шакли хоси моликият шинохта шуда, идоракунии ин моликият бо назардошти манфиатҳои миллию давлатӣ роҳандозӣ карда шаванд. Чуноне ки Добренков В. И. қайд мекунад, дар шароити болоравии вобастагии бемайлони равандҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти инсонҳо аз фаъолияти системаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ҳамчунин дар шароити мавҷудияти имкониятҳои маҳдуди назорати соҳаи иттилоот таъсиррасонии иттилоотӣ яке аз усулҳои пешбурди сиёсати байналмилалӣ гашта истодааст[17,23]. Ин амалия агар аз як ҷиҳат амалияи пазируфташуда дар замони муосир гашта бошад ҳам, таҳдидҳои дар ин замина ба вуҷудоянда низ кам нестанд. Мисоли одитарин ин мансубият ва духурагии воситаҳои электоронии иттилоот мебошад. Агар иқтидори бузурги иттилоотӣ ва шабакавӣ, аз як ҷиҳат бахри иттилоотонӣ ва таъмини муқовимати иттилоотӣ хизмат кунад ҳам, аз ҷиҳати дигар, амнияти иттилоотии давлатро осебпазир мегардонад. Яъне ҳуҷумҳои иттилоотӣ тавассути маҳз системаҳои иттилоотии мавҷуда дар ин ё он кишвар сурат мегиранд. Маҳз аз ҳамин сабаб, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ бо тамоми ҷузъиёташ сиёсати ягонаи тархрезишударо тақозо менамояд, ки ба ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ мусоидат намояд.

Зимни ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ давлат нақши асосиро бозида, бештари ҳолатҳо мақсадҳои иттилоотию идеологиро пайгирӣ менамояд, зеро маҳз инҳо дар нигоҳдорию рушди давлат ва иттиҳоди миллат чун омили меҳварӣ баромад мекунад. Ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ дар замони муосир масъалаи мушкил, вале ҳалшаванда боқӣ мемонад, зеро вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотӣ беҳтар гардидани дастрасӣ ба онҳо, таъсис ва фаъолияти даҳҳо шабакаҳои иҷтимоӣ, ташаккули системаҳои мукаммал ва пурқуввати шабакавӣ муҳимияти масъаларо боз ҳам боло бурда, аз ҳар як давлат тақозо менамояд то дар масъалаи ташкили муқовимати устувор ба таҳоҷумҳои иттилоотӣ вобаста ба талаботи ҷаҳони имрӯза ҷавобгӯ чораҷуйи намояд.

Масъалаи таъмини гардиши (сиркулятсияи) иттилоот дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳиме мебошад, ки аҳамияти амниятӣ дошта, бояд таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавҷудияти мавҷи иттилоотии беназорат ва транзитӣ дар шароити муосир яке аз омилҳои муташанниҷ гардонидани вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар кишварҳои гуногун гашта, фаъолона ҳамчун аслиҳаи ҷанги иттилоотӣ истифода шуда истодааст[19,36]. Воқеияти имрӯзаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки низом ва фазои кушодаи иттилоотӣ мавҷи иттилоотии хусусияти гуногундоштаро ба ҷомеа бор намуда истодааст. Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир метавонад номувофиқатӣ ва чун натиҷа мухолифати манфиатҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи иттилоот ба амал ояд. Ихтилофи манфиатҳо дар ин соҳа пайваста ба сурати мухолифати иттилоотӣ инъикос мегардад, ки он шаклҳои таҳдидро касб менамояд. Таҳдиди иттилоотӣ, ҳамчун амали тархрезишуда, аз истифодаи ҳадафноки восита ва усулҳои махсус барои таъсир ба захираҳои иттилоотӣ ва ҳимояи захираҳои иттилоотии худӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ё тактикии худ иборат аст[20].

Гардиши иттилоот дар ҷомеаи мо тавассути василаҳои гуногуни иттилоотӣ таъмин гашта истодааст. Дар чунин ҳолат хусусияти куллан манфӣ ё мусбӣ доштани онҳоро бе таҳлили амиқ муайян намудан мумкин нест. Маҳз аз ҳамин сабаб ташаккули муқовимати сазовори иттилоотӣ зарур мебошад, ки ин нукта яке аз нуқтаҳои асосии Консепсияи таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Консепсияи мазкур муқаррар намудааст, ки «Сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатиро дар соҳаи иттилоот муайян менамояд. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи назариёти расмии давлат ба мақсад, вазифа, усулҳо ва самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи иттилоот мебошад»[21]. Чуноне ки аз муқаррароти Консепесия бармеояд, сиёсати давлатии иттилоотӣ фарогири доираи васеъ, яъне ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷии давлат ба шумор меравад. Ин нукта аз он далолат мекунад, ки имрӯз бидуни иттилоот ва василаҳои иттилоотӣ дар сиёсатҳои худ давлат наметавонад муваффақ бошад. Яъне иттилоот имрӯз василаи мавҷудияти давлат, захираи боэътимоди ҳокимият, омили ташаккули афкори ҷомеа маҳсуб ёфта, барои ин зарур аст, ки ҷиҳати таъмини идоракунии босамари давлатӣ бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию тахлилии муосир, дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ, рушди устувори иқтисодӣ, афзалиятнокии манфиатҳои давлатӣ ва амнияти миллӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Сиёсати иттилоотӣ ин қобилият ва имконияти таъсиррасонии субъектҳои сиёсат ба шууру зеҳни одамон, рафтору фаъолияти онҳо

тавассути иттилоот ба манфиати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Миқдор, сифат ва дастрасии захираҳои иттилоотӣ аз бисёр ҷиҳат сатҳи тараққиёти мамлакат, мавқеи онро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян менамоянд ва бешубҳа нишондиҳандаи асосии ин мавқеъ дар даҳсолаҳои аввали асри XXI мегарданд. Бинобар ин самтҳои стратегии сиёсати давлатии иттилоотӣ чунинанд:

– ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии иттилоотӣ;

– истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи системаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра;

– эҷод, дастгирӣ ва такмили нуфузи иттилоотии Тоҷикистон бо роҳи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ;

– ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо;

– воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ[22].

Самтҳои зикршуда нишон медиҳанд, ки иттилоот ҳамчун захираи сиёсӣ қодир аст, дар таъмини амнияти сартосарӣ таъсири амиқ дошта бошад. Бинобар ин дар назди давлат як қатор вазифаҳои муҳим, аз қабили ташкили механизми самаранок ва такмили идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ, таъмини талаботи иттилотии ҷомеа ва афрод, ташкили заминаҳои иттилоотии рушди ҷамъиятии устувор ва босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад, ки иҷрои онҳо омили муҳими таъмини соҳибистиқлолии давлат маҳсуб меёбад.

Рисолати низоми сиёсӣ дар мавриди пешгирии терроризму экстремизм, пеш аз ҳама, дар иҷрои вазифаи экстраксионии он аён мегардад, ки тибқи он бояд тамоми нерӯи дохилии худро баҳри фаъолияти минбаъдааш сарф намояд. Дар ин самт ба низоми сиёсӣ зарур аст, ки баҳри такон додан ва ба кор даровардани механизмҳои дохилисистемавӣ кӯшиш намояд. Механизмҳои дохилисистемавӣ гуфта, он ниҳодҳоеро дар назар дорем, ки фаъолияти онҳо дар сатҳи ҷомеа амалӣ гашта, муносибатҳои иҷтимоӣ аз ҷониби онҳо тавассути низоми мавҷудаи ҳуқуқӣ, ҷамъиятӣ, урфу одат ва анъанаҳо амалӣ карда мешаванд.

Истифодаи васеи мафҳуми «терроризми исломӣ», «ифротгароии исломӣ» бозгӯи он ҳақиқатест, ки имрӯз қувваҳои асосии геополитикӣ бо истифода аз ҳассосияти эътиқодӣ баҳри ба даст овардани мақсадҳои худ аз номи ислом манфиатхоҳона истифода бурда истодаанд. Ин таҳдид ба амният ва суботи кишвари мо низ ҷойдошта, вобаста ба он Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буд, ки «дар солҳои охир

раванди сиёсигардонии ислом ва дар ин замина қувват гирифтани бадбинии динию мазҳабӣ, амалҳои таҳрибкорона сабаби муташанниҷ гаштани вазъият дар минтақаҳои гуногун гашта истодааст. Бо дар назардошти мавқеи географии кишвари мо, ин хатарҳо ба мо ҳам таҳдид мекунад»[23]. Яъне мавҷудияти терроризму ифротгароӣ ҳамчун мушкилиҳои хусусияти глобалидошта дар назди давлат вазифаи тақвияти ҳамкориҳои байналмилалиро бо мақсади мубориза бо ин хатари ҷаҳонӣ пеш гузошта, тақозо менамояд то дар муайян намудан афзалиятҳои рушд, пеш аз ҳама, аз афзалияти вазифаҳои таъмини амният ва субот пеш гирифта шавад. Таъмини афзалияти ин масъала барои кишвари мо як қатор сабабҳои ҷиддӣ дорад. Аз он ҷумла:

– мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ки чорроҳаи тамаддунҳо маҳсуб меёбад;

– ҳамсоягӣ бо Афғонистон, ки ҳамчун кишвари ноором ва манбаи омода намудани террористон шинохта шудааст;

– мавҷудияти баъзе омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили бекорӣ ва муҳоҷират, ки осебпазирии ин қишрҳоро баланд мебардорад.

Ин ва дигар омилҳои хусусияти объективӣ ва субъективӣ дошта муҳимияти масъаларо асоснок намуда, боло бурдани самаранокии иҷрои функсияи мазкурро тақозо менамояд, зеро хусусияти таъсиррасонии қувваҳои беруна, кушишҳои истифода аз нерӯҳои ноустувори сиёсии дохилӣ, истифода аз таъсир ва нуфузи дин мушкилии ҷиддиро дар ҷомеаи мо дар соли 2015 низ пеш оварда, субот ва амнияти кишварро зери таҳдид қарор дод. Қувваҳои манфиатдори геополитикӣ бо истифода аз мавҷудияти озодиҳои динию сиёсӣ дар Тоҷикистон кӯшиш намуданд, то ТЭТ ҲНИТ дар якҷоягӣ бо қувваҳои хоинони дигари дохилӣ табадуллоти давлатӣ ба амал бароранд. Вале ин нақшаи онҳо амалӣ нагашта, давлат қудрати худмуҳофизатии худро истифода бурд ва пеши роҳи ин амал гирифта шуд.

ТЭТ ҲНИТ аз 4 декабри соли 1991 расман ташкил шуда, фаъолият менамуд. Ҳарчанд дар иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳама ҳизбҳои сиёсӣ, аз он ҷумла ТЭТ ҲНИТ то муайян намудани сатҳи иштироки онҳо дар муқовиматҳои сиёсӣ ва барангехтани низои сиёсӣ боздошта шуда буд, вале ТЭТ ҲНИТ фаъолияти худро аз соли 1992 то соли 1997 дар ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон идома дода, баъди бастани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 27 июни соли 1997 дар асоси қарори раёсати Суди Олӣ аз 12 августи соли 1999 фаъолияти ин ҳизб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шуда, 28 сентябри соли 1999 дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуда буд ва сипас 15 октябри соли 2003 он ҳамчун ҳизби сиёсӣ аз нав ба қайд гирифта шуд.

Гарчанде таъйиноти асосии таъсиси ТЭТ ҲНИТ аз ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ҳимояи якпорчагӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон, ҳимоят аз истиқрори сулҳ, таъмини вахдати миллӣ ва ҳамзистии бародаронаи халқҳои Тоҷикистон ва ғайра иборат бошад ҳам, вале тайи солҳои охир аъзои он даст ба қонуншиканиҳо зада, теъдоди зиёди ҷиноятҳои дорои хусусияти террористию экстремистӣ содир намуда, дар байни аҳолӣ, аз ҷумла, бо истифодаи воситаҳои ахбори омма норозигию иғво ва кинаю адоват барангехтанд, ки ин амалҳои онҳо боиси халалдоршавии ҳаёти осудаи шаҳрвандон ва амнияти ҷамъиятӣ гардида, ба асосҳои сохти конститутсионӣ, амният ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд. Ҳамчунин, ширкати онҳо дар кӯшиши табаддулоти давлатӣ, ки аз ҷониби собиқ муовини вазири мудофиа Назаров Ҳ. мақсади ниҳоии онҳоро бараъло нишон дод, ки ин ҳизб ҳанӯз ҳам аз мақсадҳои худ даст накашидааст. Бинобар ин бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ташкилоти террористӣ-экстремистӣ эътироф карда шуда, фаъолияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда шуда, ҳизб ҳамчун шахси ҳуқуқӣ барҳам дода шуд.

Воқеаҳои ҷаҳони муосир ва фоҷиаҳои инсоният вобаста ба фаъолияти гурӯҳи террористии ба ном «Давлати исломӣ» бори дигар нишон медиҳанд, ки терроризм ҳамчун падидаи глобалӣ қудрати фарогирии кишварҳоро новобаста ба сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ ва мавқеи географӣ дошта, таҳдид ба истиқлолияти давлатӣ ва ягонагии кишварҳоро пурзӯр мегардонад. Аз рӯйи оморҳои расмӣ соли 2015 аз ҷониби эмиссарҳои давлатҳои исломӣ ба

воситаи Туркия ва Афғонистон ба кишварҳои Шарқи наздик зиёда аз 500 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон сафарбар карда шуда буданд. Ин теъдод то охири моҳи марти соли 2016 ба 1094 расид. Ин нишондиҳандаҳо аз он далолат мекунанд, ки қобилияти таъсиррасонии эмиссарҳои давлати исломӣ, истифодаи усулҳои эътимодбахшӣ ва боваркунонӣ, василаҳои маҷозӣ, шабакаҳаи иттилоотӣ ва иҷтимоии васеъ истифодашаванда имкониятҳои гурӯҳҳои террористиро боз ҳам васеътар мегардонанд.

Ин аст, ки имрӯзҳо маҳз шабакаҳои интернетӣ василаи ҷалби ҷавонон ба муқовиматҳои кишварҳои хориҷа ва ташвиқу тарғиби равияҳои ифротӣ дар дохили кишвар гашта истодаанд. Мубаллиғони виртуалӣ, ки дорои малакаҳои хуби боваркунонӣ, ҳавасмандсозӣ ва ҷалбкунӣ мебошанд, аз усулҳои корбарии фардӣ васеъ истифода бурда, доираи ҷонибдорони худро васеъ намуда истодаанд. Таҷриба ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксарияти кулли мавридҳо ҷалбшавии ҷавонон маҳз тавассути шабакаҳои интернетӣ сурат гирифта истодаанд. Яъне, маҳз шабакаҳои иҷтимоӣ майдони мусоиди гуфтугузори мубаллиғон гашта, фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ бо ҳамин васила таъмин гашта истодааст. Ин аст, ки наврасони ноогаҳи мо дар Нораку Шаҳритӯс тавассути хоҷагони виртуалии худ «фармон» гирифтаю парчами ҷаҳолату торикиро дар фазои суботу шукуфони ватани худ бардоштанӣ шуданд. Яъне маҳз тавассути тағйири дарк ва шуури ҳанӯз ба пуррагӣ ташаккулнаёфтаи наврасону ҷавонон бо роҳи гуфтугӯи мустақими виртуалӣ ва таъсиррасонӣ ба руҳу равони онҳо мубаллиғону аъзои ин ҳаракатҳои иртиҷоӣ ҷонибдорони ғоявии худро «коркард» мекунанд[24].

Новобаста ба чораҳои андешидашуда, мутааасифона то ба имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муқовимат бо ин вабои аср муваффақ нест. Механизмҳои муқовимат бо терроризму ифротгароӣ наметавонанд барои тамоми ҷомеаҳо якхела бошад, зеро ҳар як ҷомеа хусусиятҳои хоси миллию этникӣ ва динию мазҳабии худро дошта, паҳнкунандагони ин равияҳо моҳирона ин омилҳоро ба инобат мегиранд. Аз ин рӯ, дар низоми мавҷудаи муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ зарур аст, ки механизмҳои ташаккулдиҳандаи шуури ҷамъиятӣ фаъолияти мунтазам ва системанок дошта бошанд.

Ин таҷрибаи сиёсӣ аз он дарак медиҳад, ки манфиатҳои дар заминаи истифодаи эътиқоду дин ташаккулёфта, метавонанд доимо василаи истифодаи нерӯҳои беруна қарор гирифта, ҷиҳати пешгирии амалҳои таҳрибкоронаи онҳо ҳамкории минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ногузир мебошад.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол дар ин самт стратегияи муайяни худро пеш бурда, тавассути мустаҳкам намудани заминаи қонунгузорӣ ва ҳамкориҳо бо дигар субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ фаъолияти ҳадафнокро пеш бурда истодааст.

Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки мақсади он татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, татбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба мубориза бар зидди терроризм, ташаккули вазъи тоқатнопазири аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба терроризм, ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти террористӣ, бартараф кардани сабаб ва шароитҳои пайдоиши терроризм мебошад, баҳри таҳким бахшидани фаъолият дар ин самт мусоидат намуда истодааст. Тибқи муқарраоти моддаи 6 қонуни мазкур мубориза бар зидди терроризм яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат буда, функсияи худро дар ин соҳа тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд.

Бо дарназардошти пурзӯр гаштани таҳдидҳои амалҳои террористӣ ва экстремистӣ дар кишварҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон **Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020- ро қабул намуд.** Таҷрибаи байналмилалӣ ва ватании муқовимат бо экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин ҷода таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯии ба бартараф намудани омилҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии фаъолшавии онҳо равонашударо тақозо менамояд. Дар муқаддимаи ҳуҷҷати мазкур омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси таҳдидҳои афзояндаи

экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ ба пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа, мубориразаро дар ин самт пурзӯр менамояд.

Созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мехоҳанд сохти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд[25]. Яъне, дар назар бояд гирифт, ки экстремизму терроризм ҳамчун зуҳуроти харобиовар ба ҳастии инсоният таҳдид намуда, рӯз ба рӯз усул ва тарзи муборизаи худро гуногун намуда, талош мекунад то дар муҳитҳои гуногуни иҷтимоӣ баҳри худ замина фароҳам оварад. Бинобар ин Тоҷикистон бо дарназардошти ин хусусият кӯшиш намуда истодааст, ки дар масири мубориза зарбаҳои ҳадафнок расонида тавонад.

Дар ҳуҷҷати мазкур самтҳои афзалиятноки мубориза ба муқобили экстремизму терроризм муайян карда шудаанд, аз он ҷумла, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс, бартараф намудани омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии экстремизм ва тундгароии ба терроризм баранда, ташаккули андешаи миллӣ ва пурзӯр намудани корҳои мафкуравӣ, пешгирии экстремизм ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ, Огоҳонӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон, муқовимат ба истифодаи Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ, кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва тундгароӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ, пешгирӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ, такмили чораҳои таъқиб ва ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм мебошанд.

Узвияти Тоҷикистон дар ин ташкилотҳо, бахусус ташкилоту созмонҳо минтақавӣ дар самти таъмини самаранокии муқовиматҳои дастаҷамъона ба муқобили терроризм ва экстремизм дар замони муосир бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар ин раванд яке аз созмонҳои бонуфуз дар самти таъмини ҳамгироии давлатҳои Авруосиё ба ҳисоб рафта, намунаи беҳтарини ҳамгироӣ дар мубориза ба муқобили ифротгароӣ ва терроризм маҳсуб меёбад. Ҳамаи давлатҳои аъзои ин созмон дар масъалаи тақвияти ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангӣ, мубориза бо терррооризми байналмилалӣ ва таъмини сулҳу субот дар Афғонистон мавқеи ягона дошта, ҳамчун минтақаи нави ҷаҳонӣ дар самти таъмини ҳамгироии қувва ва мавқеъ сол ба сол пурқувват гашта истодааст. Васеъшавии функсионалии ташкилот аз ҳисоби мақоми нозирро гирифтани Ҳиндустон, Покистон, Эрон, Муғулистон ва Афғонистон диққати қувваҳои зарурии геополитикиро ба худ ҷабл намуд, ки дар натиҷа омили аз панҷгонаи Шанхай ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай мубаддал гашт.

Ташкилоти дигари бонуфуз дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ва пасошуравӣ ин Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он таъмини амнияту субот дар як қатор кишварҳои пасошӯравии узви он мебошад. Дар ойинномаи ин созмон омадааст, ки «Мақсади созмон мустаҳкам намудани сулҳ, амният ва суботи минтақавию байналмилалӣ, дар асоси дастаҷамъӣ ҳифз намудани тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзо» мебошад. 2 декабри соли 2004 Созмони Милали Муттаҳид ба СПХД мақоми нозирро дар Ассамблеяи Генералӣ дод, ки нишонаи эътирофи байналмилалии ин созмон маҳсуб меёбад. Дар заминаи созмони мазкур соли 2009 қувваҳои дастаҷамъии вокуниши фаврӣ таъсис дода шуданд, ки вазифаи асосии он ҷавоби сазовору саривақтӣ додан ба тамоми таҷовузҳои ишғолгарона мебошад.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки аҳамияти функсионалии давлат дар тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бамаротиб афзуда, ҳамчун институти иҷтимоӣ дар ҷомеа вазифадор аст баҳри таъмини ягонагӣ ва ҳамгироӣ, фаъолияти муназзами институтҳои дигари иҷтимоӣ, таъмини амният ва субот дар ҳудудҳои худ, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ, таъмини тағйирпазирии муътадил, муқовимат ба таҳдидҳои терроризму экстремизм иқтидори худро афзун намояд. Дар ин замина ба инобат гирифтани омилҳои

тафаккурсоз, аз ҷониби давлат самаранок истифода намудани механизмҳои гуногуни таъсиррасонӣ, тағйирпазирии муносибатҳои сиёсӣ вобаста ба талаботи ҷомеа ва равандҳои ҷаҳонишавӣ низ зарур мебошад. Таҳлили болозикр муайян намуд, ки аҳамияти функсионалии давлат вобаста ба тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоӣ дар амалҳои зерин аён мегардад:

– давлат ҳамчун институти иҷтимоию сиёсии ҷомеа вазифадор аст тағйирпазирии муносибатҳои сиёсиро тавассути стратегияи муайяни коркардшуда ба амал оварда, бо ҳамин васила баҳри рушди муътадили муносибатҳо замина фароҳам оварад. Бе таъмини тағйирпазирии муътадил давлат наметавонад дар шароити ҷаҳонишавӣ дар муайян ва татбиқ намудани манфиатҳои ҷомеа муваффақ гардад, зеро талаботи рузафзуни иҷтимоӣ ин талаботро пеш гузошта, аз диди функсионалӣ давлатро вазифадор месозад, то бо дарназардошти таҳаввулоти дар ҷаҳон рухдиҳанда воқеияти сиёсии ҳаёти ҷамъиятиро ба ин талаботҳо ҷавобгӯ намояд;

– муносибатҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ ба худ хусусияти системавӣ, ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба таври бенизомӣ, тағйирёбанда касб намуда, тақозо менамоянд, ки ин хусусиятҳо дар муҳити иҷтимоӣ ба инобат гирифта шаванд. Аз ин нуқтаи назар, давлат қудрат дорад то ҳамаи тағйиротҳои бавуқӯъояндаро ба низоми муайян дароварда, баҳри ташаккули муносибатҳои сиёсии ба эҳтироми манфиатҳои якдигар нигаронидашуда мусоидат намояд. Дар ин раванд субъектҳои сиёсат низ вазифадоранд бо риояи меъёрҳои фарҳанги баланди сиёсӣ байни якдигар муносибат намоянд;

– яке аз функсияҳои калидии давлат дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ ин амалӣ намудани чораҳо баҳри ҳифзи ҳуввияти миллӣ мебошад, зеро давлати миллӣ бе иҷрои ин вазифаи муҳим наметавонад пойдории истиқлолияти худро таъмин намояд. Функсияи асосии давлат дар ин маврид устувор намудани андешаи миллӣ, тарбияи ифтихори миллӣ ва боло бурдани эҳсоси худшиносии миллӣ мебошад, то ҳар як шаҳрванди он тавонад мансубияти худро ба ин миллат шиносад ва баҳри таҳкими ин эҳсос дар ҷомеа талош намояд;

– аҳамияти функсионалии давлат баҳри ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ дар замони пурзӯршавии омезиши шадиди арзишҳо бағоят калон буда, тақозо менамояд, то хурдтарин рукни фарҳанги миллӣ ҳифз карда шаванд, зеро таҳдидҳои фарҳангӣ ҷузъи таркибии таҳоҷумҳои муосир маҳсуб ёфта, мақсади асосии онҳо тавассути махлутсозӣ ва нест намудани фарҳанги миллӣ нест намудани миллатҳо бо роҳҳои осоишта мебошад;

– замони муосир тақозо менамояд, то функсияи муқовиматии давлат дар рӯ ба рӯйи таҳоҷумҳои иттилоотӣ низ пурзӯр гардонида шавад. Чуноне ки аз таҳлилҳо бармеояд, иттилоот дар замони муосир василаи татбиқи ҳадафҳо ва мақсадҳои қувваҳои гуногуни геополикӣ гашта, ҳамчун аслиҳаи таъсиррасон ба мафкура ва зеҳни инсонҳо васеъ истифода шуда истодааст. Дар чунин шароит аз давлат тақозо мегардад, ки қобилияти муқовиматии худро такмил дода, баҳри ҳифзи мафкураи ҷомеа аз таъсирҳои беруна ва дохилии ғаразнок ҳифз намояд;

– хатарҳои замони муосир дар назди давлатҳо вазифа мегузорад, то баҳри муваффақ гаштан дар муқобили ҳатарҳои хусусияти глобалидошта аз механизмҳои ҳамкории минтақавӣ ва ҷаҳонӣ васеъ истифода баранд. Дар ин самт вазифаҳои берунаи давлат тақвияти бештар пайдо намуда, самтҳои ҳамкорӣ васеъ мешаванд. Дар мисоли воқеияти имрӯзаи ҷаҳон маҳз ҳамкориҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм метавонанд баҳри таъмини яке аз вазифаҳои асосии давлат – таъмини суботу амният нақши босазо дошта бошад.

## АДАБИЁТ

1. Ализода Б.П., Абдухолиқов А.М., Искандаров Қ.И., Ниёзов А.С., Нуриддинов. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2010.- С.15.
2. Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ. – Душанбе, 2016.- С.21.
3. Холиқзода А.Ғ. Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккирони форс-тоҷик). - Душанбе, 2017.- С.11.

4. Раззоков Б.Х. Проблемы, теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан./Дис.док.юрид.наук. - М., 2014.- С.14.
5. Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйири иҷтимоӣ. -Душанбе, 2016.- С.14..
6. Хидирова М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества. - Душанбе,2008.- С.113.
7. Хидирзода М.У., Маҳмадалиева Д. Институт лидерства: вопросы обеспечения устойчивости.//Известия Института философии, политологии и права Академии наук РТ. №2, 2017.-С.71.
8. Сурина И.А. Ценностные ориентации. //Энциклопедия гуманитарных наук. 2005, №4.- С.162
9. Гегель Г.В. Лекции по философии религии.//Гегель Г. Философия религии. - М., 1977, Т.2.- С.342
10. Холиқов А.Ғ.Назарияи идоракунии шарқӣ (дар асоси афкори мутафаккирони форсу тоҷик). -Душанбе,2017.- С.19.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011, №6, моддаи 434; с. 2014, №11, моддаи 646; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 , № 1283).
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1283)
13. Холиқзода А.Ғ. Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккирони форс-тоҷик). – Душанбе, 2017. -С.19.
14. Хидирзода М.У. Нақши иттилоот ва муқовимати иттилоотӣ дар шаклгирии шуури омма (дар ҳошияи мақолаи С.Ятимов «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» (дар доираи шуури муқаррарӣ) //Ҷумҳурият, 7 апрели соли 2016, №67 (22889).
15. Ниг.:Информация. Дипломатия.Психология.//Отв.ред.Ю.Б.Кашлев. - М.,2002.- С.602.
16. Добреньков В.И. Проблемы построения стратегического сообщества на основе положений Окинавской Хартии// Добреньков В.И. Глобальная информатизация и безопасность России. Материалы круглого стола «Глобальная информатизация и социально-гуманитарные проблемы человека, культуры, общества»//Под ред. Добренькова В.И. - М., 2001.- С.23.
17. Соҳибов У.Ш. Технологияи иттиоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули фазои иттилоотӣ//Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ. – Душанбе, 2017, №2.- С.52.
18. Хидирзода М.У., Раҳимзода Ш.К. Информация и управление политическими процессами. – Душанбе, 2017.- С.36.
19. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451.
20. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008,№451.
21. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008,№451.
22. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар соли 2015 аз 21.01.2016.
23. Хидирзода М.У. Нақши иттилоот ва муқовимати иттилоотӣ дар шаклгирии шуури омма (дар ҳошияи мақолаи С.Ятимов «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» (дар доираи шуури муқаррарӣ) //Ҷумҳурият, 7 апрели соли 2016, №67 (22889).
24. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020.

# АКАДЕМИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ: РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

**МАХМАДЖОНОВА М. Т.**

*доктор философских наук, профессор,*
*Национальная академия наук Таджикистана,*
*электронная почта: muhiba@bk.ru*
*г. Душанбе, Таджикистан, пр. Рудаки 33. Тел +992 918877009*

*Страны Центральной Азии, в их ряду Таджикистан, в преддверии XX1 века впервые в своей истории приступили к строительству своих этноцентрированных государств в условиях суверенитета, независимости и приобретения статуса субъектности, как во внутренних, так и международных делах. Новые политические условия поставили громаду задач перед их правительствами и социумом, касающиеся всех сфер их жизнедеятельности. Вместе с тем, ряд задач было необходимо решать незамедлительно, невзирая на существование различных факторов, неизбежно влияющих на трансформационные процессы в регионе. Влияние традиционализма, восточного менталитета, приверженности старым устоям, издавна утвердившиеся в этих государствах, лишь недавно начали принимать в себя отдельные новаторские и инновационные элементы. Образовательный процесс в этом контексте стал основной областью, в котором проведение реформ и новаций стало насущной задачей. Эти реформы было необходимо провести как в количественных, так и в качественных параметрах.*

***Ключевые слова:*** *образование, академическое образование, цели устойчивого развития, ООН, программы ООН, ЦУР, Таджикистан, Национальная академия наук, магистратура, аспирантура, наука, производство, индустриализация.*

# ACADEMIC EDUCATION IN TAJIKISTAN IN SOLVING THE OBJECTIVES OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT

**MAHMADZHONOVA M. T.**

*Doctor of Philosophy, Professor,*
*National Academy of Sciences of Tajikistan,*
*E-mail: muhiba@bk.ru*
*Dushanbe, Tajikistan, 33 Rudaki Ave. Tel +992 918877009*

*The countries of Central Asia, including Tajikistan, on the eve of the 21st century, for the first time in their history, are building their states in conditions of sovereignty, independence and acquiring the status of subjectivity in both domestic and international affairs. The new political conditions have set a host of new tasks for governments and society, which relate to all spheres of their life. At the same time, a number of tasks had to be solved immediately, despite the existence of various factors that inevitably affect the transformation processes taking place in Central Asia. The influence of traditionalism, Eastern mentality, adherence to the old foundations, which have long been established in our states, have only recently begun to take on separate innovative and innovative elements. The educational process from this position was one of the backward areas in which the implementation of reforms and innovations has become an urgent task. These reforms had to be carried out both in the qualitative parameters of education and in the spiritual sphere.*

***Keywords:*** *education, academic education, sustainable development goals, UN, UN programs, SDGs, Tajikistan, National Academy of Sciences, magistracy, postgraduate studies, science, production, industrialization.*

## ТАЪЛИМИ АКАДЕМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ҲАЛЛИ ВАЗИФАҲОИ РУШДИ УСТУВОР

**МАҲМАДҶОНОВА М.**

*Доктори илмҳои фалсафа, профессор,*
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,*
*почтаи электронӣ: muhiba@bk.ru*
*Душанбе, Тоҷикистон, хиёбони Рудаки 33 Тел +992 918877009*

*Кишварҳои Осиёи Марказӣ, ва дар қатори онҳо Тоҷикистон, дар пешоруи асри XX1 аввалин маротиба дар таърихи худ ба эъмори давлатҳои этромаркази худ дар шароити ҳувият, истиқлол ва ба даст овардани мақоми субъектбудан шупуъ карданд, ки дар умури дохилӣ ва байналмилалӣ зоҳир мегардад. Шароити нави сиёсӣ дар назди давлат ва ҷомеаи кишварҳо вазифаҳои наверо гузошт, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти онҳо дахл доранд.Дар баробари он, як қатор вазифаҳо бояд ба таври фаврӣ, новобаста аз мавҷудияти омилҳои гуногуни ҳатман ба равандҳои трансформатсионии минтақа таъсиргузор, бояд ҳал мешуданд. Таъсири анъанагароӣ, дилбастагӣ ба тарзи ҳаёти куҳна, ки дар ин минтақа аз қадим реша давонда аст, муддати хеле каме аст, ки дар худ кайфияти инноватсионӣ ва навовариро таҷаллӣ додаанд. Раванди таълимӣ дар ин ҳошия соҳаи асосӣ гардид, ки дар он татбиқи ислоҳот ва навгониҳо вазифаи аввалиндараҷа шуданд. Ислоҳоти мазкурро бояд ҳам дар сатҳи миқдорӣ ва ҳам сифатӣ бояд амалӣ мешуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *таълим, таълими академӣ, ҳадафҳои рушди устувор, СММ, барномаҳои СММ, ҲРУ, Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, магистратура, аспирантура, илм, истеҳсолот, саноатикунонӣ.*

Целью академического образования является сократить затраты на адаптацию специалистов для выполнения производственной деятельности в области научных изысканий. За период с 90-х до 2013 года доля академического образования на постсоветском пространстве с 3% выросла до 80%.

Реформирование образования было направлено на достижение целей формирования языково-речевой практики, углубленного изучения и применения математических знаний, практику взаимодействия с окружающим миров, практикой личностного взаимодействия с людьми, углубленного изучения обществоведческих направлений для совершенствования практики личностного взаимодействия с людьми, приобретения навыков творчества через познания наук об искусствах.

Принятие в сентябре 2015 года на Саммите ООН, с участием представителей 170 стран мира Программы устойчивого развития на период до 2030 года поставило новые цели и задачи в сфере подготовки научных и инженерно-технических кадров в области научных исследований. 17 целей и 169 задач устойчивого развития, выполнение которых возложены на страны-участницы, направлены на качественное совершенствование образовательного процесса. Таджикистан, как суверенный член ООН, разработал собственные стратегии достижения Целей устойчивого развития, позволяющие решить глобальные проблемы и значительно повысить социальный статус населения страны, а в области фундаментальных научных исследований - реформировать образовательный процесс в академической сфере.

Цели устойчивого развития, программы стран-членов ООН, Конституция РТ, реформы образования в Таджикистане, кредитная система, академическое образование, программы и приоритетные задачи развития науки, техники и технологий в Республике Таджикистан.

Кризис первого этапа становления независимости в Таджикистане, прежде всего, разрушающе повлиял на качественные параметры процесса образования, имеющие как

материальные, так и духовные черты. На духовный аспект влиял процесс стремительного обесценивания культурных и духовных ценностей, повлекший за собой пересмотр принципов и норм морали. В обществе стали проявляться признаки бездуховности, стресса, дезориентация и деградация ценностей. Такие ценности, как свобода личности, расширение прав человека, в частности, предоставление равных прав, как мужчинам, так и женщинам, авторитетность знания и науки, причастность к приобретению знаний и научной деятельности, само научное мировоззрение стремительно стали терять свои позиции. Общество стояло на грани хаоса и перехода в духовную деградацию. Одной из пагубных проявлений этого периода стало стремительное развитие религиозных идей и на их базе радикализация общества, обесценивание светского образа жизни и самой светсткости, извращение сути материалистического мировосприятия, сужение сферы действия научного мышления и научного мировоззрения.

Так называемый переходный период пришелся на все 90-е, когда страны ЦА лишились централизованной поддержки, появилась необходимость самостоятельно решать, как двигаться дальше. Многие промышленные предприятия перестали работать в прежнем режиме, что привело к снижению количества рабочих мест. Доход мужчин уже не мог обеспечить семью необходимым достатком, в связи с чем, женщины стали более активными в трудовой сфере. К сожалению, к этой сфере относились в основном неквалифицированный, низкооплачиваемый труд в сфере бытового обслуживания, мелкой, уличной торговли, сельского хозяйства, общественного питания. Большое распространение получил челночный бизнес, представляющий риск для женщины с точки зрения безопасности. Транзитный период после распада Советского Союза был также осложнен гражданской войной в период с 1992г. по 1993 г. [1.6]

В этих условиях в Республике Таджикистан в первые годы установления независимости политическим руководством страны было проявлено понимание опасности промедления в решении вопросов образования. Были приняты ряд незамедлительных мер как в деле политического решения данной проблемы, так и обеспечения нормативно-правовой, социальной и духовной базы, направленной на выравнивание и корреляцию создавшейся ситуации. Среди важнейших мер следует назвать принятие 6 ноября 1994 года Конституции Республики Таджикистан, которая не только определила и гарантировала правовой и духовный статус человека, так и выявила четкие параметры нового государства как правового, демократического, унитарного и светского. [4]

Реализация подобных целей ставила перед правительством и народов задачу выхода из кризиса, которые были обозначены как достижение целей обеспечения энергетической независимости страны, выход из коммуникационного кризиса, обеспечение продовольственной безопасности и ускоренной индустриализации. Каждая из этих целей была напрямую или косвенно связана с проблемой обеспечения квалифицированных научных и исследовательских кадров, способных встать на место мигрировавших специалистов. Решением этих проблем занималась в частности Академия наук страны.

Каждая отрасль участвовала в меру своих интеллектуальных, физических и финансово-производственных возможностей в реализации данных задач: сфера образования начала с реформы в соответствии с запросами государства и принялась на реализацию программы подготовки высококвалифицированных кадров, способных конкурировать на международной арене (начиная с детских садов, средней школы, колледжей и университетов), сфера строительства должна была в кратчайшие сроки создать необходимую инфраструктуру и промышленные предприятия, сфера коммуникаций должна была обеспечить соответствующие условия для бесперебойной доставки сырья и материалов и т.д. Перед каждой отраслью политическим руководством страны и Президентом были поставленные конкретные задачи и сроки их выполнения.

Индустриализация страны, прежде всего, нуждалось в квалифицированных инженерно-технических специалистах. Организация обмена опытом и практика на предприятиях, повышение квалификации непосредственно на производстве как внутри страны, так и за рубежом, позволили использовать передовой опыт в промышленности страны и обеспечить ее развитие и рост, создание новых направлений и областей.

В этой связи в процессе индустриализации на первый план также выходит организация соответствующего контроля использования возможностей и резервов. Так как

целесообразным является обеспечение целевого использования финансирования, которое является гарантией достижения стратегических целей.

Немаловажен и фактор участия каждого гражданина и члена общества в реализации планов и задач развития с чувством высокой ответственности и патриотизма. Необходимо чтобы каждый гражданин осознавая ценность достижений нации, с высоким чувством преданности идеалам отечества старался внести достойный вклад в реализацию стратегических целей страны. В настоящее время сплоченность общества в деле достижения целей развития, преданность родине и руководству Лидера нации, Президента Э. Рахмона все больше приобретают статус сущностной задачи всех органов власти, учреждений и организаций и славного таджикского народа.

Со 2-го марта 1992, или же со дня вхождения независимой Республики Таджикистан в Организацию Объединенных Наций Таджикистан прошел определенные этапы сотрудничества с этим важным международным институтом. Как известно с первых дней приобетения государственной независимости и создания собственного государства, Республика Таджикистан стремилась к плодотворному и эффективному сотрудничеству с ООН в деле утверждения мира и устойчивого развития.

Членство Республики Таджикистан в ООН в новых геополитических условиях имеет существенные особенности в том, что это сотрудничество распространяется на все сферы ООН в мире и делится на несколько исторических этапов –это 1992-1997, 1997-2007 годы и период с 2007 года по настоящее время. Как оценивают эксперты, это сотрудничество является беспрецедентным, многосторонним и высокоэффективным. История и практика сотрудничества ООН с Республикой Таджкистан в области миротворчества, реализации программ развития и инициатив нашей страны в области воды, защиты климата, борьбе с терроризмом и экстремизмом оцениваются как оригинальные и приняты как модель для использования развивающимися странами.

Программа развития ООН в Таджикистане действовала на длительной основе и внесла неоценимый вклад в выводе страны из состояния горящей точки и превращения ее в один из мирных и спокойных регионов Центральной Азии, создало возможности для реализации программ экономического, социального, гендерного, культурного и образовательного развития в стране. В настоящее время Таджикистан на международной арене вошел в состав стран направленных на развтие, значительно улучшив свои показатели в гуманитарной области, в частности обеспеченности водой, питанием, безопасностью, соцаильной защиты, доступности образования и занятости, технологий и т.д. [2. 26]

Руководствуясь данными целями и приоритетными отраслями развития науки, техники и технологии в Республике Таджикистан на 2015-2020 гг., в соответствии с Указом Правительства Республики Таджикистан от 4 декабря 2014 года № 765 Национальная академия наук Таджикистана с 2014 года начала реформу своих структур, одной из направлений которой была реорганизация и оптимизация сферы подготовки квалифицированных научных кадров для развития фундаментальных исследований, развития приоритетных научно-технических и технологических направлений, вывода научных исследований на международный уровень. [3.6] В этой связи актуальным было не только подготовка нового кадрового потенциала, но и внедрение инновационных подходов в формировании научных кадров в деятельность научных учреждений и центров академии. Если на первом этапе трансформации таджикистанского общества было важно сохранение самой Академии наук как научной структуры и базы, то второй этап ставил задачу оживления научной деятельности и возобновления фундаментальных научных изысканий в свете новых задач развития страны.

В сентябре 2015 года на Саммите ООН, в котором участвовали представители 170 стран мира была принята Программа устойчивого развития на период до 2030 года. В ней было поставлено 17 целей и 169 задач устойчивого развития, выполнение которых брали на себя страны-участницы. В этих странах, в частности в Таджикистане были разработаны собственные стратегии достижения Целей устойчивого развития, которые позволяют не только решить глобальные проблемы и вызовы, но и значительно повысить социальный статус населения стран и обеспечить им социальную устойчивость.

Стратегии достижения ЦУР финансируется Программой «Финансирование ЦУР в Таджикистане» Фондом финансирования ЦУР совместно с такими программами развития ООН как ЮНИСЕФ и ООН-женщины, при участии заинтересованных государственных структур, в том числе Министерства финансов, Министерства экономического развития и торговли, Министерства образования и науки, Государственным комитетом по инвестициям и управления госимуществом, а также Парламентом, которые через формирование архитектурного творчества, политического пространства и скоординированной стратегии интеграции ресурсов обеспечивают поддержку Правительства Таджикистана в реализации национальных целей устойчивого развития.

С целью внесения вклада и включившись в реализацию ЦУР в области развития фундаментальных научных исследований, технологий и технического творчества, Национальная академия наук Таджикистана Указом Правительства РТ от 30 июня 2021 года, № 264 приступила к реализации Государственной программы подготовки высококвалифицированных научных кадров на 2021-2030 годы, целью которой является стимулирование роста и развития интеллектуальных и аналитических возможностей ученых нового поколения, подготовка научных кадров высокого уровня, соответствующих запросам образования и рынка научных услуг.

Академическое образование в НАНТ делает одной из основных своих задач формирование научного мировоззрения у молодых ученых. Эта задача все больше приобретает статус важнейших в свете появившихся в последнее время вызовов и угроз национальной культуре и духовности, когда под влиянием глобализации, становятся доступными различные отрицательные идеи и ценности. Одной из таких угроз является влияние новых консолидирующих идей на основе религиозных, этнических, националистических, гендерных, радикальных, террористических, субкультурных и т.д. идей. Они в первую очередь направлены на молодежное сознание, которое отзывчиво на них из-за своей несформированности и склонности искать инновации. Поэтому важно в образовательный процесс ввести гуманитарные программы и проекты в виде бесед, клубной работы, семинаров и конференций, направленных на формирование научного и светского мировоззрения молодежи.

В настоящее время в НАНТ работают 19 действующих диссертационных советов, утвержденных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации, в том числе: 1 - по физико математическим, 3 - медицинским, 1 - сельскохозяйственным, 3 - филологическим, 2 - историческим, 3 - педагогическим, 2 - философским, 1 - политическим, 2 - экономическим, 1- географическим наукам. [5]

Важность формирование диссоветов именно в академических институтах продиктована тем, что в настоящий момент именно в них осуществляются фундаментальные научные исследования, которые проходя аппробацию в диссоветах, делают доступными миру научные достижения таджикских ученых. В данных диссоветах в 2021 году защищено 97 работ, в том числе защищено 11 докторских и 86 кандидатских диссертаций. По отраслям наук защищено 16 кандидатских работ в области медицины, 1 докторская и 1 кандидатская в сельскохозяйственных науках, 6 докторских и 28 кандидатских в филологических, 3 докторских и 11 кандидатских диссертаций в исторических, 1 докторская и 3 кандидатские в философских, 8 –кандидатских в политических науках, 11 кандидатских в педагогических, 6 кандидатских работ в экономических и 2 кандидатских работы в географических науках.

В 2017 году в Республике Таджикистан была создана Высшая аттестационная комиссия при Президенте РТ. В Национальной академии наук Таджикистана в настоящее время функционируют 9 диссертационных советов, которые в основном по физико-математическим, техническим, медицинским направлениям и в которых защитились кандидатские и докторские работы по геологии, гидроэнергетике, гидрологии и гидротехническим сооружениям, физике, математике, термоэнергетике, материаловедению, химическим технологиям.

С целью подготовки научных кадров в соответствие с ЦУР и обеспечения ими различных отраслей народного хозяйства страны в 2014 году указом Правительства РТ от 20 января №69 в НАНТ Отдел аспирантуры был реорганизован в Управление магистратуры, аспирантуры и докторантуры и впервые в академической системе создана магистратура и докторантура PhD. Это позволило войти Таджикистану в мировую сферу образования и привлечения молодежи в науку и исследовательскую деятельность, рационально использовать материально-технические возможности Академии наук. В настоящее время в магистратуре НАНТ обучаются 487 магистров по 43 специальностям научно-исследовательских учреждений системы академии наук, из которых 208 девушки. В докторантуре PhD обучаются по 23 научным направлениям 247 докторантов PhD. Лучшие докторанты НАНТ ежегодно поощряются стипендиями Президента Республики Таджикистан. Во всех учреждениях и центрах НАНТ создана материально-техническая база для проведения обучения и научно-исследовательских работ, обеспечены необходимой лабораторно-техническими материалами, передовой технологией и новейшей литературой. Для молодых ученых предоставляется возможность повысить свою квалификацию в стране и за рубежом, им предоставляются исследовательские гранты и командировки для прохождения практики в лучших научных центрах мира, организованы олимпиады, конкурсы, семинары и симпозиумы, где они могут не только апробировать свои научные достижения, но и получить опыт из презентации в научном сообществе. Выпускники магистратуры и докторантуры с самого первого шага ориентированы на проведение фундаментальных исследований по отраслям науки и привлекаются в выполнению плановых исследований в своих научных учреждениях и центрах с тем, чтобы по окончании обучения и получения ученой степени остались в своей лаборатории или центре и институте и продолжили свою научную работу. В этой связи основной целью Управления является стимулирование интереса молодых ученых в выбранных ими направлениях и всесторонняя их поддержка, развитие процесса постижения наук и технической мысли.

Пересмотрены и кардинально обновлены программы и учебные планы Кафедры философии, Кафедры иностранных языков НАНТ, в которых особый уклон делается на обеспечение принципов гуманизации и гуманитаризации обучения. В соответствии со стандартами кредитного обучения пересмотрена методика преподавания философских дисциплин, написаны в их соответствии руководства и силлабусы, составлены списки рекомендуемой литературы для самостоятельных работ с учетом новейших исследований.

Данные меры позволяют реализовать две долгосрочные перспективы ЦУР – расширять пространство ее реализации, путем кадрового обеспечения укрепления научного потенциала страны и преодолевать технические препятствия на пути достижения целей развития. Цели устойчивого развития реализуются в странах для того, чтобы как можно большее пространство жизни граждан было вовлечено в них. Повышение эффективности управления человеческими ресурсами, в частности научным потенциалом является важным подспорьем решения стратегических задач по качественно-количественному повышению уровня жизни населения, создания новых рабочих мест через развитие наукоемкого производства, интеграции Таджикистана в мировое сообщество в новом качестве и статусе.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Жумагазина Б.Б. Политика по расширению прав и возможностей женщин в Республике Таджикистан// Молодой ученый. – 2017. -№1 (135). С. 327-332. URL:https://moluch.ru/article/135/37808 (дата обращения: 12.04.2023)
2. Рахмонова Р.Э. Международное сотрудничество Республики Таджикистан и ООН в современных мировых трансформационных процессах. АКД., Душанбе, 2018.
3. Махмадчонова М.Т., Раҳмонова Р.Э. Густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони милали Муттаҳид дар марҳилаи таҳаввулот//Илм ва чомеа, №1 (9) 2018.
4. Конститутсияи Чумхурии Точикистон. Эл.ресурс- http://mmk.tj/content
5. Сайт НАНТ - http://anrt.tj

# ҶАНБАҲОИ ОНТОЛОГИИ ФАЛСАФАИ ИНСОНИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

**АБДУЛЛОЕВ А. А.**

*Унвонҷӯи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Мақола ба масъалаи мубрам дар омӯзиши мероси Мавлоно- ҷанбаҳои онтологии фалсафаи инсон, шарҳу тафсири мақом ва мартабаи инсон дар қиболи офариниш ва ҳастӣ бахшида шудааст. Мавзуи мазкур аз ҷумлаи масоили марказии таълимоти мутафаккир ба шумор меравад, зеро то ӯ масъалаи инсон ва ҷанбаҳои онтологиву гносеологии онро ба ин пуррагӣ касе наомӯхтааст. Масъалаи мазкур, тавре ки румишиносон таъкид кардаанд, аз ҷониби Мавлоно ба арши аъло расонида шуда, ба гунае ки ӯро олитарин вассофи инсон номидаанд. Аммо хусусиятҳои инсоншинохтии мутафаккир ва фалсафаи антропологии ӯ ҳоло ба таври густардаву кофӣ омӯхта нашудаанд. Ҳол он ки дар афкори Мавлоно оид ба инсон маҷмӯи масоили фалсафӣ ва тамоми рангу намуди он матраҳ ва ҳал шудаанд. Бештар аз ин, таҳқиқоти инсоншиносии Мавлоно нишон медиҳад, ки ба андешаҳои ӯ оид ба инсон дидгоҳи фалсафаҳои пешин таъсиргузор буда, афкори ӯ ба фалсафаву фарҳанги минбаъда таъсири боризе дошта, дар фаҳмиш ва дарки табиати инсон, мақому мартабаи ӯ дар ҳастӣ навоварие ворид намуда аст.*

*Таҳқиқ ва бузургдошти осори гузаштагон имрӯз дар ҷомеа, ҷилои тозае касб карда, тадқиқу баррасии андешаҳои ахлоқию ирфонӣ, панду андарзҳои орифони бузург, хусусан, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ тақозои замон буда, он дар қонеъ намудани ниёзҳои ахлоқию иҷтимоии ҷомеаи кунунии мо як иқдоми неке хоҳад буд. Зеро дар олами маънавӣ ченаки асосӣ муқаддасоти фарҳангӣ, осори башардӯстонаи гузаштагон ва арзишҳои волои инсонӣ мебошад.*

*Тадқиқу баррасии андешаҳои иҷтимоиву фалсафии Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхии Румӣ, ки зода ва парвардаи фарҳангу тамаддуни тоҷик буда, дар эҷодиёташ ба таври муназзаму мукаммал аз мероси ғаниву ноби ниёгони худ ҳаматарафа истифода намуда, онро ба фарҳанги халқу миллатҳои дигар ба таври органикӣ интиқол додааст, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки чун шоҳиди воқеоти давр, онҳо аз равандҳои қудратноки таҳаввулоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавию сиёсие дарак медиҳанд, ки минбаъд ҷаҳонро тағйир дода буданд.*

*Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) дар ҳалқаи аҳли тасаввуф ва муҳити сӯфияи Мовароуннаҳр ба дунё омада, зодгоҳаш деҳаи Сангтудаи минтақаи Вахш аст, ки дар замони мутафаккир ба Балхи Афғонистони имрӯза дохил мешудааст. Ӯ дар муҳити маънавӣ ба воя расида, азбаски падараш яке аз орифону фақеҳони барҷастаи давр будааст, афкори мутасаввифа дар шууру вуҷудаш нақш гузоштааст. Чун ҳадафи ин афкор инсон аст ва сарманшаву маҳаки онро фалсафаи инсоншиносӣ ташкил медиҳад, Мавлоно аз падари бузургвораш Баҳоуддин Валад ва асари ӯ «Маориф» рӯҳу илҳом мегирад ва таълимоти инсоншиносии худро матраҳ менамояд.*

*Аз ин ҷост, ки Мавлоно дар осмони зебои афкори фалсафаи башаргаро чун ситораи дурахшон зуҳур кард. Аз зуҳури ин бузургситораи пурзиё шеъру адаб қолаби тамсилии маънавии тозае гирифт ва мафҳуму мазмунҳои фалсафӣ бо шеваи бисёр дилнишин инъикос гардиданд.*

***Калидвожа:*** *Мавлоно, Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ, инсон, инсоншиносӣ, ҳастишиносӣ, румишиносӣ, ахлоқ, фарҳанг, фалсафа, ирфон.*

# ОНТОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФИЛОСОФИИ ЧЕЛОВЕКА МАВЛОНО ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ

**АБДУЛЛОЕВ А.А.**

*Соискатель отдела история философии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Статья посвящена актуальной проблеме в исследовании наследия Мавлоно-онтологическим аспектам философии человека, разъяснению места и роли человека в отношении проблем созидания и бытия. Данная проблема, как подчеркивают румиологи, превозносится Мавлоно на самый высокий уровень, таким образом, что его считают воспевателем человечества. Тогда как особенности человековедения мыслителя и его философская антропология все еще изучены не так подробно и достаточно. Вместе с тем в воззрениях Мавлоно о человеке отразились все его философские представления в их многозначности и разнообразии. Более того в исследованиях Мавлоно о человеке становится очевидно, что он испытывает влияние предшествующих философских воззрений и школ, тогда как его философская антропология имела большое влияние на последующую философию и культуру, внося новшевства в понимание и исследование природы человека, его места и роли в бытии.*

*Исследование и познание наследия прошлого, в частности этических и ирфановских воззрений, наставлений и назиданий великих арифов, в частности Мавлоно Джалолуддина Балхи Руми в настоящее время приобретает все большую актуальность и является велением времени в удовлетворении насущных потребностей современного общества. Ибо в нашем духовном мире основным мерилом являются культурные ценности, гуманистическое наследие прошлого и священные человеческие ценности.*

*Мавлоно Джалолуддин Балхи Руми (1207-1273) родился и вырос в среде последователей суфизма и суфийские ценности вплелись в его воззрения и мысли. Отсюда Мавлоно вознесся на небеса гуманистического философского небосвода как яркая блестящая звезда. С ее восхождением поэзия и мораль приобретают новые духовные символы и смысли, в их новых пленительных философско-эстетических значениях.*

***Ключевые слова:*** *Мавлоно, Джалолуддин Мухаммад Балхии Руми, человек, человековедение, онтология, румиведение, этика, культура, философия, ирфан.*

# ONTOLOGICAL ASPECTS OF THE PHILOSOPHY OF HUMAN MAVLONO JALOLIDDIN BALKHI

**ABDULLOEV A.A.**

*Applicant for the department of the history of phylosophy of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of sciences of Tajikistan*

*The article devoted to the actual problem in researching heritage of Mavlono-ontological aspects of human philosophy, explanation of human place and role in the attitude of creation and existence problem.*

*This problem as underlined rominologs, extrol Mavlono to the highest level, thus, he was considered as a singer of humanity. While the features of thinkers' study of human nature and its' philosophy anthropology doesn't still study in detail and enough.*

*At the same time in the view of Mavlono related to humanity reflected all his philosophy ideas in their multiciphered and variety. And what is more, in Mavlono researches related to humanity it*

*becomes obvious that he tests the influence of previous philosophy views and schools, while his philosophy anthropology had great influence to the following philosophy and culture, to make innovation in understanding and researching human nature, its' place and role in existence.*

*Research and cognition of past heritage, in particular ethical and irfan views, admonitions and edification of great arifs, in particular Mavlono Jalolidina Balhi Rumi in present time assume great actuality and shows the call of time in satisfaction of vital needs of modern world. As for in our inner world the main standard are cultural values.*

*Mavlono Jaloludini Balkhi Rumi (1207-1273) was born and grow up in surrounding sufism followers and sufism values appeared in his views and thoughts. From here Mavlono rising to the skies humanely philosophical firmament as bright sparkle star. With its rising poetry and moral acquire new spiritual symbols and in their new fascinating philosophy- aesthetic meanings.*

***Key words:*** *Mavlono, Jaloludin Muhammad Balhii Rumi, person, study of human nature, ontology, rominology, ethics, culture, philosophy, irfan.*

Асри XIII ошуфтатарин давраи таърихии тамаддуни мост. Ҳамлаи муғул як ҳодисаи дахшатоваре буд, ки бар сарзамини Осиёи Марказӣ ва дигар мамолики дунё фуруд омаду на танҳо муҷиби маҳв гардидани ҳазорон ҳазор инсони бегуноҳ, нобудшавии шаҳру деҳот, осори таърихиву илмӣ ва фарҳангӣ, балки василаи тағйироти бисёр муҳимми фарҳангию сиёсӣ ва ҷуғрофӣ дар ҷаҳон гардид. Таъсири ин тағйирот ба андешаву афкор, ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмии мардум таъсири боризе дошт.

Бо таваҷҷуҳ ба он, ки огоҳии инсон аз ҷаҳон ва аз худаш ба унвони ҷузъе аз ҷаҳон, якбора фароҳам наёмада, балки рафта-рафта ва бо мурури замон ба вуҷуд омада аст, пиндоштҳо, бовар ва назарҳо дар маншаи инсон ба таври куллӣ дар миёни ҷомеаи башар марҳилаҳоеро дар бар гирифтаанд. Ҳамин тавр, дар маркази офаридаҳои пурбаҳои назмиву насрии орифи маъруф, аз ҷумла рисолаи фалсафии ӯ «Фиҳӣ мо фиҳӣ» инсон қарор дорад. Тавре донишманди олмонӣ А.Шиммел дар ин бора мефармояд: «Аммо беш аз олами ҷамодоту гиёҳон ва ҳайвонот, дунёи одамӣ Мавлавиро ба сӯи худ мекашад ва камтар ҷанбае аз зиндагии инсон аст, ки бад-он напардохта бошад...» [1, 341]

Дар ин росто, бояд ба чунин ақидае таваҷҷуҳ намуд, ки пиндошт, бовар ва назарҳо дар бораи ҳастӣ, инсон ва ҷаҳон ҳамон тавре ки дар рӯи замин ба вуҷуд омаданд, бешубҳа дар муҳити ҷуғрофии мухталиф ба ҳамдигар таъсиргузор буданд.

Муҳтавои эҷодиёти Мавлоно дар мавзуи инсон мутамарказ шуда, шарҳу баёни хислату оро, афкору аъмоли зоҳириву ботинии онро фаро гирифтаанд. Бинобар ин, қаҳрамони асосии осори ӯ инсонест, ки барои шарҳи вижагиҳои васлати ӯ бояд ба ҷаҳони дигар-ҳайвону набот, малаку ифрит мурочиат кард. Пурбарортарин усул дар ин соҳа – истифода аз қиёсу тамсил аст, ки мо дар осори мутафаккир, махсусан дар «Маснавӣ» мебинем.

Бо офаридани симоҳои мусбату манфӣ дар ҳикоёту қиссаҳои «Маснавӣ», ӯ орои «инсони кулл»-ро ташаккул медиҳад, тамоми хислатҳои неку бади инсониро ба мулоҳиза гирифта, дар замина сифатҳои ҳамидаи одамиро ташвиқу тарғиб менамояд.

Инсон дар назари Мавлоно маҷмӯи мураккаби хислату амал, афкору афъол, тазоду муборизаи нафсу рӯҳ аст. Бинобар ин, Мавлоно доимо даъватгари омӯхтани рӯҳи худ, ҳастии инсон аст:

*Кибру такаббур бигузору бигир*
*Дар ивази кибри ту ин кибриёст.*
*Пок шав аз хешу ҳама хок шав.*
*То ки зи хоки ту бирӯяд гиёҳ.*
*В-ар чу гиёҳ хушк шавӣ, хуш бисӯз.*
*То ки зи сӯзи ту фурӯзад зиё.*

Мавлоно инсонро ба он даъват менамояд, ки ӯ бояд бештар маънавиёти худро такмил диҳад, зеро тазйини зоҳир танҳо ба хотири зебоии берунӣ аст, ки чандон қадрнок нест:

*Ҳама ҳарф одамиро аз дарун аст,*
*Валекин ҳуши ӯ доим бурун аст.*

*Бурунро менавозад ҳамчу Юсуф,*
*Дарун гургест, к-ӯ дар қасди хун аст.*

Нафсро ӯ ба деве шабеҳ медонад, ки ними ӯро ҳасад ташкил мекунанд ва дар якҷояги онҳо як махлуқеро мемонанд, ки хеле ҳайбатноку манфур аст:

*Девест нафси ту, ки ҳасад ҷузви васфи ӯст,*
*То кулли ӯ чӣ гуна қабеҳу муқаззарест.*

Мавлоно инсонҳоро ба иттифоқу дӯстиву рафоқат даъват месозад, зеро ба қавли Форобӣ, инсон махлуқи иҷтимоист ва бе ҷамеи ҳамгунонаш буда наметавонад:

*Зи ҳамроҳон ҷудоӣ маслиҳат нест,*
*Сафар бе рушноӣ маслиҳат нест. [9, 65]*

Ӯ пайваста даъватгари фаъолияти меҳнатии инсон аст ва ӯро бе кори манфиатовар ба нафъи ҷомеа тасаввур намекунад:

*Чу по дорӣ, бирав, дасте биҷунбон,*
*Туро бе дасту поӣ маслиҳат нест.*
*Чу поят менамонад, пар диҳандат,*
*Ки бе пар дар ҳавоӣ маслиҳат нест... [9, 66]*

Дар масъалаи шинохти ишқ Мавлоно аксар вақт агностик (агностицизм, фалсафӣ, ки ҷаҳонро маърифатнашаванда медонанд) аст ва бовар надорад, ки инсон метавонад ба фаҳму дарки он бирасад:

*Ишқ андар фазлу илму дафтару авроқ нест,*
*Ҳар чи гуфтугӯйи халқ дорад, он раҳи ушшоқ нест.*
*Шоҳи ишқ андар азал дон, бехи ишқ андар абад,*
*Ин шаҷарро такя бар аршу сарову соқ нест.*

Мавлоно ба масъалаи роҳи росту дурусти ҳаётро пеш гирифтани инсон аҳамияти зиёд медиҳад ва аз қазияи таъсири мафкуравӣ ва фарҳангӣ ба инсон ва ба роҳҳои гуногун кашидани он огоҳ аст ва мефармояд:

*То налағзӣ, ки зи хун роҳи пасу пеш тар аст,*
*Одамидузд зи зардузд кунун бештар аст.*

Даъвати Мавлоно ба омӯхтани табиати худ, ба қувваву нерӯи маънавии худ бовар кардан хеле муосир ва пурсадо аст, ӯ ин оламро ниёзманди инсон медонад, ки бо вуҷуди хеш ҳастиро маънӣ мебахшад:

*Худи худро ту чунин қосиду бехасм мадон,*
*Ки ҷаҳон толиби зарру худи ту кони зар аст.*
*Ганҷ ёбиву дурру умр наёбӣ ту ба ганҷ*
*Хеш дарёб, ки ин ганҷ зи ту баргузар аст.*

Мавлоно ба масъалаи диалектикаи рушду инкишоф ва афзудани дониши инсон аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Дар мавриди он, ки кайфияти ашё ва қадру қиммати он коста мешавад ва аз байн меравад, тафаккур карда андешаҳояшро дар мавриди қонунмандии тағйироти сифативу миқдорӣ чунин баён кардааст:

*Ҳар он-ч дур кунад мар туро зи дӯст, бад аст,*
*Ба ҳар чӣ рӯй ниҳӣ бо вай, ар накӯст, бад аст.*
*Чу мағз хом бувад, дар даруни пӯст, накӯст,*
*Чу пухта гашт, аз ин пас бидон-к, пӯст бад аст.*
*Даруни байза чу он мурғ парру бол гирифт,*
*Бидон-к байза аз ин пас ҳиҷоби ӯст, бад аст.*
*Ба хулқи хуб агар бо ҷаҳон бисозад кас,*
*Чу хулқи Ҳақ нашиносад, на некхӯст, бад аст.*
*Фироқи дӯст агар андак аст, андак нест,*
*Даруни чашм агар нимтои мӯст, бад аст.*
*Дар ин фироқ чу умре ба ҷустуҷӯ бигузашт,*
*Ба вақти марг агар низ ҷустуҷӯст, бад аст.*

Ҳастишиносии Мавлоно хеле фарох буда, фарогири олами моддиву маънавист. Он аз ҳудуди мафкураи динӣ хеле фарохтар аст. Гарчанде ӯ дар он ақидаест, ки ҳадафи динҳо расидан ба ҳақиқат аст, аммо ҳақиқатро ӯ маҳдуд бо як дин намекунад [10, 74].

Инсон барои он ки дар дунёи ғафлату нодонӣ наафтад, бояд ҳамеша сухани инсонҳои комилу соҳибдил ва бузургонро пазирад ва дар амал ҷорӣ кунад, зеро каломи онҳо ҳақ буда, наҷотбахши аҳли башаранд. Бинобар ин, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар баробари ба унвони «нардбони олами улвӣ» эътироф шудан, шоҳкориест, ки дар вусъати он афзун бар ҳазор мавзуи ахлоқиву ирфонӣ шарҳу тафсир ёфта, маъониву матолиби мухталиф, тавассути корбурди рамзу истилоҳоти хос шарҳу баст шудааст.

Аз ҷумлаи рамзҳои ирфонии ифодагари инсон дар осори Мавлоно пеш аз ҳама ҳамон истилоҳи меҳварии «Маснавӣ» «най» аст ва минбаъд, ҳамин гуна мафҳумҳои мусиқӣ ҷаҳони орифонаи Пири Балхро бо шеваҳои хос таҷассум намудаанд. Дар канори ин, истилоҳоти бахши ҷуғрофӣ, ҳаётшиносӣ, ҳамчунин паррандагону ҳайвонот, наботот ва анвои он низ гунаи истилоҳоти хоси шеъри фалсафии адабиёти форсу тоҷикии мо, ба вижа осори Мавлоноро муаррифӣ намудаанд.

Ишқро мутафаккир асли мазмуни ҳастӣ медонад, онро таҷаллии ҳастӣ маънидод карда, тибқи назарияи «ваҳдати вуҷуд» сирри ҳастӣ ва сарманшаи он эълом медорад. Бинобар ин, ҳастишиносии ӯ оламро Худо ва Худоро олам дониста, ҳамаро ба сони таҷаллии Худо шарҳ медиҳад. Ишқ аст, ки калиду қувваи зисти ҳамаи ҳаёту мамот аст.

Қасди аслии Мавлоно аз ин мазмун – шарҳи ишқ ва ҳушдор ба ошиқони роҳи ҳақ ва соликони тариқат аст, ки танҳо тавассути шинохти ин ишқи беназир ба маъшуқ бирасанд.

Дар афкори Мавлоно оид ба ҳастии инсон, ишқ мақоми марказӣ дорад. Тавре ӯ мефармояд, олам ин худост дар олам, ки он бо ишқ зинда асту ба фаъолият мепардозад. Дар олами зинда тамоми неку бад, хайру шарр ба хотири як ҳадафи пурмаънову пурроз вуҷуд доранд. Яъне худи ҳастӣ бемаъниву беҳадаф нест, балки дар вуҷуди инсон маънии худро пайдову ошкор менамояд. Тарзу тариқаи ошкоршавии ин маънӣ-ишқ аст, ки аз монеаҳо убур кардаву аз сахтиҳо наҳаросида ба асли асл мерасад:

*Пӯшида чун ҷон меравӣ, андар миёни ҷони ман,*
*Сарви хиромони манӣ, ай равнақи бӯстони ман.*
*Ҳафт осмонро бардарам в-аз ҳафт дарё бигзарам,*
*Чун дилбарона бингарӣ дар ҷони саргардони ман.*
*Аз лутфи ту чун ҷон шавам в-аз хештан пинҳон шавам,*
*Ай, ҳасти ту пинҳон шуда, дар ҳастии пинҳони ман.*
*Чун меравӣ бе ман марав, ай ҷони ҷон, бе тан марав,*
*В-аз чашми ман берун марав, ай шуълаи тобони ман [8, 670].*

Яъне Мавлоно бо ин ифода ба ҳастӣ ва вуҷуди муборакӣ инсони комил ва орифи ба ҳақрасида ишорат мекунад. Аз ин ҷост, ки танҳо инсони пажӯҳанда, ё ба иборaи Мавлоно – «толибони роҳи ҳақ» он муршидони комиланд, ки метавонанд «асрори ҳақиқат» ва «сирри ҷонро» дарёбанд:

*Чун бубинӣ маҳраме, гӯ сирри ҷон,*
*Гул бубинӣ наъра зан чун булбулон. [4, с. 604]*

Дар «Маснавии маънавӣ» тафсири ҳастии инсон бар асоси фазилатҳои муҳимми инсонӣ шарҳ меёбад, ки ҷамеи хислатҳои ҳамидаи башарро фаро гирифтааст. Дар миёни онҳо садоқату вафодорӣ мартабаи хос доранд. Дар достону қиссаҳои «Маснавии маънавӣ» ба инсон тадбиркорӣ ва омӯзандагӣ аз таҷрибаи мусбату манфӣ, доштани малакаи қиёс ва хулосабарорӣ аз хислатҳои муҳим мансуб дониста мешавад [3, дафтари 1, байти 1835]. Дар айни замон, тутиву булбул дар мартабаи маърифат баробар нестанд. Дигар ин ки табиати ишқро шарҳ дода, Мавлоно таъкид менамояд, ки он метавонад комилан инсонро дигаргун созад. Аслан ӯ мефармояд, ки ишқ худ зоти илоҳист, бинобар ин, инсон аз тариқи ишқ аз ҳар гуна мамонияти заминӣ ва ҳам мақому мартабаҳо озоду орӣ мегардад.

Ҳастишиносии Мавлоно Худову инсонро дар пайванди ногусастанӣ тасаввур менамояд. Тибқи назарияи ваҳдати вуҷуд тамоми олам бинобар дорои ҷавҳари илоҳӣ доштану натиҷаи таҷаллии илоҳӣ ва ишқи ӯ нисбати халқ будан, зинда аст. Аз ин рӯ, инсон набояд лаҳзае аз ин ягонагӣ фаромӯш кардаву худро ҷудо аз ҳастӣ пиндорад, балки пайваста ба он кӯшад, ки дуиро аз байн бурдаву ба ваҳдат ноил гардад:

*Чӣ тадбир, эй мусалмонон, ки ман худро намедонам,*
*На тарсову яҳудиям, на габру на мусулмонам,*
*На шарқиям, на ғарбиям, на баҳриям, на барриям,*
*На аз мулки ироқиям, на аз хоки Хуросонам,*
*На аз хокам, на аз бодам, на аз ёдам, на аз бодам,*
*На аз оташ, на аз одам, на аз ҳавво, на аз фирдавсу ризвонам,*
*Маконам ломакон бошад, нишонам бе нишон бошад,*
*На тан бошад, на ҷон бошад, ки бошад ишқи ҷононам.*
*Ҳувал аввал ҳувал охир, ҳуваззоҳир ҳувал ботин,*
*Ба ҷуз ёҳуву ё манҳу дигар чизе намедонам,*
*Дуйиро чун бадар кардам, ду оламро яке дидам,*
*Яке бинам, яке ҷӯям, яке хонам, яке донам.*
*Ало, эй Шамси Табрезӣ, чаро мастӣ дар ин олам,*
*Ба ҷуз мастиву мадҳушӣ набошад ҳеҷ сомонам.*

Тафсири ҳоли фано аз забони тутӣ дар «Маснавии маънавӣ» худ баёнгари он аст, ки ӯ ба булбул муроҷиат намуда, ҳоли худро ба дигарон хабар додан мехоҳад. Агар ба умқи маънии ирфонӣ таваҷҷуҳ намоем, равшан мегардад, ки авлавияти мақоми инсони комил боз ҳам ошкор шуда, солик бо он, ки дар сафи инсони комил қарор дорад, башорати огоҳиро аз муршид мехоҳад шунавад, чун ӯ ин қудратро соҳиб мебошад. Ҳамин гуна инсони комил нисбат ба солик дар зинаи пештари огоҳӣ қарор дорад ва метавонад шарҳи ҳоли соликро бозгӯӣ кунад. Ба ибораи дигар, инсони комил худ он инсони озодандешу фозил аст, ки зимни гирифторӣ дар банду қафас, талош бар шикастану ворастан аз он мекунанд [5, дафтари 6, байти 4228].

Мавлоно Ҷалолидин, ки худ аз орифони комил ба шумор меравад, дар офаридани симои инсон бо тамоми вижагиҳои башариву малакӣ аз мутафаккирони бобарор аст. Гарчанде дар тадқиқоти охирини ғарбӣ, (масалан Шаҳром Шево) ӯро ориф намешуморанд, аммо дар мавҷудияти назарияи ваҳдати вуҷуди ӯ эътиқодманданд.

Мавлоно бо офаридани як қатор симоҳои манфӣ, хулқу атвори бад ва нафси аммораи одамиро таҳти сарзаниш қарор медиҳад. Аз ҷумла, ӯ дар тамсилҳои худ силсиларамзҳоро меофарад, ки шадидан нафси аммораву шаҳватпараст ва онҳоеро, ки дар банди шаҳват гирифторанд ва оқибат, барои андак лаззат, умри худро барбод додаанд, таҳти танқиду киноя ва гоҳо сарзаниш мегирад. Дар Маснавӣ табиати инсон мӯшикофона таҳлил мегардад ва бо қиёсу шарҳу тафсири мантиқӣ гуногунрангии инсон исбот мешавад. Ба қавли Мавлоно, агар ахлоқи ягонаи инсон набошад, аслан аҳли башар ба ҳавову ҳавас ва ниёзҳои нафси амора истодагарӣ карда наметавонанд. Хатто масъалаи ҷинсияти инсонро ӯ дар дафтари 6-ми «Маснавӣ» таҳлил карда чунин меҳисобад, ки ҷинсияти табиии инсон тобеъ ва идорашаванда бо ақлу ахлоқ аст ва адами ахлоқу назорати ақлу хирад ӯро ба роҳҳои гуногун мебарад [6, Д.6.с.397.]

Дар як қатор ҳикояҳо ӯ ба хислатҳои марду зан баҳо дода, хислатҳои манфии одамонро маҳкум кардааст. Аз ҷумла, дар ҳикояи «Қиссаи он сӯфӣ, ки зани худро бо бегона бигирифт», кирдори ҳамсари орифро, ки таҷассумгари нафспарастӣ, маккорию айёрӣ буда, ба худи ориф - инсони комилу огоҳ таъсири харобиовар мерасонад, мавриди мазаммат қарор додааст. Симои ин зани маккор аз ҷониби муаллиф чунон офарида шуда аст, ки бадкораву бероҳа аст, вале ба саҳлангорӣ аз он мегузараду бо худ мепиндорад, ки шавҳараш аз ин огоҳ намешавад [6, Д.6. с.549.] Дар ҳикояи марбут ба моҷарои ин оила, дарвеш ҳам, ки берун шудани шахси чодарпӯшро аз хонааш дид, чизи возеҳу равшанро нашинохт ва ба шарҳи нафс-занаш эътимод кард. Мавлоно дар лаҳзаҳои пурмоҷарои қиссаҳояш ба шахсияти инсон муроҷиат карда, ӯро пайваста ба «гуфтугӯ бо худ» даъват менамояд, то худ доимо дар қазовати тозагиву иффати афкору аъмолаш бошад:

*Аз пайи он гуфт Ҳақ худро басир,*
*Кай бувад диди вайат ҳар дам назир.*

*Аз пайи он гуфт Ҳақ худро самеъ,*
*То бибандӣ лаб зи гуфтори шанеъ.*
*Аз пайи он гуфт Ҳақ худро алим,*
*То наяндешӣ фасоде ту зи бим [6, Д.6.с.586].*

Мавлоно Ҷалолиддин, аз тариқи тасвири чеҳраи афроди зишт, хитоб мекунад, то мардум шахсони ҳуққабозро бишносанд, аз он нишонаҳо - чарбзабонию парокандагӯӣ, бешармӣ ва амсоли онро тасвир менамояд. Аз онҳое, ки пайваста аз покию иффат сухан гуфта, назди мардум худнамоӣ мекунанд, вале дар ботини худ акси амалҳояшон ҳастанд, нафрат дорад.

Мавлоно ба дили тамоми инсонҳо, новобаста ба тааллуқоти мазҳбиву динӣ маъво гирифтааст. Чунки афкори ӯ саршор аз дӯстиву рафоқат ва даъват ба сулҳу мадоро буд. Бо пайравӣ аз фалсафаи мадорогарои Мавлоно дар илми ахлоқ назарияи таҳаммулгароӣ рушду нумӯъ кардааст, ки дар ҷаҳон пайравони зиёде аз бузургони фарҳангу миллатҳои гуногун дорад. Шиносоӣ ба афкори таҳаммулгароёнаи чунин мутафаккирони барҷастаи олам, монанди Эразми Роттердамӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Швейсер А., Махатма Гандӣ, Л.Н.Толстой, Н. Рерих ва ғ. моро ба сарчашмаи ин оро –Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ мерасонад, ки ҳанӯз дар асри XIII аз инсони кулл ва ахлоқи мадоро сухан кардааст:

*Биё, то қадри яқдигар бидонем,*
*Ки то ногаҳ зи якдигар намонем...*

*Каримон ҷон фидои дӯст карданд,*
*Сагӣ бигзор, мо ҳам мардумонем...*

*Ғаразҳо тира дорад дӯстиро,*
*Ғаразҳоро чаро аз дил наронем.*

*Гаҳе хушдил шавӣ аз ман, ки мирам,*
*Чаро мурдапарасту хасми ҷонем?*

*Чу баъд аз марг хоҳӣ оштӣ кард,*
*Ҳама умр аз ғамат дар имтиҳонем.*

*Кунун пиндор: мурдам, оштӣ кун,*
*Ки дар таслим мо чун мурдагонем.*

*Чу бар гӯрам бихоҳӣ бӯса додан,*
*Рухамро бӯса деҳ, к-акнун ҳамонем.*

*Хамӯш кун мурдавор, эй дил, азеро*
*Ба ҳастӣ муттаҳам мо з-ин забонем. [8, 586]*

Маҳатма Гандӣ – шахсияти маъруфи Ҳинд ва яке аз назарияпардозони фалсафаи мадорогароӣ, сарманшаи фалсафаи «адами хушунатро» аз ин байти Мавлоно гирифтааст, ки худ онро такрор мекард:

*Мо барои васл кардан омадем,*
*Не барои фасл кардан омадем. [3, 256]*

Масъалаи ихтилофҳоро Мавлоно бо роҳи фалсафӣ ҳал менамояд. Ба қавли ӯ олам орӣ аз ихтилоф нест ва мавҷудияти ихтилофот нишонагари рушду нумӯъ аст. Аз ин рӯ ҳақиқати мутлақ танҳо мансуб ба Худост. Ба ақидаи Мавлоно, нисбияти ҳақиқат ба одам имкони расидан ба ҳақиқати мутлақро намедиҳад. Аз ин рӯ, одамӣ наметавонад ҳақиқатро он тавре ҳаст, бишносад. Аз ин рӯ, ихтилофҳо амре табиӣ мегарданд. Аммо роҳи ҳалли ихтилофҳо мавҷуд аст ва он ҳам равшан доштани шамъи маърифат дар дасти ҳар инсон аст, ки ҳам барои ӯ ва ҳам барои атрофиён нур мепошад:

*Аз назар гаҳ гуфташон шуд мухталиф,*
*Он яке долаш лақаб дод, ин алиф,*

*Дар кафи ҳар кас агар шамъе будӣ,*
*Ихтилоф аз гуфташон берун шудӣ [4, 248].*

Дигар василаи ҳалли ихтилофот ишқ аст, ки Мавлоно барои ғайри он чизеро напарваридан нидо мекунад, ки «Фақат ишқ, фақат ишқ, дигар хеҷ, дигар ҳеҷ»:

*Биҷӯшед, биҷӯшед, ки мо аҳли шиорем,*
*Ба ҷуз ишқ, ба ҷуз ишқ дигар кор надорем.*
*Дар ин хок, дар ин хок дар ин мазрааи пок,*
*Ба ҷуз меҳр, ба ҷуз ишқ дигар тухм накорем [8, 568].*

Мавлоно ишқи поки инсониро басо самимӣ, дилкаш ва шоирона ба қалам додааст:

*Дар ишқ тарки ком кун, тарки ҳубубу дом кун,*
*Мар сангро зар ном кун, шаккар лақаб неҳ бар ҷафо!*

Мавлоно, ки бешак дар ҷаҳони имрӯз аз ҷумлаи серхонандатарин мутафаккирон шинохта мешавад, мубрамият ва аҳамияти осораш то ба ҳол устувор аст.

Андешаҳои Мавлоно нисбати инсон ва ҷомеаи инсонӣ бо тамоми нудрати худ, аз ҷиҳати башардӯстонаи амиқи хеш бо орои мутафаккирони бузурги пешин ҳамсадо буда, дар аксари маврид рушдиҳандаи онҳо мебошад.

Аз нигоҳи мо бо ин нукта ӯ баён мекунад, ки тақдиратонро ба дасти худ гиред, вагарна, сарнавишти шуморо инсонҳои дигар барои амалӣ кардани мақсадҳои ғаразноки худ, ба даст мегиранд. Мо фикр мекунем, ки аксарияти инсонҳо то ҳол ба дараҷаи фаҳм кардани масъалаи сарнавишт, худшиносӣ ва худсозӣ оҷизӣ мекашанд. Дар мавридҳои нокомиҳояшон тақдиру сарнавишт ва Худоро гунаҳгор дониста, муваффақияташонро маҳсули афкори индивидуалиашон медонанд. Аз нигоҳи Мавлоно, одамоне дар ҳаёт муваффақ мешаванд, ки дар паси ҳар мушкил ва монеа натиҷаи мусбатро мебинанд ва то охирин лаҳзаи комёбӣ меҳнату мубориза мебаранд. Худшиносӣ мояи асосии зиндагии инсон фаҳмида мешавад. Ҳамаи комёбиҳое, ки инсонҳо дар зиндагӣ ба даст меоранд, ин маҳсули худшиносиашон мебошад. Инсони худшинохта мақсади ҳаётро медонад, мақсадҳои муайян дорад, бошуурона амал мекунад. Инсоне, ки худро шинохтааст, ҳатто дар роҳи душвортарин ҳам, ба пеш ҳаракат мекунад, инсоне, ки аз шахсияти худ огоҳ нест, ҳатто дар роҳи росту ҳамвор ҳам ба муваффақият ноил намегардад. Аз нигоҳи мутафаккир, худшиносии инсонҳо озодӣ, ахлоқ ва адолатро таъмин менамояд. Ҳисси бахтҷӯӣ, орзуҳои идеалӣ дар ботини инсонҳо беш аз қиёсу тасаввур аст. Аз ин рӯ, он гунае, ки хушбахтӣ барои мо чизи муқаддас мебошад, дар ин зимн кӯшишҳои бахтҷӯии дигаронро ҳам ба назар гирифтан ва эҳтиром карда тавонистани фикри дигарон, яъне эътироф кардани формулаи ҳаёт - «Аз худ бишав огаҳ нахуст» рисолати инсонӣ ҳисобида мешавад. Чунин аст нуқтаи олии адолат дар афкори Ҷалолуддини Балхӣ.

Олимону мутафаккирон имрӯз ба хулоса омаданд, ки акнун дигар раванди ҳаёти ҷомеа ва ҷаҳонбинии одамонро номумкин аст, аз як марказ тарҳрезӣ кард. Аммо дар таълимоти Мавлоно ҳастӣ, ҳудуди ҳастӣ, шинохти ҳастӣ ва амсоли ин масъалаҳои фалсафӣ аз таълимоти ин файласуфони Дунёи Қадим дида, аз ҳама бештар ба таълимоти Афлотун наздиктар аст. Мавлоно эътироф мекунад, ки ҳастии воқеӣ дар олами рӯҳонӣ вуҷуд дорад ва ҳастиҳои заминӣ «сояи» онҳо мебошанд.

Мавлоно масъалаи ҳастиро бо нестӣ тавъам муҳокима намуда ба он назар аст, ки ҳастӣ аз нестӣ бо фармони Худо ё ба ибораи худи Мавлоно ба амри «Кун фа якун» ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷо мо ба масъалаи нестӣ таваҷҷуҳ менамоем, ки онро ҳанӯз Юнониёни қадими то давраи Суқрот, алалхусус Протагор ба фалсафа ворид намуда, Горгий онро шарҳ додааст. Протагор аввалин шуда, масъалаи ҳастиву нестиро бо мавҷудияти инсон вобаста карда мефармояд: «Инсон маҳаки тамоми ҳастӣ аст, агар онҳо вуҷуд дошта бошанд ва ғайри ҳастӣ, агар онҳо вуҷуд надошта бошанд» [2, 119]. Тавре Канто-Спербер ин масъаларо шарҳ медиҳад, мафҳуми юнонии hos натанҳо маънои «чӣ», балки маъноҳои «чӣ гуна» («бо кадом сифат»), «ба чӣ тарз»; «то чӣ андоза»; «бинобар»-ро низ ифода менамояд. Дар муқаддимаи яке аз китобҳои Протагор, ки онро Диогени Лаэртӣ иқтибос оварда, он ба Афлотун таҳти унвони Ҳақиқат (Теэтет, 161 с) ва ба

Сексти Эмпирик бо унвони «Суханронии фошкунанда» маъруф будааст (Adv. math. VII, 60), чунин оварда шудааст: «Инсон ҳамаи чизро маҳак аст» (Panton khrematon metron estin anthropos), ки ба он Афлотун дар Теэтети худ (152a) илова менамояд - дар «вуҷуди мавҷуд ва ғайри вуҷуди ғайри мавҷуд» [2, 119]. Ин мафҳум ҳам ба инсони фард ва ҳам ба ҷомеа дахл дорад, ҳамчуноне, ки калимаи metron натанҳо маънои маҳак, ченак («мера»), балки маънои фарохтари меъёрро («критерий») низ ифода менамояд. Инсонро маҳаку меъёри ҳастӣ муайян карда, фарқияти фардии эҳсосот ва ҷаҳонфаҳмии одамонро низ дар назар доштан мумкин аст. Масалан обе, ки ба яке сард менамояд, ба дигаре метавонад ширгарм ва ҳатто гарм бошад, Аз ин ҷо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки обҳо гуногунанд, аз ин ҷо об берун ва новобаста аз эҳсосоти ман вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, объективияти ҳастӣ ва новобастагии он аз эҳсосоти инсон исбот мешавад [2, 121].

Тавре ки маъруф аст, дар фалсафаи Афлотун ҳастӣ ҳамчун алоқамандии ду олами мухталиф тасвир шудааст. Олами якум – ин олами ашёҳо, ки инсон тавассути ҳиссиёташ дарк мекунад. Алҳол ин «ҳастии ғайриҳақиқӣ» буда, мазмуни бойи ҳастӣ бо он маҳдуд нест. Ҳамчунин олами дуюм вуҷуд дорад, ки он олами «ҳастии ҳақиқӣ» мебошад. Ин олами идеяҳо (ё моҳиятҳо) аст, ки кулли гуногунии олам аз таҷассумёбии онҳо вобаста мебошад, ки дар таърихи фалсафа ҳамчун «Назарияи мусули Афлотун» шинохта шудааст. Раванди маърифат, аз нигоҳи Афлотун, ин раванди ба таври зеҳнӣ ошкор сохтани моҳиятҳои ҳақиқии ҳастӣ мебошад, ки бо идеяҳои сатҳҳои гуногун айният доранд.

Мавлоно низ сари ин масъала андешаронӣ намуда, асоси ҳастиро аз нестӣ мебарорад, ки ба амри Худо ба ҳастӣ мубаддал гаштааст, бештар аз ин, ӯ маззаи ҳастиро бо нестӣ мечашад, ки дар алоқамандии ногусастанӣ бо ҳам қарор доранд. Бештар аз ин, аз тариқи ишқ нестҳо сурати ҳастӣ мегиранд ва фавҷ-фавҷ ба сӯи ҳастӣ равон мешаванд.

Андешаҳои муҷаррад дар мавриди ташаккулёбии ахлоқи инсонҳо, махсусан ҷавонон, дар ин замина ба намоиш гузоштани рафтори иҷтимоии аъзои ҷомеа, ки дар ниҳояти кор, ба нагирифтани пеши роҳи ҳар гуна бадахлоқӣ, амалу кирдори номатлуб мегардад, боиси футурёбии худи ҷамъият мешавад. Мо бешубҳа имрӯза ҳодисаҳои қайдшударо дар ҷаҳон мушоҳида карда, бояд бевосита ба афкори мусбати гузашта, махсусан таълимоти инсондӯстона, таҳаммулгаро ва орифонаи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки ҳанӯз дар замони худ аксари мушкилоти ҷомеа, ки имрӯз низ мубраму ҳалталабанд, рӯй орем ва таълимоти онҳоро сарманшаи фаъолияти худ қарор диҳем. Афкор ва мероси баландпарвоз ва амиқмаънои Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ аз ҷумлаи ин гуна андешаҳои муфид ба ҳисоб меравад, ки имрӯзи ҷомеаи гуногунфарҳанги моро бою ғанӣ гардонидааст.

## АДАБИЁТ


1. Анна Мари Шиммел. Шукуҳи Шамс. – Теҳрон: «Илмӣ ва фарҳангӣ», 1375. – 885 с.
2. Греческая философия. Том I. М. Канто-Спербер, Дж. Барнз, Л. Бриссон, Ж. Брюнсвиг, Г. Властос. - М.: Греко-латинский кабинет Ю. А. Шичалина, 2006.- 499 с.
3. Куллиёти Шамси Табрезӣ. – Теҳрон, 1363. 586 с.
4. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ (Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғатномаи мухтасар аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Баҳриддин Ализода ва Мубашшир Акбарзод). – Душанбе: «Адиб», 2022. – 728 с.
5. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Бо тасҳеҳи Рейналд Николсон. – Теҳрон: , 1374 ш., 547 с..
6. Маснавии маънавии Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ бо ҳафт китоби нафиси дигар. – Кобул. 1348. Д.6 397 с.
7. Махмаджонова М.Т. Философия Джалолуддина Руми/ М.Т. Махмаджонова. – Душанбе: «Дониш», 2007. – 300
8. Ҳошимӣ Аюб. Тарҳи дидгоҳи муштараке аз Мавлавӣ ва Иқбол. [санаи муроҷиат: 04.06.2023] реҷаи дастрасӣ: http://hablolmatin.dmsonnat.ir/
9. Ҷалолуддини Румӣ. Мунтахаби ғазалиёт. – Душанбе, «Адиб», 2013. – 640 с.
10. Mahdieh Boostani Rumi's Mystical Ontology in his Poetry/ / Research Result. Theoretical and Applied Linguistics.T 3, №3, 2017. P. 74.

УДК: 1(091) +17.02

# АФКОРИ АРАСТУ ВА МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ОИД БА САОДАТ

**ШАРИПОВ А.Ҳ.**

*омӯзгори Донишгоҳи давлатии Данғара*

*Мақола ба масъалаи таъсири афкору фалсафаҳои пешин, алалхусус фалсафаи Юнони Бостон дар мисоли таъсири яке аз нухбагони он Арасту, ба андешаву орои фалсафии Шарқ, хусусан мутафаккирони ирфони исломӣ, дар мисоли афкори орифи маъруф Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ бахшида шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки таъсири орофу афкори пешқадаму навовар дар ҳама давру замон аз ҷониби мутафаккирони соҳибақлу соҳибдил ба таври фаровон пазируфта шуда, нуктаҳои муҳиму фарҳангсози он мавриди истифодаи амиқ қарор мегирад. Ин таъсирро, ки ҳоло чандон хубу васеъ таҳқиқ нашудааст, мо дар таълимоту назариёти зиёди ахлоқӣ дида метавонем, ки масъалаи саодат яке аз онҳо ба шумор меравад. Арасту чун бунёдгузори таълимоти эвдемонизм, ақлгароӣ ва низоми фалсафии ӯ мисоли равшани чунин таъсир ба назар мерасад. Минбаъд мутафаккирон бо истифодаи эксплитсит (ошкор) ва имплитсит (пинҳон) аз мактаби ақлгароии Арасту масъалаи саодатро баррасиву инкишоф додаанд.*

***Калиможаҳо:*** *саодат, эвдемонизм, Арасту, онтология, гносеология, мафҳум, маъкула, Мавлоно, Ҷалолуддин Балхии Румӣ, ирфон, инсонгароӣ, фалсафаи инсоншиносӣ.*

# ВОЗЗРЕНИЯ АРИСТОТЕЛЯ И МАВЛОНО ДЖАЛОЛУДДИНА БАЛХИ О САЧСТЬЕ

**ШАРИПОВ А. Х.**

*преподаватель Дангаринского государственного университета*

*Статья посвящена проблеме влияния предстоящих филосфских воззрений на последующее формирование философской мысли, в частности философии Древней Греции на примере одного из величайших ее представителей Аристотеля, на воззрения мыслителей Востока, в частности исламского ирфана на примере интеллектуального наследия Мавлоно Джалолуддина Балхии Руми. В ней говорится о том, что влияние передовых и новаторских идей и мыслей предыдущих филосфских систем во все времена воспринимались позитивно мыслящими представителями культур, которые воспринимали рациональное зерно и концептуальные конструкции предыдущих интеллектуальных школ. Это влияние, недостаточно изученное до сих пор, очевидно в этических учениях, среди которых проблема счастья считается одной из центральных. Аристотель как основатель эвдемонизма, его рационализм и школа мысли были крайне близки восточным философам, а его воззрения были эксплицитно и имплицитно использованы в их мышлении.*

***Ключевые слова:*** *счастье, эвдемонизм, Аристотель, онтология, гносеология, понятие, категория, Мавлоно, Джалолуддин Балхии Руми, ирфан, человековедение, философская антропология.*

# VIEWS OF ARISTOTLE AND MAVLONO JALOLUDDIN BALKHI ABOUT HAPPINESS

**SHARIPOV A. KH.**
*Lecturer, Dangara State University*

*The article is devoted to the problem of the influence of forthcoming philosophical views on the subsequent formation of philosophical thought, in particular the philosophy of Ancient Greece on the example of one of its greatest representatives Aristotle, on the views of Eastern thinkers, in particular Islamic Irfan on the example of the intellectual heritage of Mavlono Jaloluddin Balkhia Rumi. It states that the influence of advanced and innovative ideas and thoughts of previous philosophical systems at all times was perceived by positively thinking representatives of cultures who perceived the rational grain and conceptual constructions of previous intellectual schools. This influence, which has not been sufficiently studied so far, is evident in ethical teachings, among which the problem of happiness is considered one of the central ones. Aristotle as the founder of eudemonism, his rationalism and school of thought were extremely close to Eastern philosophers, and his views were explicitly and implicitly used in their thinking.*

***Keywords:*** *happiness, eudemonism, Aristotle, ontology, epistemology, concept, category, Mavlono, Jaloluddin Balkhii Rumi, irfan, human studies, philosophical anthropology.*

Фалсафа дар мавриди масоили онтологии шинохти инсон, мафҳум ва мундариҷаи ҳаёти инсон хеле мушикофиҳо карда ин мавзуъро аз бунёдӣ ва муҳим ҳисоб менамояд. Дар таҳлили масъалаи мазкур аз даврони бостон мавриди тафаккур қарор додани масъалаи саодати инсон низ мақоми масоили марказиро дорост. Анқариб аввалин суолҳое, ки дар доираи таълимоти фалсафа метавонанд ба назар расанд, дар бораи имкони шакли таълим ва методҳои таълими фалсафа мебошанд. Ҷустуҷӯи ҳақиқат низ ба қатори масъалаҳои асосии фалсафа ворид мегардад, ки баъзе файласуфон саодат ва хушбахтиро яке аз категорияҳои ҳақиқат эътироф намудаанд. Дар миёни категория ва мафҳумҳое, ки дар илми фалсафа мавриди баҳс ва маркази таваҷҷуҳи файласуфон қарор гирифтааст ин мафҳуми хушбахтӣ ё тибқи консепсияҳои фалсафӣ мафҳуми «Саодат» аст. Ҷӯстуҷӯи хушбахтӣ ва саодат ба мисли пайдо намудани суол, мушкилотест, ки фалсафа солҳост барои пайдо карданаш камари ҳиммат бастааст. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мафҳуми саодат дар тули таърих барои файласуфоне ҳаммонанди Фалес, Пифагор, Суқрот, Афлотун ва Арасту мавқеи марказиро соҳиб буд.

Арасту, ки бунёдгузори илми ахлоқ аст ва натанҳо дар ташаккул додани сохтори он, балки дар таҳияи маъқулаҳои ахлоқӣ саҳми барҷаста дорад, дар мавриди хайр чунин меангорад: «Хайр дар ахлоқ ва фалсафа ҳар он чизе аст, ки дар худ маънои муайяни мусбат дошта барори инсон арзмишманд аст. Мафҳуми зидди хайр арзиши манфии шарр аст» [1] Аз он маъқулаи Саодатро бароварда онро чун эҳсоси хуб, зебо ва форами ҳаёт муаррифӣ менамояд. Саодат инсонро ба ҳаёт дилгарм намуда як идда одамон дар он маънои ҳаёти худро дармеёбанд. Чунин фаҳмиш аз даврони бостон ба фаҳмишҳои фалсафии миллат ва халқиятҳои зиёде таъсир расонида назири онро дар афкори фалсафии нобиғагони илму маърифат пайдо менамоем. Алалхусус он сарчашмаи илҳоми пайравони Арасту дар шарқ-машшоиён буда бунёди онтологии таълимоти фалсафии Форобӣ, Сино, Беруни ва дигаронро ташаккул додааст.

Маъқулаи саодатро якгуна, шахшудаву бетағйир пиндоштан ғалат аст. Он дар ҳар давраи таърихӣ тибқи ҷаҳонбинӣ ва пиндоштҳои инсон дигаргун шудааст. Бо иваз гаштани эътиқодҳои динӣ метавон гуфт, ки мафҳуми саодат низ борҳо дар раванди инкишоф ва таҳаввулоти фалсафӣ хусусияти диниро касб намудааст ва дин низ тавонистааст то ба мафҳумҳое ба монанди хушбахтӣ, саодат, боварӣ, тақдир ва ғайраҳо таъсир расонад. Ба ҳайси намояндагони асримиёнагии фалсафаи тоҷик, ки мафҳуми саодатро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор додаанд, метавон: Форобӣ, Сино, Розӣ, Носири Хусрав, Хайём, Ғазолӣ,

Фахриддини Розӣ ва албатта Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ворид намуд. Таҳлили осори Арасту ва Мавлоно имкони хубе медиҳад, ки вижагиҳои мафҳуми саодатро дар таълимоти мутафаккирони мазкур равшану возеҳ намоем.

Оид ба хусусиятҳои мафҳум, категория ва ҷойгоҳи мафҳуми саодат, оид ба саодат ҳамчун ҳадафи волои давлат ва давлатдорӣ дар таълимоти фалсафии Арасту метавон дар таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқон, ба монанди: Роман Палеев[11, 27] , Кочеров С. Н. [5, 470] , Нестеренко В. А., Мухачев А.Д., Медведев Н.В. [8, 125], Некрасов С.И., Тригубенко Ф.А. [9, 167], Сарикек Г.Р. [12, 17] ва дигарон метавон дучор шуд. Баҳси аввал перомуни мафҳуми саодат дар таълимоти Арасту сурат хоҳад гирифт, сипас мафҳуми саодатро дар таълимоти фалсафӣ ва эҷодии Мавлоно баррасӣ хоҳем кард ва дар ниҳоят шарҳи мухтасари таносуби мафҳуми «Саодат»-и Арасту ва «Саодат»-и Мавлоноро дар миён хоҳем гузошт.

Арасту дар яке асарҳои муҳими худ «Ахлоқи Никомах»[2, 53] дар хусуси ахлоқ, саодат ва хушбахтӣ афкори фаровонеро зикр намудааст. Ба ақидаи Арасту, он бо мафҳуми накукорӣ пайванди ногусастанӣ дошта онро ҳолати инсон меномад, ки тавассути он аъмоли некро содир карда аз ин ҳисоб дар ӯ майли пайвастан ба зебоӣ ташаккул меёбад. Сарчашмаи накукорӣ ҳаёти иҷтимоӣ ва инфиродии инсон аст. Арасту пеш аз ҳама нисбат ба ашхосе, ки барои нафъи давлат кор мекунанд, таҳти диққат қарор дода мегуяд, ки онҳо бояд дорои ахлоқи муайян бошанд зеро дар ҳаёти иҷтимоӣ иштирок доранд ва онҳо бояд одамони дорои меъёрҳои олии ҳуқуқӣ бошанд. Барои ворид кардани таъсири дуруст ба ҷомеа инсонро бояд малакаи таъсир ба инсон мавҷуд бошад. Яъне ахлоқ худ қисми таркибии сиёсат мебошад. Нисбат ба идоракунии давлат ӯ чунин андеша дорад, ки ба он танҳо ашхоси шоистаи дорои афъоли наку роҳ дода шаванд.

Дар мавриди хайр Арасту чунин мефармояд, ки ба он шуҷоат, фурутанӣ, саховатмандӣ, фарохдилӣ, мансабхоҳии мутавозин, ҳалиҷӣ, ростгӯӣ, хоксорӣ иборат аст. Барои фаҳмидани манзури ӯ Арасту мисолеро меорад, ки тавре барои сиҳатмандии инсон бояд ба таври сиҳатманд тамоми қувваҳои муҳофизи баданаш кор кунанд, накукории сарбоз сарбози хубро меофарад, ки барои ҳифзи ватан аз ғасби ғосибон зарур аст. Ҳамин тавр накукории инсон сифати нафси ӯст, хосияти равонаш аст, ки тавассути он кору амалро дуруст ва аз таҳти дил татбиқ менамояд[3].

Ба андешаи Арасту одоби ҳақиқиро наметавон танҳо ба шинохти некӣ табдил дод, зеро шахсе, ки некиро медонад, метавонад, ки бо ҳавасҳои нафсонӣ фирефта шуда, бад амал кунад. Арасту чунин мешуморад, ки моҳияти асосии ахлоқро самти фаъолияти озодона ва оқилонаи нафс ба суи некӣ ташкил медиҳад. Дар аввал, ин фаъолияти оқилонаи ахлоқӣ танҳо натиҷаи амалҳои алоҳидаи тасмимгирии озодонаи ҷон аст; балки ба воситаи машк одат шуда, ба «сифати доимии ирода», хислати тағйирнашавандаи характер табдил меёбад. Сипас рӯҳ бар унсури ақлонае, ки ба таъсири таассурот ва ҳавасҳои эҳсосӣ дастрас аст, пайваста ҳукмронӣ мекунад, пас одам поквиҷдонона зиндагӣ карда, доимо ахлоқона рафтор мекунад ва ин раванд ӯро ба ҳаёти бо саодат бурда мерасонад. Яъне ба ақидаи Арасту саодат ин зиндагии бо виҷдонона ва бо ахлоқона ба шумор меравад[1].

Арасту дар китоби «Ахлоқи Никомах» муътақид бар он аст, ки ҷасорат (миёни иллатҳои далерӣ ва тарсончакӣ), саховатмандӣ (миёни исрофкорӣ ва бухл) ва хоксориро аз ҷумлаи унсурҳои саодат шуморидааст[2].

Арасту яке аз аввалин файласуфоне буд, ки модели (барномаи) субъективии хушбахтиро (саодатро) омӯхт ва таълимоти ахлоқии ӯ он гуна масъаҳоеро фаро мегирад, ки равоншиносони муосир онҳоро бо унвони унсурҳои хушбахтии ба шахс алоқаманд буда, аз қабили – худшиносӣ, дарёфти «маънои мавҷудият», «дарки асосии зиндагӣ» иштироки эҷодӣ ва маънавии инсон дар ҷомеа ва зиндагӣ, «эҳсоси мусбат» ва «эҳсоси муҳаббат» марбут медонад. Яке аз муҳаққиқон ва профессорони Донишгоҳи Лондон Эдит Холл махсусан мафҳуми саодатро дар ақидаҳои фалсафии Арасту таҳқиқ намуда, бар он назар аст, ки модели (барномаи) Арастуии дарёфти саодати инфиродӣ ҳанӯз муҳимияти худро аз даст надодааст[13]. Эдит Холл дар китоби «Саодат аз нигоҳи Арасту» бо истинод аз ақоиди Арасту тарзи дарки мушкилоти ҳар рӯза, аз қабили — пайдо кардани шуғли дӯстдошта,

дарки хислатҳои инфиродӣ, нигоҳ доштани саломатӣ, иҷро кардани вазифаи ҷамъиятӣ ва инсонро ба саодати кулл раҳсипор намудан ё нанамудани ин унсурҳоро нишон медиҳад[13].

Арасту оид ба саодат таъкид менамояд, ки «Мо ҳамаро таъриф ё маломат мекунем, бештар ба интихоб назар мекунем, на ба амал». Аз таҳқиқи фалсафаи Арасту бармеояд, ки таълимоти ӯ ҳамчун кӯшиши дарёфти саодати кулл зоҳир мешавад, аммо бо кашфи ҳикмати фоҷиавӣ анҷом меёбад: яъне, ҳаёт ва саодат мувофиқ нестанд, чаро, ки ҳаёти ба кулли хушбахтона наметавонад пойдор монад ва оқибат ба завол меравад. Ин «саргузаштҳои» хушбахтӣ дар фалсафаи Арасту инъикосгари он аст, ки ангезаи ботинии тадқиқоти мутафаккирон ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Тавсифи таълимоти ахлоқии Арасту ҳамчун «эвдемонизм», яъне меъёри ахлоқии инсонро иборат аз кӯшиши расидан ба саодат» маъмул аст. Дар ҳамин ҳол, масъалаи маънои «саодат»-ро дар Арасту мураккаб аст. Бояд чизи дигареро низ ба назар бигирем, ки дар «Этикаи бузург», ки мавзуи «зиндагии тафаккур» ба сифати тимсоли олии хушбахтӣ ва саодат шарҳ дода шуда, дар китоби «Этикаи Никомахӣ» инъикос ёфтааст, ба таври возеҳ оварда нашудааст.

Арасту зикр мекунад, ки «барои хушбахтӣ ҳам бояд камолоти фазилати инсонӣ ва ҳам камолоти ҳаёт лозим аст»[4, 193] ва дарк намудани «пуррагии ҳаёт» на танҳо манфиатҳои зоҳириро талаб мекунад, балки пайваста зери таҳдиди замон ва макон қарор гирифта, пуррагии ботинии инсонро низ фаро мегирад .

Арасту дар ҷои дигар қайд менамояд, ки: «Онҳое, ки мегӯянд, дар зери шиканҷа ё таҳаммули бадбахтиҳои азим инсон агар некӯкор бошад, хоҳишманд ё беихтиёр сухани беҳуда бигӯяд ва аз он, ки хушбахтӣ низ ба фурсат ниёз дорад, барои баъзеҳо, баръакс, чунин ба назар мерасад, ки бахт ва хушбахтӣ яксон аст»[4, 203].

Муҳаққиқ, Сарикек Г.Р. бар он назар аст, ки Арасту мафҳуми «саодат»-ро бо далели асоснок намудани он бо тарзи зиндагии инсон пайваст мекунад ва онро аз нигоҳи сиёсӣ шарҳ медиҳад[12, 17-21]. Чунон, ки маълум аст, ки давлати Афина як сохтори сиёсӣ буд ва хусусияти хоси демократияи полис давлатҳо мавҷудияти ғуломон буд, ки бар хилофи шаҳрвандони полис давлатҳо озодии шахсӣ надоштанд. Бинобар ин юнониёни қадим чунин мешумориданд, ки танҳо дар доираи сиёсат ҳаёти шоиста, одилона, ахлоқӣ пеш бурдан мумкин аст.

Асолати саодатгарои Арасту дар он аст, ки ба гуфтаи вай андешаи ҳар як шахс дар мафҳуми «саодат» арзиши худро сарф мекунад ва ӯ зикр мекунад, ки хушбахтӣ дар пуррагии ҳаёт ифода меёбад.

Воқеан ҷолиб аст, ки муҳаққиқони самти фалсафа, этика, психология, чун қоида, ҳангоми таърифи хушбахтӣ ва саодат ба мавзуи бадбахтӣ умуман даст намезананд. Тавре ки қайд шуд, хушбахтӣ аз саъю кӯшиш ба даст меояд, бадбахтӣ бошад, бар хилофи иродаи инсон. Бадбахтӣ фоҷиабор аст, он аз имконнопазирии шахс дарк кардани худ, иҷрои тақдири худ иборат аст.

Танҳо пас аз гузаштан аз роҳи марбут ба ранҷу андӯҳ, дард, азоб, инсон метавонад бедории рӯҳиро эҳсос кунад ва дар лаҳзаҳои зиддияти «хушбахтӣ - бадбахтӣ» шахс метавонад бо андешаи он, ки хушбахтӣ ё саодат чӣ гуна аст, воқиф гардад. Дар ҳамин росто мо метавонем расидан ба дараҷаи «нирвана»-ро мисол оварем, ки дар дини Буддоӣ ҳамчун дараҷаи саодат пазируфта мешавад, ки он бояд аз 4 марҳалаи бунёдӣ гузарад. Файласуфон меҳвари таълимоти буддоияро кашфи чаҳор ҳақиқат аст, гуфтаанд, ки он иборат аз: Даккха - яъне зиндагӣ мусибату ранҷ аст; таввалуд - ранҷу азоб аст, касалӣ - ранҷу азоб аст, марг - азоб аст; Самудая - яъне сабаби ранҷу мусибатҳо – хоҳишҳо, шаҳватҳост; Ниродха - яъне роҳи наҷот, хомӯш кардани нафс ва оташи шаҳватҳост; Марга (ё магга) - яъне роҳи хомӯш ва пахш кардан - ислоҳ ва тазкияи нафс аст. Инҷо возеҳ аст, ки таълимоти буддоия тазкияи нафс ва ранҷу азобро роҳҳои расидан ба нирвана яъне саодати абадӣ инъикос намудааст.

Рафтори ахлоқӣ ва оқилонаи шахс ҳамчун ифодаи роҳи бахту саодат аст. Ҳамин тавр, асосҳои метафизикии мафҳуми «саодат» дар афкори ахлоқӣ ва фалсафии Юнони қадим ба хусус Арасту, ба таърифи саодат ҳамчун сарнавишти мусоид, лаззат, саодат, соҳиби неъматҳои олӣ ва омезиши неъматҳои гуногун асос ёфтааст. Ба ақидаи Арасту, пояҳои саодати инфиродиро худи инсон меофарад. Арасту низ ба монанди таълимоти буддоия расидан ба саодати куллро реша дар пояд талошҳои инфиродӣ медонад, вале на аз роҳи мусибат, ранҷу азод ва манфӣ, балки аз роҳи мусбӣ ва аъмоли шоиста. Дар хусус, намояндаи фалсафаи классикии немис И.Кант бар он назар аст, ки «хушбахт ё саодатманд будан хоҳиши зарурии ҳар як мавҷудоти ниҳоии ратсионалӣ аст. Аммо зарурати саодат танҳо ба «масъалаи» неруи нафс дахл дорад ва ин «масъала» бар эҳсоси субъективии лаззат ё нохушиҳое, ки дар заминаи худи хоҳиш ҷойгир аст, дахл дорад»[12, 19].

Ба ҳамин тартиб, дар анъанаи ахлоқию фалсафии антиқа то ба муосир нисбат ба мафҳуми хушбахтӣ дихотомияи асосиро метавон ҷудо кард: «объективӣ ва субъективӣ». Дар асри 19 хушбахтӣ ва саодатро ҳамчун таҷрибаи қасдан фаҳмидашаванда, инъикос менамуданд, ки ҷанбаҳои субъективӣ дорад. Ҳамин тавр, дар тамоми инкишофи афкори фалсафӣ ба даст овардани ҳам камолот ва ҳам саодат асоси метафизикии мафҳуми саодат дониста мешуд. Дар навбати худ, асосҳои роҳат, хушбахтӣ, қонеъ гардондани эҳтиёҷот, ҳаракати доимӣ ба суи ноил шудан ба мақсад, дилбастагӣ ба неъматҳои моддӣ, автоматизми муайяни майлу хоҳиши мо мебошанд, ки на танҳо барои муносибатҳои ошкорои миёни одамон, балки ба хушбахтӣ ҳам зарар мерасонанд. Маълум мешавад, ки хушбахтӣ аз олами транссендент ба олами муқаррарӣ меравад.

Муҳаққиқ, Медведев Н.В. бо истифода аз савол ва ҷавобҳои мантиқӣ вобаста ба хусусиятҳо ва категорияҳои мафҳуми саодат ибрози андеша намудааст. Сарфи назар аз ҷавобҳои зиёд ба саволҳои «хушбахтӣ чист?», «Оё ба он ноил шудан имконпазир аст?», ки дар назарияҳои гуногуни фалсафӣ бо гузашти вақт тӯл кашидаанд, шарҳи мусбати ҳаёти хушбахтонаи Арасту ҳоло ҳам дар миёни одамоне, ки ба он боварӣ доранд, таваҷҷӯҳи доимиро ба вуҷуд меорад, ки он асосҳои бунёдии худро аз назарияи мавҷудаи ратсионализм мегирад[7, 125].

Дар баробари ин мо набояд Арастуро «мутафаккири алоҳида», берун аз доираи ҳаёти фарҳангии ҷомеаи қадим ва анъанаи ратсионализми фалсафӣ, ки ӯ яке аз асосгузорони он мебошад, берун донем. Арастуро муҳаққиқ Кэссиди Ф.Х. чунин таъриф намудааст: «Барои ӯ ақлу хирад асоси ҷавҳарии маърифат ва ҳар гуна фаъолияти дигари инсон аст»[7, 128]. Назарияи саодати Арасту дар муқоиса бо дигар назарияҳои ахлоқӣ мукаммалтарин, равшан ва фарогиртарин аст. Таърифи хушбахтӣ ва саодати Арасту бо мафҳуми фазилат алоқаи зич дорад, аз ин рӯ, дар бисёр асарҳои ӯ, нуктаи назари ӯ дар бораи моҳияти фазилат низ равшан шудааст.

Далели он, ки Арасту ба омӯзиши хушбахтӣ ва саодати инфиродӣ тамаркуз мекунад, маънои онро надорад, ки ахлоқи ӯ табиатан хусусияти бунёдии худхоҳӣ (ё индивидуалӣ) – ро дорад. Ба гуфтаи муҳаққиқ Пол Рикер, «Дар ахлоқи Арасту мо метавонем танҳо дар бораи некие сухан гӯем, ки танҳо барои мо гуфта шудааст ва он роҳи моро ба сӯи саодат равшан месозад»[7,129].

Андешаҳои Арастуро дар бораи саодат ва хушбахтӣ ба таври зерин ҷамъбаст кардан мумкин аст. Ҳамаи одамон барои хушбахтӣ кӯшиш мекунанд, зеро бахту саодат мақсади олии саъю кӯшиши инсон аст. Чуноне, ки зикр шуд, Этикаи Никомахӣ (Никомачӣ) бо чунин изҳорот оғоз мешавад, ки «ҳар як санъат ва ҳар таълимот, инчунин амал ва интихоби бошуурона барои некии муайян кӯшиш мекунад[7, 130].

Бояд гуфт, ки назаргоҳи динӣ, алалхусус ирфони исломӣ нисбат ба саодат бакуллӣ аз мавқеи Арасту фарқ мекунад. Бинобар ин пас аз баррасии мафҳуми саодат дар таълимоти фалсафии Аарасту, мехоҳем нуктаҳои муҳимтарини ориф ва ҳикматдони асримиёнагии тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем. Сараввал мехоҳем перомуни муҳаққиқоне, ки дар хусуси таълимоти фалсафии Мавлоно, ки дар бораи саодат зикр ёфтааст, сухан ронем, то ки сатҳи омӯзиши он маълум гардад.

Дар хусуси шарҳи мухтасари «Маснавӣ» ва мафҳумҳои алоҳидаи он Акбарободӣ В.М., [14] Анкаравӣ И., [15] Иброҳими Д.Г. [17] ва ғайраҳо таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд. Дар хусуси мафҳуми саодат ва хушбахтӣ дар таълимоти Мавлоно муҳаққиқон, аз қабили: Алиасғар А.С., Муҳаммад С.Б., [16] Ҳумоюн Ш., [18] Маҳмадҷонова М.Т., Зиёӣ Х.М. [6] ва ғайраҳо таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд.

Саодат ва хушбахтӣ яке аз хислатҳои муассир дар ҳастии инсон аст, ки рӯҳ ва ҷисми инсон аз ин ҷанбаи эҳсосии инсон таъсири зиёде гирифтааст. Гарчанде таърифҳои равоншиносон дар бораи сабабҳо ва омилҳои хушбахтӣ гуногунанд, аммо ҳамаи онҳо дар як нукта мувофиқат мекунанд ва ин ниёзи аслии фард ва ҷомеа барои таҳкими андозаи хушбахтӣ ва нерӯи инсонӣ аст. Ин матлаб таъйид мекунад, ки таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ дунболи таъмини бистари саодат аст, бо тафовут, аз он ки хушбахтӣ аз дидгоҳи Мавлоно ба унвони як унсури ирфонии мазҳабӣ пазируфта мешавад, ки ин хилоф бо дидгоҳи Арасту дар ин маврид аст. Ба ақидаи Мавлоно, ғам яке аз василаҳои расидан ба саодат аст ва ҷӯяндаи он наметавонад бедард ва андӯҳ бошад. Ғам ва шодӣ боиси мӯътадили равонии инсон мегардад. Дар инҷо мо расидан ба саодати куллро аз нигоҳи Мавлоно ҳамонгунае мебинем, ки онро дар таълимоти буддоия вохӯрдан мумкин аст.

Ҳануз аз ибтидои ташаккул ва такомули дини ислом дар таҷрибаи руҳонии аввалин орифон мафҳуми саодат бо мафҳуми ишқи ирфонӣ тавъам шуда аз беҳтарин намунаи онро Робияи Адавия пешниҳод кардааст. Тибқи назаргоҳи ӯ маҳз ишқи илоҳӣ саодат аст ва он ду навъ мебошад: ишқи илоҳӣ барои ноил шудан ба лутфу навозиши Аллоҳ ва ишқи илоҳӣ ҷиҳати дарки зебоии абадии Аллоҳ. Ба ин тариқа, дар зинаи аввали ташаккул ва такомули ирфон ҳануз ҳадафи

ишқ ваҳдат бо Ҳақ нест, балки танҳо висоли пас аз фано-марги ҷисмонӣ аст. Назири мутлақгароии мазкур дар масъалаи саодат ва ишқ-афкори ирфонӣ Мансури Ҳаллоқ мебошад

Ба ақидаи Мавлоно, аз ҷумлаи омилҳое, ки ба саодати кулл оварда мерасонад, метавон парвариши ҳолатҳои мусбати равонӣ, аз қабили: ҳамдардӣ, ҳамдилӣ, бахшидан ғайраҳоро номбар кард, ки боиси хушбахтии маънавӣ ва тавсеаи тафаккури инсон мегардад. Инчунин, доштани некӯаҳволӣ, сарват, шӯҳрат, мартаба, зебоӣ ва фарзандон метавонад боиси эҳсоси хушбахтӣ ва қаноатмандӣ дар инсон гардад.

Аммо ба ақидаи Мавлоно ин ҳама ҳолатҳои мушобеҳ шодии ин дунё гузаранда аст ва дар ҳар лаҳза дучори нобудӣ хоҳад шуд. Амалҳои мо натиҷаи фикрҳо ва ғояҳои мост, аз ин рӯ, бешубҳа, агар мо фикрҳои мусбӣ ва нек дошта бошем, мо дар ҳаёти худ низ хушбахт ва саодатманд хоҳем буд. Саодат дар Маснавии Мавлоно равонӣ ва ботинӣ аст; Ӯ бо мушоҳидаи ҷамол аз пайвандҳои иҷтимоъии хоксорона даст мекашад ва талхии худхоҳӣ ва камолотиро ширин мекунад. Мавлоно маҳбубро, яъне ишқи илоҳиро омили аслии саодат медонад ва маъшуқ аз наздикии худ ба ин қудрати бузург ва ҷовидона худро хушбахт мебинад ва ин навъ саодат фаротар аст. Ба ғайр аз ин шакли саодат ва хушбахтӣ, ба ақидаи Мавлоно ҳама гуна хушбахтӣ ва саодат рӯякӣ ва зудгузар аст.

Таносуби асосии мафҳуми «Саодат»-и Арасту аз мафҳуми «Саодат»-и Мавлоно дар он аст, ки «Саодат»-и Арасту аз унсурҳои бунёдии ратсионалӣ сарчашма гирифта, «Саодат»-и Мавлоно бошад, маншаъи худро аз ирфон, маънавиёт, ишқи илоҳӣ, сарвати ғайримоддӣ ва инсоният мегирад.

**АДАБИЁТ**


1. Аристотель. Евдемова этика/Пер. Т.В. Васильевой, Т.А. Миллер, М.А. Солоповой. — М.: Канон, — 2011. — 408 с
2. Аристотель. Никомахова этика / пер. И. В. Брагинской // Аристотель. Сочинения: в 4-х т. / пер. с древнегреч.; общ. ред. А. И. Доватура. М.: Мысль, 1984. Т. 4. С. 53-294
3. Аристотель. Риторика. Поэтика / Аристотель. — М.: Лабиринт, 2007. — 256 с.
4. Коротких В.И. Жизнь на весах мудрости и судьбы (образы счастья в философии Аристотеля). Берегиня. 777. Сова, 2009, №1, С. 193-203.
5. Кочеров С. Н. Аристотель о счастье как высшей цели государства. ΣΧΟΛΗ Vol. 14. 2 (2020). Pp. 470-482.
6. Махмаджонова М.Т. Этические воззрения Джалолуддина Руми. Душанбе, 2001.
7. Медведев Н.В. Категория счастья в моральной философии Аристотеля. Тамбов: Грамота, 2016. № 6(68): в 2-х ч. Ч. 2. C. 125-131. ISSN 1997-292X.
8. Медведев Н.В. Категория счастья в моральной философии Аристотеля. Тамбов: Грамота, 2016. № 6(68): в 2-х ч. Ч. 2. C. 125-131.
9. Некрасов С.И., Тригубенко Ф.А. Альтернативность нравственных парадигм Аристотеля и Канта. Научные Ведомости. Серия Философия. Социология. Право. 201 6. № 17 (238). Выпуск 37 167-174.
10. Нестеренко В. А., Мухачев А.Д. Философское понимание счастья: от античности до современности. Белгородский государственный технологический университет им. В.Г. Шухова.сс. 218-225.
11. Роман Палеев. Аристотель об избирательном счастье. Философская антропология, 2018. Т. 4. № 1. С. 27–45.
12. Сарикек Г.Р. Метафизические основания понятий «комфорт» и «счастье». Известия Вузов. Северо-Кавказский Регион. Общественные Науки. 2016. № 4. – С.19.
13. Счастье по Аристотелю. Как античная философия может изменить вашу жизнь / Эдит Холл ; Пер. с англ. — М.: Альпина нонфикшн, 2019. —298 с.
14. Akbarabadi, W. M. (2004). Sharh-i Mathnawi-yi Mawlawi (Vols.1-7), Tehran: Nashr-i Qatra.
15. Ankaravī, I. (1969). Sharh-i Kabīr-i Ankaravī bar Mathnawī-i Mawlavī. (Vol. 2). (A. Bihrūz, Trans.). Tabrīz: Khurshīd.
16. Dalili Saleh, A., & Badizadeh, M. (2021). The basic function of happiness and vivacity from Rumi's point of view. Propósitos y Representaciones, 9 (SPE3), e11 10. Doi: http://dx.doi.org/10.20511/pyr2021.v9nSPE3
17. Ebrahimi D. G. (2013). Description of Reason and Signs of Love (5th ed., Vol. 1). Tehran: Tarh-e-no Publication.
18. Homayun Shahpesandy. The ‘nafs’ (self), as outlined by early philosophers and sufi mystics of Afghanistan and Iran. Jurnal Studi Islam dan Humaniora Vol. 18 (1), 2020, pp. 75-90.

УДК: 343

# ПЕРСПЕКТИВЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА РАЗГЛАШЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ТАЙНЫ

**КУДРАТОВ Н.А.**
*Начальник управления науки и инновации Таджикского государственного университета коммерции, доктор юридических наук, профессор*
*E-mail: nek-kudratov@mail.ru*
*Тел: +992 93 596 00 01*

*Дар мақола баъзе роҳҳои беҳтар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифшои сирри давлатӣ баррасӣ шудааст. Мушкилоте, ки дар мақола масъалагузорӣ шудааст, метавонанд барои такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Дар рафти таҳлили мавзуъ як қатор хулосаҳо баровардa шуданд. Пешниҳод мешавад, ки дар баробари «ифшо» барои «паҳн кардани сирри давлатӣ» ҳамчун як кирдори мустақил дар доираи м. 311 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад. Ғайр аз ин, бо мақсади беҳтар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифшои сирри давлатӣ пешниҳод карда мешавад, ки кирдорҳои зерин криминализатсияи карда шаванд: а) истифодаи сирри давлатӣ; б) вайрон кардани тартиби муомилоти ҳуҷҷатҳо ё ашёи дорои сирри давлатӣ; в) ғайриқонунӣ ҷамъоварии маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил медиҳад, дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои хиёнат ба давлат ё ҷосусӣ; г) вайрон кардани тартиби пешбурди сирри давлатӣ (ба истиснои ҷосусӣ ва хиёнат ба давлат); д) фош кардани сирри давлатии дигар давлатҳое, ки тибқи созишномахои дутарафа ба Тоҷикистон дода шудаанд. Бо мақсади иҷрои самараноки фаъолияти ҳарбӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, иқтисоди хориҷӣ, иктишофӣ, зиддиктишофӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чорабиниҳо консепсияи нави диспозитсияи м. 311 КҶ ҶТ пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сир; давлат; ошкор кардан; паҳн кардан; муҳри махфӣ; махфӣ; комилан махфӣ; зарар; амният; гирифтани махфияти маълумот; иттилоот; додани сирри давлатӣ.*

# ПЕРСПЕКТИВАИ МУКАММАЛНАМОИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ИФШОИ СИРРИ ДАВЛАТӢ

**ҚУДРАТОВ Н.А.**
*Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*E-mail: nek-kudratov@mail.ru*
*Тел: +992 93 596 00 01*

*В статье рассмотрено некоторые пути совершенствования уголовной ответственности за разглашение государственной тайны. Проблемы, затронутые в статье, можно использовать для совершенствования УК РТ. В процессе анализа темы сделан ряд выводов. Предложено, что наравне с «разглашение» необходимо криминализировать и «распространение государственной тайны» как самостоятельное деяние в составе ст. 311 УК РТ. Кроме этого, с целью совершенствования уголовной ответственности за разглашение государственной тайны предложено криминализировать следующих деяний являются своевременным: а) использование государственной тайны; б) нарушение порядка обращения с документами или предметами, содержащими государственную тайну; в) незаконное собирание сведений, составляющих государственные*

*секреты, при отсутствии признаков государственной измены или шпионажа; г) нарушения порядка обращения с государственной тайной (за исключением шпионажа и измены государства); д) разглашение государственных секретов других государств, переданные Таджикистану в соответствии с двухсторонними договорами. С целью осуществление эффективной военной, экономической, научно-технической, внешнеэкономической, разведывательной, контрразведывательной, оперативно-розыскной и иной деятельности, в статье предложено новой концепции диспозиция статьи 311 УК РТ.*

***Ключевые слова:*** *тайна; государства; разглашение; распространение; гриф секретности; секретно; совершенно секретно; ущерб; безопасность; рассекречивания сведений; информация; выдача.*

## PROSPECTS FOR IMPROVING CRIMINAL RESPONSIBILITY FOR DISCLOSURE OF STATE SECRETS

**QUDRATOV N.A**

*Head of Science and Innovation Department of the Tajik State University of Commerce, Doctor of Law, Professor*
*E-mail: nek-kudratov@mail.ru*
*Тел: +992 93 596 00 01*

*The article discusses some ways to improve criminal liability for the disclosure of state secrets. The problems raised in the article can be used to improve the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. In the process of analyzing the topic, a number of conclusions are made. It is proposed that, along with «disclosure», it is necessary to criminalize the «dissemination of state secrets» as an independent act as part of Art. 311 and Art. 283 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. In addition, in order to improve criminal liability for the disclosure of state secrets, it is proposed to criminalize the following acts are timely: a) the use of state secrets; b) violation of the procedure for handling documents or objects containing state secrets; c) illegal collection of information constituting state secrets, in the absence of signs of treason or espionage; d) violation of the procedure for handling state secrets (with the exception of espionage and treason); e) disclosure of state secrets of other states transferred to Tajikistan in accordance with bilateral agreements. In order to carry out effective military, economic, scientific, technical, foreign economic, intelligence, counterintelligence, operative-search and other activities, the article proposes a new concept of the disposition of Article 311 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *mystery; state; disclosure; Spread; signature stamp; secret; top secret; damage; security; declassification of information; information; extradition.*

Существует мнение, что лица, которые формируют государство по собственной воле, не могут совершать преступления против него, и эти люди имеют право изучать государственные документы и информацию, поэтому у государства не может быть секретов от них. Однако, учитывая тот факт, что шпионские акты столь же стары, как и история, противоположная мысль была более доминирующей, и было признано, что государство может располагать информацией и документами для сокрытия, когда оно требует соблюдение своих интересов даже против своих основателей. Бытует мнение, что Наполеоновский Уголовный кодекс о преступлениях против государства был продуктом этой идеи [1].

Государство жизненно заинтересовано в обеспечении своей безопасности, оно является политическим образованием с вооруженными силами. Поэтому государству необходимо

иметь военную, политическую информацию и документы, которые должны храниться в секрете, быть в безопасности и поддерживать свое существование.

Государственная тайна, когда она раскрывается, определяется как информация и документы, которые ставят под угрозу единство, независимость, конституционный строй, внутреннюю и внешнюю безопасность, а также международные и двусторонние отношения государства. Эта концепция служит безопасности государства и, в конечном счете, безопасности общества и отдельных лиц. Тайна – это то, что известно лишь небольшому количеству людей и не раскрывается. Государственная тайна – это средство для обозначения границ двух полей: области, которую человеку «разрешено знать», и области, которой человеку «запрещено знать».

Современное демократическое государство обязано обеспечить доступ гражданам к информации и документам администрации, за исключением государственной тайны. По этой причине концепция государственной тайны должна быть четко определена для эффективного осуществления права на доступ к информации. Необходимо найти реальный баланс между правом на информацию и государственной тайной.

Традиция демократического государства признает право граждан на доступ к информации о государственной деятельности. Правительства вынуждены делиться информацией со своими гражданами в результате значительного прогресса в области информационных технологий в. Люди предпочитают жить в «демократическом» государстве, где доступна информация о его деятельности. Вместе с тем из–за человеческие природы им необходимо жить в «безопасном» состоянии. В антидемократических политических системах, основанных на понимании того, что государство обладает своим уникальным характером и нуждается в защите, информирование личности не является ни «правом», ни «обязанностью». В упомянутых системах ограничение информации покрывается «государственными выгодами». Исходя из этого, заинтересованные лица ищут незаконные пути для того, чтобы получили нужные им засекреченные информации с целью дальнейшего использования в свою пользу.

Разглашение государственной тайны, согласно ст. 311 УК РТ является преступлением. Диспозиция ст. 311 УК РТ текстуально аналогична диспозиции ст. 72 УК Таджикской ССР 1961 г. Прототипом ст. 72 УК Таджикской ССР и ст. 311 УК РТ стал Указ ПВС СССР (от 9 июня 1947 г.) «Об ответственности за разглашение государственной тайны и за утрату документов, содержащих государственную тайну» [2]. В этих актах разглашение государственную тайну, лицами, получившими их в силу своего служебного положения в случаях, когда эти действия не могут быть квалифицированы как измена родине или шпионаж, считалась преступлением. Квалификационным признакам являлись совершение преступления со стороны военнослужащим и частным лицам. Утраты должностными лицами и военнослужащими документов, содержащих сведения, составляющие государственную тайну, также были криминализированы. Отдельное преступное деяние образовывали «заявка или передача за границу изобретений, открытий и технических усовершенствований, составляющих государственную тайну, сделанных в пределах СССР, а также сделанных за границей гражданами СССР, командированными государством» [3].

В целом государственная тайна – это область секретности, которая признается почти всеми странами и иногда упоминается как государственная безопасность, высокие интересы государства и официальная тайна. Информация и документы, составляющие государственную тайну, остаются недоступными из–за угрозы безопасности государства. Некоторая информация и документы считаются государственной тайной, потому что это защищает национальную безопасность государства, его оборонную политику, международные интересы и отношения [4].

Можно утверждать, что информация, которая ставит под угрозу безопасность и интересы государства, когда становится доступной, должна храниться в тайне. Также очевидно, что свободный обмен информацией жизненно важен для демократии. Но это не должно делать государственные секреты доступными.

Правительства в демократических обществах подотчетны перед избирателями как по иностранным делам, так и по вопросам национальной безопасности [5]. Иностранные дела и национальная безопасность особенно важны для выживания государства. Это исторический и рациональный факт [6].

Разглашение государственной тайны по мнению некоторых ученых необоснованно отнесено законодателем к группе преступлений против безопасности государства. Обоснованием такого суждения они видят в отсутствие цели ослабления внешней безопасности в числе криминообразующих признаков. В противном случае содеянное приравнивается как государственная измена [7].

Разглашения государственной тайны с объективной стороны заключается в незаконном предании огласке государственную тайну, если эти сведения стали достоянием других лиц, а также при отсутствии в этом деянии признаков измены государству. Такой подход определения объективной стороны разглашения государственной тайной поддерживается большинством ученых [8]. Форма разглашение может выражаться как активных действий, так и бездействия. Поэтому необходимо установить, что разглашение сведений носили противоправный характер и было связано с нарушением установленного порядка сохранности и оглашения этих сведений.

В отличие от Закона РФ «О государственной тайне» и аналогичных законов других государств, легальное определение понятие «разглашения государственных секретов (тайны)» предусмотрено в законодательстве РТ. В указанной законе определение понятие разглашение государственной тайны выражается в сообщение, передача, предоставление, пересылка, публикация или доведение государственных секретов другими способами до физических и юридических лиц, которым не предоставлено право ознакомления с ними. Безусловно, такое широкое понятие вряд ли может быть приемлемым и требует научного обоснования. Действия, подразумеваемые понятием «разглашение» (разгласить, огласить, распустить слух, молву, объявить, рассказать многим, сделать гласным) в законе, выходят за рамки этимологического значения этого слова. Кроме того, пересылка и публикация относятся скорее к категории «распространение», нежели к понятию «разглашение».

Разглашение государственной тайны выражается в нарушении принципа рассекречивания сведений, составляющих государственную тайну (которое прикреплено в ст. 26 Закона РТ о гоcсекретах). Согласно указанному акту, основаниями для рассекречивания сведений являются: а) принятие РТ международных обязательств по открытому обмену сведениями, составляющими в РТ государственные секреты; б) изменение объективных обстоятельств, вследствие чего дальнейшая защита сведений, составляющих государственные секреты, является нецелесообразной; в) исключение из сведений, относимых к государственным секретам; г) истечение срока засекречивания; д) необходимость использования результатов оперативно–розыскной деятельности в уголовном процессе. За исключением указанных обстоятельств, любой акт рассекречивания государственную тайну, квалифицируется как их противоправное разглашение. При противоправном разглашение нарушается установленные правила передачи и рассекречивания сведений.

Правила обращения с государственную тайну, и правила ознакомления с ними и допуска к ним определенных лиц, подробно излагаются в Законе РТ о государственных секретах и в ведомственных инструкциях [9] и приказах [10].

Объективно, действие связанные с разглашением выражается в том, что в результате которых государственная тайна, становятся известны посторонним лицам: в доверительном разговоре, публичном выступлении, переписке, показе документов, демонстрации чертежей, схем, изделий, утере или передаче неучтенных тетрадей и блокнотов с выписками из документов, содержащих государственную тайну, и т.п. Разглашение может быть совершено и бездействием (так, из-за небрежного хранения секретных документов посторонние лица прочитали их или сфотографировали. - К.Н.) [11].

Разглашение государственной тайной является преступлением, если

а) эти сведения стали достоянием других лиц. Неудачным представляется указание в законе на последствия разглашения, а именно на то, что сведения должны стать достоянием других лиц. С точки зрения русского языка это явная тавтология, поскольку сам по себе термин разглашение, если понимать его не как процесс, а как результат, уже предполагает доведение информации до адресата [12]. На наш взгляд, исключение указанный признак из ст. 311 УК РТ является правильным;

б) в нем отсутствуют признаки измены государству. Установить это достаточно сложно. При отграничении преступления разглашения сведений, составляющих государственную тайну, от преступления измены государству в форме выдачи государственной тайны требуется считывании некоторые признаки: а) субъектом преступления, данной статьи (311), может быть только лицо, которому государственная тайна была доверена или стала известна по службе или работе, а субъектом выдачи государственной тайны – любое лицо; б) адресатом получения сведений при разглашении, в отличие от выдачи, являются не только иностранные государства, иностранные организации или их представители, а также иные третьи лица (гражданин РТ); в) выдача осуществляется адресно. Целью которого является нанесения ущерба безопасности государства. Так как, у разглашения же не может быть таких существенных мотивов – это просто сообщение информации.

В доктрине уголовного права ведутся споры об ограниченном перечне деяний, которые составляют объективную стороны разглашения государственной тайны. К.О. Папеева пишет, что «наказуемым считается исключительно «разглашение» государственной тайны, т.е. только сообщение ее посторонним лицам. Между тем сравнительный анализ зарубежного законодательства показывает, что в ряде государств наказывается и несанкционированное использование» [13], а также незаконное собирание государственных секретов, если в действия отсутствует признаков шпионажа либо государственной измены (например, со стороны журналистов), нарушение порядка обращения с документами или предметами, содержащими государственную тайну, а равно распространение подобных сведений (например, ст. 265 УК Польши [14], §798 УК США [15], ст. 185 УК Республики Казахстан, ст. 357 УК Болгарии [16], ст. 321 УК Грузии [17]).

Если проанализировать виды деяний, связанных с посягательством на тайну в общем, то можно сделать вывод, что их больше, в частности – это разглашение, сбор, передача, хранение, использование, уничтожение, распространение, изменение, потеря, получение (с целью разглашения).

Закон КНР о защите государственной тайны предусматривает еще более широкий перечень деяний (приобретение, удерживание, продажа, передача, пересылка, посылка, копирование, ссылка, обмен, хранение, демонтаж, презентация, выбрасывание), которые считаются нарушением закона, и за них предусматривается уголовная ответственность [18].

С целью дальнейшего совершенствования уголовного кодекса криминализация действий в составе разглашения государственной тайны (ст. 311 УК РТ) является своевременной. На наш взгляд, ниже перечисленные действий имеют повышенный уровень общественной опасности, и их криминализация является эффективным способом защиты государственных секретов от преступного посягательства:

1) использование государственной тайны. На практике имеет место то, что лицо не разглашает государственную, а использует нее к собственной пользе (например, протяженность границы между Таджикистаном и Афганистаном составляется 1400 км. Некоторые места границы до сих пор не защищены, зная это, сотрудник правоохранительных органов занимается контрабандой наркотиков, оружии и других вещей и т.д.). Б.В. Волженкин пишет, что «незаконное использование сведений, являющихся чужой тайной, будет иметь место, в частности, при применении этих сведений в экономической *(личной, профессиональной. - К.Н.)* деятельности без разрешения владельца всеми, кому эта тайна стала известна в связи с профессиональной или служебной деятельностью» [19]. В УК РФ, УК РТ и УК других государств участников СНГ положение, специально

предусматривающее ответственность за использование государственной тайны до сих пор отсутствует;

2) *распространение государственной тайны.* Законодательство РТ в отношении информации, в том числе и тайной информации использует категорию «разглашение», «раскрытие» и «распространение». Указанные категории имеют общие и различительные черты. УК РТ в ст. 145, 156[1], 173, 278 и 361 УК РТ, где защищаются различные виды тайн (врачебная, право на изобретение, тайна усыновления, коммерческая и банковская, данные о дознании или предварительного следствия) использует категорию «разглашение», а в ст. 144, 162 УК РТ, где защищаются различные виды информации (информация о частной жизни, воспрепятствование законной профессиональной деятельности журналиста и т.д.), использует категорию «распространение». В этих случаях позиция законодателя неясна и нуждается в уточнении.

С целью концептуального установления различия и общности указанных категорий, требуется доктринальный анализ их содержания и специфики:

а) «распространить» в словаре С.И. Ожегова понимается как «сделать доступным, известным для многих»; под словом «разгласить» «рассказав, оповестив, сделать известным; распространить что–либо» [20]. Указанные термины исходя из эмоциональной окраски различаются друг от друга. Так, слово «разглашение» носит более негативную окраску, нежели слово «распространение». Содержание «разглашение» связано прежде всего с раскрытием тайны (чужой или собственной), а именно сведений, которые, скорее всего, в силу ряда объективных причин не могут быть разглашены [21]. Именно такая позиция закреплена в законодательстве РТ;

б) анализ содержания отраслевых законов, особенно Закона РТ «О государственных секретах» (от 26 июля 2014 г.) и Закона РФ «О государственной тайне» (от 21 июля 1993 г.) показывает, что понятие «государственные секреты (тайны)» определяется как защищаемые государством сведения, распространение (разглашение, по закону РТ) которых ограничено государством, а также распространение которых наносит или может нанести ущерб безопасности государства. Таким образом, при криминализации ст. 311 УК РТ и ст. 283 УК РФ законодателями не был учтен текст указанных законов. Основными причинами этого являются текстуальное копирование и влияние положений уголовных законодательств времен СССР [22];

в) слово «разглашение» в отличие от слова «распространение» государственных тайн имеет узкое значение. Разглашение относится только к информации (тайнам), распространение которой включает не только саму информацию, но и ее носителей, секретные компьютерные программы и учебные программы секретного характера. Например, содержание закрытых учебных программ в высших военных учебных заведениях является государственной тайной. При разглашении содержания этих программ действия служащего квалифицируются как разглашение государственной тайны, а при распространении самих этих учебных программ эти действия должно квалифицироваться как распространение государственной тайны. Указанное свидетельствует о том, что» разглашение» является составной частью «распространения» государственной тайны;

г) эти категории, также отличаются и по форме действий. Наравне с действием разглашение предполагает и бездействие, направленное на доведение до сведения третьих лиц должного вида информации. Например, вследствие небрежного хранения (бездействия) секретных документов, посторонние лица смогли прочитать их или сфотографировать. Распространение же совершается только активным действием;

д) компаративистика свидетельствует о том, что категории «разглашение» и «распространение» являются самостоятельными деяниями. Так, в ч. 1 ст. 357 (а) УК Болгарии отмечается: кто разгласит сведения или распространит документы, или другие информационные носители сведений, связанных с деятельностью служб безопасности …является преступником;

Явным практическим примером распространения государственной тайны являются действия адвоката запрещенной в Таджикистане Партии исламского возрождения Таджикистана Дж. Ёрова. Как писала газета «Азия плюс» ссылаясь на информацию родственников Д.Ё., ему было предъявлено обвинение по ст. 311 (разглашение государственной тайны) УК РТ. Д.Ё. обвинялся в том, что он распространил *(именно распространил, а не разгласил. - К.Н.)* копию решения суда над членами запрещенной ПИВТ, который проходил за закрытыми дверями в режиме совершенной секретности [23].

Таким образом, изучение доктрины, законодательства и правоприменения дает нам основание предложить криминализировать «распространение государственной тайны» как самостоятельное деяние в составе ст. 311 и ст. 283 УК РТ;

*3) нарушение порядка обращения с документами или предметами, содержащими государственную тайну.* Под нарушением понимают препятствование нормальному состоянию, развитию чего–нибудь, невыполнение, несоблюдение возложенных обязанностей. Нарушение выражается в а) незаконном изменении грифа секретности; б) незаконном изменении сроков засекречивания сведений и их носителей; в) нарушении организационно–правовых мер защиты государственных секретов; г) нарушении порядка рассекречивания носителей сведений, составляющих государственные секреты; д) нарушении защиты сведений, составляющих государственные секреты, при изменении форм собственности и функций субъектов правоотношений; е) нарушении технических и оперативных мер защиты государственных секретов; ё) ненадлежащем контроле по обеспечению защиты государственных секретов.

Нарушение порядка обращения с документами или предметами, которые содержит государственную тайну выражается в нарушение законодательства и внутренних нормативных актов в сфере государственных секретов, где предусмотрен порядок ее обращения;

*4) незаконное собирание сведений, составляющих государственные секреты, при отсутствии признаков государственной измены или шпионажа.* Сущность и содержание категории «собирание» рассматривался при анализе таких преступлений как измена государству и шпионаж. Специфика этого деяния заключается в том, что лицо, которому государственная тайна была доверена, неправомерно собирает (сохраняет ее для себя как коллекцию), хотя в его действиях отсутствуют признаки измены государству. Например, лицо без цели распространения или разглашения копирует, или фотографирует стратегические военные планы, оперативные планы, документы боевого управления, документы по приведению войск в различные степени боевой готовности, историческое документы, документы о личных жизнях главы государств и т.д. Опасность данных действий заключается в том, что здесь велика вероятность дальнейшего распространения или разглашения эти документов из–за небрежности велико.

*5) криминализация нарушения порядка обращения с государственной тайной (за исключением шпионажа и измены государства),* в зависимости от грифа секретности, - «особая важность», «совершенно секретно» и «секретно», является своевременной и необходимой. Как следует из анализа различных ситуаций, степень секретности сведений, составляющих государственные тайны, устанавливается соответственно степени тяжести ущерба от разглашения или распространения государственной тайны.

Общественная опасность вследствие распространения государственных тайн, исходя из степени секретности государственных тайн, является разнообразной. Например, при распространении государственной тайны под грифом секретности:

а) «особая важность» ущерб наносится интересам РТ в одной или нескольких областях, в том числе в сферах военной, внешних отношений, экономической, государственной безопасности и охраны порядка.

б) «совершенно секретно» ущерб наносится интересам министерства (ведомства) или отраслей экономики РТ в одной или нескольких областях в сфере военной, внешних отношений, экономики, государственной безопасности и охраны порядка.

в) «секретно» ущерб наносится интересам предприятия, учреждения или организации в военной, внешних отношений, экономической, государственной безопасности и правопорядка.

Гриф секретности защищает интересы государственной безопасности и является гранью между количественными и качественными показателями ущерба безопасности РТ.

6) Помимо собственных государственных тайн, УК РТ в ст. 311 должен от незаконной *разглашении защищать и государственные секреты других государств*, переданные Таджикистану в соответствии с двухсторонними договорами и имеющие отношение к внешней безопасности РТ. Например, Правительство РТ и Правительство РФ 22 января 2003 г. заключили Соглашение о взаимной защите секретной информации. В этом Соглашении есть положение (ст. 4), согласно которому правительства РТ и РФ должны «в обращении с секретной информацией принимать такие же меры защиты, которые используются в отношении собственной секретной информации сопоставимой, в соответствии со ст. 3 настоящего Соглашения, степени секретности (особой важности, совершенно секретно, секретно, для служебного пользования)» [24]. Такое соглашение заключено между Правительством РТ и Правительствами Украины [25], Армении [26], Кыргызии [27], Молдовы [28], Казахстана [29], Туркменистана [30]. Основной недостаток УК РТ и этих соглашений заключается в том, что в них нет четкого положения о привлечении к уголовной ответственности за разглашение государственной тайны другого государства, которая была передана соответствующим органам этого государства или наоборот. Исходя из этого с целью сохранение и перспективы развития двусторонних отношений между государствами криминализация разглашение государственной тайны другого государства переданные Таджикистану в соответствии с двухсторонними договорами является своевременным.

Государственная тайна - это концепция, тесно связанная с безопасностью государства и его внутренними и внешними политическими выгодами. Область государственной тайны и государственной безопасности являются наиболее важными из областей, которые должно остаются закрытыми для обмена информацией. Однако защита информации в этой области не должна зависеть от произвольной практики государственных органов, и границы этой области должны быть четко и сбалансированно очерчены.

С целью осуществление эффективной военной, экономической, научно-технической, внешнеэкономической, разведывательной, контрразведывательной, оперативно-розыскной и иной деятельности криминализация некоторых деяний и предложение концепции диспозиция статьи 311 УК РТ в новой редакции является целесообразным.

Осуществив исследование норм уголовного закона и доктрина уголовного права, полагаем возможным предложить в качестве рабочей версии диспозиция статьи 311 УК РТ в следующей редакцией:

**Статья 311. Нарушение порядка обращения с государственную тайну**

1) Нарушение порядка обращения с документами или предметами, содержащими государственную тайну или их использование для собственных нужд, а также распространение, а равно разглашение сведений, составляющих государственную тайну, а также их носители лицом, которому она была доверена или стала ему известна по службе или работе, при отсутствии в его деянии признаков измены государству в отношении государственной тайны грифа секретности «секретно», - наказывается…

2) Те же деяния, предусмотренные ч. 1, совершенные в отношении государственной тайны грифа секретности «совершенно секретно», - наказывается…

3) Те же деяния, предусмотренные ч. 1, совершенные в отношении государственной тайны грифа секретности «особой важности», - наказывается…

**Статья 311$^{1}$. Разглашение государственной тайны по неосторожности**

Разглашение государственной тайны по неосторожности, если это повлекло наступление тяжких последствий, - наказывается…

**Статья 311$^{2}$. Разглашение или утрата сведений, составляющих секретную информацию других государств или международных и региональных организациях,**

**которое дано в распоряжение соответствующим органам РТ по двусторонним соглашениям**

Разглашение или утрата сведений, составляющих секретную информацию других государств или международных и региональных организациях, а равно предметы, сведения о которых составляют секретную информацию, которое дано в распоряжение соответствующим органам РТ по двусторонним соглашениям лицом, которому они были доверены, - наказывается…

**ЛИТЕРАТУРА**


1. *Zengin M.A.* Bilgi paylaşimi bakimindan devlet sirri kavrami ve ulusalgüvenlik. Bilgi Ekonomisi ve Yönetimi Dergisi (The Journal of Knowledge Economy & Management). 2011. № 6. Т. 2. P. 141-142
2. Указ ПВС СССР «Об ответственности за разглашение государственной тайны и за утрату документов, содержащих государственную тайну» от 09 июня 1947 г. // Ведомости ВС СССР. 1947. № 20.
3. *Корсун Р.В.* Правовой институт государственной тайны и его отражение в законодательстве государств, входящих в СНГ. Дис. …канд. юрид. наук. М., 2007. С. 172.
4. *Akıllıoğlu T., Yönetimde A.* Gizlilik ve Bilgi Alma Hakkı (Openness - Secrecy in Administration and Freedom of Information), I. Ulusal Ġdare Hukuku Kongresi (1-4 Mayıs 1990), Ġkinci Kitap, Kamu Yönetimi, Ankara, 1990. P. 808; Воронин В.Н. Качество уголовно-правовой охраны безопасности государства от внешних посягательств / В.Н. Воронин // Всероссийский криминологический журнал. 2017. Т. 11, № 3. С. 569–576; Луценко Ю.В. Правовое регулирование государственной безопасности: обзор современных тенденций зарубежного законодательства / Ю.В. Луценко, О.В. Кравчук, Ю.В. Циганюк, С.В. Клименко // Всероссийский криминологический журнал. 2019. Т. 13, № 4. С. 680–690
5. For national security challenges of openness see Mendel, Toby, National Security. Openness, in Campbell Public Affairs Institute, National Security and Open Government: Striking the Right Balance. New York, 2003. pp. 1-30.
6. *Mentioned in Marsh, Norman S.* Access to Government-Held Information: An Introduction, in Ed. Norman S. Marsh, Public Access to Government-Held Information: A Comparative Symposium, Steven & Son Ltd. London, 1987. P. 8
7. *Ткачевский Ю.М., Тяжкова И.М.* Преступления против основ конституционного строя и безопасности государства // Курс уголовного права. Особенная часть. Учебник для вузов / Под ред. проф. Г.Н. Борзенкова и В.С. Комисарова. М.: ИКД «Зерцало-М», 2002. С. 47-48.
8. *Пудовочкин Ю.Е.* Уголовное право России. Части общая и Особенная: учебник / под ред. А.В. Брилиантова. 2-е изд. М., Проспект, 2016. С. 924; *Пономаренко Е.В.* Преступления против основ конституционного строя и безопасности государства. Учебное пособие. М.: Издательство «Юрлитинформ», 2016. С. 121-122; *Бендин В.В.* Защита государственной тайны Российской Федерации уголовно-правовыми средствами: автореферат дис. ... кандидата юридических наук. Ростов н/Д, 2004. 34 с.; *Дворников А.А.* Уголовно-правовая охрана государственной и служебной тайны в органах внутренних дел: автореферат дис. ... кандидата юридических наук. Тюмень, 2007. 22 с.
9. Порядок разработки Перечня сведений Республики Таджикистан, отнесенных к государственной тайне // Утвержден Постановлением Правительства Республики Таджикистан - от 3 апреля 2000 г. № 160
10. Положение о подготовке к передаче сведений, составляющих государственную тайну, другим государствам // Утверждено Приказом Начальника Главного управления по вопросам государственных секретов при Правительстве Республики Таджикистан - от 5 апреля 2000 г. № 24
11. *Дьяков С.В.* Преступления против основ конституционного строя и безопасности государства: уголовно-правовое и криминологическое исследование. 2-е изд. - СПб.: Издательство «Юридический центр-Пресс», 2012. С. 56-57
12. *Папеева К.О.* Проблемные аспекты уголовно-правовой охраны государственной тайны / К.О. Папеева // Вестник Волжского университета им. В.Н. Татищева. 2015. № 2 (82). С. 240-244
13. *Папеева К.О.* Проблемные аспекты уголовно-правовой охраны государственной тайны // Вестник Волжского университета им. В.Н. Татищева. 2015. № 2 (82). С. 240-244
14. Уголовный кодекс Республики Польша / Пер. с польск. Д.А. Барилович. - СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс». 2001. 234 с.

15.US Code Title 18 - Crimes and Criminal Procedure [махзани электронӣ]. - URL: http://www.law.cornell.edu/ (Дата обращения: 3.03.2020 г.)
16.Уголовный кодекс Республики Болгария / Научный редактор канд. юрид. наук, проф. А.И. Лукашова. Перевод с болгарского Д.В. Милушева, А.И. Лукашова. - СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2001. 298 с.
17.Уголовный кодекс Грузии / Науч. ред. З.К. Бигвава. - СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2002. 409 с.
18.*Кудратов Н.А.* Преступления против основ конституционного строя и безопасности государства. Душанбе: Бахманруд, 2020. С. 117
19.Уголовное право России: Часть Особенная: учебник для вузов / Отв. ред. Л.Л. Кругликов. М.: Волтерс Клувер, 2012. С. 316.
20.Словарь Ожегова. Толковый словарь русского языка [Электронный ресурс]. - URL: http://www.ozhegov.com/words/29976.shtml (Дата обращения: 3.03.2020 г.)
21.*Гутник С.И.* Уголовно–правовая характеристика преступных посягательств в отношении персональных данных: дис. …канд. юрид. наук. Красноярск, 2017. 241 с.
22.Указ «Об ответственности за разглашение государственной тайны и за утрату документов, содержащих государственную тайну» от 15 ноября 1943 г. // Ведомости ВС СССР. - 1947. - № 20; Основы уголовного законодательства Союза ССР и союзных республик. От 25 декабря 1958 г. // Сборник документов по истории Уголовного законодательства СССР и РСФСР. (1953-1991). Ч. 1: Законодательство СССР. - Казань, 1992; Уголовный кодекс Таджикской ССР. От 17 августа 1961 // - Душанбе, 1961; Закон СССР «Об уголовной ответственности за государственные преступления», 25 декабря 1958 года // Сборник документов по истории Уголовного законодательства СССР и РСФСР. (1953-1991). Ч. 1: Законодательство СССР. - Казань, 1992.
23.Еще один адвокат ПИВТ задержан по подозрению в разглашении государственной тайны // [Электронный ресурс]. - URL: http://news.tajweek.tj/view/esche-odin-advokat-pivt-zaderzhan-po-podozreniyu-v-razglashenii-gostayny/ (Дата обращения: 9.03.2020 г.)
24.Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Российской Федерации о взаимной защите секретной информации. Утверждено Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 10 мая 2003 года № 203 // [Электрон. ресурс] // АДЛИЯ: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. Душанбе, 2019. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
25.Соглашение между Кабинетом Министров Украины и Правительством Республики Таджикистан о взаимной охране секретной информации. От 09.04.2003 // [Электрон. ресурс] // АДЛИЯ: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. Душанбе, 2019. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
26.Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Республики Армения о взаимной защите секретной информации от 25 ноября 2003 года // [Электрон. ресурс] // АДЛИЯ: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. Душанбе, 2019. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
27.Соглашение Между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Кыргызской Республики о взаимной защите секретной информации. от 26 мая 2004 года // [Электрон. ресурс] // АДЛИЯ: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. Душанбе, 2019. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
28.Соглашение между Правительством Республики Молдова и Правительством Республики Таджикистан о взаимной защите секретной информации. Подписано в Кишиневе 19.11.2004 Вступило в силу 28.03.2005 // [Электрон. ресурс] // АДЛИЯ: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. Душанбе, 2019. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
29.Соглашения между Правительством Республики Казахстан и Правительством Республики Таджикистан о взаимной защите секретной информации. Постановление Правительства Республики Казахстан от 30 ноября 2006 года № 1149 Совершено в городе Астана «4» мая 2006// [Электрон. ресурс] // АДЛИЯ: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. Душанбе, 2019. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
30.Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Туркменистана о взаимной защите секретной информации. от 9 декабря 2007 года // [Электрон. ресурс] // АДЛИЯ: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. Душанбе, 2019. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ-СИЁСӢ

**САЛИХОВ Р.С.**

*Унвонҷӯйи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф истилоҳоти илмӣ-ҳуқуқии бунёдгузори фаъолияти мақомоти давлатиро дар муқовимат ба экстремизми динӣ-сиёсӣ дар асоси назарияҳои муҳимми илмӣ ва санадҳои хусусияти консептуалидошта мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулоса меояд, ки истилоҳоти «муқовимат ба экстремизм» фарогири чораҳои умумиҷтимоӣ ва махсуси криминологии огоҳонӣ, чораҳои хусусияти маҷбуркунии давлатидошта (ошкоркунӣ, дастгиркунӣ, тафтишот, безараргардонӣ) ва фаъолият оид ба бартараф кардани оқибатҳои ҷиноятӣ мебошад. Бо таври комил муайян намудани вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ, инчунин ташкил кардани системаи доимоамалкунандаи зиддиэкстремистӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо кафили самаранокии муқовимат ба экстремизм эътироф менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *экстремизми динӣ–сиёсӣ, муковимат ба экстремизм, чораҳои огоҳонӣ, мақомоти давлатӣ, вазифа, функсия, системаи зиддиэкстремистӣ.*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОМУ ЭКСТРЕМИЗМУ

**САЛИХОВ Р. С.**

*Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*

*В данной статье автор исследует научно-правовые термины, составляющие основы деятельности органов государственной власти по противодействию религиозно-политическому экстремизму на основе значимых научных теорий и документов концептуального характера. Приходит к выводу, что термин «противодействие экстремизму» охватывает как общесоциальные и специальные криминологические меры, так и принудительные государственные меры (выявление, задержание, расследование, обезвреживание) и деятельность по устранению преступных последствий.*

*Строго нормативное определение задач и функций органов государственной власти и негосударственных органов, а также создание постоянно функционирующей антиэкстремистской системы на уровне республики, областей, городов и районов признается гарантом эффективности противодействия экстремизму.*

***Ключевые слова:*** *религиозно-политический экстремизм, противодействие экстремизму, профилактические меры, органы государственной власти, задача, функция, антиэкстремистская система.*

# THEORETICAL BASES OF ORGANIZATION OF RESISTANCE TO RELIGIOUS-POLITICAL EXTREMISM

**SALIKHOV R.S.**

*Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*In this article, the author presents the scientific and legal terms that form the basis of the activity of state authorities in the fight against religious-political extremism. Important scientific theories and documents of a conceptual character are studied and concludes that the term*

*«resistance to extremism» includes general social and special criminological awareness measures, state coercive measures (detection, arrest, investigation, neutralization) and activities to eliminate criminal consequences.*

*By fully defining the tasks and functions of state authorities and non-state organizations and institutions, as well as the organization of a constantly functioning anti-extremist system at the level of the republic, region, city and district, it is recognized as a guarantor of the effectiveness of the fight against extremism.*

***Keywords:*** *religious-political extremism, resistance to extremism, warning measures, state organ, task, function, anti-extremist system*

Дараҷаи пойдорӣ ва устувории давлати миллӣ, хушбахтӣ, саодатмандии сокинони он дар вобастагии кулл ба шумора ва сифати шаҳрвандони соҳибмаърифат, андешаманд ва муҳокимаронии мутаносиб ба воқеият – манфиатҳои миллӣ қарор дорад. Дар сурати халал ёфтани таносуб дар байни ҷаҳонбинии илмӣ ва мудирияти моил ба андешаи хурофотӣ, шикасти давлати миллӣ раванди бебозгашт хоҳад гирифт [1, 36-37].

**Вобаста ба ҳамин раванд С.С. Ятимов иброз медоранд, ки суиистифода аз идеологияи хурофотпарастӣ, ифротгароиву таассуб, ба тарзи сунъӣ сиёсӣ намудани ислом ва инфрасохтори ғоявии он дарояндаи наздик бузургтарин хавф барои таъмини амнияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ, сулҳу субот ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва мадании ҷомеаи Тоҷикистон шуда метавонад [2, 41].**

Аз ин ҷост, ки дар Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ба таҳдидҳои экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ дар баробари дигар омилҳо тарғиби ғояҳои ифротгароӣ тавассути шабакаи интернет, ҷалбкунии ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон арзёбӣ гардидаанд [3].

Новобаста ба кушишҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалӣ сохтани чораҳои огоҳонии (профилактикаи) зидди идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ (соли 2009–ҷашни бузургдошти 1310 солагии Имом Абуханифа дар сатҳи байналмилалӣ баргузор гардид; Кумита оид ба корҳои дин, Донишгоҳи исломӣ, маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат таъсис ёфт, чор маротиба Қурон ба забони адабии тоҷики чоп шуда ба таври ройгон дастраси мардум гардид аз соли 2010 то 2022 зиёда аз 4000 ҳазор таълимгирандагони ғайриқонунии динӣ аз донишкадаҳо ва мадрасаҳои давлатҳои алоҳидаи мусулмонӣ ба ватан баргардонида шуданд; дар се марҳила зиёда аз 1000 нафар иштирокчии задухӯрдҳои мусаллаҳона (аз ҷумла, занону кӯдакони онҳо) аз минтақаҳои ҷангзада ба ватан баргардонида шуданд; ҳамасола озмунҳои «Фуруғи субҳи доноӣ», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», хонандаи беҳтарини китоби «Тоҷикон»–и Б.Ғафуров дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр ва ноҳия баргузор карда мешаванд; дарҳои зиёда аз 4000 ҳазор масҷид барои ибодаткунандагон кушода аст, калонтари масҷид дар Осиёи Миёна барои 130 ҳазор ибодаткунандагон дар шаҳри Душанбе ба истифода дода шуд ва ғ.), ҳамоно сатҳи таассуботи динии бархе аз ҷавонон хеле баланд аст ва дар панҷ соли охир шумораи содиршавии ҷиноятхои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ бо иштироки шаҳрвандони мо афзоиш ёфтаанд.

Аз ин лиҳоз, барои муайян намудани асосҳои бунёдии ташкили муқовимат ба идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ назар андӯхтан ба мазмун ва моҳияти истилоҳи «муқовимат ба экстремизм» шарти ногузир аст. Зеро дар қонунугзории амалкунанда ба ҷойи истилоҳи «мубориза ба экстремизм» дар солҳои охир истилоҳи «муқовимат ба экстремизм» ҷойгузин гардид.

Калимаи «мубориза» қариб дар тамоми сарчашмаҳои луғавӣ ҳамчун ҷанг, набард маънидод мешавад, ки мақсади асосии он саркӯб кардан, нест кардан, нобуд кардани чизе ё касе мебошад [4, 56].

Ҳуқуқшиноси машҳури рус С.С.Босхолов қайд мекунад, ки «мубориза» муқобилияти

оштинопазири байни тарафҳоеро дар назар дорад, ки бо максади ниҳоии ғалаба кардан бар ҳариф ба муқобилият дохил шуда, барои расидан ба ҳадаф аз ҳамагуна восита истифода бурдан мумкин аст.

Даъватҳо барои ҷанг ба ҷинояткорӣ, пурзӯр намудани мубориза ба муқобили он, дар ҳақиқат дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ, давлат ва ҷамъият мақсади пуч (номуайян) мегузоранд. Ҳар қадар зудтар ин гуна ҳадафгузорӣ номувофиқ эътироф шавад, кишвар ҳамон қадар зудтар ба сӯйи давлати ҳуқуқбунёд қадам мегузорад» [5, 38-39]. Яъне, калимаи «мубориза» аз нуқтаи назари илмӣ хусусияти зӯроварӣ ва репрессивӣ дорад, аммо муқовимат ба ҷинояткорӣ дар баробари чораҳои маҷбуркунии давлатӣ (дастгир кардан, ҳабс кардан, аз озодӣ маҳрум сохтан, безарар гардонидан ва ғ) бо таври васеъ истифода бурдани чораҳои огоҳонӣ (профилактикӣ)-ро тақозо менамояд.

Дар ҳамин замир, андешаи Ю.М.Антонян комилан дуруст менамояд, ки мегӯяд: «Экстремизм бинобар сабабҳои зиёди иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, равонӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, ингуна сабабҳо бояд объекти чораҳои таъсиррасонии хусусияти огоҳонидошта (профилактикӣ) қарор гиранд. Вале ин кор осон нест, зеро қисми зиёди сабабҳои номбаршуда бо салохиятҳои ҳокимияти давлатӣ, тақсимоти моликият, тантанаи идеологияи давлатӣ, тағйири сохтори иҷтимоии ҷамъиятӣ ва ё миллӣ ва ғайра вобаста аст» [6, 294].

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» зери мафҳуми «муқовимат ба экстремизм – фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони дигари ҳуқуқӣ, ки ба ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти давлат, ошкор кардани сабабу шароити ба зуҳуроти экстремизм мусоидаткунанда, инчунин барои огоҳонӣ, ошкор, пешгирӣ, рафъ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистӣ ва аз байн бурдани оқибатҳои он равона карда шудааст», фаҳмида мешавад.

Аз мазмуни мазкур бармеояд, ки ба фаъолияти зиддиэкстремистӣ бояд теъдоди зиёди мақомоти давлатӣ, ташкилоти ғайридавлатӣ ва ҷомеаи шахрвандӣ ҷалб карда шаванд.

Азбаски аз нуқтаи назари илми криминология сабабу омилҳои пайдоиши идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ метавонанд дар навбати худ, боиси пайдоши терроризми динӣ-сиёсӣ гарданд, истилоҳоти назариявӣ – ҳуқуқии таҷассумкунандаи фаъолияти зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористиро дар ҳамгироӣ баррасӣ намудан аз манфиат холӣ нест.

Ба гуфтаи А. Макорин, фаъолияти зиддитеррористӣ (мутаносибан –фаъолияти зиддиэкстремистӣ) фаъолиятест, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад ва ба ошкор, пешгирии ҷиноятҳои хусусияти террористидошта (экстремистидошта), ҳифзи самараноки ҳуқуқҳои шахс, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат нигаронида шудааст [7, 9]. Қариб ҳамин хел мавқеъгирӣ аз ҷониби муҳаққиқ А.А. Гапон ба назар мерасад [7].

Аммо А.В. Снеговой мафҳуми васеътари фаъолияти зиддитеррористӣ (мутаносибан – фаъолияти зиддиэкстремистӣ)-ро пешниҳод менамояд: «Фаъолияти мақомоти байналмилалӣ ва минтақавии ташкилоти байналмилалӣ, мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки тибқи мақоми ҳуқуқии онҳо оид ба пешгирӣ, ошкор, рафъ ва барҳам додани фаъолияти террористӣ (мутаносибан – фаъолияти зиддиэкстремистӣ) ва то ҳадди имкон кам кардани оқибатҳои он, инчунин муайян ва бартараф намудани сабабу шароитеро, ки барои амалисозии фаъолияти террористӣ (мутаносибан – фаъолияти зиддиэкстремистӣ) мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад» [9, 6-7].

Ба андешаи мо, дар мафҳумҳои зикркарда набудани истилоҳи «шахсони воқеӣ» ҳамчун субъекти ба экстремизм муқовиматкунанда камбудии ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Зери яке аз самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ин ҳамокории мақомоти хифзи ҳуқуқ бо шаҳрвандон маҳсуб меёбад.

Бо такя ба афкори иброзгардида, зери мафҳуми муқовимат ба экстремизм фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ,мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки тибқи мақоми ҳуқуқии онҳо оид ба огоҳонӣ, пешгирӣ, ошкор, рафъ ва барҳам додани фаъолияти экстремистӣ, инчунин муайян ва бартаф намудани сабабу шароитеро, ки барои амалисозии фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад.

Аз мафҳуми ибрознамуда бармеояд, ки шумораи зиёди ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат иштирок менамоянд, ки муташаккилии фаъолияти онҳо аз ташкили дурусти идоракунии давлатӣ, аз ҷумла ҳамкории ниҳодҳои он бо ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ дар ин самт вобаста мебошад. Аммо барои ташкили манфиатпазири идоракунии давлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар муқовимат ба экстремизм бояд вазифа ва функсияҳои ҳар як ниҳод бо таври мушаххас муайян карда шавад. Ба андешаи мо, барои ҳалли ин вазифаи илмӣ-назариявӣ бо таври умумӣ назар андӯхтан ба яке аз унсурҳои дохилии иститилоҳи «муқовимат ба экстремизм,» аз қабили «огоҳонидани ҷинояткорӣ» (мутаносибан – огоҳонидани экстремизм ва ё пешгирӣ намудани он) аз аҳамият холӣ нест.

Ба ақидаи Г.А.Аванесов, огоҳонидани ҷинояткорӣ ин соҳаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. В.Н. Кудрявтсев, Г.М.Минковский ва А.Б. Сахаров чунин мешуморад, ки пешгирии ҷинояткорӣ на танҳо маҷмуи чорабиниҳои гуногун, балки як соҳаи махсуси танзими иҷтимоӣ, идоракунии равандҳои иҷтимоӣ, ки бо татбиқи вазифаи решакан кардани ҷинояткорӣ алоқаманд аст, мебошад.

Мафҳуми «огоҳонӣ» ба маънои васеъ маънои пешгирии ҳама гуна зуҳуроти номатлубро дошта, аз солҳои 70-ум мазмуни ҳуқуқиро касб кардааст. Ба андешаи А.П. Закалюк зери мафҳуми огоҳонидани ҷинояткорӣ «фаъолият оид ба рафъи сабабҳо ва шароити содир намудани ҷиноятҳо аз ҷониби шахсе фаҳмида мешавад, ки то ҳол қасди ҷиноятиро нишон надодааст, вале рафтори ӯ аз эҳтимолияти ба кирдори ҷиноятӣ табдил ёфтани амалҳои он шаҳодат медиҳад» [10, 16].

Мафҳуми мушаххастари огоҳонидани ҳуқуқвайронкуниро Н.И. Ветров чунин ифроз медорад: «Маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ, идеологӣ, маданию тарбиявӣ, ташкилию идоракунӣ, ки ба ошкор ва рафъи сабабҳои ҳуқуқвайронкунӣ, шароиту ҳолатҳое, ки ба содир намудани онҳо мусоидат мекунанд, ислоҳ ва тарбия намудани шахсон ва огоҳ кардани аъзои ҷомеа аз кирдорҳои ғайриқонунӣ нигаронида шудаанд [11, 9].

Вобаста ба хеле зиёд будани сабабу шароитҳое, ки боиси пайдоиш ва рушди идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ мегардад, чораҳои огоҳикунанда вобаста ба объект ва субъектҳои таъсиррасонӣ бояд марҳилаҳои муайянро тай кунанд. Дар ин замина, чораҳои огоҳонӣ ба бармаҳал ва фаврӣ ҷудо карда мешаванд. Чораҳои огоҳонии бармаҳал дар равишҳои хеле пештар аз ҷинояткорӣ гузаронида мешаванд. Чораҳои огоҳонии бевосита бошад, нисбат ба шахсоне, ки рафтори ғайриқонунии онҳо имкони ба ҷиноят табдил ёфтани онҳоро нишон медиҳад, амалӣ карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, чораҳои профилактикӣ дар илми криминология ба умумииҷтимоӣ ва махсуси криминологӣ ҷудо карда шудаанд [12, 26-46].

Барои амалӣ сохтани чораҳои умумииҷтимоии муқовимат ба идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ, дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳое, ки барои танзими равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ва дигар равандҳои муҳимми иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд, фаъолона баромад намоянд.

Зеро таҳлили парвандаҳои оперативӣ, ҷиноятӣ ва омӯзиши адабиёти илмӣ дар ин самт ба мо имкон медиҳад, ки сабабҳои маъмултарини пайдоиш ва рушди идеологияи экстремистии динӣ-сиёсиро шартан ба ду омили бунёдӣ, ки хусусиятҳои хоси худро доранд, гурӯҳбандӣ намоем.

Якум, мушкилоти дохилии рушди ҷомеаи муосир дар соҳаи иқтисод, фарҳанг, маориф ва оштинопазирии равияҳои гуногуни динӣ.

Дуюм, кӯшиши бархе аз кишварҳои манфиатдори мусулмонтабор бо шарикони стратегии ғарибиашон барои ҳифз намудани манофеи геополитикии худ [13] дар Осиёи Марказӣ. Аз ҷумла, ба воситаи пуштибонӣ аз созмонҳои террористии байналмилалӣ [14, 26].

Муҳимтарин ҷанбаи ташаккули стратегияи давлатии вокуниш ба ифротгароӣ на танҳо заминаи криминологии пешгирӣ, ошкор ва рафъи ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад, балки дар маҷмуъ, дар доираи системаи умумии таъмини амният, ки механизми бисёрфунксионалӣ ва бисёрзинагӣ мебошад, бояд амалӣ карда шавад [15].

Зеро сабабу омилҳои асосии пайдоиши экстремизм амалисозии чораҳои умумиичтимоии огоҳонӣ (профилактикӣ)-ро аз ҷониби доираи васеи мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ талаб менамоянд, ки барои бо таври самаранок, бонизом ва муташаккилона пешгирӣ намудани идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ ташкил кардани системаи доимоамалкунандаи зиддиэкстремистӣ тақозои замон аст.

Дар адабиёти илмӣ зери мафҳуми «система» шумораи зиёди унсурҳои бо ҳам алоқаманд фаҳмида мешавад, ки дар робитаи доимӣ қарор дошта, ягонагии томро ташкил медиҳанд [1, 102]. Аз ин бармеояд, ки системаи идоракунии зиддиэкстремистӣ бояд сохторе дошта бошад, ки аз зерсистемаҳои идорашаванда (объектҳои назоратшаванда) ва идоракунӣ (субъектҳои идоракунӣ) иборат бошад ва дар алоқамандии байниякдигарӣ қарор дошта бошанд.

Г.А. Туманов кайд мекунад, ки системанокӣ дар идоракунӣ аз тобеияти (зинаҳои) унсурҳои он ба амал меояд [17, 76]. Ю.А. Сидоренко ва Ю.В. Тихомиров қайд мекунанд, ки «принсипи системавӣ (пай дар пайи) ва истифодаи маҷмуии чораҳои сиёсӣ, иттилоотӣ ва таблиғотӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, махсус ва дигар чораҳои муқовимат ба экстремизм (терроризм), талаботи асосӣ буда, дар бунёди системаи таъмини амнияти зиддиэкстремистии (террористии) давлатҳо нақши калидӣ дорад» [18, 419].

Ҳамин тариқ, идоракунии фаъолияти тамоми мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ҳамчун маҷмуи амалҳои ба ҳам бо таври уфуқӣ ва амудӣ алоқаманд, бояд барои ноил шудан ба мақсадҳои фаъолияти зиддиэкстремистӣ нигаронида шавад, ки таъсиси системаи доимоамалкунандаи зиддиэкстремистӣ (зиддитеррористӣ)-ро тақозо мекунад. Зеро набудани чунин система ноил шудан ба ҳадафҳои зиддиэкстремистиро хеле душвор месозад.

Ташкили идоракунии қувва ва воситаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар муқовимат ба экстремизм фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлатӣ буда, тамоми идоракуниро дар соҳаи баррасишаванда фаро мегирад. Зеро идоракунӣ – таъсири мақсаднок ва мунтазам ба тамоми раванди ташкили муқовимат ба экстремизм мебошад. Барои идоракунии тамоми равандҳои муқовимат ба экстремизм, иҷрои саривақтии талаботи асосҳои ташкилӣ (принсипҳо, функсияҳо ва усулҳо) кафолати идоракунии самаранок дар ин самт мебошад.

Аз ин рӯ, ташкили муқовимат ба экстремизм ҳам масъалаҳои ташкилӣ ва ҳам идоракуниро дар бар мегирад. Ин самтҳо ҳамеша дар ягонагӣ ва бо ҳам дар алоқамандии зич амалӣ карда мешаванд. Зеро вазифаҳои ҷорӣ ва оянда сафарбар намудани захираҳои инсонӣ ва моддӣ дар самти муқовимат (огоҳонӣ), бевосита мубориза, ва рафъи оқибатҳои амалҳои экстремистӣ, ҳамеша иҷрои саривақтии масъалаҳои ташкилию идоракуниро тақозо мекунанд.

Дар асоси назарияи идоракунии системаҳои иҷтимоӣ бояд гуфт, ки сохтори мақомоти давлатӣ дар муқовимат ба экстремизм, новобаста аз сатҳи идоракунӣ, бояд ба мақсад, вазифа ва функсияҳои онҳо мувофиқ бошад. Зеро самарабахш ва босифат хал намудани вазифаҳои дар назди ҳар як мақомоти давлатӣ гузошташуда, иҷрои функсияҳои ба ин вазифаҳо мувофиқро тақозо мекунад.

Мафҳуми «функсия» (аз лотинии «fankshan» – иҷро, амалӣ кардан) дар илмҳои ҷамъиятӣ одатан бо фаъолият, ухдадорӣ ва кор алоқаманд аст.

Таъсири саривақтӣ ва муассир ба ҳама зухуроти экстремизм аз мақомоти роҳбарикунанда иҷрои функсияҳоеро, ки қонун муайян кардааст, тақозо мекунад, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои зиддиэкстремистӣ оварда мерасонад.

Ба андешаи мо, системаи умумимиллии зиддиэкстремистӣ (зиддитеррористӣ) бояд аз се зерсистемаи нисбатан мустақил, вале дар навбати худ ба ҳам алоқаманд иборат бошад:

огоҳонии экстремизм, аз ҷумла ошкор ва бартараф кардани сабаб ва шароитҳое, ки барои содиршавии амалҳои экстремистӣ мусоидат мекунад (профилактикаи экстремизм); мубориза бо экстремизм яъне сари вақт ошкор пешгирӣ, қат гардондани амалҳои экстремистӣ ва кам ё бартараф кардани оқибатҳои фаъолияти экстремистӣ-террористӣ. Азбаски вазифа ва функсияҳои ҳар як зерсистема аз ҳам фарқ мекунанд, фаъолияти ҳар як зерсистема дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, мувофиқан бо санадҳои гуногуни қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ танзим карда мешавад.

Бисёре аз мақомоти давлатӣ аз рӯйи мақсад ва таъйиноти функсионалии худ гӯё аз масъалаҳои муқовимат ба экстремизм (терроризм) дуранд, вале таҳлили адабиёти илмӣ ва махсус нишон медиҳад, ки «сабабҳои гуногуни ҷинояткории экстремистӣ ва террористӣ функсияҳои профилактикии мақомоти давлатиро хеле гуногунранг месозад, зеро онҳо тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фарогир мебошанд.

Моҳияти масъалаҳои марбут ба ташкили муқовимат ба экстремизм дар он аст, ки мақомоти давлатӣ дар ташкили идоракунии фаъолияти зиддиэкстремистӣ дар доираи салоҳияти худ бояд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зарурӣ дошта бошанд ва ҳар як мақомот ба иҷрои функсияҳои худ дар доираи қонун машғул бошад. Аз ҷумла, дар амалисозии фаъолияти якҷоя дар доираи як сохтор ва ҳам дар фаъолияти муштараки якчанд сохторҳои нисбатан мустақил, вале дар навбати худ, аз ҷиҳати ҳадафу вазифаҳо дар соҳаи муқовимат ба идеологияи экстремистии динӣ - сиёсӣ ба ҳам алоқамананд.

Чунин равиш аз мазмун ва мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» бармеояд, ки фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатиро оид ба ошкор, пешгирӣ ва рафъи амалҳои экстремистӣ, бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки боиси сар задани онҳо мегарданд, ба танзим медарорад.

Дар Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2006, № 1717 тасдиқ шуда буд, муносибати мунтазам ва комплексии мубориза ба экстремизм (терроризм) мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, ки «принсипи муносибати маҷмуӣ дар муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ, бо истифода аз тамоми чораҳои пешгирикунандаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар чораҳо таҷассум ёфт».

Дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016, № 776 тасдиқ шуда буд, дар баробари дигар чораҳо- «муттаҳид намудани саъю кӯшиши мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллии шаҳру деҳот, институтҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ барои пешгирии паҳншавии ақида ва фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ» самти стратегӣ пазируфта шуд. Дар Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 низ рушд ва такомули фаъолияти макомоти салоҳиятдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба идеология ва амалҳои экстремистӣ-террористӣ муҳим арзёбӣ гардид, ки мукаммалсозии асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии сохторҳои тафаккурсози давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқукии кишварро тақозо менамояд.

Дар асоси ақоиди иброзгардида, баровардани хулосаҳои зерин аз манфиат холӣ нест:

1. Экстремизми динӣ-сиёсӣ ифодаи мафкура ва фаъолияти ғайриқонуниест, ки дар асоси ангезаҳои динӣ-сиёсӣ барои ба таври оммавӣ паст задани обру ва эътибори дигар дину мазҳабҳо, низоми идоракунии демократӣ дар давлатҳои алоҳида ва ё ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва ё вайрон намудани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мебошад.

2. Муқовимат ба экстремизм фаъолияти мақомоти байналмилалӣ ва минтақавии ташкилоти байналмилалӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки тибқи мақоми ҳуқуқии онҳо оид ба огоҳонӣ, пешгирӣ, ошкор, рафъ ва барҳам додани фаъолияти экстремистӣ, инчунин муайян ва бартаф намудани сабабу шароитеро, ки барои амалисозии фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд, фаҳмида

мешавад.

3. Муқовимат ба идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ фаъолияти мутташаккилона ва ҳамоҳангшудаи ташкилоти минтақавӣ, байналмилалӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ (шахсони ҳуқуқӣ) ва воқеиро оид ба муайян ва бартараф намудани сабабу шароитеро, ки барои амалисозии фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд, фаро мегирад.

4. Барои муқовимати самаранок ба ифротгароӣ бояд принсипҳо, вазифаҳо ва функсияҳои тамоми мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, инчунин субъектҳои ғайридавлатӣ дар муқовимат ба экстремизм дар сатҳи назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ дақиқ муайян ва мукаммал карда шаванд.

5. Дар муқовимат ба экстремизм нақши муҳимро системаи ягонаи давлатии зиддиэкстремистӣ ( зиддитеррористӣ) мебозад, ки бояд аз се самти асосӣ иборат аст: огоҳонӣ (умумии иҷтимоӣ, махсуси криминологӣ, фардӣ), мубориза (ошкор кардан, тафтишот, пешгирӣ ва рафъ намудан) ва бартараф кардани оқибатхои идеология ва амалхои экстремистӣ.

6. Сарфи назар аз шумораи зиёди субъектҳои ба экстремизм муқовиматкунанда, гуногунии вазифаҳо ва функсияҳои онҳо дар ин самт, муттаҳидшавии нисбии кӯшишҳои тамоми қувваҳо ва воситаҳои ҷалбшаванда дар доираи системаи ягонаи зиддиэкстремистӣ самаранокии фаъолиятро дар ин самт афзун менамояд.

7. Мафҳуми «идоракунӣ» ва «ташкилӣ» дар таносуб ба фаъолияти идоракунии мақомоти давлатӣ, маҷмуи ҳам масъалаҳои ташкилӣ (муайян кардани вазифа ва фунусияҳо, таъминоти моддию кадрӣ ва ғайра) ва ҳам масъалаҳои раванди идоракунӣ (ҳалли вазифаҳо, иҷрои функсияҳо, тарз ва усулҳои идоракунӣ)-ро фарогир мебошанд. Ин мафҳумҳо танҳо дар сурати бо ҳам пайвастан вазифаи муайяни иҷтимоиро иҷро мекунанд.

8. Бинобар хеле гуногунҷанба будани сабабу омилҳои пайдоиш ва рушди идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ (таълимоти ғайриқонунии динӣ дар хориҷи кишвар, муҳоҷирати меҳнатӣ, фаъолияти густурдаи шабакаҳои «ҷосусӣ» дар фазои интернетӣ, нақши пасти аҳли зиё ва олимони дин дар муқовимат ба идеологияи экстремистӣ дар сомонаҳои интернетӣ, дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, олӣ ва миёнаи махсус мавҷуд набудани консепсияи аз нуқтаи назари илмӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ-динии мукаммали зиддиэкстремистӣ, сатҳи баланди омилҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғ.) дар муқовимат ба идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мушкилоти назаррас мувоҷеҳанд.

## АДАБИЁТ


1. Ятимов С.С. Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ // Маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа», №1 (19) 2020.
2. Ятимов С.С. Омилҳои паҳншавии назария ва амалияи экстремизм ва терроризм: тарз ва воситаҳои мубориза ба он / С.С. Ятимов // Муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои муосир дар минтақаи Осиёи Марказӣ: дастовардҳо ва дурнамоиҳои Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва коррупсия. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Шаҳпар, 2014.
3. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 01.07.2021, № 187 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Adlia»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли 7.0.
4. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Ожегов С И.. Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка.–М., 1994.
5. Босхолов С.С. Основы уголовной политики: Конституционный, криминологический, уголовно-правовой и информационный аспекты. М., 1999.
6. Антонян Ю.М. Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование. – М., 2001.
7. Гапон А.А. Министерство внутренних дел Российской Федерации как структурно-функциональный элемент механизма антитеррористической деятельности. Автореф.

дисс. … канд. юрид. наук. – СПб. 2008.
8. Снеговой А.В. Организационно-правовые аспекты взаимодействия министерство внутренних дел государств-участников СНГ в антитеррористической деятельности. Автореферат. дис. канд. юр. наук. – М., 2005.
9. Закалюк А.П. Прогнозирование и предупреждение индивиду¬ального преступного поведения. – М., 1986.
10. Ветров Н.И. Криминологическая характеристика правонарушений молодежного возраста: Учебное пособие. – М., 1981.
11. Алексеев А. И., Герасимов С.И., Сухарев А.Я. Криминологиче¬ская профилактика: теория, опыт, проблемы. - М., 2001.
12. Джалилов К. Исламский фактор и внешняя политика Таджикистана // Вестник. Таджикистан и современный мир. №2(15). 2007. – С.56; Жданов Н.В., Игнатенко А.А. Ислам на пороге XXI века. – М., Политиздат, 1989. – С.169; Салимов К.Н. Современные проблемы терроризма. Щит-М, М:, 2000. – С.26; Трайнин А.Н. Защита мира и уголовный закон // Изб. произв. – С.357-362; Курс международного права. – М., 1969. Т.5. - С.430; Терехов В.Д. Международный терроризм и борьба с ним // Новое время, 1974. №11.
13. Баротзода Ф. Тафаккури дунявӣ ва зиёдаравии динӣ / Ф. Баротзода // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф, 2015. – С. 89; Давлатов М. Национальные интересы Таджикистана и исламские проекты / М. Давлатов // Материалы семинара «Динамика развития национальных и религиозных проектов в Центральной Азии». – Душанбе: Ирфон, 2006.
14. Зубков В. А. Российская Федерация в международной системе противодействия легализации (отмыванию) преступных доходов и финансированию терроризма / В. А. Зубков, С. К. Осипов. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Спецкнига, 2007. – 752 с
15. Большой энциклопедический словарь. - М., 1998.
16. Туманов Г.А. Организация управления в сфере охраны общественного порядка. – М., 1972.
17. Сидоренко А.Г., Тихомиров Ю.В. Терроризм и террористическая безопасность в контексте истории и современной геополитики. – М.: Куликово поле, 2011.
18. Назаров А.Ю. Организационно-правовые и тактические основы деятельности органов внутренних дел по борьбе с терроризмом. Учебное пособие. – М.: 2002.

# ТАКТИКАИ КРИМИНАЛИСТИИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ДАСТГОҲИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ (ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ) ҲАМЧУН МАНБАИ ИТТИЛООТИ ИСБОТКУНАНДА

**НАЗАРОВ А.Қ.[1], САЛИМОВ Б.А.[2]**

*[1]Мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ*

*[2]Муовини сардори кафедраи Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, подполковники адлия*

*Дар мақола ҷанбаҳои криминалистӣ ва мурофиавии азназаргузаронии телефонҳои мобилӣ ҳамчун сарчашмаи иттилооти исботкунанда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Талаботи умумӣ нисбат ба ин амали тафтишӣ дар робита ба таҳқиқи дастгоҳҳои мобилӣ баррасӣ гардида, тавсияҳои асоснок оид ба тарзу усулҳои гузаронидани он ва сабт кардани иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *телефони мобилӣ, дастгоҳи мобилӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ҳомилҳои электронии иттилоот, изҳои электронӣ-рақамӣ, сабт, далелҳо, файлҳо, SIM-корт, PIN-код, рақами мушаххаси телефони мобилӣ (IMEI).*

# КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ ТАКТИКА ОСМОТРА УСТРОЙСТВА МОБИЛЬНОЙ СВЯЗИ (МОБИЛЬНОГО ТЕЛЕФОНА) КАК ИСТОЧНИКА ДОКАЗАТЕЛЬСТВЕННОЙ ИНФОРМАЦИИ

**НАЗАРОВ А.К.[1], САЛИМОВ Б.А.[2]**

*[1]Заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук*

*В статье анализируются криминалистические и процессуальные аспекты осмотра мобильных телефонов как источника доказательственной информации. Рассмотрены общие требования к данному следственному действию в контексте исследования мобильных устройств, даны обоснованные рекомендации по тактике его проведения и фиксации криминалистически значимой информации.*

***Ключевые слова:*** *мобильный телефон, мобильное устройство, информационные технологии, электронные носители информации, электронно-цифровые следы, фиксация, доказательства, файлы, SIM-карта, PIN-код, идентификационный номер мобильного телефона (IMEI).*

# FORENSIC TACTICS OF INSPECTING A MOBILE DEVICE (MOBILE PHONE) AS A SOURCE OF EVIDENTIARY INFORMATION

**NAZAROV A. Q.[1], SALIMOV B.A.[2]**

*[1]Head of the Department of Criminalistics and Forensic Activities of the Faculty of Law of the Tajik National University, Doctor of Law*

*[2]Deputy Head of the Department of the Higher School of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, Applicant for the Department of Criminalistics and Forensic Activities of the Faculty of Law of the Tajik National University, Lieutenant Colonel of Justice*

*The article analyzes the forensic and procedural aspects of examining mobile phones as a source of evidentiary information. The general requirements for this investigative action in connection with the investigation of mobile devices have been reviewed, and reasonable recommendations have been made for the methods and methods of conducting it and recording forensically important information.*

***Key words:*** *mobile phone, mobile device, information technology, electronic carriers of information, electronic-digital traces, fixation, evidence, files, SIM-card, PIN-code, mobile phone identification number (IMEI).*

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар солҳои охир дар ҷараёни исбот бо парвандаҳои ҷиноятӣ барои ба даст овардани иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим аксар вақт азназагузаронии телефонҳои мобилӣ анҷом дода мешавад. Ин дастгоҳҳои телекоммуникатсионӣ дар ҷомеаи муосир дар содир намудани ҷиноятҳои гуногун, аз ҷумла ҷиноятҳои дорои хусусияти террористию экстремистӣ дошта, қочоқи маводи мухаддир, қаллобӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва дигар кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок истифода мегарданд.

Телефони мобилӣ дар ибтидо барои зангҳои овозӣ ва паёмнависии матнӣ тарҳрезӣ шуда буд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, он функсияҳои гуногунро пайдо намудааст. Он метавонад ҳама гуна иттилоот, аз ҷумла аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимро дар худ нигоҳ дорад, метавонад матн, графика, аудио ва видео файлҳоро эҷод кунад, тавассути он метавон ҳама гуна асбобҳои рӯзгор – телевизор, тафдон, кондитсионер ва ғайраро идора кард, иттилоотро бо каналҳои гуногуни алоқа интиқол дод ва дорои дигар функсияҳо мебошад. Инчунин, барномаҳои гуногун телефонҳои мобилии муосирро имкониятҳои васеъ медиҳанд, ки одамон метавонанд на танҳо муошират кунанд, балки онро барои пешбурди корҳои молиявӣ, ҳисоббаробаркунӣ, қабули пардохтҳо, идоракунии муҳосибот ва ғайра истифода баранд.

Дар ҷаҳон сол аз сол шумораи истифодабарандагони телефонҳои мобилӣ афзоиш меёбад. Тибқи гузориши Digital 2021, ки аз натиҷаи тадқиқоти анҷомдодаи We Are Social ва Hootsuite пешниҳод шудааст, дар саросари ҷаҳон истифодабарандагони телефонҳои мобилӣ 5,22 миллиард ё 66,6% аҳолии кураи Заминро ташкил медиҳанд [8]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муштариёни телефонҳои мобилӣ ба беш аз 8 миллион нафар расидааст [7].

Е.И. Третьякова комилан дуруст кайд мекунад, ки дар айни замон «воситаи алоқаи мобилӣ аксар вақт на объекти таҷовузи ҷиноятӣ, балки василаи содир кардани он мегардад. Ва дар ин маврид на худи объект бо хислатҳои инфиродии беруниаш, балки ахборе, ки дар хотираи он маҳфуз аст, бештар барои тафтишот аҳамият дорад» [5, 49-51]. Вобаста ба ин, дастгоҳи алоқаи мобилӣ метавонад манбаи ба даст овардани маълумоти исботкунанда оид ба ҷиноят бошад ва дигар маълумоти барои тафтишот аҳамиятдоштаро дар бораи ашхоси содиркардаи ҷиноят ва кирдори онҳо нигоҳ дорад [6, 210-214].

Бояд қайд кард, ки мусодираи дастгоҳҳои телефонӣ барои азназаргузаронӣ ҳангоми анҷом додани чунин амалҳои тафтишӣ, аз қабили азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, манзил, бино, ёфта гирифтан, кофтуков ва кофтукови шахсӣ имконпазир аст.

Дар айни замон мавқеи ягона дар бораи он ки дастгоҳ дар кадом ҳолат (фаъол ё хомӯш) бояд гирифта шавад, мавҷуд нест. А.Н. Архипова қайд менамояд, ки дастгоҳҳои электронӣ бештар дар ҳолати хомӯш мусодира карда мешаванд. Ӯ тавсия медиҳад, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, бино ё маҳал, инчунин кофтуков ва ёфта гирифтан дастгоҳ бояд дар ҳолати фаъол тасвир ва аксбардорӣ гардад, сипас хомӯш карда гирифта шавад. Вай чунин мешуморад, ки ин амал иттилоотро аз нобуд шудан дар дастгоҳи телефонӣ нигоҳ медорад. Ин ба он вобаста аст, ки телефонҳои муосири мобилӣ дорои хизматрасониҳои фосилавӣ ҳастанд ва корбар имкони тағйир додан, бастан ё нобуд кардани иттилоотро дар дастгоҳҳо бидуни дастрасии бевосита дорад [1, 16-17].

Г.В. Семёнов тавсияҳои муқобил медиҳад ва қайд мекунад, ки «дар сурати мусодираи дастгоҳи мобилӣ, набояд онро хомӯш кард, зеро дар оянда фаъол кардани он метавонад мушкилоти кушодани қулфро ба вуҷуд орад» [4, 336].

Ба назар чунин мерасад, ки мавқеи А.Н. Архипова дурусттар аст. Ҳамзамон, дар ин маврид зарур дониста мешавад, ки ҳангоми дарёфти дастгоҳи телефонӣ зимни амалҳои тафтишии қайдгардида, агар имкони пурра таҳқиқ кардани он дар ҷойи ёфта гирифтан набошад, тавсифи берунии он дар протоколи амали тафтишӣ сабт гардад, рамзҳои фаъолгардонии дастгоҳ ва воридшавӣ ба аккаунти интернетии истифодабаранда тағйир дода, сипас дастгоҳ хомӯш ва гирифта шавад. Ин амал эҳтимолияти бастани дастгоҳи телефонӣ ва дастрасии фосилавӣ пайдо кардани шахси гумонбар ва ҳаммаслакони ӯро ҳам ба дастгоҳ ва ҳам ба аккаунти интернетӣ истисно мекунад.

Азназаргузаронии телефони мобилӣ бояд ба талаботи саривақтӣ, объективӣ, пуррагӣ ва фаъолнокӣ ҷавобгӯ бошад [2]. Сари вақт анҷом додани азназаргузаронӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин амали тафтишӣ бояд фавран, баробари ба миён омадани зарурат, гузаронда шавад. Таъхир метавонад ба нобудшавии иттилооти дар он захирашуда тавассути дастрасии фосилавӣ ё ба дигар оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Маҳсулнокии чораҳои андешидаи муфаттиш оид ба ҷустуҷӯйи маълумоти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим аз сари вақт гузаронида шудани ин амали тафтишӣ вобаста аст.

Талаботи объективӣ бо сабти дақиқ ва пайвастаи ҳама чизе, ки ҳангоми азназаргузаронии дастгоҳи мобилӣ ошкор мешавад, таъмин мегардад. Азназаргузаронӣ бояд бидуни ғараз, бадгумонӣ ва бартарият анҷом дода шавад. Дар протокол набояд хулоса ва тахминҳои таҳқиқбаранда ё муфаттиш инъикос карда шаванд.

Риояи пуррагии азназаргузаронӣ имкон медиҳад, ки тамоми маълумоти воқеие, ки дар парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти исботӣ доранд, муайян, сабт ва тафтиш карда шаванд. Азназаргузаронии дастгоҳи мобилӣ бояд тавре анҷом дода шавад, ки ягон ҳолати барои тафтишот муҳим набояд аз мадди назар дур монад.

Талаботи фаъолнокӣ зимни азназаргузаронӣ мавқеи касбии фаъоли муфаттишро дар бар мегирад ва дар назар дорад, ки ин амали тафтишӣ бидуни дархости иловагии шахсони манфиатдор ва дастури мақомоти назораткунанда анҷом дода мешавад. Муфаттиш бояд тамоми чораҳои имконпазир ва заруриро бинад, то ки осори ҷиноят ҳангоми азназаргузаронии дастгоҳи мобилӣ пайдо шавад.

Ҳангоми азназаргузаронии дастгоҳи мобилӣ, пеш аз ҳама, бояд чораҳое андешида шаванд, ки гум шудани далелҳои эҳтимолиро истисно кунанд, аз ҷумла ба иштирокчиёни амали тафтишотӣ ва дигар шахсон бегона иҷозат надодани даст расондан ба дастгоҳи мобилӣ, бо он анҷом надодани амале, ки оқибатҳояш ба муфаттиш маълум нест, интиқол додани дастгоҳ ба ҳуҷрае, ки таъсири воситаҳои техникӣ ва дигар маводро истисно мекунад ва ғайра.

Изҳоеро, ки дастгоҳҳои мобилӣ дар худ нигоҳ медоранд, ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

– изҳои электронӣ-динамикӣ, яъне маълумот дар бораи вақт, хусусият ва мундариҷаи пайвастшавӣ бо дигар алоқаҳо ё пайвастшавӣ ба дастгоҳҳо (серверҳо);

– изҳои электронӣ-рақамӣ дар дастгоҳи телефонӣ, яъне сабтҳо дар китобҳои телефонӣ, паёмҳо, матнҳо, графикҳо, файлҳои аудио ва видео, барномаҳои насбшуда ва ғайра;

– изҳо дар SIM-корт. Онҳо метавонанд ё ҷисмонӣ (бевосита дар чипи корт боқӣ мондаанд) ё изҳои электронӣ (дар хотираи корт нигоҳ дошта мешаванд) бошанд.

Азназаргузаронии телефони мобилӣ дар доираи ҳаракати тафтишотии азназаргузаронии асбобу анҷом амалӣ карда мешавад. Ба ин ҳолат К.А. Виноградова ва Л.А. Савина диққат медиҳанд ва дуруст қайд мекунанд, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ «ба муфаттиш имкони азназаргузаронии таҷҳизоти электронӣ ва иттилооти электрониро ҳамчун амали мустақили тафтишотӣ таъмин намекунад» [3, 55-58]. Аз ин рӯ, он чизе ки ба вай мемонад, ин муоинаи телефони мобилӣ дар доираи азназаргузаронии асбобу анҷом мебошад.

Зарур аст, ки ҳангоми азназаргузаронии телефони мобилӣ натиҷаҳои он, бо истифода аз истилоҳоте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудаанд, тавсиф карда шаванд ва аз ибораҳои рӯзмарра ба мисли «мобилник», «симка», «флешка» ва ғайра набояд истифода кард.

Азназаргузаронии дастгоҳи мобилӣ шартан ба ду намуд тақсим мешавад: беруна ва мундариҷаи телефон. Азназаргузаронии беруна аз бастабандии дастгоҳ, агар мавҷуд бошад, оғоз меёбад. Дар протоколи амали тафтишӣ маводе, ки аз он қуттӣ тайёр карда шудааст,

ҳаҷм, шакл, ранг ва навиштаҷоти он зикр мегардад. Пас аз он, аломатҳои зерини телефони мобилӣ сабт мешаванд:

– модели телефон (намуд), силсила ва рақамҳои мушаххаси он;

– масолеҳе, ки баданаи (корпуси) телефон аз он сохта шудааст (пластикӣ ё қисман металлӣ), бутунии он;

– мавҷудият ва хусусиятҳои клавиатура, нишондиҳандаҳои шабакавӣ, пайвасткунакҳо ва портҳо барои пайваст кардани таҷҳизотҳо (аксессуарҳо);

– хосияти дисплей ва маълумоти дар он мавҷудбуда дар ҳолати фаъол (ҳамаи нишонаҳо ва хусусиятҳои онҳо сабт карда мешаванд).

Ҳангоми азназаргузаронии мундариҷаи телефони мобилӣ бояд дар назар дошт, ки он дорои якчанд гурӯҳи маълумот, аз ҷумла рӯйхати зангҳо, алоқаҳо, паёмҳои қабулшуда ва фиристодашуда, танзимот ва ғайра мебошад. Ҳама иттилооти электронӣ-рақамӣ дар дастгоҳи мобилӣ дар файлҳо дар шакли аксҳо, видео, садоҳои аудиоӣ, иттилооти матнӣ, рақамӣ ва графикӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Барои фаъол кардани функсияҳои телефон рамз ва барои дастрасӣ ба маълумоти SIM-корт PIN-код лозим аст. Маълумот дар бораи PIN-коди муштарии мушаххас дар махзани ширкати алоқаи мобилӣ мавҷуд аст ва онро тавассути ирсоли дархост дастрас кардан мумкин аст.

Агар соҳиби телефони мобилӣ аз додани маълумот дар бораи рамзҳо саркашӣ кунад ва дар ҷараёни амали тафтишӣ муайян кардани онҳо имкон надошта бошад, азназаргузаронии дастгоҳи мобилӣ ва SIM-корт танҳо берунӣ сурат мегирад. Ҳамзамон, телефони мобилӣ ва SIM-корт барои таъйини экспертизаи судии компютерӣ мусодира карда мешавад.

Мундариҷаи иттилоотии телефони мобилӣ бояд бо ёрии мутахассис таҳқиқ карда шавад. Ҳангоми зарурат, муфаттиш метавонад соҳиби дастгоҳи мобилиро ба азназаргузаронӣ ҷалб намояд. Ҳар як амал бо телефони мобилӣ бояд ба шахсони холис ва дигар иштирокчиёни азназаргузаронӣ фаҳмонда шавад. Дар протокол зарурат ба сабти тамоми маълумоти дар телефони мобилӣ мавҷудбуда, ки аҳамияти исботкунӣ надоранд, нест. Ҳамзамон, иттилооти марбут ба ҳодисаи таҳқиқшаванда ба таври муфассал тавсиф карда мешавад ва тамоми амалҳои бо телефон анҷомдодашуда дар ҷараёни азназаргузаронӣ дар протокол дарҷ мегардад.

Ҳангоми азназаргузаронӣ аввал рақами мушаххаси телефони мобилӣ (IMEI) муқаррар карда мешавад. Онро тавассути пахш кардани маҷмуи рақамҳои «*# 06 #» муайян кардан мумкин аст. Агар SIM-корт мавҷуд бошад, рақами он ва оператори мобилӣ муқаррар карда мешавад. Барои муайян кардани рақами SIM-корт, операторҳои гуногуни мобилӣ маҷмуи рақамҳои худро доранд.

Маълумоти дар бахши «Китоби телефон» («Алоқаҳо» ва ғ.), ки дар он рақамҳои телефонҳои алоқаҳои шахси гумонбаршуда, яъне доираи алоқаҳои ӯ сабт шудаанд, барои тафтишот аҳамияти калон дорад.

Дар бахши «Зангҳо» («Рӯйхати зангҳо» ва ғ.)-и телефони мобилӣ зангҳои содиротӣ, қабулшуда ва беҷавоб нигоҳ дошта мешаванд. Ҳангоми сабти зангҳои баромад ва воридотӣ дар протоколи азназаргузаронӣ ба сана, вақти оғоз ва давомнокии пайвасти муштарии тафтишшаванда бо рақами мушаххас диққат додан лозим аст.

Маълумот дар бораи SMS (Short Message Service – хидмати паёмҳои кӯтоҳ), MMS (Multimedia Messaging Service – системаи интиқоли паёмҳои мултимедиявӣ (тасвирҳо, мусиқиҳо, видео), EMS (Enhanced Messaging Service – хидмати мукаммали паёмнависӣ), паёмҳои овозӣ ва гузориш дар бораи расонидани ин паёмҳо дар бахши «Паёмҳо» («Сообщения») нигоҳ дошта мешаванд. Он рақами муштариёнеро, ки паёмҳоро қабул кардаанд ва ё фиристодаанд, сана ва вақти ирсол ва қабули онҳоро дар бар мегирад. Паёмҳои воридотӣ ва содиротӣ метавонанд матн, тасвирҳо, аксҳо, сабтҳои овозиро дар бар гиранд. Дар протоколи азназаргузаронӣ маълумот дар бораи паёмҳои SMS, EMS, MMS ва мундариҷаи онҳо сабт карда мешавад.

Дар қисмати хулосавии протоколи азназаргузаронии телефони мобилӣ инҳо қайд карда мешаванд: ҳолати дар рафти амали тафтишотӣ истифода бурдани аксу наворворгирӣ; далели хомӯш кардан ва гирифтани телефон, усули банду басти он, навиштаҷоти фаҳмондадиҳӣ дар баста, маълумот дар бораи мухр дар баста, маълумот дар бораи шахсе, ки телефони мусодирашуда барои нигаҳдошт ба ӯ супурда шудааст; кадом файлҳо ва барномаҳо нусхабардорӣ шудаанд, ба кадом ҳомили электронӣ иттилооти мавриди таваҷҷуҳи тафтишот нусхабардорӣ шудааст, дар сурати чопи иттилоот дар коғаз, навъи дастгоҳи чопӣ (принтер) нишон дода мешавад; мавҷудияти замимаҳо ба протоколи амали тафтишӣ дар шакли ҷадвали расмҳо, маводи чопӣ ва ғайра; шиносшавии иштирокчиёни азназаргузаронӣ бо протоколи тартибдодашуда, тавсифи эродҳои иштирокчиён ё қайд дар бораи набудани эродҳо.

Протоколро шахсе, ки онро тартиб додааст, инчунин хамаи иштирокчиёни азназаргузаронӣ имзо мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси тадқиқоти анҷомдодашуда метавон чунин хулоса кард, ки дар ҷомеаи муосир телефонҳои мобилӣ дар механизми содир намудани кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, васеъ истифода мешаванд ва аз ин лиҳоз онҳо яке аз манбаъҳои асосии иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим маҳсуб меёбанд.

Азназаргузаронии дастгоҳҳои мобилӣ дар доираи ҳаракати тафтишотии азназаргузаронии асбобу анҷом амалӣ карда мешавад. Ин амали тафтишӣ бояд фавран, баробари ба миён омадани зарурат, объективона, пурра ва бидуни дархости иловагии шахсони манфиатдор ва дастури мақомоти назораткунанда анҷом дода шавад. Ҳангоми азназаргузаронӣ бояд, пеш аз ҳама, чораҳое андешида шаванд, ки гум шудани далелҳои эҳтимолиро аз ин дастгоҳҳо истисно кунанд ва натиҷаҳои он дар протокол бо истифода аз истилоҳоте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудаанд, тавсиф карда шаванд. Бо назардошти мураккабии сохтори техникӣ ва барномарезии телефонҳои мобилӣ, зарур аст, ки ин амали тафтишӣ бо иштироки ҳатмии мутахассиси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ гузаронида шавад.

## АДАБИЁТ


1. Архипова Н.А. К вопросу об использовании возможностей средств мобильной связи в раскрытии и расследовании преступлений // Криминалистические чтения: сб. материалов / Барнаульский юрид. институт МВД России. – 2014. – № 10. – С. 16-17.
2. Бутенко О.С. Криминалистические и процессуальные аспекты проведения осмотра мобильных телефонов в рамках предварительного следствия / О.С. Бутенко // lex russica (русский закон). – 2016. – №4. – С. 50-61. – URL: https://rucont.ru/efd/402605 (санаи мурочиат: 31.05.2023).
3. Виноградова К.А., Савина Л.А. Изъятие и осмотр мобильных телефонов и находящейся на них электронной информации по преступлениям, совершенным военнослужащими // Вестник военного права. – 2019. – № 2. – С. 55-58.
4. Семенов Г.В. Расследование преступлений в сфере мобильных телекоммуникаций: монография. – М.: Юрлитинформ, 2008. – 336 с.
5. Третьякова Е.И. Мобильный телефон как источник криминалистически значимой информации // Вестник Уральского финансово-юридического института. – № 3 (13). – С. 49-51.
6. Шувалов М.Н., Шувалова А.М. Применение криминалистической техники при расследовании коррупционных преступлений // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2016. – № 12. – С. 210-214.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш.Душанбе, 21.12.2021.
8. Цифра дня: Сколько человек в мире пользуются интернетом? [махзани электронӣ] / Режим доступа:https://www.ferra.ru › news › techlife › cifra-dnya-skolko...( санаи мурочиат: 26.04.2023 с.).

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ МЕЪЁРҲО БО ПРЕЮДИТСИЯИ МАЪМУРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

**МИРЗОХОҶАЕВ И. Ҳ.**
*Муаллими калони кафедраи Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, подполковники адлия*

*Дар мақола таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳо бо преюдитсияи маъмурӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва амалияи мақомоти салоҳиятдори ҷумҳурӣ пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати такмил додани институти преюдитсияи маъмурӣ дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *преюдитсияи маъмурӣ, қонунгузории маъмурӣ, ҷиноят, қонуни ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят, тасниф.*

# СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НОРМ С АДМИНИСТРИТИВНОЙ ПРЕЮДИЦИЕЙ В УГОЛОВНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

**МИРЗОХОДЖАЕВ И. Х.**
*Старший предподаватель кафедры Высшей школы Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан, соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского Национального Университета, подполковник юстиции*

*В статье проводится сравнительно-правовой анализ норм с административной преюдицией в уголовном законодательстве Республики Таджикистан и зарубежных стран. На основе изучения опыта зарубежных стран и практики компетентных органов республики внесены научно обоснованные предложения по совершенствованию института административной преюдиции в уголовном законодательстве Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *административная преюдиция, административное законодательство, преступление, уголовный закон, состав преступления, классификация.*

# COMPARING ANILYSIS-RIGHT OF MEASURES WITH ADMINISTRATIVE PREJUDICE IN THE CRIMINAL LEGISLATIVE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND FOREIGN COUNTRIES

**MIRZOKHOJAEV I. H.**
*Higher School of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, applicant for the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Law Faculty of the Tajik National University, Lieutenant Colonel of Justice*

*In the article, a comparative-legal analysis of the norms with administrative prejudice in the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and foreign countries is carried out. Based on the study of the experience of foreign countries and the practice of the competent authorities of the republic, scientifically based proposals have been made to improve the institution of administrative prejudice in the criminal law of the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *administrative prejudice, administrative legislation, crime, criminal law, composition of crime, classification.*

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ усули самараноки таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои ҳуқуқӣ шинохта шудааст. Истифодаи ин усул имкон медиҳад, ки на танҳо дарки хусусиятҳои қонунгузории миллӣ ғанӣ гардонида шавад, балки таҷрибаи дигарон барои пешниҳоди роҳҳои такмили институти таҳқиқшавандаи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта ва ба инобат гирифта шавад.

Дақиқ аст, ки таҳлили қонунгузории ҳамаи кишварҳои мавҷудаи ҷаҳон дар доираи як мақола ғайриимкон аст. Мо боварӣ дорем, ки ҳадафҳои таҳқиқоти муқоисавиро тавассути таҳлили манбаъҳои ҳуқуқии давлатҳои алоҳида ба даст овардан мумкин аст, ки дар қонуни ҷиноятии онҳо хусусиятҳои истифодаи преюдитсияи маъмурӣ равшантар нишон дода шудаанд. Барои ин, пеш аз ҳама, зарур аст, ки доираи кишварҳое, ки институти преюдитсияи маъмуриро истифода мебаранд ё мебурданд, муайян карда шаванд. Аммо, азбаски преюдитсияи маъмурӣ бо ҷавобгарии маъмурӣ робитаи ногусастанӣ дорад, барои иҷрои вазифаи дар боло зикршуда, ҷудо кардани гурӯҳи давлатҳое, ки дар қонунгузории миллии онҳо ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ алоҳида сабт шудаанд, зарур аст.

Дар қонунгузории аксари кишварҳои хориҷӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ҳамчун як намуди мустақили ҳуқуқвайронкунӣ ҷудо карда намешаванд. Ҷавобгарӣ барои содир намудани чунин кирдорҳо тибқи қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст ва фарқи байни ин гуна кирдорҳо ва таҷовузҳои ҷиноятӣ асосан аз рӯйи хусусияти санксия, ки вобаста ба вазнинии кирдорҳо муқаррар карда мешавад, сурат мегирад [1, 14]. Ин ба кишварҳои системаи ҳуқуқии англосаксонӣ (Англия, ИМА, Канада, Австралия, Ирландияи Шимолӣ, Зеландияи Нав) ва инчунин аксари давлатҳои мусулмонӣ (Баҳрайн, Урдун, Қувайт, Сурия, Лубнон) хос аст.

Қонунгузории амалкунандаи Британияи Кабир мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маъмуриро надошта, чунин кирдорҳоро ҳамчун ҷиноятҳое, ки ба тартиби содаи ҷавобгарии судӣ оварда мерасонанд, меҳисобанд. Аз ин рӯ, шартҳои умумии ҷавобгарӣ барои қирдорҳое, ки ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ монананд, на бо қонунгузории маъмурӣ, балки бо қонуни ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешаванд [11, 55].

Дар оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ (континенталӣ), аз ҷумла системаҳои миллии ҳуқуқии кишварҳои аврупои континенталӣ –Фаронса, Олмон, Италия, Испания ва ғайра, инчунин низоми ҳуқуқии миллии як қатор кишварҳои ғайриаврупоӣ (Индонезия, Мексика, Озарбойҷон, Марокаш, Филиппин, Бразилия, Лубнон ва ғайра) [17, 129] муддати тӯлонӣ танҳо ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайрокуниҳои ҷиноятӣ вуҷуд доштанд.

Давлатҳо, ба монанди Олмон ва Италия «ҳуқуқвайронкуниҳои ҷинояти»-и хурдро аз Кодекси ҷиноятии худ бароварда, таснифи дуҷонибаи кирдорҳои ҷиноятӣ (ҷиноят ва рафтори ҷиноятӣ)-ро нигоҳ доштанд.

Дар ин ҳолат, чунин «ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ» ба «ҳуқуқвайронкуниҳои хурд» табдил ёфта, ҳамчун «маъмурӣ» номгузорӣ шуданд. Ҷазо барои содир кардани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо на ба судҳо, балки ба мақомоти маъмурӣ гузошта шуданд [3].

Ба ташаккули ҳуқуқи маъмурӣ дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ки аз меъёрҳои манъкунандаи содиркунии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат мебошанд, ҳамчун як соҳаи мустақили ҳуқуқ, ки аз ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста нест, фаъолияти суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон дар Страсбург таъсири калон расонид [9].

Ҳуқуқи Шӯравӣ, ба монанди ҳуқуқи Олмон ва Италия, институти мустақили ҷавобгарии маъмуриро аз соҳаи қонуни ягонаи ҷиноятӣ ҷудо кард. Аммо дар доираи доктринаи ҳуқуқии шӯравӣ ва пасошӯравӣ якҷояшавии он бо «ҳуқуқи ҷиноятӣ ба маънои васеъ» баргузор нашуд.

Васильев Э.А. чунин мешуморад, ки дуализми қонунгузории Русия дар бораи ҷавобгарии ҳуқуқии расмӣ дар соҳаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ хусусияти пешқадами қонунгузории миллӣ мебошад, ки ба тақсимоти самараноки захираҳои давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи мубориза бо ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ имкон медиҳад [2, 14].

Ҳамин тариқ, дар кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Ғарбӣ қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки аз қонунгузории ҷиноятӣ ҷудо мебошад, таҳия нашудааст, ки дар робита ба он дар ин кишварҳо преюдитсияи маъмурӣ татбиқ намешавад.

«Преюдитсияи маъмурӣ дар қонуни ҷиноятӣ – ин сохтори махсуси таркиби ҷиноят мебошад, ки робитаи преюдитсионӣ дар байни якчанд ҳуқуқвайронкуниҳои монанд мебошад, ки дар давоми як сол пас аз татбиқи чораҳои ҷазои маъмурӣ барои яке аз ҳуқуқвайронкуниҳо нисбат ба гунаҳгор татбиқ шудааст, ки бо сабаби якҷояшавии кирдорҳои мазкур он ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мегардад ва чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба гунаҳгор татбиқ карда мешаванд» [1, 154]. Аз таърифи дар боло овардашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки преюдитсияи маъмурӣ ҳам бо ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳам ҷавобгарии маъмурӣ мустақиман алоқаманд аст.

Таваҷҷуҳи калон барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ байни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои меъёрҳо бо преюдитсияи маъмурӣ мебошад ва қонуни ҷиноятии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки баъзеи онҳо меъёрҳоро бо преюдитсияи маъмурӣ нигоҳ доштаанд ва баъзеи дигар бо ин ё он сабаб аз онҳо даст кашидаанд, ба миён меояд.

Ба кишварҳое назар мекунем, ки қонунгузории ҷиноятии онҳо таркибҳоро бо преюдитсияи маъмурӣ доранд. Ба онҳо кишварҳои зерини ИДМ дохил мешаванд: Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ҳамин тариқ, то имрӯз, аз даҳ кишваре, ки аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошанд, дар қонунгузории ҷиноятӣ танҳо ҳашт адади он таркиби ҷиноятҳоро бо преюдитсияи маъмурӣ доранд.

Бо ишора ба масъалаи таснифи таркиби ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ, ки дар Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои узви ИДМ мавҷуданд, ба ақидаи О.С.Одоев, ин таркиби ҷиноятҳо бояд ба ду гурӯҳ тасниф карда шаванд: «беназир», яъне танҳо дар қонуни ҷиноятии як кишвари ИДМ пешбинишуда ва «ғайрибеназир», яъне дар қонунҳои ҷиноятии ду ва ё зиёда кишвар пешбинӣ шудааст [10, 111].

Баррасии таркибҳои ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ, инчунин гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии байни меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои қонунҳои ҷиноятии дигар кишварҳои аъзои ИДМ дар асоси тасниfи дар боло овардашуда, имкон медиҳад, ки на танҳо хусусиятҳои миқдории меъёрҳои таҳлилшаванда арзёбӣ карда шаванд, балки хусусиятҳои унсурҳои қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ шарҳ дода шаванд.

Чунин ба назар мерасад, ки дар доираи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии преюдитсияи маъмурӣ дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ, омӯзиши таҷрибаи рушди қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар кишварҳои ҳамсоя ҷолиб аст.

Тадқиқотчии институти преюдитсияи маъмурии давраи шӯравӣ Ч.Ф.Мустафоев қайд мекунад, ки нашри аввалияи Кодекси ҷиноятии ҶШС Озарбойҷон 10 таркиб бо преюдитсияи маъмурӣ дошт. Тақрибан ба ҳамин миқдор, ин таркибҳо дар Кодексҳои ҷиноятии дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ низ пешбинӣ шуда буданд. Масъалан, Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар соли 1959 дар таҳрири аввалия 12 таркибро бо преюдитсияи маъмурӣ, ҶШС Туркманистон-11, ҶШС Гурҷистон ва ҶШС Тоҷикистон-7, ҶШС Литва, ҶШС Қирғизистон, ҶШС Арманистон-8, ҶШС Украина, ҶШС Беларус, ҶШС Латвия-7, ҶШС Эстония ва ҶШС Қазоқистон-5, Кодекси ҷиноятии ҶШС Молдавия-3.

Аз соли 1985 шумораи меъёрҳо бо преюдитсияи маъмурӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Ҳамин тариқ, масъалан, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон чунин меёрҳо аллакай-20 адад, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон-27 адад, Кодекси ҷиноятии ҶШС Гурҷистон-19, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Озарбойҷон-18, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Литва, ҶШС Латвия, ҶШС Қирғизистон ва ҶШС Эстония-15 ададро [8, 58-61] ташкил медоданд.

Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба қабули қонунгузории нави ҷиноятӣ дар кишварҳои

собиқ ҷумҳуриҳои ИҶШС мусоидат кард. Қисми давлатҳои дар боло зикршуда преюдитсияи маъмуриро нигоҳ доштанд ва то имрӯз истифода мебаранд, дигарон аз ин сохтори ҳуқуқӣ даст кашиданд.

Ҳамин тавр, айни ҳол институти ҳуқуқии преюдитсияи маъмурӣ дар Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон татбиқ карда мешавад.

Кодекси ҷории ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 22 сентябри соли 1994 дорои 29 ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ мебошад, ки ҳатто аз замони ҳокимияти шӯравӣ зиёдтар аст. Аз ҷумла: қасдан расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ (моддаи 109 КҶ ҶӮ), монанд ба латукӯб (моддаи 117 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), вайрон кардани тартиби ташкил, баргузории маҷлисҳо, митингҳо, роҳпаймоиҳо ё намоишҳо (моддаи 217 КҶ ҶУ), наздик ба вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, пикетгузориҳо ва роҳпаймоиҳо (моддаи 160 КҶ ҶТ), инчунин вайрон кардани қоидаҳои назорати маъмурӣ (моддаи 226 КҶ ҶУ), монанд ба саркашӣ аз назорати маъмурӣ ё борҳо риоя накардани маҳдудиятҳо, ки аз ҷониби суд тибқи қонуни федералӣ муқаррар карда шудааст (моддаи 314.1 КҶ Федератсияи Россия) [12].

Қонунҳои ҷории ҷиноятии Туркманистон [13] панҷ ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ, Гурҷистон [14] даҳ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон [15] шонздаҳ ҷиноятро дар бар мегиранд.

Аммо, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кирдоре, ки «дар давоми як сол пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ такроран содир шудан» ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён ояд, дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ бо преюдитсияи маъмурии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Гурҷистон муҳлати мушаххас нишон дода нашудааст, ки барои ҳуқуқтатбиққунандагон мушкилоти иловагӣ ба миён меорад. Қобили зикр аст, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 таркиби ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ танҳо дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 275 КҶ ҶТ муҳлати мушаххасе нишон дода нашудааст, ки пас аз он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Омӯзиши қонунгузории ҷиноятии Гурҷистон имкон дод, ки масъала ба монанди ҷалби шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳо бо таркиби преюдитсияи маъмурӣ, баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, тибқи моддаи 322.2 Кодекси ҷиноятии Гурҷистон, ки соли 2008 ҷорӣ шуда буд, шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти иқтисодии манъшудаеро дар қаламрави ишғолшуда, пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин кирдор, анҷом медиҳад, бо ҷарима ва маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолият ё барҳамдиҳӣ ва ҷарима ҷазо дода мешавад.

Сарфи назар аз он, ки ин муқаррароти ҳуқуқӣ ба таъмини амнияти иқтисоди бозаргонӣ аз соҳибкории беинсофона нигаронида шуда бошад ҳам, чунин таҷрибаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон базӯр мусбат қабул кардан мумкин аст. Аввалан, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст. Таҳти мафҳуми ҷиноят бошад, кирдори содирнамудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфнок, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти таҳдиди ҷазо манъ кардааст (қисми 1 моддаи 17 КҶ ҶТ) фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари қонуни амалкунанда ба принсипҳо ва мафҳумҳои асосии қонуни ҷиноятӣ мухолифат мекунад [6, 7]. Дуюм, такрори кирдори ғайриқонунӣ, пеш аз ҳама, ифодаи иродаи шахсони роҳбарикунандаи ташкилотҳо мебошад, на худи ташкилотҳо. Аз ин рӯ, пурзӯр намудани чораҳои таъсиррасонӣ бояд бевосита ба шахсони воқеӣ, на ба шахсони ҳуқуқӣ, равона карда шавад.

Ба яке аз хусусиятҳои Кодекси ҷиноятии Гурҷистон, дар соли 2013 ворид намудани моддаи 238.1 «Гирифта гаштани силоҳи сард» дахл дорад. Тибқи ин модда, гирифта гаштани силоҳи сард аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои чунин кирдор ба ҷазои маъмурӣ кашида шудааст ё шахсе, ки барои истифодаи маводи мухаддир нисбаташ ҷазои маъмурӣ татбиқ шудааст, бо ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 6 моҳ ҷазо дода мешавад.

Ҳамин тариқ, шарти фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад на танҳо мавҷудияти

ҷазои маъмурӣ барои кирдори қаблан содиршудаи монанд, балки ба ҷазои маъмурӣ кашида шудан, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии дигар низ мумкин аст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин сохтор мавҷуд нест, ки ба назари мо бо табиати ҳуқуқии преюдитсияи маъмурӣ шарҳ дода шудааст. Тавре ки қаблан қайд карда будем, аломати сохтории ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ маҳз такрори кирдорҳои монанд аст.

Қонунгузори Ҷумҳурии Қазоқистон дар соли 1997, баръакс, аз преюдитсияи маъмурӣ дар қонуни ҷиноятӣ даст кашид. Аммо, дар охири даҳсолаи аввали асри XXI, ин институти ҳуқуқӣ боз ба мавзуи мадди назари ҷиддӣ табдил ёфт.

Ҳамин тавр, муҳаққиқ оид ба масъалаҳои мубрами қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон Э.А.Мазов дар соли 2010 ба зарурияти баргардонидани преюдитсияи маъмурӣ, ки ба миқёси ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ вобаста аст, ишора кард [7, 100].

Бо назардошти мавқеи худ, Э.А.Мазов қайд кард, ки ҳуқуқвайронкунии бори аввал содиршуда ҳанӯз дараҷаи хатари ҷамъиятии хоси ҷиноятро нагирифтааст. Аммо агар ҳуқуқвайронкунанда чунин кирдорро такроран содир кунад, пас хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ тағйир меёбад. Ҳуқуқвайронкунандае, ки қаблан нисбаташ ҷазои маъмурӣ татбиқ шудааст, аксуламали манфии давлатро ба ин гуна ҳуқуқвайронкунӣ медонад ва агар ӯ дидаву дониста ба содир кардани чунин ҳуқуқвайронкунӣ даст занад, маълум аст, ки чораҳои ҷазои маъмурӣ ба ҳадафи худ нарасидаанд.

С.В.Дикаев ба таври возеҳ қайд кард, ки тағйирёбии Кодекси ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки Кодекси ҷиноятӣ ҳаёти ҷомеаро дар бар мегирад, бо ҷомеа тағйир меёбад [4, 22-23].

Чунин тағйирот дар қонунгузории ҷиноятии Қирғизистон низ рух додааст. Ҳамин тавр, соли 2017 Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (КҶ ҶҚ) қабул гардид, ки барои иваз кардани Кодекси ҷиноятии Қирғизистон аз 1 октябри соли 1997 пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин Кодекси Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба кирдорҳо, инчунин Кодекси Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба қонуншиканиҳо, ки аз 1 январи соли 2019 эътибор пайдо кардааст, қабул карда шуд. Ҳамин тариқ, қонунгузори Қирғизистон на танҳо аз преюдитсияи маъмурӣ, балки аз институтҳои доғи судӣ ва ретседив ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда ҳангоми таъйини ҷазо, даст кашид.

Давлате, ки аз замони шӯравӣ то имрӯз преюдитсияи маъмуриро истифода мебарад Ҷумҳурии Беларус мебошад. Ғайр аз ин, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус (КҶ ҶБ) инчунин преюдитсияи интизомиро низ эътироф мекунад.

Бояд қайд кард, ки муқарраротот дар бораи преюдитсияи маъмурӣ ва преюдитсияи интизомӣ дар қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус ба таври муфассал танзим карда шудаанд. Дар моддаи 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус, ки бевосита ба преюдитсияи маъмурӣ ё интизомӣ бахшида шудааст, дарҷ шудааст, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми махсуси КҶ ҶБ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятe, ки хатари калони ҷамъиятӣ надорад, агар кирдор дар давоми як сол пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ ё интизомӣ барои чунин қонуншиканӣ содир шавад [16], ба миён меояд. Тибқи ин меъёр, қонунгузор, аввалан, категорияи ҷиноятҳоеро, ки таркиби онҳо сохтори преюдитсияи маъмуриро пешбинӣ мекунад, муайян кард, дуюм, муҳлати умумие, ки дар давоми он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои такроран содир кардани кирдори монанд ба миён ояд, муайян намуд, сеюм, оғози ҷараёни ин муҳлатро муқаррар кард.

Барои таҳқиқоти мазкур, меъёри пешбининамудаи моддаи 86 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус низ мавриди таваҷҷуҳ мебошад. Тибқи он шахсе, ки бори аввал ҷиноятe, ки хатари калони ҷамъиятӣ надорад ё ҷинояти начандон вазнин содир намудааст, зарари расонидашударо ҷуброн кардааст ё даромадеро, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст, пардохт кардааст ё ба таври дигар зарари расонидашударо барқарор намудааст, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуда, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шавад, агар муайян гардад, ки барои ислоҳи ӯ татбиқи чораҳои маъмурӣ кифоя аст.

Аҳамияти амалии озод кардани шахси ҷиноят содиркарда, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар он

аст, ки озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ боиси ба миён омадани доғи судӣ намегардад.

Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус дорои 36 таркиби ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ мебошад. Аз байни онҳо таркиби ҷиноятҳои дорои преюдитсияи маъмурирро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷудо кардан мумкин аст. Инҳо: «идора кардани воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад» (моддаи 212$^2$ КҶ ҶТ); «ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан ё гирифта гаштани силоҳи газӣ, ханҷар, корди думила ё дигар силоҳи сард, аз ҷумла силоҳи ҳаводиҳанда» (моддаи 195 қисми 4 КҶ ҶТ); «худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва сохтмони худсарона дар он» (моддаи 338 қисми 1 КҶ ҶТ); «ифлос кардани об» (моддаи 226 қисми 1 КҶ ҶТ).

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус доираи назарраси ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ мавҷуданд, ки байни онҳо ҷиноятҳои муқобили амнияти экологӣ ва муҳити табиӣ, сазовори таваҷҷуҳи алоҳида мебошанд. Ба он дохил мешаванд: «вайрон кардани замин» (моддаи 269), «вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ» (моддаи 271), «ифлосшавӣ ё басташавии об» (моддаи 272), «ифлосшавии ҳавои атмосфера» (моддаи 274), «ифлосшавии ҷангал» (моддаи 275), «вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми коркарди организмҳои геноинженерӣ, моддаҳои аз ҷиҳати экологӣ хатарнок ва партовҳо» (моддаи 278), «истихроҷи ғайриқонунии моҳӣ ё дигар ҳайвоноти обӣ» (моддаи 281), «шикори ғайриқонунӣ» (моддаи 282), «ғайриқонунӣ интиқол ё куштани ҳайвоноти ваҳшӣ» (моддаи 282-1).

Ин рӯйхати кирдорҳо бо преюдитсия дар ин ҷо барои тасвири муқаррароти моддаи 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус оварда шудааст, ки тибқи он ҳамаи ин кирдорҳо дар он ҳолат таркиби ҷиноятро ташкил медиҳанд, ки хатари калони ҷамъиятӣ надошта бошанд ва такроран содир шуда бошанд. Яъне, ба ибораи дигар, агар ин кирдорҳо бори аввал содир шуда бошанд, ҷиноят ҳисоб намешаванд.

Ба андешаи мо, таҷрибаи истифодаи преюдитсияи маъмурӣ барои вайрон кардани қонунгузории экологии Ҷумҳурии Беларус набояд нодида гирифта шавад. Дар мисоли ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба экологияи кишвар зарар мерасонанд, ба таври возеҳ дида мешавад, ки миқдори зарари ба муҳити зист расонидашуда ба сифат меафзояд, ки дар партави он тақвияти чораҳои таъсири ҳуқуқӣ нисбат ба шахсоне, ки қонунгузории ҳифзи табиатро такроран вайрон мекунанд, асоснок ба назар мерасад. Оид ба ин масъала дар корҳои худ Н.И.Кузнецова низ қайд кардааст [5, 235].

Ин ба таври муайян ҷавобгарии ҷиноятиро ба ҷавобгарии маъмурӣ наздик мекунад ва шояд дар самти таҳияи институти рафтори ҷиноятӣ, ки дар аксари кишварҳои Аврупо қабул шудааст, қадам гузошта шавад.

Мо на ҳама меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро бо преюдитсияи маъмурӣ, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ мавҷуданд, баррасӣ намудем, аммо дар асоси меъёрҳои баррасишуда хулоса баровардан мумкин аст, ки таҷрибаи кишварҳои дар боло зикршуда барои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муфид буда метавонад.

Гурӯҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо преюдитсияи маъмуриро, ки ҳам дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар қонунгузории ҷиноятии дигар кишварҳои узви ИДМ мавҷуданд, баррасӣ намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки сарфи назар аз он, ки соҳаи қонунгузории маъмурии ин кишварҳо бо кодексҳо ва қонунҳое, ки асосан дар солҳои 1990-ум қабул шудаанд ва меъёрҳои якхела доранд, ҳар яки онҳо фардӣ ҳастанд, аз ҷумла нисбат ба меъёрҳо бо преюдитсияи маъмурӣ.

Барои ҷамъбасти омӯзиши масъалаҳои истифодаи преюдитсияи маъмурӣ дар кишварҳои хориҷӣ метавон гуфт, ки ин сохтори ҳуқуқӣ танҳо дар давлатҳои алоҳидае мавҷуд аст, ки роҳи рушди ба Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд доранд. Ҳамзамон, агар дар солҳои 20-80-уми асри XX истифодаи преюдитсияи маъмурӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқии ИҶШС қисман ба бартарияти идеологияи умумии шӯравӣ вобаста бошад, пас имрӯз татбиқи он натиҷаи интихоби озоди ҳафт давлати мустақил мебошад, ки системаи ҳуқуқии миллиро мустақилона ташаккул медиҳанд. Ҳамин тариқ, эҳёи преюдитсияи маъмурӣ дар қонунгузории ҷории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба таҷрибаи таърихии худ, балки ба таҷрибаи муосири кишварҳои хориҷӣ низ такя мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Безверхов А.Г. Возвращение административной преюдиции в уголовное законодательство России /А.Г.Безверхов //Российския юстиция. –2012. –№1. –С.154.
2. Васильев Э.А. Административное правонарушение и преступление: общие черты и различия : автореф. дис. ... канд. юрид. наук – М., 2007. – С. 14.
3. Головко Л.В. Соотношение уголовных преступлений и административных правонарушений: необходимость преодоления советских деформаций[махзани электронӣ] // Портал «Закон» : сайт. URL: http://zakon.ru/Blogs/OneBlog/2965 (санаи мурочиат: 07.02.2023).
4. Дикаев С.У. Нужно ли Казахстану кардинальное изменение уголовного законодательства и нужна ли уголовная ответственность за проступки? // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2012. – № 2(29). –С. 22 - 23.
5. Кузнецова Н.И. К вопросу об административной преюдиции за нарушение экологического законодательства // Актуальные проблемы административного и административнопроцессуального права: материалы ежегод.всерос. научно-практ.конф., посв.памяти доктора юрид. наук, профессора, заслуж. деятеля науки Рос. Федерации В.Д. Сорокина (к 90- летию со дня рождения), 21 марта 2014 года. В 3-х частях. – СПб: Изд-во СПб ун-та МВД России, 2014. –С. 235.
6. Любавина М.А. Субъект преступления: учебное пособие. СПб. : Санкт-Петербургский юридический институт (филиал) Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации, 2014. – 62 с.
7. Мазов Е.А. Административно-правовая преюдиция и профилактика преступности // Вестник КазНУ. – Алматы, 2010. – С. 100.
8. Мустафаев Ч.Ф. Административная преюдиция в советском уголовном праве. Дис. ... канд. юрид. наук. – Баку. 1986. – С. 58-61.
9. http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=1977 (санаи дастрасӣ: 15.02.2023).
10. http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=1977 (санаи дастрасӣ: 15.02.2023).
11. http://www.base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=1013 (санаи дастрасӣ: 10.02.2023).
12. http://www.base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=2324 (санаи дастрасӣ:10.02.2023).
13. http://www.base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=2483 (санаи дастрасӣ: 10.02.2023).
14. http://www.legislationline.org/ru/documents/section/criminal-codes (санаи дастрасӣ:10.02.2023).
15. Оцтюрк против Германии (Ozturk v. Germany), постановление Европейского Суда по правам человека от 21 февраля 1984 года. [махзани электронӣ]. URL: http://www.dissercat.com/content/metodologicheskie-aspektyrazresheniya-del-evropeiskim-sudom-po-pravamcheloveka (санаи дастрасӣ: 07.02.2023).
16. Одоев О.С. Административная преюдиция в уголовном праве России и государств СНГ: монография. – М.: ИД Юриспруденция, 2018. – С.111.
17. Сорокин В.Д. Административно-процессуальное право:научное издание. – Санкт-Петербург: Изд-во С.-Петербург. юрид. ин-та. 2002. – С. 55.
18. Уголовный кодекс Республики Узбекистан от 22.09.1994 № 2012-XII [махзани электронӣ]// Союз Право Информ: Законодательство стран СНГ : https://lex.uz/docs/111457 (санаи дастрасӣ: 20.04.2023).
19. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года №222-1 // [махзани электронӣ]. Союз Право Информ: Законодательство стран СНГ: сайт ЦКЕ: (санаи дастрасӣ: 20.04.2023).
20. Уголовный кодекс Грузии от 22 июля 1999 года № 2287-рс [махзани электронӣ] //Уголовные кодексы: LEGISLATIONLINE: https://matsne.gov.ge/ru/document/view/16426
21. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // [махзани электронӣ]. Союз Право Информ: Законодательство стран СНГ : сайт ЦКЕ: (санаи мурочиат:: 20.04.2023).
22. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 09.07.1999 №275-З [махзани электронӣ]// Союз Право Информ: Законодательство стран СНГ : https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900275
23. Юнусов А.А., Юнусов М.А., Юнусов Э.А. Права и обязанности человека и гражданина в правовых системах мира в контексте норм конституций государств // Человек: преступление и наказание. – 2013. – № 4 (83). – С. 129.

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

### Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси квадратӣ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

### Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению следующих этапов не выносятся, и такие статьи не допускаются к публикации.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14, поля должны быть 2,5 см, а расстояние между текстами должно быть 1, 5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотации.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и ее конкретной страницы следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи должны быть пронумерованы. Они также должны иметь поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 списков и не более 25 списков научной литературы). Список используемой литературы должен быть подготовлен на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трех языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объеме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи должны быть указаны сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), ученая степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

# ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

## Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ ИЗДАНИЕ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**№ 3 (5), 2023**

---

Издательский центр
Высшей школы ГКНБ Республики таджикистан
по изданию научного журнала
«**Наука и безопасность**»:
734018, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2
Сайт журнала: https://ilm-va-amniyat.tj
E-mail: maktabi_oli23@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 10.77, усл. п.л. 14.55
Подписано в печать 24.06.2023 г. Заказ №100/5
Отпечатано в типографии Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан
734018, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2